институтсионалӣ имкон медиҳад, ки кӯшишҳои илмҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар илмҳо дар таҳқиқи соҳибкорӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ муттаҳид карда шаванд. Амалигардонии ташаккули муҳити дахлдори институтсионалии соҳибкорӣ имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ махсусан муҳим мебошад.

Ба андешаи мо тамоми масъалаҳои дар боло овардашуда ба мушкилиҳои ҳам иқтисодии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо алоқамандии бевосита ва мувофиқ доранд. Ҳоло омили вақт хеле муҳим аст - дар як муддати кӯтоҳ диверсификатсияи иқтисодиёт ва ворид шудан ба рушди инноватсионӣ дар як қатор соҳаҳо, таъмини рақобатпазирии он зарур аст. Зарурати объективии пайдоиши системаи нави институтҳо дар соҳаи инноватсия бо тағйироти мустақими системавии ҳаёти иқтисодии он воқеӣ аст. Дар ин ҷо бояд нақши асосиро ташаккули системаи инноватсионии нав (СИН) бозад.

Маҷмӯи ин чорабиниҳо бояд ба ташаккули босуръати системаи рақобатпазирии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад ва дар оянда ташаккули институтсионалии дониши иқтисодиро дар сатҳи миллӣ тезонад.

**Адабиёт**


1. Кодиров, Ф. А. Инновационная инфраструктура - основа развития промышленного предпринимательства / Ф. А. Кодиров // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 4(24). – С. 49-58.

2. Кодиров, Ф. А. Социально-культурные аспекты формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан / Ф. А. Кодиров, С. Х. Сафарова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – № 1-4-1(57). – С. 187-190.

3. Маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024;

4. Маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5. Маълумоти вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

6. Ашуров, М.Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – С. 130-137.

7. Мирзоева Е.Ш., Бобошерова Ф.Г. Особенности государственного финансирования в инновационное развитие системы образования / Е.Ш. Мирзоева., Ф.Г. Бобошерова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 3 (37). – С. 92-99

8. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. М.: Начала, 1997.

9. Менгер К. Основания политической экономии. Австрийская школа в политической экономии. М.,1992. С. 216.

10. Радаев В. Деформализация правил и уход от налогов в российской хозяйственной деятельности // Вопросы экономики. 2001. № 6. С. 60.

11. Смелова О.В. К истории формирования и развития национальных инновационных систем // Проблемы современной экономики. 2011. № 2(38). URL: http://www.m-economy.ru/art.php7nArtIcH3568

12. Полтерович, В. Институциональная динамика и теория реформ /В. Полтерович// Эволюционная теория и «мэйнстрим». - М.: Наука. - 2000. –С. 31-54.

13. Хлунов, А. В. О механизмах реализации государственной научно-технической и инновационной политики. / А. В. Хлунов // Инновации. - 2006. - № 9. – С. 3-15.

14. Всемирный банк, 1992 год. Управление и развитие. Вашингтон, округ Колумбия: Всемирный банк.

15. Индекс трансформации Фонда Бертельсмана, 2016 год. ИТФБ за 2016 год, Отчет по стране, Республика Таджикистна. Фонд Бертельсмана.

16. Международный Валютный Фонд, 2000 год. «Индикаторы внешней уязвимости, связанные с задолженностью и резервами». Вашингтон, Округ Колумбия.

17. Олкотт, Марта Брилл. 2012 год. Трудный путь развития Таджикистана. Вашингтон, округ Колумбия: Фонд Карнеги за международный мир.

18. Ростер, Кирстин и Масуд Кадер, 2016 год. «Анализ производственных и сервисных площадок: возможности для Таджикистана». Вашингтон, округ Колумбия, 6 сентября.

19. Республика Таджикистан, 2016 год. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Душанбе.

## ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ИДОРИИ МОЛИЯВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: АЗ ЗАМОНҲОИ ҚАДИМ ТО СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Муллоҷонзода Асадулло Кучак** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ; сардори раёсати таълим. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14, тел.: (+992) 939127272. E-mail: asadullo1976@mail.ru

**Оймаҳмадов Гулмаҳмад Нигмамадович** – н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14

Мақола ба таҳлили таърихи ташаккул ва рушди низоми идории молиявӣ дар даврахои ҳукмронии Ҳахоманишиён, Кушониён, Ашкониён ва Сосониён дар Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Дар он накши ҳукуматдорон, ислоҳоти иқтисодӣ, усулҳои андозбандӣ ва назорати молиявӣ, инчунин таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа баррасӣ мешавад. Ҳамчунин, дар мақола таъсири истилои араб ва низоми молиявии хилофат, нақши Сомониён дар эҳёи анъанаҳои идории молиявӣ ва таҳаввулоти низоми молиявӣ дар давраи шӯравӣ ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

**Калидвожаҳо:** Ҳахоманишиён, Кушониён, Ашкониён, Сосониён, низоми идории молиявӣ, андозбандӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, назорати молиявӣ, Сомониён, хилофати араб, давраи шӯравӣ, соҳибистиқлолии Тоҷикистон.

## ФОРМИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ДРЕВНЕЙШЫХ ВРЕМЕН ДО ОБРЕТЕНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ

**Муллоджонзода Асадулло Кучак** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин; начальник учебного управления. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, тел.:(+992) 939127272. E-mail: asadullo1976@mail.ru

**Оймахмадов Гулмахмад Нигмамадович** – к.э.н., доцент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимов, 64/14.

Статья посвящена историческому анализу становления и развития финансовой системы управления в периоды правления Ахеменидов, Кушанцев, Ашканидов и Сасанидов в Средней Азии. В ней рассматривается роль властей, экономических реформ, методов налогообложения и финансового контроля, а также их влияние на экономическое и социальное развитие региона. Анализируется отрицательное влияние арабского завоевания и финансовой системы халифата, роль Саманидов в возрождении традиций финансового управления и эволюция финансовой системы в период советской власти также независимого развития Таджикистана.

**Ключевые слова:** Ахемениды, Кушанцы, Ашканидов, Сасаниды, финансово-административная система, налогообложение, экономические реформы, финансовый контроль, Саманиды, Арабский халифат, советский период, независимость Таджикистана.

## FORMATION OF THE FINANCIAL REPORTING SYSTEM IN TAJIKISTAN: FROM ANCIENT TIMES TO INDEPENDENCE

**Mullojonzoda Asadullo Kuchak** - Tajik state university of finance and economics, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities; head of the education department. Address: 734067, Dushanbe, Nahimov street 64/14, tel.: (+992) 939127272. E-mail: asadullo1976@mail.ru

**Oymakhmadov Gulmakhmad Nigmamadovich** - is a candidate of economics, associate professor of Finance at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nahimov street 64/14.

The article is devoted to the historical analysis of the formation and development of the financial management system during the reign of the Achaemenids, Kushans, Ashkanids and Sassanids in Central Asia. It examines the role of the authorities, economic reforms, methods of taxation and financial control, as well as their impact on the economic and social development of the region. The article also analyzes the impact of the Arab conquest and the financial system of the caliphate, the role of the Samanids in reviving the traditions of financial management and the evolution of the financial system during the Soviet period and the independence of Tajikistan.

**Keywords:** Achaemenids, Kushans, Ashkenids, Sassanids, financial and administrative system, taxation, economic reforms, financial control, Samanids, Arab Caliphate, Soviet period, independence of Tajikistan.

Дар тӯли таърихи пурғановати халқи тоҷик ва дигар қавмҳои ориёитабор, низоми идории давлатӣ, бахусус сохтори молиявӣ, ҳамеша аҳамияти калидӣ дошта, ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа таъсири муҳим мерасонид. Таҷрибаи ғанӣ ва усулҳои пешқадами идораи молиявӣ, ки дар давраҳои Ҳахоманишиён, Кушониён, Ашкониён ва Сосониён рӯи кор омадаанд, намунаи беҳамтои ҳукуматдории муваффақ буда, барои наслҳои оянда заминаи устувор гузоштанд.

Дар замони Ҳахоманишиён низоми мутамаркази идории давлатӣ ба вуҷуд омад, ки идораи молиявӣ ҷузъи муҳими он буд. Шоҳ дар саргаҳи давлат қарор дошта, мақомоти

марказӣ ва вилоятҳоро идора мекард. Дар вилоятҳо сатрапҳо таъйин мешуданд, ки масъули ҷамъоварии андоз ва иҷрои қонунҳо буданд. Низоми андозбандӣ дар ин давра хеле муназзам буд. Мувофиқи ақидаҳои илмии тасдиқи хешро ёфта ситонидани боҷу хироҷ ба иҷора додани амволи давлатӣ ва андозу андозбандӣ бо бавуҷудоии давлат ва синфҳо ба миён омадаанд».[8]

Дар ҳамин замина ки асоси онро тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ташкил медиҳад, арзиши маҳсулотҳои истеҳсолшуда бо мақсади ба роҳ мондани такрористеҳсоли оддӣ тақсим шуда, ба фонди баркароркунӣ, фонди истеъмолӣ ва фонди андухт истифода мегардиданд. Давлатдори фаъолияти хеш ва муносибатҳои байналхалқиашро дар асоси муносибатҳои бо азнавтақсим алоқаманд дар шакли натуралию пулӣ ба роҳ меандозад. Муносибатҳои «тақсимотию азнавтақсимотӣ" асос барои мақсаднок истифодабарии захираҳои натуралию пулӣ гардиданд.

Дар асри III пеш аз мелод дар мулки Форсу Тоҷик мувофиқи маълумоти Файласуфи Юнонӣ Ксенофонт, ки дар дарбори Куруши Кабир мушовир буд, қайд намудааст ки "дар мулки Форс низоми таҳсили ройгони се табақаи таълим муасисаҳои таълими ибтидоӣ, таълими миёнаи ҳамагонӣ ва таълими олӣ фаъолият мекард" ки мақсаднок истифодабарии захираҳои молиявии сатҳи давлатиро таъмин мекард.[9]

Ҳаҷм ва муҳлати супурдани андоз, имтиёзҳои андозӣ, меъёри пардохт аз убуркунандагони гумрукӣ бо фармони шоҳ тасдиқ карда шуда ба куҷо масрафгардиданаш низ дар амр муайян карда мешуд, ки мақсаднок истифодабарию баҳисобгирӣ ва назорат нисбати он дақиқ муқаррар мегардид.

Дар замони давлатдории Кушониён (охири асри I ва охири асри III милодӣ) сохтори идорию молиётии давлат якранг набуда, мисли дигар империяҳои ориёӣ дар таърихи ичтимоию иқтисодии Осиёи Марказӣ накши босазо доштанд. Махсусан, ислоҳоти пулие, ки шоҳи кушонӣ Кадфизи II гузаронид, яке аз падидаҳои муҳими иқтисодии пулию-молӣ буд. Кадфизи II ба муомилоти молӣ тангаҳои тиллоиро ҷорӣ кард, ки он ҳамсанги тангаҳои римиву-юнонӣ «динориус-ауреус» маҳсуб ёфта, қимати молиашон дар алоқа бо вазнашон гуногун буданд. Ҳадафи ҷорӣ кардани тангаҳои тиллоии кушонӣ аз боло бурдан ва нигоҳ доштани муомилоти байналмилалии савдою пули давлат ва муттаҳид намудани манотиқи чуғрофии импературӣ ба шумор мерафт. Ҳолати муназзами пулию молиявӣ дар замони Канишка ва ҷонишинони ӯ вусъат ёфта, ҳокимияткунии онҳо дар Хуросон (Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон) нуфузи бештар касб кард.

Дар давраи Ашкониён, (247 п.м. - 224 м) дар низоми идории молиявӣ нисбат ба давраи Ҳахоманишиён тағйирот ворид гардид. Давлат ба вилоятҳои хурдтар тақсим шуда, ҳар як вилоятро ҳоким идора менамуд. Низоми андозбандӣ низ тағйир ёфт ва андозҳо асосан аз замин ва тиҷорат ситонида мешуданд. Яке аз хусусиятҳои муҳими низоми молиявии Ашкониён рушди тиҷорати байналмилалӣ ба шумор меравад. Давлати Ашкониён дар роҳи абрешим ҷойгир шуда, аз тиҷорати байни Шарқ ва Ғарб бо ҷамъоварии боҷ даромади калон ба даст меовард.

Дар давраи Сосониён (224-651 мелодӣ) усулҳои идории молиявӣ такмил ёфта, дар замони Шопури II ва Хусрави Анушервон низоми молиявии давлат ба танзими бештар даромад. Ҳамин тавр низоми назорати молиявии марказонидашуда таъсис ёфт. Ҳокимияти марказӣ соле як бор фаъолияти молиявии вилоятҳоро тафтиш менамуд. Нозирони давлатӣ,

---

[8] Оймаҳмадов Г.Н. Молия, Душанбе 2020, саҳ.7.
[9] Оймаҳмадов Г.Н. Муқаддимаи ихтисос (молия), Душанбе, Маориф 2023, с13.

ки вазъи молиявӣ, воридот ва содиротро меомӯхтанд, шахсони боэътимоди шоҳ буданд ва ҳокимон онҳоро “гӯшу чашми шоҳ» меномиданд. Санҷишҳо ғайричашмдошт гузаронида шуда, пасандозҳо, хароҷот ва омилҳои тағйирёбии буҷет таҳлил мешуданд. Сабабҳои тағйирёбии даромад ва хароҷоти буҷет бо номувофиқатии он бо буҷетҳои маҳаллӣ муайян карда мешуд. Дар ҳисобот сабабҳои камбудиҳо ва роҳҳои пешгирии онҳо нишон дода шуда, ҳатто иваз кардани роҳбарон пешниҳод мегардид. Ин усул масъулияти коргузории молиявиро зиёд карда, роҳҳои ғанӣ гардонидани буҷаро таъмин мекард. Нозирон барои камбудиҳои ҷиддӣ метавонистанд ҳокимонро ба ҷавобгарӣ кашанд, ҳатто ба қатл низ маҳкум карда метавонистанд.

Забти арабҳо ва сиёсати ғосибонаи онҳо ба кишварҳои Осиёи Миёна (651-751) воқеан сохти идории чандинасраи мардумони эрониаслро хароб ва ба нестӣ овард. Сиёсати молию пулӣ ва андоз дар аҳди хилофат асосан ба манфиати нигаҳдошти марзу буми ҳокимияти ғасбшуда равона мешуд. Муаллифони асарҳои "Китоб роҷеъ ба хироҷ", "Китоб роҷеъ ба усулҳои идорӣ" баробари дигар сохтори идории давлатии хилофат, инчунин дар хусуси андозу хироҷ (ҷизя, хироҷ, закот, ушр ва ғ.) низ тафсироте овардаанд, ки тамоми нозукиҳои молияро дар ҳамаи самтҳо дарбар мегиранд. Арабҳо барои ҷалб кардани мардум ба дини ислом, ки ба хазинаашон даромадҳои зиёд меовард, дар шаҳрҳову манотиқе, ки исломро мепазируфтанд, онҳоро аз андози маъруф ба "ҷизя" озод менамуданд вале дере нагузашта, низоми молиёти хилофат фалаҷ гардид. Бинобар ин аъроб кулли андозҳоро аз нав барои ҳама ҷорӣ карданд ки он боиси аз байн рафтани хилофати Уммавиён гардида, якчанд муқовиматҳои мардумиро ба бор овард. Сабаби асосии онҳо вазъи гарони молиявию иқтисодии мардум буд.

Дар замони хилофати Аббосиён (750-1258) низ сохтори зиёди идории давлатӣ амал мекарданд. Вазорати молияро дар он давра вазорати омил мегуфтанд, ки он яке аз муҳимтарин вазоратҳо ба шумор рафта, ҳамаи содирот ва воридоти давлатро ба уҳда дошт. Дар ин давра Аббосиён ба донишу малакаи ашрофони маҳаллӣ (Бармакиён) эътимод намуданд ки он дар муддати кӯтоҳ вазъи молиявии хилофатро беҳтар гардонид ва аҳволи иҷтимоии мардум низ беҳтар шуд. Доир ба ин масъалаи таърихӣ маълумоти зиёд пайдо кардан мумкин.

Дар замони Сомониён вазорати мазкурро муставфӣ меномиданд. Давлатдории Сомониён яке аз хушномтарин хонадони тоҷикон, ки ҳанӯз аз он давлатдорӣ мардум ба некӣ ёд мекунанд, идораи молиявии кишвар ва тамоми воридоту содироти молиявиро дуруст ба роҳ монда онро баҳри пешрафти ҳаёти мардум истифода мекарданд. Андозбандӣ дар тирамоҳ аз ҳаҷми ҳосили замин гирифта шуда сурат мегирифт, ҳамаи хизматчиёни давлат аз имтиёзи андозӣ бархурдор буданд. Доир ба он, ки хонадони Сомониён ба давлате теғ кашида бошанд, ё дар фикри ғасби он бошанд таърих чизе намедонад. Умуман, давлатҳои баъдӣ аз таҷрибаи Сомониён фаровон истифода намуда, пешрафти давлатдориашонро таъмин менамуданд.

“Тақсимоти териториявию иқтисодии дар давраи империализм сурат гирифта боис ба он гардид, ки давлатҳои дар тарзи Феодалии истеҳсолот қарор дошта, ки ба мустамлика табдил ёфтанд барандаю ифодагари муносибатҳои молиявии дар давраи империализм ҷойдошта гардиданд”.[10] Бунёди заводу фабрика, таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ, бунёду фаъолияти роҳи оҳан дар Осиёи Миёна дар асоси муносибатҳои молиявии дар ҷамъияти

[10] Аъзамқулов М., Исоматов Б. Курси лексияҳо аз фанни назарияи иқтисодии капиталисти, Душанбе 1975 .

капиталистӣ амалнамоянда фаъолият менамуданд. Фаъолияти бонкҳо ва истифодаи коғазҳои қиматнок унсурҳои механизми молиявии дар ҷамъияти капиталистӣ амалкунандаро ба монанди фоида, фоидаи соф, дивиденд, фоиз ва ғайраҳоро ба Осиёи Миёнаи то револютсионӣ овард. Дар он вақт ҳолати молиявии соҳибкориҳоро бо қобилияти ҳисоббаробари ва сатҳи фоидаоварӣ низ баҳо медоданд. Як самти муносибатҳои молиявии давлатҳои ҳамонзамонаро содироти софи ҳамон мамлакатҳо ва устувории пулҳои дар муомилот буда ташкил мекард.

Баъди барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ низоми молиявии кишвар дигаргун карда шуд. 7-декабри соли 1924 Комиссариати халқии молияи Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Тоҷикистон таъсис ёфта, то соли 1929 дар ҳайъати буҷаи ҶШС Ӯзбекистон боқӣ монд ва минбаъд мустақил гардид. Ташкили низоми молия дар Тоҷикистон бо созмон ёфтани комиссияи молияи Шӯрои депутатҳои аскарони уезди Хуҷанд бо ду шуъба: андоз ва тафтишот оғоз меёбад. Хазинаи уезд, ки то соли 1920 амал мекард, ба шуъбаи молияи Шӯрои уезди Хуҷанд табдил дода мешавад. Соли 1924 ин шуъба бо хазинаи даромад ва пардохт муттаҳид мегардад. Дар ин давра ду намуди андоз: андози маҳаллии шаҳр аз амволи ғайриманқул ва андоз аз амволи ҷамъиятӣ мавҷуд буд. Ин андозҳо дар волостҳо аз шахсони доро ситонида мешуданд.

Мувофиқи қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1924 аввалин Комиссари халқии молияи ҷумҳурӣ Азимҷон Акчурин интихоб ва то моҳи марти соли 1926 ифои вазифа мекунад ва бо сабаби бад шудани саломатӣ аз вазифа озод карда мешавад.

Ҳаҷми буҷаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро иҷлосияҳои Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон (органи конунбарор) тасдиқ менамуд. Буҷаи ҷумҳурӣ барои соли 1936 150.997.0 рубл ва барои соли 1937 184.777.0 рубл муайян шуда буд.

Соли 1940 дастгоҳи марказии Комиссариати Халқии молияи Тоҷикистон аз 14 раёсат ва шуъбаҳо: раёсати буҷа, раёсати даромади давлатӣ, андоз, шуъбаи молия, саноат, кишоварзӣ, савдои давлатӣ, хоҷагии коммуналӣ ва нақлиёт, иқтисодиёт ва фарҳанг, муҳосиботи марказӣ, кадрҳо шуъбаи махсус, шуъбаҳои маъмуриву-хоҷагӣ, коргузорӣ, қисми хоҷагӣ иборат буда, дар он 146 нафар фаъолият мекарданд.

Сохтори Комиссариати Халқии ҶШС Тоҷикистонро шуъбаҳои молияи вилоятҳи Сталинобод, Ленинобод, Кӯлоб, Ғарм ва вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, 7 шуъбаи молияи шаҳрӣ ва 65 шуъбаи молияи ноҳиявии тобеъ ба шуъбаҳои молияи вилоятҳо ташкил медоданд.

Мувофиқи қонуни Шӯрои Олии ИҶШС аз 15 марти соли 1946 Комиссариати Халкии ҶШС Тоҷикистон минбаъд ба Вазорати молияи ҶШС Тоҷикистон табдил дода мешавад. Дастур дар бораи Вазорати молияи ҶШС Тоҷикистон, ки бо қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Точикистон 8 октябри соли 1985, № 309 тасдиқ шудааст, Вазорати молия вазорати ҷумҳуриявӣ-умумиттифоқӣ буда, то соли 1991 ба Вазорати молияи Иттиҳоди Шӯравӣ итоат менамуд.

Дар иҷрои буҷаи давлатӣ, коргузорӣ дар зинаҳои гуногуни соҳаи молия, назорат дар бораи иҷро шудани ҳисоботи молиявӣ дар корхонаву ташкилотҳои ҷумҳурӣ саҳми раёсати назорату тафтишоти (КРУ) вазорати молияи ҷумҳурӣ қобили зикр аст. Маҳз ҳамин ниҳод риояи қонунии коргузории молиявиро пайваста назорат менамуд.

Баъди пош хӯрдани давлати муқтадири ИҶШС Тоҷикистон ба сифати давлати соҳибистиқлол қадамҳои аввалин дар роҳи татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ба душвориҳо дучор гашт ва лозим омад, ки онро дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ амалӣ гардонад.

Ибтидои солҳои 1990-ум иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба бадшавии босуръати ҳолати молиявӣ, ки сабабҳои он ҷанги шаҳрвандӣ ва қатъшавии алоқаи тиҷоративу иқтисодӣ бо собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва офатҳои табиӣ буданд, гирифтор гардида буд.

Дар чунин шароит як қатор ҳуҷҷатҳои пояугузори ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа бахри тезонидани дигаргуниҳои иқтисодӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ» ва Барномаи дигаргуниҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1995 - 2000 ва ғайра қабул шуданд.

Моҳи майи соли 1995 дар кишвар пули миллӣ ҷорӣ карда шуд ва натиҷаҳои иҷрои буҷаи давлатӣ дар соли 1995 нишон доданд, ки ислоҳоти мақсадноки иқтисодӣ таҳти сарварии Президент Э. Раҳмон барои раҳоӣ аз буҳрони иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи молиявӣ ба нишондодҳои мусбат дар бобати муътадил гардонидани иқтисодиёт, молия ва буҷаи ҷумҳурӣ, вазъияти ҷамъиятиву сиёсии кишвар мусоидат намуданд. Соли 1996 марҳилаи дар амал татбиқ намудани чорабиниҳо барои гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозории кишвар ба шумор меравад. Дар натиҷаи қабули як қатор қарорҳои марбут ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ имконияти иҷрои Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ, ки аз ҷониби Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки умумиҷаҳонӣ дастгирӣ шуда буд ба вуҷуд омад. Ин тадбирҳо аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ҳамчун омилҳои мусбати инкишофи иқтисодиёт эътироф шуда, барои Тоҷикистон аввалин қарзи имтиёзнок ҷудо карда шуд.

Ҳамин тариқ, низоми идории молиявӣ дар даврҳои Ҳахоманишиён, Кушониён, Ашкониён ва Сосониён дар Осиёи Марказӣ еъдоди муайяни таҳаввулотро аз сар гузаронида, ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа таъсири самаранок расонид. Таҷрибаи ғанӣ ва усулҳои пешқадами идораи молиявӣ, ки дар ин даврҳо татбиқ карда мешуданд, барои наслҳои оянда заминаи устувор гузошта, дар даврҳои минбаъда, аз ҷумла дар замони Сомониён, аз нав эҳё гардиданд. Омӯзиши таърихи низоми идории молиявӣ имкон медиҳад, ки аз таҷрибаи гузашта сабақ омӯзем ва барои рушди устувори иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол заминаи мусоид фароҳам оварем.

**Адабиёт**


1. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва нав.(Китобҳои 1 ва 2). Душанбе,1998, 2008, 2020
2. Оймаҳмадов Г.Н. Молия.китоби дарсӣ/ Г.Н.Оймаҳмадов Душанбе, 2020.-300 с.
3. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Иборат аз чаҳор китоб. Китоби якум: Аз Тоҷикон дар оинаи таърих: Ориён то Сомониён.– Душанбе: Ирфон 2009. - 704 с.
4. Муллоҷонзода А.К. (Муллоҷонов А.К.). Таърихи молияи Тоҷикистон аз қадим то имруз. Маҷмуаи осори илмии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Қисми 1. Душанбе, 2012.- 384 с. С. 255-262.
5. Муллоҷонов С. Муллоҷонов А.Таърихи халқи тоҷик. Душанбе, 2012.- 428 с.

## АЛОҚАИ ФОИДАОВАРИИ СОҲАИ САНОАТ ВА ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оймаҳмадов Гулмаҳмад Нигмамадович** – н.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Рауфова Рузигул** – ходими илмии Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Дар мақола оид ба алоқамандии фоидаоварии соҳаи саноат ва ҷолибияти сармоягузории он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Аз таҳлилҳои овардашуда маълум мегардад, ки бо кам шудани шумораи корхонаҳои зарардида, ҳаҷми зарари ба ҳар як корхонаи зарардида ростоянда то 3-маротиба зиёд шудааст. Ҳолати воқеии бавуҷудомада ҳатман ба ҷолибияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии худро мерасонад.

**Калимаҳои калидӣ:** маблағгузорӣ, захираҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, иқтисодиёт, корхонаҳои саноатӣ, фоидаоварӣ, зарарнокӣ ва ғ.

## СВЯЗЬ РЕНТАБЕЛЬНОСТИ ПРОМЫШЛЕННОЙ ОТРАСЛИ И ЕЕ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТИ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Оймахмадов Гулмахмад Нигмамадович** – к.э.н., доцент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета.

**Рауфова Рузигул** – научный сотрудник Центра исследований инноватционных технологий Национальной академии наук Республики Таджикистан

В статье приводится информация о взаимосвязи рентабельности промышленной отрасли и ее инвестиционной привлекательности в экономике Республики Таджикистан. Из приведенного анализа видно, что с уменьшением количества убыточных предприятий, размер ущерба, наносимого каждому убыточному предприятию, увеличился в 3 раза. Сложившаяся реальная ситуация неизбежно негативно скажется на инвестиционной привлекательности Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** финансирование, финансовые ресурсы, инвестиции, экономика, промышленные предприятия, прибыль, убыток и т. д.

## THE RELATIONSHIP BETWEEN THE PROFITABILITY OF THE INDUSTRIAL SECTOR AND ITS INVESTMENT ATTRACTIVENESS IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Oymakhmadov Gulmakhmad Nigmamadovich -** is a candidate of economics, associate professor of Finance at the Tajik State University of Finance and Economics.

**Raufova Ruzigul -** is a researcher at the Institute of Innovation and New Technologies of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan.

The article provides information on the relationship between the profitability of the industrial sector and its investment attractiveness in the economy of the Republic of Tajikistan. From the above analysis, it can be seen that with a decrease in the number of unprofitable enterprises, the amount of damage inflicted on each unprofitable enterprise increased by 3 times.

The current real situation will inevitably negatively affect the investment attractiveness of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** financing, financial resources, investments, economy, industrial enterprises, profit, loss, etc.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ интихоби доираи фаъолият ва бароҳмонии соҳибкорӣ дар асоси таҳлилу баҳисобгирии таъсири омилҳои берунаю дохила ва муайяннамоии нуқтаи безарарии истеҳсол ва ё хизматрасонӣ бояд сурат гирад, ки иникоснамояндаи воқеияти қоидаи рафтори муайянкардашуда дар иқтисодиёт аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барои муайян кардани фоида аз нархи фурӯши маҳсулот, хароҷотҳои истеҳсолӣ ва муомилотиро кам менамоянд, ки натиҷанокии як самти фаъолиятро инъикос менамояд, ки қонеъгардонандаи талаботи соҳибкор нисбати идомаи фаъолият ва ё гузариш ба дигар сохтор буда метавонад.

Мувофиқи ақидаи аз тарафи олимону соҳибкорон эътироф шуда асоси оғози бо соҳибкорӣ машғулшавиро мӯҳлати давраи ҳаётии сармоягузорӣ, ки сарфи вақтро бо моҳу сол (давраи хароҷотнамои, ҷуброни хароҷот ва фоидагирӣ дарбар мегирад) ташкил медиҳад.

Дар давлатҳои рушдёфта ҳангоми аз се сол зиёд будани давраи ҳаётии сармоягузорӣ, соҳибсармоя аз маблағгузорӣ ба доираи пешниҳодшуда худдорӣ менамояд. Дар ҳамаи ҳолатҳо соҳибкориҳои муҳлати ҳаётии сармоягузориҳояш аз се сол зиёдро давлат ва ё дар якҷоягӣ якчанд ҷамъияти саҳомии транс миллӣ ба ӯҳда мегиранд, ки тақсими фоидаи он баъди андозбандӣ дар алоқа бо ҳиссаи ҳиссагузоришуда сурат мегирад.

Ба мӯҳлати ҳаётии маблағгузорӣ пеш аз ҳама шароити табиию ҷуғрофии минтақаи сармоягузоришаванда аз як тараф таъсир расонад аз тарафи дигар масофаи корхонаҳои нисбати якдигар доир ба хариду фурӯши захираҳо ва воситаҳои истеҳсолот ба мувофиқа расида таъсири бевосита мерасонанд. Ҳамгироиҳои бо муносибатҳои берунаи соҳибкорӣ ба миён- омада аз як тараф ба сатҳи фоидаоварии фаъолияту хизматрасониҳо таъсир расонад аз тарафи дигар ба қобилияти ҳисоббаробаринамои низ таъсири манфӣ расонида метавонад.

Ҳамаи соҳибкориҳо новобаста аз майлу рағбат ва хоҳишашон ба ғайр аз субектҳои иқтисодиёти беруна бо субъектҳои дохила ва қоидаи рафтор муайянкунандагон ба муносибат меоянд. Дар ин пеша соҳаи саноат мароми аввалро бо талаботҳои пешниҳодкардааш ишғол менамояд. Сатҳу дараҷаи талаботи корхонаҳои саноатӣ нисбати омилҳои дохила бениҳоят васеъ бошанд ҳам, қисми муҳими он талабот нисбат ба дасрас кардани воситаҳои истеҳсолоту қисмҳои эҳтиётӣ мебошад, ки на ба дохилӣ мамлакат, балки ба берун нигаронида шудааст.

Мувофиқи ақидаи мо, сатҳи қонеъгардонии талаботи корхонаҳои саноатӣ нисбат ба омилҳо ва захираҳои моддию меҳнатӣ ва молиявӣ аз таркиби фаъолиятии соҳаи саноати Тоҷикистон вобаста мебошад, ки ба сатҳи фоидаоварии умуми таъсири нисби мерасонад.

**Ҷадвали 1. – Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи фаъолияти асосӣ**

**адад**

| **Номгӯи фаъолияти асосӣ** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|
| Саноат | 2283 | 2327 | 2802 | 3453 |
| Истихроҷи маъдан | 264 | 291 | 303 | 315 |
| Маводҳои энергетикӣ | 24 | 29 | 27 | 27 |
| Маводҳои ғайриэнергетикӣ | 240 | 262 | 276 | 288 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард | 1846 | 1927 | 2318 | 2954 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока | 501 | 515 | 634 | 795 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ | 397 | 414 | 451 | 484 |
| Чарм ва пойафзол | 20 | 20 | 24 | 27 |
| Коркарди чӯбу-тахта | 18 | 19 | 21 | 34 |
| Истеҳсоли селлюлоза | 143 | 144 | 152 | 165 |
| Маҳсулоти нафтӣ | 24 | 26 | 24 | 24 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 62 | 66 | 88 | 106 |
| Истеҳсоли пластмасса | 82 | 93 | 157 | 277 |
| Истеҳсоли маҳсулоти ғайрифилизӣ | 365 | 388 | 476 | 661 |
| Истеҳсоли маҳсулоти металлургӣ ва маҳсулоти тайёри филизӣ | 115 | 116 | 131 | 147 |
| Ҳаргуна соҳаи саноат | 83 | 88 | 118 | 189 |
| Мошинсозӣ | - | - | 42 | 45 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ | 173 | 179 | 181 | 184 |
| Ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноат | 30890 | 38829 | 43025 | 46817 |

Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таркиби дар ҷадвали 1 овардашуда аз он гувоҳи медиҳад, ки ба ивази соҳаи саноати аз фаъолият бозмондаи меросгирифта дар арафаи нави рушди босуръат қарор дорад.

Миқдори корхонаҳои саноатӣ дар зарфи солҳои 2020-2023 аз 2283 адад то ба 3453 адад ва воқеан ба 1170 адад зиёд шуда сатҳи рушди он ба 151,2 фоиз баробар шудааст.

«Он тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28 12 2024 қайд намуданд танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсоли бунёд гардид, ки истеҳсоли масаноатиро аз 53 миллиард сомонӣ зиёдтар гардонид»1.

Он тавре ки аз таркиби фаъолияти соҳаи саноат бармеояд як қисми асосии сохтории фаъолияти соҳаи саноат асосан барои қонеъгардонии талаботи бозори дохила ба монанди истеҳсоли селлюлоза, чӯбу тахта, маҳсулоти хӯрокворӣ, нассоҷӣ, чарму пойафзол, истеҳсоли маҳсулоти тайёри филизӣ, маҳсулоти нафтӣ ва кимиё нигаронида шудааст ва бояд қайд кард, ки дар ҳолати пурра қонеъ набудани талаботи бозори дохила як қисми он барои содирот пешбини шудааст.

Як қисми таркибии сохтори саноати фаъолиятнамоянда ба ҳиссагузори ба бозори беруна нигаронида шудааст, ки зерсоҳаҳои саноати зеринро истеҳсолу тақсими неруи барқ, семент, саноати сабук бо қолинбофӣ, тайёр кардани меваи хушку консерваҳо, истихроҷи маъдан маводҳои ғайриэнергетикӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ғайрифилизӣ ба он шомил мебошад. Саноати ба бозори беруна нигаронидашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар содироти мамлакат ҳиссаи хело нокифояро дорад,бинобарон содироти софи ҷумҳури соҳиби аломати манфи мебошад,ки ба ҳаҷми ММД низ таъсири манфӣ расонида онро аз будаш кам менамояд.

Истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир метавонад ҳаҷми содироти манфиро ба мусбат табдил дода ҳаҷми ММД зиёд намояд.

Як хусусияти фарқнамояндаи фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст ки як қисми муҳимашон фаъолияти мавсими доранд, ки бо сатҳи пасти фоидаоварию сатҳи пасти омодагии касбии кадриашон аз дигар сохторҳои

саноат фарқ менамоянд. Корхонаҳои саноатии мавсими коркунандаи ҷумҳуриро заводҳои консервабарорӣ ва мевахушкнамои, пахтатозакунӣ, 3 шароб тайёрнамоии аввалия, бойгардонии тамоку, истихроҷи маъдани дар баландкӯҳ ҷойгирбуда ва корхонаҳои маводи сохтмонӣ истеҳсолнамояндаи семблок ва ғайра ташкил медиҳанд, Корхонаҳои овардашуда сатҳи даромадоварии пасттарро доранд, нисбат ба ҳамаи моҳҳои сол фаъолият намоянда.

Дар иқтисодиёти ҳамаи давлатҳои дунё корхонаҳои мавсимӣ фаъолият менамоянд, вале корхонаҳои саноатии доимокоркунанда ҷои фоидаоварии пастари онҳоро бо фоидаоварии баландтарашон ҷуброн менамоянд.

Мувофиқи ақидаи мо босуръат рушдёбии соҳаҳои саноатӣ аз ҳисоби захираҳои моддии ватанӣ коркунанда ки маҳсулоти ниҳоии баландарзиш истеҳсол менамоянд,метавонанд ҳаҷми фоидаи нокифоя гирифташударо ҷуброн намояд,Барои ин кушодаани технопаркҳои алоқаи истеҳсолӣ дошта ,ки аз як тараф мутахасиси соҳаи воқеии истеҳсолотро тайёр менамояд аз тарафи дигар базаи асосии бозомузии кадрҳоро ба фаъолият омода менамояд.

Дар аксарияти давлатҳо барои бартараф кардани ақибмонии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда аз **хариди патенти ихтиро ва бо ёрии лизинги молиявӣ** харид кардани воситаҳои истеҳсолоту омодагардонии кадрҳои маҳаллӣ истифода менамоянд,ки шартҳои дар нақшаи соҳибкорӣ ва шартномаҳо гуфтугузор гардида ба мувофиқа мерасанд.

Дар саноати истихроҷи маъданумумии ва истеҳсоли маҳсулоти ғайри- филизӣ,ки 28–фоизи миқдори умумии корхонаҳои саноатиро дар соли 2023 ташкил медиҳанд, нишондиҳандаи асосии ба фоида таъсиррасон ҳаҷми маҳсулоти ниҳоии истихроҷшуда ташкил медиҳад. Барои ин омодасозии воситаҳои истеҳсолот ба фаъолият нақши ҳалкунандаро мебозад,бинобар он технологияи раванди мазкурро назоратнамоянда бояд дар ихтиёри мутахасисони маҳаллӣ қарор дод, ки назорати истифодабарии он захираҳоро иникос намояд дар ихтиёри хеш нигоҳ доранд.

Қайд кардан зарур аст ки ҳар як сармоягузорӣ беруна бо мақсади ҳифзу ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ,ичтимои бехатарии хеш дар ҳолати нисбат ба фоидаоварии ҳамин сохтор дар мамлакати худаш,ки аз фоидаи алтернативи ҳам баландтар аст, баъд ба маблағгузорӣ моил мешавад.

Ҳамаи онҳо аз доираи муқаррароти мазҳабии хеш берун набаромада ба фаъолият оғоз менамоянд.

Фоидаоварии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф воситаи ҷолибияти сармоягузорӣ ба иқтисодиёт аст ,ки мо онро бояд бо нақшаҳои соҳибкории ба сармоягузорӣ пешкашшаванда ва имкониятҳои васеъгар-донии бозори дохилӣ ва берунаи фурӯши маҳсулот дар солҳои дар пешистода,онро нишон дода тавонемю

Фоидаоварии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаъолияти молиявии онҳо иникос менамояд.

Миқдори умумии корхонаҳои фаъолиятнамоянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи 2-соли тадқиқоти аз 7667 адад то ба 7912 адад рушд ёфтааст, дар ҳоле ки миқдори корхонаҳои барзарар фаъолият намоянда аз 2090 то ба 1823 кам шудааст.

### Ҷадвали 2. - Фаъолияти молиявии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023

**ҳазор сомонӣ**

| дар соли 2022-2023 | шумораи умумии корхонаҳо 2022-2023 | маблағи фоида + зарар – ҳамагӣ | аз он ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | шумораи корхонаҳои фоидаовар | маблағи фоида | шумораи корхонаҳои зараровар | маблағи зарар | фоизи корхонаҳои бо зарар коркунанда нисбат ба ҳамаи корхонаҳо |
| Ҳамаи ҷумҳурӣ | | | | | | | |
| 2022<br>2023 | 7667<br>7912 | 10947,6<br>3893,4 | 5577<br>6089 | 12539,3<br>9357,4 | 2090<br>1823 | - 1591,7<br>- 5464,0 | 27,3%<br>23,0% |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | | | | | | | |
| 2022<br>2023 | 106<br>106 | 11,4<br>3,0 | 89<br>97 | 33,3<br>28,6 | 17<br>9 | - 21,9<br>- 25,6 | 16,0<br>8,4 |
| Вилояти Суғд | | | | | | | |
| 2022<br>2023 | 2488<br>2385 | 6705,2<br>4238,3 | 1856<br>1954 | 6902,6<br>4475,1 | 632<br>431 | - 197,4<br>- 236,3 | 25,4<br>18,1 |
| Вилояти Хатлон | | | | | | | |
| 2022<br>2023 | 1507<br>1452 | 1420,2<br>1241,7 | 1123<br>1143 | 1598,5<br>1536,7 | 384<br>309 | - 178,3<br>- 295,0 | 25,5<br>21,3 |
| ш.Душанбе | | | | | | | |
| 2022<br>2023 | 2782<br>3038 | 1694,8<br>1868,9 | 1919<br>2142 | 2562,5<br>2554,0 | 863<br>896 | - 867,7<br>- 685,1 | 31,0<br>27,2 |
| Корхонаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ | | | | | | | |
| 2022<br>2023 | 4<br>4 | 229,5<br>-3451,1 | 1<br>2 | 275,0<br>381,9 | 3<br>2 | -45,5<br>-3833,0 | 75<br>50 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | | | | | | | |
| 2022<br>2023 | 780<br>927 | 886,5<br>-7,9 | 589<br>751 | 1167,4<br>381,1 | 191<br>176 | -280,9<br>-389,0 | 24,5<br>19,0 |

Камшавии воқеӣ 267 ададро ташкил медиҳад, вале ба камшавии корхонаҳои зараровар нигоҳ накарда ҳаҷми зарар дар соли 2023 дар муқоиса бо соли 2022 аз 1591,7 то ба 3872,3 афзудааст, ҳаҷми зарар ба ҳар як корхонаи бар зарар кор кунанда дар соли 2022 761,5 ҳазор сомонӣ бошад, дар соли 2023 ба 2997 ҳазор сомонӣ расидааст, ки бар зарар коркунии ҳар як корхона нисбат барзарар фаъолиятнамоянда ба як корхона дар соли 2022 ростоянда 3,9 маротиба зиёд мебошанд. Нишондиҳандаҳои мазкур дар иқтисодиёт ҷолибиятро ба сармоягузорӣ низ коста гардонида метавонад. Шумораи корхонаҳои фоидаовар дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 515 адад рушд ёфта бошад, маблағи фоидаи умумӣ дар соли 2022 аз 12 539 300 ҳазор сомонӣ то ба 9357,4 ҳазор сомонӣ поён рафтааст, ки ба сатҳи фоидаоварии ҳар як корхонаи бо фоида фаъолиятнамоянда 2248,1 ҳазор сомонӣ дар соли 2022 рост ояд, дар соли 2023 ҳамин нишондиҳанда ба ҳар як корхона 1536,7 ҳазор сомониро ташкил кард, ки нисбат ба фоидаоварии ҳар як корхона дар соли 2022 68,4% пасттар аст.

Дар зарфи солҳои тадқиқоти (2022-2023) дар миқёси ҳамаи ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои зараровар то ба 267 адад кам шуда бошад ҳам, сатҳи зараровarии умумӣ аз -1591,7 то ба -5464,0 сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Ҳамин ҳолат дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истисноӣ шаҳри Душанбе ба назар мерасад.

Дар шаҳри Душанбе миқдори корхонаҳои зараровар нисбат ба соли 2022 33 адад зиёд шуда бошад ҳам ҳаҷми зарароварии дар соли 2023-685,1 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2022 867,7 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки ба ҳар як корхонаи бо зарар кор кунанда дар соли 2022 10005 ҳазор сомонӣ рост ояд, дар соли 2023 бошад ҳамин нишондиҳанда маблағи 764,6 ҳазор сомониро инъикос менамояд. Сатҳи зараровариии ба ҳар як корхона ростоянда 23,9% кам гардидааст.Ҳолати мазкур ҷалби сармоягузориро ба иқтисодиёти шаҳри Душанбе ба вуҷуд оварда метавонад.

Ҳол он ки дар миқёси дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ВМКБ, Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баръакси ҳамин ҳолат бо камшавии корхонаҳои зараровар, ҳаҷми зарари ба ҳар як корхонаи зараровар расида, зиёд гардидааст, ки ҷолибиятро ба сармоягузорӣ коста мегардонанд.

Бинобар ҳамин сатҳи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 2 783 975,2 ҳазор долларро ташкил диҳад, ҳаҷми сармоягузории мустақим 284 076,9 ҳазор долларро ва сармоягузориҳои дигар бошад 2 499 775,7 ҳазор доллар рост меояд, ҳиссаи асосии дигар сармоягузорӣ ба миёнаравии молиявӣ рост меояд, ки 78,7% нисбат ба ҳамаи сармоягузориҳо ташкил медиҳад. Ҳиссаи сармоягузориҳои мустақим нисбат ба ҳамаи маблағгузориҳо 10,2%-ро ташкил медиҳад.

Миёнаравии молиявӣ дар сармоягузориҳои дигар ҳиссаи зиёд дошта бошад ҳам 1,4%-и он ба сармоягузории воқеӣ маблағгузорӣ гардидааст, ки 0,005%-и он ба сармоягузориҳои ҷомадонӣ рост меоянд.

Он тавре ки аз рақамҳо бармеояд, қисми асосии сармоягузории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашуда ба миёнаравии молиявӣ ва қисми боқимондаи он, ки аз 10% зиёдтар аст, ба маблағгузории воқеӣ дар мувофиқат мебошанд.

Қисми зиёдтари сармоягузориҳоро мамлакатҳои хориҷии дур мувофиқатан ба ҳаҷми сармоягузории Чин, Итолиё ва ҷазираҳои Вирҷин анҷом додаанд, ки дар умум 59,8%-и сармоягузориҳоро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи давлатҳои ИДМ 40,2%-ро дар маблағгузориҳо ташкил медиҳад, ки қисми асосии он ба Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Украина ва Белорус рост меоянд.

Мувофиқи ақидаи мо, агар фоидаоварии корхонаҳо ва сармоягузориҳо соҳа ба соҳа инъикос мегардид, имконияти пешниҳод кардани таклифу дархостҳо, ки ҳолати имрӯзаро аз будаш беҳтар карда, нишон дода метавонист, зиёдтар фароҳам меомад.

Барои ба маблағгузории воқеии дар соҳаҳои саноат суратгиранда, нишон додани маблағҳои фоидаоварию зараровариии корхонаҳо ва сармоягузориҳоро дар онҳо алоҳида нишон додан ҷолибияти соҳавии сармоягузориро дар соҳаҳо ва ноҳияҳо инъикос мекард, ки яке аз роҳҳои дастгирии саноатигардонӣ аз тарафи мо мебуд.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 28.12.2024, 26 саҳ.

2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо, №4-2023, соли 2024.

## ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

**Кудратова Фарзона Рустамовна** - кандидат экономических наук, предподаватель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе 735700, улица Нахимова 64/14 тел: 907022000, Email: farzona070489@.ru

**Нурмахмадова Рухшона Мирмахмадовна** - специалист по науке и инновации таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе 735700, улица Нахимова 64/14 тел: 936009779

В данной статье рассмотрены вопросы повышения экономической эффективности инвестиционного потенциала в ситуации развития аграрной экономики Республики Таджикистан. В ней рассмотрены тенденции и закономерности развития сельского хозяйства республики, поступления инвестиций, производства основных видов сельскохозяйственной продукции сельского хозяйства, динамика производства основных видов сельскохозяйственной, и валовой продукции сельского хозяйства. Проведен анализ развития различных форм хозяйствования в аграрном секторе. Рассмотрено состояние технической базы аграрного сектора, динамика ввода основных фондов, и капитальных вложений в аграрный сектор. Проведен анализ прямых инвестиций и промышленного развития аграрного сектора страны.

**Ключевые слова:** инвестиционный потенциал, инвестиции в современной экономике, капитальные вложения, прямые инвестиции, структура промышленного развития, региональная инвестиционная политика, конкурентоспособность, инвестиционная политика, нерациональная структура экономики, размещение, кооперация.

## САМАРАИ ИҚТИСОДИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ БА СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

**Қудратова Фарзона Рустамовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Душанбе 735700, кӯчаи Наҳимов 64/14 тел: 907022000, Email: farzona070489@.ru

**Нурмаҳмадова Рухшона Мирмаҳмадовна** - мутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Душанбе 735700, кӯчаи Наҳимов 64/14 тел: 936009779

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии иқтидори сармоягузорӣ дар вазъи рушди иқтисодиёти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар он тамоюл ва шаклхои тараккиёти хочагии кишлоки республика, даромади маблаггузорй, истехсоли навъхои асосии махсулоти хочагии кишлок, динамикаи истехсоли навъхои асосии махсулоти хочагии кишлок ва махсулоти умумии хочагии кишлок тахкик карда мешавад. Тахлили инкишофи шаклхои гуногуни хочагидорй дар хочагии кишлок гузаронда шуд. Вазъияти базаи техникии хочагии кишлок, динамикаи ба кор андохтани фондхои асосй ва маблаггузории асосй дар хочагии кишлок ба назар гирифта шудааст. Таҳлили сармоягузории мустақим ва рушди саноатии бахши кишоварзии кишвар гузаронида шуд.

**Калидвожаҳо:** иқтидори сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ба иқтисодиёти муосир, сармоягузориҳои асосӣ, сармоягузориҳои мустақим, сохтори рушди саноат, сиёсати минтақавии сармоягузорӣ, рақобатпазирӣ, сиёсати сармоягузорӣ, сохтори нокифояи иқтисодиёт, ҷойгиркунӣ, коопеpатсия.

# CURRENT SITUATION AND INCREASING ECONOMIC EFFICIENCY OF ATTRACTING INVESTMENTS IN AGRICULTURE OF TAJIKISTAN

**Kudratova Farzona Rustamovna** - candidate of Economic Sciences, of the “Finance” department of the Tajik state of financial-economics university. Address: Tajikistan, Dushanbe 735700, Nakhimov street 64/14 cell: +992 907022000, Email: farzona070489@mail.ru

**Nurmahmadova Rukhshona Mirmahmadovna** - specialist in science and innovation at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: Dushanbe 735700, Nakhimov Street 64/14, tel.: 936009779

This paper considers issues of the Tajikistan agrarian economy industrial development. Trends, Tajik legitimacy of agricultural development, industrial transformation of agriculture state regulation are defined. In the paper meanwhile various forms of management in the agricultural sector development was analyzed. Also mentioned paper considers the situation of the technical base in agricultural sector, fixed assets input dynamics, and capital investments in agricultural sector injection, direct investments in the same sector of country is deeply analyzed.

**Key words:** investment potential, investments in the modern economy, capital investments, direct investments, structure of industrial development, regional investment policy, competitiveness, investment policy.

Современная экономическая ситуация в республике во многом определяется историческими особенностями развития ее хозяйственного комплекса. К началу проведения реформ республики подошла с грузом проблем, порожденных нерациональной структурой экономики, в том числе и в размещении производительных сил, в частности: преобладание отраслей тяжелой промышленности и их ориентация на выпуск продукции производственного назначения, что требовало кооперационных поставок материалов, и комплектующих изделий из других регионов, и стран СНГ, слабое использование в материальном производстве собственной сырьевой и ресурсной базы. При наличии на территории крупных запасов минеральных и нерудных материалов, топливно-энергетического потенциала Республики Таджикистан в основном со стороны цемент, известь, продукты, нефтепереработки, многие строительные материалы, а также покупала газ высокий удельный вес в структуре перерабатывающего комплекса и предприятий, оказавшихся в тяжелом положении после отмены госзаказа на их продукцию; размещение большинства работавших пищевых и перерабатывающих предприятий в городах, что обусловило повышение транспортных издержек в расчете на единицу продукции и создало дополнительную напряженность на рынке труда в сельской местности.

Современная экономическая ситуация в республике во многом определяется историческими особенностями развития ее хозяйственного комплекса. К началу проведения реформ республики подошла с грузом проблем, порожденных нерациональной структурой экономики, в том числе и в размещении производительных сил, в частности: преобладание отраслей тяжелой промышленности и их ориентация на выпуск продукции производственного назначения, что требовало кооперационных поставок материалов, и комплектующих изделий из других регионов, и стран СНГ; слабое использование в материальном производстве собственной сырьевой и ресурсной базы. При наличии на территории крупных запасов минеральных и нерудных материалов, топливно-энергетического потенциала Республики Таджикистан в основном со стороны цемент, известь, продукты, нефтепереработки, многие строительные материалы, а также покупала

газ высокий удельный вес в структуре перерабатывающего комплекса и предприятий, оказавшихся в тяжелом положении после отмены госзаказа на их продукцию; размещение большинства работавших пищевых и перерабатывающих предприятий в городах, что обусловило повышение транспортных издержек в расчете на единицу продукции и создало дополнительную напряженность на рынке труда в сельской местности.

Обеспеченность одного жителя, в том числе и сельского, сельскохозяйственными угодьями и пашней крайне мала по сравнению с другими регионами Республики Таджикистан (таблица 1).

**Таблица 1. - Динамика производства продукции сельского хозяйства на душу населения (кг)**

| Наименование продукции | Годы | | | | | 2022 в% к 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Зерно | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 161,8 | 169,4 | 119,7 |
| Картофель | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 106,2 | 108,4 | 101,5 |
| Овощи | 234,7 | 236,7 | 263,5 | 264,9 | 265,7 | 113,2 |
| бахчевые | 71,1 | 76,1 | 80,5 | 83,5 | 85,1 | 119,7 |
| Фрукты и ягоды | 49,6 | 51,4 | 49,7 | 45,3 | 74,0 | -94,8 |
| виноград | 26,8 | 26,8 | 25,4 | 27,3 | 28,0 | 104,5 |
| Мясо (в убойном весе) | 14,5 | 14,8 | 16,0 | 16,7 | 17,3 | 119,3 |
| Яйца (штук) | 49,9 | 78,7 | 104,5 | 107,4 | 108,2 | 2,2 раза |

*Источник: расчёты автора по данным Агентства по статистике при Президенте РТ. Сельское хозяйства. Д-2023. С-15.

Данные таблицы 1 показывают, что за последние годы в регионе обеспеченность основными продуктами питания на душу населения в основном улучшились за исключениями фруктов и ягод, и молока. Обеспеченность овощного подкомплекса за 2018-2022гг. улучшились на 13,2% то есть ежегодно на 2,6% увеличилось обеспеченность овощами продуктами на душу населения. На наш взгляд данные темпы роста учитывая быстрый рост населения не соответствует стратегическим целям (табл.1).

Объем валовой продукции сельского хозяйства во всех категориях хозяйств январь 2023 года составил 874,4 млн. сомони, по сравнению с аналогичным периодом 2022 года составляет 105,7% (в сопоставимых ценах), в том числе объем продукции растениеводства составил 5,2 млн. сомони, или 95,3% и животноводства 869,2 млн. сомон 105,7% (табл.2).

**Таблица 2. – Валовая продукция сельского хозяйства, млн. сомони**

| Наименование | Объем валовой продукции за январь | Объем валовой продукции за 2 январь | январь 2023г. в % к | удельный вес в процентах | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | январю 2022г. | Общественные | общее-дехканск | Хозяйственные населения |
| Объем валовой | 972,6 | 874,4 | 105,7 | 18,8 | 6,4 | 74,8 |
| ГБАО | 13.5 | 13.4 | 103.0 | - | 1.9 | 98.1 |
| Согдийская область | 379.8 | 326.6 | 105.1 | 25.0 | 6.1 | 68.9 |
| Хатлонская область | 391.6 | 374.9 | 104.3 | 7.2 | 8.4 | 84.4 |
| РРП | 187.7 | 159.5 | 110.6 | 34.8 | 3.0 | 62.2 |
| растениеводства | 6,8 | 5,2 | 95,3 | 64,4 | 18,5 | 17,1 |
| ГБАО | - | - | - | - | - | - |
| Согдийская область | 1.6 | 1.5 | 124.3 | 56.3 | 26.5 | 17.2 |
| Хатлонская область | 5.0 | 3.5 | 102.0 | 68.1 | 15.2 | 16.7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| РРП | 0.2 | 0.2 | 22.9 | 63.1 | 14.5 | 22.4 |
| животноводства | 965.8 | 869.2 | 105.7 | 18.5 | 6.4 | 75.1 |
| ГБАО | 13.5 | 13.4 | 103.0 | - | 1.9 | 98.1 |
| Согдийская область | 378.2 | 325.1 | 105.0 | 24.8 | 6.0 | 69.2 |
| Хатлонская область | 386.6 | 371.4 | 104.3 | 6.6 | 8.3 | 85.1 |
| РРП | 187.5 | 159.3 | 111.2 | 34.7 | 3.0 | 62.3 |

*Источник: расчёты автора по данным Агентства по статистике при Президенте РТ. Социально-экономическое положение. Д-2023. С-162.

Анализ данных таблицы 2 показывает, что вес показатели производства сельскохозяйственных культур за 2018-2022 годы имеют тенденцию к росту. В этом контексте производства продукции овощеводства за этот период составил 23,2%, что является на очень высокий показатель.

Изменения, произошедши в соотношении двух основных отраслей сельского хозяйства в сторону усиления роли растениеводства, носят общий для всей страны характер, и обусловлены более высоким уровнем трудоемкости и затрат продукции отраслей животноводства. В валовой структуре сельского хозяйства доля растениеводства за период 2018-2022 гг. возросло.

**Таблица 3. - Динамика производства основных видов сельскохозяйственной продукции сельского хозяйства в Республики Таджикистан за 2018-2022гг. (тонн)**

| Наименование продукции | Годы | | | | | 2022 в% к 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Зерновые и зернобобовые (включая кукурузу на зерно) | 1933524 | 1647637 | 1895421 | 1926067 | 1952000 | 110,0 |
| Хлопок сырец | 300342 | 403008 | 396015 | 388804 | 403230 | 134,3 |
| Картофель | 964643 | 994433 | 1022545 | 1041316 | 1105400 | 114,6 |
| Овощи | 2119392 | 2182556 | 2479360 | 2597577 | 2610180 | 123,2 |
| бахчи | 641784 | 701263 | 756962 | 818829 | 8700050 | 135,3 |
| мясо | 261927 | 272521 | 300182 | 327720 | 351520 | 134,2 |
| молоко | 983053 | 1000563 | 1020978 | 1042612 | 1105360 | 112,4 |
| Яйца ты. тонн | 450284 | 725695 | 963065 | 1053450 | 1081230 | 2,4раза |
| шерсть | 7638 | 7771 | 8017 | 8152 | 8740 | 114,4 |

*Источник: расчёты автора по данным Агентства по статистике при Президенте РТ. Сельское хозяйства. Д-2023. С-139-160.

В январе 2023 года инвестиций в основной капитал за счет всех источников финансирования использовано в объеме 761,4 млн. сомони или составил 144,3% к январю 2022г. (в сопоставимых ценах).

**Таблица 4. - Поступление инвестиций в январе 2022-2023гг по регионам**

| Регионы | инвестиции в основной капитал, млн. сомони | | удельный вес регионов в общем объеме инвестиций в % к итогу января | |
|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2023 | 2022 | 2023 |
| Республика | 530,8 | 761,4 | 100,0 | 100,0 |
| ГБАО | 14,9 | 0,8 | 2,8 | 0,1 |
| Хатлонская область | 106,5 | 100,6 | 20,1 | 13,2 |
| Согдийская область | 80,8 | 88,6 | 15,2 | 11,6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| г. Душанбе | 215,9 | 215,4 | 40,7 | 28,3 |
| РРП | 112,7 | 356,0 | 21,2 | 46,8 |

*Источник: расчёты автора по данным Агентства по статистике при Президенте РТ. Социально-экономическая деятельность. Д-2023. С-172.

Поступление инвестиций в январе 2023 года по регионам составляет: ГБАО - 0,8 млн. сомони, или 0,1%, Хатлонская область - 100,6 млн. сомони (13,2%), Согдийская область - 88,6 млн. сомони (11,6%), г. Душанбе - 215,4 млн. сомони (28,3%), РРП - 356,0 млн. сомони или 46,8% от объема инвестиций в республике.

По мнению авторов, можно сделать выводы, что проведенный анализ показывает, аграрный сектор экономики Республик Таджикистан имеет высокий потенциал роста. Развитие АПК может способствовать решению финансово-экономических и социальных проблем республики (высокий процент сельского населения, низкий уровень занятости, оплаты труда и др.). Повышение конкурентоспособности продукции АПК возможно на основе роста продуктивности животноводства, внедрения современных технологий выращивания сельскохозяйственных культур и их переработки. На наш взгляд мясомолочное производство, фрукты, овощи — наиболее перспективные направления для развития сельского хозяйства, отвечающие долговременным тенденциям развития станы и мирового рынка. Природные особенности республики благоприятны для развития яков, эта под отрасль может стать одним из перспективных направлений развития животноводства в горных районах.

Привлечения инвестиций в сельское хозяйство Республики Таджикистан показал, что, хотя наблюдается общее увеличение инвестиций в основной капитал, в сельском хозяйстве оно не прослеживается. В рамках региональной инвестиционной политики принимаются различные меры по привлечению инвестиций в сельское хозяйство и другие сектора экономики, но достигнутые при этом положительные результаты еще недостаточны, поэтому работа над совершенствованием инвестиционного процесса и поиском новых путей привлечения капитала должна быть продолжена.

**Литература**

1. Мирсаидов А.Б. А. Аврорзода. Институциональное обеспечение процесса воспроизводства в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан// Экономика Таджикистан – 2018, №4, с. 23-33.

2. Кодиров, Ф. А. Инвестиционная деятельность в региональном агропромышленном комплексе Республики Таджикистан: некоторые проблемы и пути их решения / Ф. А. Кодиров, Т. Т. Файзуллоев // Вестник БИСТ (Башкирского института социальных технологий). – 2016. – № 1-2(30). – С. 54-59. – EDN VYTUHN.

3. Кошонова М.Р., Кудратова Ф. Р. Оценка экономической эффективности инвестиций Республики Таджикистан /вестник финансово-экономический Кошонова М. Р., Кудратова Ф. Р. -ТФЭУ Душанбе- 2022, – С –336.

4. Кудратова Ф. Р. Инвестиция в аграрный сектор Таджикистан: эффективное направление и его перспективы. Учебное пособие / Кудратова Ф. Р. -ТФЭУ Душанбе. Инфон - 2021, – С – 160.

5. Кудратов Р.Р. Национальный успех Таджикистана зависит от АПК / Р.Р. Кудратов, Х. Гафуров, Б. Дмитров, Ш. Акрамов, Г. Сафаров. – Душанбе, 2003. – 138 с.

6. Кудратов Р.Р Инвестиция – основа повышения эффективности сельскохозяйственного производства. Душанбе, из-во «Статус» 2005, с-120.

## ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРИИ МИНТАҚА

**Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович** - муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14, Тел.: (+992) 931 52 55 22, e-mail: Jonibek-010188@mail.ru

**Муқимов Ҷамолиддин** - магистранти курси 2-юми ихтисоси молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Тел.: (+992) 902116615

Дар мақола заминаҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ, алалхусус муайян кардан ва сафарбар намудани имкониятҳои молиявии минтақа ҳамчун объекти таҳқиқотӣ баррасӣ мегардад.

Дар мақола шароит ва хусусиятҳои ташаккули иқтидори сармоягузории ноҳиявӣ ҳамчун омили таъсисдиҳандаи тараққиёти босуботи минтақавӣ баррасӣ карда мешавад. Усул ва равияҳои омӯзишию таҳлилии вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо тавассути ба эътибор гирифтани имкониятҳои худи ноҳияҳо мавриди истифода қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои бадастомадаро метавон дар ҷараёни коркарди санадҳои меъёриву ҳуқуқии нав ва ворид намудани тағйирот ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунанда, дар фаъолияти ҷорӣ ва дурнамои иқтидори сармоягузории минтақаҳои кишвар, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ истифода намуд.

**Калидвожаҳо:** низоми сармоя, иқтидори сармоягузорӣ, захираҳои молиявӣ, захираҳои зеҳнӣ, хавфҳои сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, фазои сармоягузорӣ, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, сармоягузории давлатӣ, сармоягузории ташкилотҳо, сармоягузории аҳолӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

## МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИЗУЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕГИОНА

**Зубайдов Джонибек Иброхимович** - старший преподаватель кафедры финансы Государственного финансово-экономического университета Таджикистана, г. Душанбе, ул. Нахимов, 64/14,Тел.: (+992) 931 52 55 22, e-mail: Jonibek-010188@mail.ru

**Мукимов Джамолиддин** - магистр 2-го курса по специальности финансы Государственного финансово-экономического университета Таджикистана, Тел.: (+992) 90211661

В статье рассматриваются предпосылки формирования инвестиционного потенциала, в частности определение и мобилизация финансовых возможностей регтона в качестве объекта исследования.

В статье рассматрываются условия и особенности инвестиционного потенциала региона как фактор и возможности устойчивого регионального развития. Методы и подходы изучения и анализа социально экономического развития региона предопределяются с позиции мобилизации внутренных возможностей самих регионов.

Полученные результаты могут быть использованы в процессе разработки новых нормативно-правовых актов и внесения изменений в действующие нормативно-правовые акты, в текущей деятельности и перспективах инвестиционного потенциала регионов страны, в том числе районов республиканского подчинения.

**Ключевые слова:** система капитала, инвестиционный потенциал, финансовые ресурсы, интеллектуальные ресурсы, инвестиционные риски, макроэкономические показатели, инвестиционный климат, инвестиции в основной капитал, государственные инвестиции, инвестиции организаций, инвестиции населения, инвестиционные проекты

## METHODOLOGICAL ASPECTS OF STUDYING THE INVESTMENT POTENTIAL OF THE REGION

**Zubaidov Jonibek Ibrohimovich** – Senior teacher of the Department of Finance, The Tajik StateFinance and EconomicsUniversity. Address: 64/14, Nakhimova street, Dushanbe, 734067,Tel.: (+992)931 5255 22. E-mail: jonibek-010188@mail.ru.

**Mukimov Jamoliddin.** – 2 nd year Master's degree in Finance from the State University of Finance and Economics of Tajikistan, Tel.: (+992) 902116615

The article examines the prerequisites for the formation of investment potential, in particular, the identification and mobilization of the financial capabilities of the region as an object of research.

The article is considered the conditions and features of the investment potential of the region examines as a factor and conditions of sustainable regional development. The methods and approaches of studying and analysing the socio-economic development of a region are predetermines from the position of mobilizing the internal capabilities of region.

The results obtained can be used in the process of developing new regulatory legal acts and making changes to existing regulatory legal acts, in the current activities and prospects of the investment potential of the country's regions, including Areas of republican subordination.

**Keywords:** capital system, investment potential, financial resources, intellectual resources, investment risks, macroeconomic indicators, investment climate, investments in fixed assets, public investments, investments of organizations, investments of the population, investment projects.

Дар шароити муосири иқтисоди миллӣ ва минтақаҳо истифода аз шаклҳои нави хоҷагидории ба инноватсия асосёфта шарти муҳимми тақвияти иқтидори сармоягузорӣ мебошад. Интихоби ин ё он нишондиҳандаи рушд дар шароити тақвияти таъсири омилҳои тағйирёбандаи дорои хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва миллӣ анҷом мепазирад. Дар раванди омӯзиши масъала маълум мегардад, ки арзёбии сифати иқтидори сармоягузории минтақа зарурати таҳқиқро ба миён овардааст. Ба назари мо, сифати иқтидори сармоягузориро на танҳо дар ҳамбастагӣ бо ҳадафҳои сиёсати сармоягузории минтақа, балки дар алоқамандии бевосита бо раванди татбиқи онҳо баррасӣ кардан зарур аст. Чунин мавқеъ аз моҳияти сармоя маншаъ гирифта, на амали яккаратаи сармоягузорӣ, балки ҳамчун раванди дорои муддати муайян ва нишондиҳандаи тағйирёбанда ба шумор меравад. Бинобар ин, аз андешаи Г.В. Деружинский ҷонибдорӣ мекунем, ки ӯ бар он ақида аст, ки ҳолати мазкур, «лаҳзаи муайяни вақт, ҳамзамон дар ҳоли тағйирёбӣ бо нишондиҳандаҳои алоҳидаи қисмҳо ва тамоми маҷмуи ин раванди сармоягузорӣ бояд таҳқиқ карда шавад». Ҳамин тавр, бо мақсади идоракунии муфид, ҳамоҳангсозии омилҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ташкилӣ-идорӣ муайянкунанда баромад мекунанд.

Ҳангоми шарҳи омили молиявӣ навъ ва муҳлати сармоя, инчунин кифояти захираҳои худӣ ва ҷалбгардидаро барои истифода дар раванди сармоягузорӣ ба муҳлати

тарҳрезишуда асос мекунанд. Дар ин сурат, омили муайянкунандаи арзёбии ҳадафҳои раванди сармоягузорӣ самарабахшии он маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, шароити моддию техникӣ ба унвони заминаи шаклгирии иқтидори сармоягузорӣ баромад намуда, дарбаргирандаи маҷмуи захираҳоест, ки инъикосгари мушахассоти моддии он буда, дар раванди сармоягузорӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дода мешавад.

Аз ин ҷо, дар баробари миқдор, инчунин арзёбии нишондиҳандаҳои сифатии онҳо барои расидан ба ҳадафҳои фаъолияти сармоягузорӣ хеле муҳим аст. Чунки онҳо, аз рӯи қоида, фақат бо ифодаи миқдорию арзишӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки шароити моддию техникӣ бо технологияҳои нав ва пешрафти техникӣ робитаи бевосита дошта, ба андозаи бештар сифати иқтидори сармоягузорӣ ва татбиқи онро дар низоми иқтисоди минтақа инъикос мекунанд.

Унсури иттилоотии иқтидори сармоягузорӣ омили ёрирасон буда, бештар хусусияти сифатии тамоми иқтидори сармоягузории минтақаро муайян мекунад. Дар ин ҳолат суръат ва вақти муносиби ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли иттилоот ба истифодабарандагони ниҳоӣ барои идораи самараноки амалӣ ва стратегии иқтидори сармоягузорӣ, инчунин хосиятҳои худи иттилоъ ҳам муҳим мебошанд. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, сифатҳои муҳимми иттилоот ва имкони қабули он аз ҷониби истифодабаранда, инчунин фоидаи он барои қонеъсозии талаботи иттилоотӣ оид ба андоза, сарчашма ва шаклҳои сармоягузории минтақавӣ мебошанд.

Ҳангоми тавсифи омили кадрӣ нақши самти иҷтимоии тамоми раванди танзими давлатии иқтисодиёт баланд мешавад ва ин дар барномаҳои мақсадноки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа инъикос меёбад. Ба ин восита, дар ҳама равандҳои иқтисодӣ инсон воҳиди асосию калидӣ маҳсуб мешавад. Ҳамзамон, дар ташакулёбии иқтидори сармоягузорӣ сафарбар кардани унсурҳои алоҳидаи иқтидори сармоягузорӣ, аз қабили захираҳои табиӣ ва дуруст ташкил намудани истифодаи онҳо аҳаммияти калон дорад. Дар ин робита олимон чунин мешуморанд, ки нақши чунин унсурҳо дар баррасии маҷмуи масъалаҳои марбути ташаккулёбии сармоягузорӣ ба иқтисоди минтақа хеле муҳим аст. Шароити ташкилию идории иқтидори сармоягузории минтақа то андозаи муайян низомсоз аст. Низоми молиявӣ ва иттилоотӣ шарти ҳаракаткунандаи моддию техникӣ ва кадрӣ мебошад. Унсури ташкилӣ-идоракунӣ нисбат ба онҳо нақши пайвандгариро бозида, тамоми шароитро ба низоми ягона - низоми иқтидори сармоягузории минтақа муттаҳид мекунад. Сифати иқтидори сармоягузории минтақа ба омили ташкилию идоракунӣ вобаста аст. Яъне сифати иқтидори сармоягузории минтақа маҷмуи тамоми хусусиятҳои иқтидори сармоягузорӣ буда, он дар татбиқи ҳадафҳои гузошташуда ва имконпазири стратегӣ ва тактикии сармоягузорӣ барои рушди иқтисоди минтақа аз ҳисоби ташаккули иқтидори сармоягузорӣ таъсиргузор аст.

Бо шарҳи мафҳуми сифат ва баррасии он дар доираи объекти иқтидори сармоягузорӣ таърифи истилоҳи «сифати иқтидори сармоягузорӣ» ба вуҷуд меояд. Онро минбаъд бо хосиятҳои сохтори соҳавӣ ҳамчун омили минтақавии иқтидори сармоягузорӣ такмил додан мумкин аст. Дар баробари ин, пайдоиши хосиятҳои иловагии сохторию нишондиҳандаҳои иқтидори сармоягузории минтақа, аз қабили хосиятҳои дорои вобастагии зерсохторӣ, қонунгузорӣ, маъмурӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ, соҳавӣ низ дар назар аст. Дар маҷмуъ, онҳо шакли тамоми омилҳои иқтидори сармоягузории минтақаро таъсис медиҳанд, ки боиси нобаробарии тақсими захираҳои сармоягузорӣ дар ҳудуди минтақа ва шароити ташаккули иқтидори сармоягузории минтақа ҳисобида мешавад.

Барои татбиқи босамари раванди идоракунӣ як қатор талабот, аз ҷумла маҷмуӣ, универсалӣ, содагии тавзеҳ ва ягонагии тафсир бояд риоя гардад, зеро он усулҳои арзёбии сифати иқтидори сармоягузориро дар асоси методҳои гуногун мавриди таҳлил қарор медиҳад. Заминаи методологии чунин таҳлил ва арзёбии сифати иқтидори сармоягузорӣ бо таъсири омилҳои гуногун шакл мегирад. Тибқи ақидаи маъмул, аз як тараф, усулҳои арзёбии сифати иқтидор ба моҳияти ин мафҳуми таҳлил вобастаанд. Асоси арзёбии сифати иқтидори сармоягузориро нишондиҳандаҳои миқдории воқеии онҳо аз рӯйи тафсири якхела ташкил медиҳанд. Чунин ҳолат бештар имкони муқоисаи объектҳои мухталифро аз лиҳози сифат муҳайё мекунад. Равиши дигари арзёбии иқтидори сармоягузорӣ аз он иборат аст, ки таъсири мафҳумҳои объекти арзёбишаванда ба эътибор гирифта намешавад. Чунин ҳолат дар мавриди таҳлил тибқи хосиятҳои сифатӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, аз рӯйи равиши методологии арзёбии сифат дар ҷараёни сармоягузорӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки зимни таҳқиқи мафҳуми иқтидори захиравии минтақа ҷанбаҳои методии ташаккули иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа низ аҳаммияти махсуси таҳлилӣ дорад. Аз ҷиҳати методологӣ рушди минтақаҳо ва арзёбии натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз омилҳои гуногун вобастагӣ доранд. Масалан, ба андешаи Е.А. Колесниченко ва Н.Н. Нестерова омилҳои табиию таърихӣ ва сиёсию иқтисодӣ гуногунрангии иҷтимоию иқтисодии фароҳамшудаи минтақаҳо ва ҳудуди онҳоро муайян мекунанд. Илова бар ин, тибқи ақидаи М.А. Багомедов «дар шароити муосир минтақаҳое, ки аз лиҳози бозорӣ муваффақ мебошанд, дар онҳо ҷолибияти сармоягузорӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин мегардад». Масъалаҳои арзёбии иқтидори захиравӣ дар фаъолияти илмии мутахассисон мавқеи муайянро ишғол мекунад. Мутобиқи ин унсурҳои асосии иқтидори захиравии минтақа барои истифодаи нишондиҳандаҳои мухталиф имкон медиҳанд. Дар қисмати усулҳои мушаххаси арзёбии ҷолибии сармоягузорӣ рейтинги қарзӣ, махсусан низоми арзёбии созмонҳои эътирофшудаи ҷаҳон нақш мебозанд.

Дар раванди баҳогузории рейтингӣ мақоми махсусро коркарди методикаи пешниҳодкардаи муҳаққиқони Россия мегирад. Аз ҷумла методикаи мураттаби кормандони Институти иқтисоди Академияи илмҳои Россия. Бояд қайд намуд, ки истифодаи маҷмуи омилҳо ҷолибияти сармоягузории минтақаро бо дарназардошти таъсири омилҳо ифода мекунад. Чунин омилҳо аз иқтидори захираҳои табиӣ-захиравӣ; демографӣ; иқтисодӣ; сатҳи рушди иқтисодӣ; фаъолии иқтисодӣ; сатҳи зиндагии аҳолӣ; вазъи молиёти минтақа иборат аст.

Ба ақидаи Е.А. Колесниченко ва Н.Н. Нестерова, «чӣ қадаре, ки минтақа аз ҷиҳати сармоягузорӣ ҷолибтар бошад, ҳамон андоза фаъолии сармоягузории он бештар мешавад». Ба назари мо, муваффақшавӣ аз рӯйи арзёбии макроиқтисодии иқтидори захиравии минтақа натиҷаи нисбатан умумӣ дар сатҳи минтақа буда, бештар бо нишондиҳандаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) бояд баҳогузорӣ карда шавад. Бинобар ин, дар зери мафҳуми иқтидори захиравии минтақа чунин андозаи МММ фаҳмида мешавад, ки дар шароити захираҳои мавҷудаи минтақа ҳосилшаванда ва дар сатҳи миёнаи самаранокии истифодаи захираҳои дахлдори кишвар дастрас мебошад. Вобаста ба ин, ҳангоми баҳодиҳии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) ва омилҳои таъсиррасон аз усулҳо ва муодилаҳои эконометрикӣ истифода бурдан зарур аст, ба мисли:

$$\text{МММ} = \sum_i Z_i R_i + \varepsilon \quad (1.)$$

дар ин ҷо МММ - маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, $Z_i$- самаранокии хусусии захираҳо, $R_i$– миқдори захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, ε - омилҳои дигари таъсиррасон мебошанд.

Аз нуқтаи назари методӣ истифодаи нишондиҳандаи умумии арзёбии иқтидори захираи минтақавии пешниҳодкардаи Т.А. Якушкина - «Индекси иқтидори захиравӣ» (IRP) ниҳоят муҳим мебошад, ки нишондиҳандаҳои хусусии зеринро дар бар мегирад: рушди иқтидори инсонӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва табиию экологӣ. Дар ин замина, таҳқиқи нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи иқтидори захиравии минтақа имконияти таъсиррасонии нишондиҳандаҳои таркибиро ба сохтори индекси иқтидори захиравӣ ва арзёбии рушди сармоягузории минтақа тасдиқ мекунад.

Яъне зарурати арзёбии иқтидори сармоягузории минтақа ва таҳлили таърифи он имкон медиҳад, ки камбудии усулҳои мавҷуда муайян карда шуда, роҳҳои такмили усули омилии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа барои таҳқиқ пешниҳод карда шавад.

**Адабиёт**


1. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021, №358.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 1299.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
4. Кошонова, М. Р. Модели регрессионии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ ва роҳҳои такмили он дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ / М. Р. Кошонова, Ҷ. И. Зубайдов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 18-28. – EDN SUOUEY.
5. Деружинский, Г.В. Методологические аспекты оценки качества инвестиционного потенциала региона [Текст] / Г.В. Деружинский //Экономический вестник Ростовского государственного университета. – 2008. - Том 6. - №1 Часть 2. - С.106-111.
6. Колесниченко Е.А. Методические аспекты оценки ресурсного потенциала региона//Гуманитарные науки. Экономика. Вестник ТГУ, выпуск 6 (122), 2013 с.20-25 (Электронный научный журнал). Режим доступа: https://cyberleninka.ru/search?q (дата обращения: 13.09.2021).
7. Багомедов, М.А. Методологические подходы к анализу ресурсного потенциала экономики отстающих регионов [Текст] / М.А. Багомедов // Вопросы структуризации экономики. - 2011. - № 2. (1) - С. 4-13.
8. Инвестиционный климат в России: опыт оценки и пути улучшения: доклад экспертного института // Вопросы экономики. - 1999. - № 9. - С. 57-67.


## НАҚШИ ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ ДАР РУШДИ КОРХОНАҲОИ МАМЛАКАТ


**Сафаров Шукрулло Шафоатович** – муаллими кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.

**Сафаров Мирзошафоат Шукруллоевич** – магистранти курси 1-уми ихтисоси фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.



Дар макола масъалаи баланд бардоштани самаранокии истифодабарии фондҳои асосӣ ва иқтидори истеҳсолии корхона, ки хамчун вазифаи муҳиму аввалиндараҷаи иқтисодиёт ба шумор меравад, маълумот дода шудааст. Вобаста ба фаъолияти онҳо дар ҷараёни истеҳсолот, тартиби гузаронидани арзиши худ ба маҳсулот, тағйирпазирии табиӣ

онҳо ба фондҳои истеҳсолӣ ҷудо мешаванд, ки накши худро дар таъмини устувори ва афзун гардонидани вазъи истехсолию молиявии корхона таъсир мерасонанд.

**Калидвожаҳо:** устуворнокии молиявӣ, таҳлили молиявӣ, даромаду хароҷоти корхона, қобилияти қарзтавоноии корхона, қобилияти ҳисоббаробаркунӣ, пардохтпазирии дороиҳо, воситаҳои худию қарзӣ.

## РОЛЬ НЕМАТЕРИАЛЬНЫХ АКТИВОВ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИЯТИЙ СТРАНЫ

**Сафаров Шукрулло Шафоатович** – преподаватель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14.

**Сафаров Мирзошафоат Шукруллоевич** – магистрант 1-го курса специальность банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

В статье отмечается проблемы повышения эффективного использования основных фондов и производственного потенциала предприятий, который считается одним из актуальных фунций и приоритетность экономики. В зависимости от их деятельности в процессе производства, порядок переноса своей себестоимости в продукций и естественной изменчивости будет переводится в производственные фонды, который носят свою роль в обеспечение устойчивости и увеличение производственно-финансовой возможности предприятий.

**Ключевые слова:** финансовая устойчивость, финансовый анализ, доходы и расходы предприятия, кредитоспособность предприятия, платежеспособность предприятия, ликвидность активов, собственные и кредитные ресурсы.

## THE ROLL NONMATERIAL ASSETS IN DEVELOPMENT FACTORY COUNTRY

**Safarov Shukrullo Shafoatovich** – lecture of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economic. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14.

**Safarov Mirzoshafoat Shukrulloevich** – Magister 1-st course specialization banking activity Tajik State University of Finance and Economic. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14.

Problems incries effisiensy using main equepment and product potencion factory is one actualy function preority economic. In depend there are activity in prodution prossesing, critation transfert own calculation to product and naturial changing will be transfert in production fonding, wich make own roll in provied stability and incries condition prodution and financial factores.

**Key words:** financial stability, financial analysis, income and expenses of the enterprise, creditworthiness of the enterprise, solvency of the enterprise, liquidity of assets, own and credit resources.

Фондҳои асосии истеҳсолӣ - ҷузъи воситаҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки дар якчанд марҳалаҳои пурраи истеҳсолӣ иштирок намуда, шакли табиии худро тағйир намедиҳанд ва арзиши худро ба маҳсулот қисм-қисм (вобаста ба меъёри фарсудашавӣ) мегузаронанд.

Дар қатори фондҳои асосии истеҳсолӣ дар корхона инчунин фондҳои асосии ғайриистеҳсолӣ мавҷуданд. Ба онҳо хонаҳои истиқоматӣ, муассисоти бачагона, таълимӣ, тандурустӣ, варзишӣ ва дигар иншооти хадамоти маданӣ-маишии дар тарози корхона буда мансубанд. Фарқияти фондҳои асосии ғайриистеҳсолӣ аз фондҳои истеҳсолӣ дар он аст, ки онҳо дар ҷараёни истеҳсолот иштирок намекунанд ва арзиши худро ба маҳсулот бевосита намегузаронанд. Фондҳои ғайриистеҳсолӣ дар корхона вазифаи мусоидат кардан ба рафти ҷараёни истеҳсолотро мебозанд.

Ба сохтори намудии фондҳои асосии истеҳсолии корхона бештар чунин омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1) хусусияти маҳсулоти истеҳсолшаванда;
2) ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот;
3) дараҷаи автоматикунонӣ ва механикикунонӣ;
4) дараҷаи махсусгардонӣ ва кооператсиякунонӣ;
5) шароити иқлимиву ҷуғрофии корхона.

Самтҳои асосии беҳбуд бахшидан ба сохтори фондҳои асосии истеҳсолӣ инҳоянд:

- навкунӣ ва таҷдиди таҷҳизоти истеҳсолӣ;
- такомули таркиби таҷҳизот аз ҳисоби афзудани ҳиссаи намудҳои пешрафтаи мошину дастгоҳҳо;
- истифодаи беҳтари бинову иншоот, гузоштани дастгоҳҳои иловагӣ дар майдонҳои холии истеҳсолӣ;
- коркарди дурусти лоиҳаҳои сохтмонӣ ва иҷрои баландсифати нақшаи сохтмонии корхонаҳо;
- аз истеҳсолот баровардани тачҳизоти нодаркору камистифода ва ба ҷои онҳо чойгир кардани дастгоҳҳои лозима.

Дар идоракунии иқтисодиёти корхонаҳо баҳодиҳии фондҳои асосй мавқеи махсусро ишғол мекунад. Баҳодиҳии фондҳои асосӣ бо мақсади муайян намудани тағйирёбии арзиши сармояи асосӣ, муайян намудани меъёри истеҳлок ва андозҳо, интихоб намудани шароитҳои фурӯш ё ба иҷора додани фондҳо ва ҳалли дигар масъалаҳои иқтисодии корхона, зарур аст.

Баҳисобгирии фондҳои асосӣ дар шаклҳои воқей (натуралй) ва арзишӣ сурат мегирад.

Баҳодиҳии воқеии фондҳои асосӣ миқдори мошинҳо, ҳосилнокии онҳо, иқтидор, масоҳати майдонҳои истеҳсолӣ ва дигар ченакҳои миқдори муқаррар карда мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо барои ҳисобкунии иқтидори истеҳсолии корхона ва соҳа, тарҳрезии барномаи истеҳсолӣ, тартибдиҳии баланси таҷҳизот заруранд. Бо ҳамин мақсад ба рӯйхатгирй ва паспорткунй, ҳисобгирии даромаду баромади таҷҳизот гузаронида мешавад.

Дар таҷрибаи хоҷагидории корхонаҳо намудҳои зерини арзишии баҳодиҳии фондҳои асосии истеҳсолиро истифода мебаранд:

- ибтидоӣ (балансӣ); -барқароркунӣ; -бақиявӣ; -барҳамдиҳӣ; миёнасолона.

1.Арзиши ибтидоӣ ин арзиши (нархи) хариди намуди муайяни фондҳои асосй (дастгоҳ ё асбоб) бо хароҷоти интиқол, васл кардан ва дигар хидматрасониҳои пас аз фурӯш

мебошад. Ин арзиш бо нархҳое ифода мешавад, ки дар лаҳзаи хариди ҳамин воситаи меҳнат вуҷуд доштанд ва дар асоси ҳамин бузурги арзиш бақайдгирии унсурҳои фондҳои асосӣ, баҳисобгирии онҳо дар баланси корхона сурат мегирад. Аз ин рӯ, онро арзиши балансӣ низ мегӯянд.

2.Арзиши барқароркунӣ дар асосӣ хароҷоте, ки ба такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ дар замони ҳозира заруранд, муайян карда мешавад.

3.Арзиши бақия - ин арзиши ибтидоии фондҳои асосӣ тарҳи маблағи фарсудашавӣ мебошад. Маблағи фарсудашавӣ ҷамъи бардоштҳои истеҳлокии давраҳои пешинаи фаъолияти ҳамин унсури фондҳои асосист.

4.Арзиши барҳамдиҳӣ - ин арзиши фуруши фондҳои асосии фарсудашудаи аз истеҳсолот хориҷшуда (аксар маврид нархи шикает) мебошад.

5.Арзиши миёнаисолонаи фондҳои асосӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Фм = Фи(б) + \frac{Фч * ШМ1}{12} - \frac{ФБ * ШМ2}{12}$$

дар ин ҷо :

**Фм-** арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосии истеҳсолй (сомонй);

$Ф_и$ ($_б$) - арзиши фондҳои асосии истеҳсолии корхона дар оғози сол (сомонӣ);

Фҷ - арзиши фондҳои асосии воридшуда (сомонй);

шм1 - шумораи моҳҳои амали фондҳои асосии дар давоми сол воридшуда;

**Фб** - арзиши фондҳои асосии истеҳсолии дар давоми сол хориҷшуда (сомонй);

ШМ2 - шумораи моҳҳое, ки фондҳои асосии дар давоми сол хориҷшуда кор намекунанд.

Ҳалли ин масъалаҳо мавқеи корхонаро дар таъмин намудани талаботи бозор, истифодаи захираҳои истеҳсолй, вазъи молиявию ба рақобат тобоварии вайро дар бозор муайян мекунад.

Самтҳои асосии баландбардории кори бастии таҷҳизот чунинанд:

- баланд бардоштани дараҷаи махсусгардонии ҷойҳои корй, ки афзоиши гурӯҳи маҳсулот ва пуркории дастгоҳҳоро таъмин мекунад;
- таъмин намудани бефосилагии кор;
- кам кардани ноқисиҳои ташкили хизматрасонии чойҳои корй алоқаманд аст;
- ташкили беҳтари корҳои таъмирй, истифодаи усулҳои пешқадами корҳои таъмирй;
- механиккунонӣ ва автоматикунонии меҳнати коргарони асосй ва хусусан ёрирасон.

Бояд қайд намуд, ки истифодаи дороиҳои ғайримоддӣ дар рушди корхонаҳои мамлакат яке аз сарчамаҳои самаранокона истифодабарии фондҳои пулӣ барои ба даст овардани фоида ва ҳамчунин дар таҷрибаи хоҷагидории корхонаҳо омили асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**

1. Бегматов А.А., Давлатов Х.М., Зиёев З.М., Ҷурахонзода Б.Ҷ. Масъалаҳои муосири молиявӣ. Китоби дарсӣ. -Душанбе: 2020, – 389с.

2. Нуров Ш.С., Бегматов А.А., Сафаров Б.Г., Хоҷаев Д.Қ. Идораи хавфҳои молиявӣ. -Душанбе: ДДМИТ, 2019,- 320 с

3. Кодиров, Ф. А. Развитие системы финансового планирования промышленных предприятий на основе формирования системы бюджетирования / Ф. А. Кодиров // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 4-2. – С. 72-77.

4. Оймаҳмадов Г.Н. Сафаров Ш.Ш. Молияи.корхона, Китоби дарсӣ. -Душанбе: ДДМИТ, 2020,- 300

5. Оймаҳмадов Г.Н. Молия. Китоби дарсӣ. -Душанбе: ДДМИТ, 2020,- 300 с

## САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОННӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Пирова Меҳрангез Азизовна -** муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Наҳимов, 64/14, Тел: (+992)919022918. E-mail: Pirova.79@bk.ru.

**Саидмуродов Шаҳзод** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: [+992] 933-07-77-98. E-mail: shahzodjon0711@gmail.com

Дар мақола моҳият, сохтор ва хусусиятҳои асосии соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ-хоҷагидорӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Нишон дода шудааст, ки ҳамаи шаклҳои соҳибкории инноватсионӣ яке аз механизмҳои муҳими рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории инноватсионӣ, шаклҳои соҳибкории инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ, маблағгузорӣ.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Пирова Мехрангез Азизовна -** старший предпродователь кафедры финансы Государственного финансо-экономического университета Таджикистана, **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Нахимов, 64/14, Тел: (+992) 919022918.E-mail: Pirova.79@bk.ru.

**Саидмуродов Шахзод** – Таджикский национальный университет, магистр 1 курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: [+992] 933-07-77-98. E-mail: shahzodjon0711@gmail.com

Рассмотрены сущность, структура и основные свойства инновационного предпринимательства в современных социально-хозяйственных условиях. Показано, что инновационное предпринимательство во всех формах своего проявления потенциально является одним из важнейших механизмов развития экономики.

**Ключевые слова:** инновационное предпринимательство, формы инновационного предпринимательства, инновационный деятельность, финансирование.

## THE MAIN DIRECTIONS OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Pirova Mehrangez Azizovna** – Senior teacher of the Department of Finance, The Tajik State Finance and Economics University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, c.Dushanbe, Nakhimova street, 64/14, Tel: (+992) 919022918. E-mail: Pirova.79@bk.ru.

**Saidmurodov Shahzod** – Tajik National University, first year master`s student of Faculty of law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, c.Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone number: [+992] 933-07-77-98. E-mail: shahzodjon0711@gmail.com

The essence, the structure and the basic properties of an innovative entrepreneurship in the current socio-economic conditions. It is shown that an innovative entrepreneurship in all forms of its manifestation is potentially one of the most important economy development mechanisms.

**Key words:** innovative entrepreneurship, innovative forms of entrepreneurship, innovative activity, financing.

Яке аз омилҳои муҳими иқтисоди муосири ҷаҳонӣ гузариш ба марҳилаи сифатан нави рушди илмию техникӣ маҳсуб меёбад, ки бо пурзӯршавии рақобат дар арсаи глобалӣ дар асоси афзуннамоии фаъолнокии инноватсионӣ ва воридшавии инноватсия ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон тавсиф карда мешавад.

Тамоюлҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шумораи зиёди кишварҳо бо кӯшиши бошитоб устувор намудани рақобатпазирии худ тадриҷан аз рушди ба омилҳои истеҳсолот ва инноватсия асосёфта ба рушди ба фаъолияти инноватсионӣ асосёфта мегузаранд.

Имрӯз миёни як қатор олимони муосир (Г. Б. Клейнер, Н. Е. Егорова, Е. Р. Майн, В. Королев) ду модели рафтори соҳибкории агентҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст: классикӣ ва инноватсионӣ. [4, 5].

Модели якум ба зиёдкунии фоида ва ба даст овардани самараи зиёдтар аз ҳисоби захираҳои дар ихтиёрбуда дар асоси технологияҳои мавҷуда равона карда шудааст. Модели классикӣ вобаста ба воситаҳои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дорои ду навъ мебошад:

1) кӯҳнаю прагматикӣ (дар асоси истифодаи захираҳои истеҳсолии душвор ба кор даровардашаванда);

2) истеъмолӣ (дар асоси қонеъсозии нисбатан пурра, дақиқ ва суроғавии талаботи истеъмолкунанда).

Навъи кӯҳнаю прагматикии рафтор вазифаҳои муҳими ҷорӣ кардан ва рушди методҳои муосири пешбурди хоҷагидории бозориро иҷро менамояд (фарҳанг ва одоби бизнес, омодасозии кадрҳои соҳибкорӣ ва дигар). Он асосан ҷиҳати ташкил намудани инфрасохтори зарурии бозор мусоидат менамояд.

Модели дуюм ба дарёфти технологияҳои нисбатан босамари коркарди захираҳо ва методҳои иқтисодии пешбурди хоҷагидорӣ равона карда шуда, ба зиёдшавии фоида, чун қоида, танҳо дарояндаи муайян оварда мерасонад. Дар ин ҳолат соҳибкор бо истифодаи захираҳои дохилӣ ва беруна бо ташкил намудани стратегияи нави рушди иқтисодӣ, ба зиммаи худ хавфҳои инноватсиониро мегирад, ки он бо фаъолияти навгонисозӣ алоқаманд мебошад. [3].

Модели инноватсионии рафтори соҳибкорӣ ба мамлакатҳои дорои иқтисодиёти пешрафтаи бозорӣ муҳим мебошад. Вале, бо назардошти ҳадафҳои стратегии дар Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 муқарраршуда барои ҷумҳурии мо низ, метавонад, аҳмияти калон дошта бошад, зеро барои амалишавии он иштироки давлат зарур мебошад. Маҳз инноватсияҳои технологӣ ва техникӣ - иқтисодӣ метавонанд самаранокии фаъолияти иқтисодии корхонаҳор баланд бардошта, дар навбати худ иқтисодиёти кишварро боло баранд. [2].

Омили инноватсионии баландбардории рақобатнокӣ  солҳои охир муҳимияти худро бештар намудааст. Маҳз фаъолгардонии он на танҳо баромадан аз бӯҳрони иқтисодии ватанӣ инчунин барои гузаштан аз марҳилаи рушди рақобатнок дар асоси омилҳои истеҳсолӣ, ба марҳилаи инвеститсионии рушди рақобатнок ва мутобиқгардонӣ бо марҳилаи инноватсионӣ (навҷорисозӣ) замина ба вуҷуд меорад. Барои таъмини баландбардории сатҳи омилҳои истеҳсолот, ки дар Тоҷикистон нисбатан маҳдуд мебошад, ҳаҷми калони сармоягузориро талаб менамояд. [1].

Ин гузариш ба марҳилаи навҷорисозӣ комилан асоснок карда шудааст, гарчанде гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дуюми рушд дар асоси сармоягузорӣ ин маблағгузорӣ на ба баланбардории рақобатнокии соҳаи алоҳида балки ба такрористеҳсоли одии онҳо мебошад.

Дар иқтисоди кишварамон имрӯзҳо сатҳи техникии аксарияти мутлаки фонҳои асосӣ нисбат ба дигар давлатҳои ҷаҳон хеле ақиб мондааст ва сарфи маблағ барои такрористеҳсоли онҳо -яъне кулан ба таъхир гузоштани қафомонии техникии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ бояд афзалияти рушди иқтисодиро дар асоси фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои базавии илмталаби хоҷагии миллӣ, ки муҳарики пешрафти иқтисодӣ  ҳисоб меёбад равона созем. Омилҳои истеҳсолот ва сармоягузорӣ на мақсад , балки воситаи илман асоснок кардашудаи фаъолияти инноватсионӣ ба шумор рафта, мақсади асосӣ ин инкишофи рушди техникӣ- иқтисодии кишвар ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Рушди соҳибкории инноватсионӣ ба равандҳо, иқдомҳо ва усулҳое ишора мекунад, ки тавассути ворид кардани технологияҳо, ғояҳои нав ва моделҳои корӣ ба иқтисодиёт ва ҷамъият суръат мебахшад. Ин раванд аҳамияти калон дорад, зеро он ба рушди иқтисодӣ, эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии бозор мусоидат мекунад.

Омилҳои асосии рушди соҳибкории инноватсионӣ:

1. Маълумот ва маҳорат: Дастрасии соҳибкорон ба маълумоти технологӣ ва дастгирии маъмурӣ, инчунин рушди маҳоратҳои эҷодӣ ва тадқиқотӣ.

2. Инфраструктураи инноватсионӣ: Платформаҳо, технопаркҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳо барои дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ.

3. Сармоягузорӣ: Фондҳои венчурӣ, грантҳо ва қарзҳо барои маблағгузории стартапҳо ва идеяҳои нав.

4. Дастгирии давлатӣ: Ташкили барномаҳои махсус, имтиёзҳои андозӣ ва меъёрҳои қонунгузории мусоид.

5. Шабакасозӣ ва ҳамкорӣ: Фаъолиятҳои муштарак байни донишгоҳҳо, муассисаҳои илмӣ, ширкатҳои хусусӣ ва ҳукумат.

6. Фарҳанги инноватсия: Ҳавасмандгардонии ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ дар ҷомеа.

Афзалиятҳои соҳибкории инноватсионӣ:

- баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот.
- ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва экологӣ.
- рақобатпазирии бештар дар бозори ҷаҳонӣ.
- ҷорӣ кардани маҳсулот ва хидматрасониҳои нав, ки ба талаботи замон ҷавобгӯянд.

Роҳҳои тақвияти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1. Мусоидат ба таҳсилоти инноватсионӣ: Таҳия ва иҷрои барномаҳои таълимӣ дар донишгоҳҳо ва мактабҳо.

2. Дастгирии стартапҳо: Эҷоди технопаркҳо ва марказҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо.

3. Интегратсия ба бозорҳои ҷаҳонӣ: Ташвиқ ва тавсеаи робитаҳо бо ширкатҳо ва сармоягузорони хориҷӣ.

4. Содда кардани расмиёти ҳуқуқӣ: Пешниҳоди имтиёзҳои махсус барои стартапҳо.

5. Ташкили чорабиниҳои илмию амалӣ: Намоишгоҳҳо, форумҳо ва озмунҳои соҳибкории инноватсионӣ.

Бо таваҷҷӯҳ ба талаботи замонавӣ, соҳибкории инноватсионӣ метавонад омили калидӣ дар рушди иқтисод ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2024. [Захираи электронӣ] // www.president.tj.

2. Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030

3. Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027

4. Егорова Е., Майн Е. Р. Малый бизнес в России: экономический анализ и моделирование. - М.: ЦЭМИ РАН, ИСЭПН РАН, с.1997.

5. Клейнер Г. Б. Стратегия предприятия. - М: Изд-во «Дело», с. 2008. – с.568.

6. Кодиров, Ф. А. Инновационная инфраструктура - основа развития промышленного предпринимательства / Ф. А. Кодиров // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 4(24). – С. 49-58.

7. Ҳамроев, М. И. Рақобатпазирӣ ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити саноат 4.0 / М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4-1(43). – P. 401-407. – EDN CJYDPD.

## НАҚШИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ахмедов Хушбахт Анварбегович –** муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Дар мақола оид ба ҷаҳонишавии муносибатҳои молиявӣ хусусан қарзи давлатӣ ва сармоягузорӣ маълумот дода шудааст. Аз ҷумла, нисбати идоракунии захираҳои молиявии давлат ва қарзи давлатӣ, бо истифода аз технологияи иттилоотӣ, барномаҳои рақамӣ ва дастгоҳу таҷҳизотҳои муосири электронӣ, ки раванди баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорату тақсимоти маблағҳои пулиро самара мебахшанд, таъкид карда шудааст. Инчунин бобати нақши иқтисоди рақамӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат иттилоъ дода шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** ҷаҳонишавӣ, захираҳои молиявӣ, қарзи давлатӣ, идоракунии қарзи давлатӣ, технологияи иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ, рушди иқтисодӣ ва ғ.

## РОЛЬ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Ахмедов Хушбахт Анварбегович –** старший преподаватель кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета.

В статье отмечается о глобализации финансовых отношений, особенно государственного долга и инвестиций. В частности, особое внимание уделяется управлению государственными финансовыми ресурсами и государственным долгом с использованием информационных технологий, цифровых программ и современных электронных устройств, и оборудования, которые обеспечивают эффективный процесс

учета, анализа, контроля и распределения денежных средств. Также информируется о роли цифровой экономики в экономическом и социальном развитии страны.

**Ключевые слова:** глобализация, финансовые ресурсы, государственный долг, управление государственным долгом, информационные технологии, цифровая экономика, экономическое развитие и др.

**THE ROLE OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE FINANCIAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Akhmedov Khushbakht Anvarbegovich** – senior lecture of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economic.

The article highlights the globalization of financial relations, especially public debt and investments. In particular, special attention is paid to the management of public financial resources and public debt using information technologies, digital programs and modern electronic devices and equipment that ensure an effective process of accounting, analysis, control and distribution of funds. It also informs about the role of the digital economy in the economic and social development of the country.

**Keywords:** globalization, financial resources, public debt, public debt management, information technology, digital economy, economic development, etc.

Бо рушди ҷаҳонишавӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ гардиши сармояи пулӣ пурзӯр гардида истодааст. Дар натиҷа, муомилоти селахои пули байни кишварҳо пурзӯртар шуда, хусусияти миллиро убур намуда ба муносибатхои фарохи молию пули берун аз марзхои кишвар истифода мешаванд. Рушди муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва бозори маблағгузории қарзӣ ба яке аз муҳимтарин алокаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Афзоиши сатхи гардиши байналхалкии захираҳои молиявӣ ба рушди пуршиддати бозори сармояи қарзӣ ва ташаккули муносибатҳои устувори қарзӣ байни давлатҳо мусоидат намуд. Афзоиш ёфтани қарзи берунии давлатӣ асосан бо ҷаҳонишавӣ алоқаманд аст, ки дар навбати худ рушди низоми қарзии байналмилалиро суръат мебахшад.

Ҷаҳонишавӣ ба раванди сармоягузорӣ мусоидат мекунад ва селаҳои нави молиявиро ба вуҷуд меорад, ки онхо зуд байни кишварҳо ҳаракат карда, сохтори муносибатҳои қарзӣ ва сармоягузориро ба куллӣ тағир медиҳанд. Дар таркиби ин захирахои молияви ва селаҳо метавонанд саҳмияҳо, ӯҳдадориҳои қарзи давлатӣ дар шакли карзи хориҷӣ ва карзи дохили ташаккул ёбанд. Содироти захирахо ва барориши ногаҳонии сармоя аз кишвар метавонад ба бӯҳрони иктисоди дар намудҳои алоҳидаи қарзи давлатӣ ё бӯҳрони ҷаҳонии қарз мусоидат кунад. Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавӣ таъсири назарраси худро дар рушди муносибатхои қарзи давлатӣ ифода менамояд.

Имрӯз қарзи давлатӣ қисми ҷудонашавандаи низоми молиявию иқтисодии ҳар як давлат мебошад. Аммо иқтисоддонҳои гузашта ба таърифи ин мафҳум муносибати гуногун доштанд. А. Смит ба категорияи карзи давлати хеле шубҳа дошт. Вай чунин мешуморид, ки "қарзи давлатӣ ба иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад ва онро ба кӯчаи яктарафа муқоиса кардан мумкин аст, ки дар холати ворид гардидан ба он куча имконияти бозпас гаштан намебошад". Дар ин замина, Д. С. Милл дар ҷалби сармояи хориҷӣ зарареро намедид, зеро ин сармоя ба ин ё он кишвар танхо дар холати мавчуд будани талаботи давлат ба он ворид мегардад.

Зарурати идоракунии қарзи давлатӣ аз талаботи доимии давлат ба захираҳои молиявӣ ба вуҷуд меояд. Барои бисёр кишварҳои қарзгиранда ин карзхо манбаи асосии пӯшонидани касри буҷет мебошанд. Аз ин рӯ, ҳар як давлате, ки қарздор аст ухдадор аст ин карзхоро хизматрасони намуда, барои кам кардани хароҷот ва хатарҳои имконпазир бо рохи таъмин намудани низоми самараноки идоракунии қарзи давлатӣ чорачуи намояд. Д. Л. Головачев раванди идоракунии карзро ҳамчун "ташаккули яке аз самтҳои сиёсати иқтисодии давлат, ки бо фаъолияти он ҳамчун қарзгиранда алоқаманд аст" тавсиф мекунад. Ин ба ташаккули сиёсат дар ин соҳа ва муқаррар намудани ҳудуди қарзи давлатӣ ва мақсаднокии ҷалби захираҳои иловагӣ вобастаги дорад. Ба маънои махдудтар, идоракунии қарзи давлатӣ гузаронидани чорабиниҳоро оид ба ҷойгиркунии ӯҳдадориҳои қарзӣ ва хизматрасонии қарзи давлати дарбар мегирад.

Бисёр кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки қарзи худро самаранок идора кунанд. Аксарияти кишварҳои созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) ҳадафи асосии идоракуниии карзро дар кам кардани хароҷот ва баҳисобгирии хавфхои эхтимоли алокаманд медонанд. Дар ин маврид барои амалигардонии вазифаи идоракунии карзи давлати ва умуман раванди ташаккул ва таксиму истифода намудани захирахои пулии давлат ва корхонаю ташкилотхо технологияи иттилооти ва истифода намудани барномаю воситахои техникии муосир, ки имконияти бахисобгири, коркард ва тахлилу назорати самараноки инкишофу интизоми молияви ва тамоюли устувори иктисодиро таъмин менамоянд, хеле мухим арзёби карда мешавад.

Бояд кайд кард, ки низоми пардохтхои электрони ва истифодаи барномаю дастгоххои худкор, ки ба таври мустаким ва хисоббарор амалиётхо ва пардохтхои пулию-молилиро анчом медиханд, имкон медиханд воридоти андозхо ва даромадхои пули, бочхо ва чаримахо, хариди мол ва хизматрасонихо аз чониби ахоли ва корхонаю ташкилотхо фавран, бо харочоти камтар, таъмини амният ва эътимоду бартараф намудани амалхои фасодкори ба рох монда шаванд.

Дар ҷаҳони муосир технологияҳои рақамӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд.

Иқтисодиёти рақамӣ чун маҷрои нави рушди иқтисодӣ дар асоси мубодилоти далелҳо, иттилоот дар реҷаи вақти воқеӣ пайваста бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, мувофиқан ниҳодҳо, заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва таҷрибаи соҳибкорӣ сурат гирифта, ба беҳтар шудани ҳосилнокии меҳнат, сатҳи зиндагӣ ва муҳити сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Афзалияти иқтисодити рақамӣ дар он аст, ки он муносибатҳои доир ба истеҳсоли маҳсулот, коркард, нигаҳдорӣ ва интиқоли он, саривақт ва самаранок истифодабарии иттилоот ва далелҳои афзояндаро дарбар мегирад.

Мо шоҳид ва иштирокчии бевоситаи гузариши модели анъанавии рушди иқтисодӣ ба модели инноватсиони мебошем. Иқтисодиёти рақамӣ тарзи комилан нави ҳаёт ва таҳқурсии рушди системаи идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, бизнес ва соҳаҳои иҷтимоиро ташаккул мебахшад. Гуруҳи коршиносон ба он ақида ҳастанд, ки раванди мушоҳидашавандаи “омезиш”-и технологияҳо ва “барҳамхӯрӣ”-и сарҳадҳои байни фазоҳои ҷисмонӣ, рақамӣ ва биологӣ ҷамъияти инсониро ба инқилоби чаҳоруми саноатӣ бурда мерасонад.

Иқтисодиёти рақамӣ ин натиҷаи самараи трансформатсионии технологияҳои нав дар соҳаи коммуникатсияи иттилоотӣ мебошад. Заминаи пайдоиши иқтисоди рақамиро ҷомеи иттилоотӣ ташкил медиҳад, ки он дар рушди бахши хизматрасонӣ ва иттилоот

нисбат ба сатҳи рушди истеҳсолоти моддӣ, тағйирёбии хусусияти фаъолияти инсон вобаста ба истифодабарии иттилоот ҳамчун омили муҳими иқтисодӣ ба назар мерасад.

Воқеан ҳам, дар замони муосир захираи иттилоотӣ захираи муҳими рушди иқтисодӣ гаштааст. Захираи иттилоотӣ имконият медиҳад, ки субъектҳои иқтисодӣ ҳадафҳои стратегӣ ва тактикаи ноилгардии онро муайян намоянд, механизмҳои идоракунии равандҳои такрористеҳсолиро ташкилу такмил диҳанд, хавфу хатар ва амнияти фаъолиятро тарҳрезӣ намоянд, ҳамоҳангсозии фаъолияти худро бо ҳамкору шарикон ба роҳ монанд ва хароҷоти транзаксионии худро паст намоянд.

Иқтисодиёти рақамӣ, ин пеш аз ҳама, чунин иқтисодиёте мебошад, ки дар асоси рушди технологияи иттилоотӣ, рушди тиҷорати электронӣ ва бизнеси рақамӣ рушд мекунад. Яъне, он чунин намуди иқтисодиёте мебошад, ки истеҳсоли мол, хизматрасонӣ ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ба таври рақамӣ амалӣ карда мешавад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад ва тавре ки мебинем, дар давлатҳои тараққикарда, маҳз ба сармояи инсонӣ такя мекунанд. Мувофиқи барномаҳои иқтисодӣ ва пеш аз ҳама мувофиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба модели нави иқтисодӣ қадам гузорад ва асоси ин модел рушди сармояи инсонӣ мебошад. Такя ба донишҳои нав ва аз худ кардани технологияи муосир, рушд додани хизматрасонии интернетӣ ва ҳамаи ин барои рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ заминаи устувор мегузорад.

Дар замони кунунии рушди технологияи муосир тамоми амалиёти иқтисодӣ ба таври электронӣ гузаронида мешавад. Иқтисодиёти рақамӣ шакли моддӣ надорад, он молро дигар карда наметавонад. Лекин истеҳсоли мол, хизматрасонӣ, тиҷорат ва ҳатто фармоиш додан ба таври электронӣ сурат мегирад.

Ҳамин тариқ пешравӣ ва рушду тараќиёти кишварро дар ҷаҳони муосир бидуни иқтисоди рақамӣ тасаввур кардан ғайри имкон мебошад. Зеро иқтисоди рақамӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии субъектҳои хоҷагидорӣ буда, ба ҳадафи стратегии сиёсати давлат мусоидат намуда, баҳри беҳтар намудани сифати зиндагии мардум равона карда мешавад. Зарурияти вокеи ва афзалияти амалисозии инфрасохтор ва заминахои моддию-техники ва ташкилию-молиявии ингуна иктисодиёт аз давлат ва бахши хусуси вобаста буда, метавонад ба рушди муносибатхои хочагидори, истехсоли ва ичтимоию тичоратии субъектони дохил ва хоричи мамлакат таъсири самарабахш гузорад.

**Адабиёт**


1. Селезнев А. З. Государственный долг и внешние активы: Учеб. пособие - М.: ИНФРА-М, 2012. - 284 с.
2. Мустафоқулов Доваршоҳ. Рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. -5 с.
3. Кодиров, Ф. А. Конкурентоспособность промышленных предприятий в контексте перехода к цифровой экономике / Ф. А. Кодиров, Е. Ш. Мирзоева // Финансово-экономический вестник. – 2022. – № 4-2(34). – С. 218-228.
4. Ҳисобот оид ба ҳолати қарзи давлатӣ дар соли 2024. – Душанбе, 2025 сол: ВМҶТ, 2024.-с.28.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2024 с., ш. Душанбе. http://president.tj/node/29823.

6. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Омори расмӣ. - Душанбе, 2022. – 534с.

## РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ-САРМОЯГУЗОРИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Иброҳимов Давлат Нодирхонович** - муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 985 90 74 74. E-mail: ibrokhimov 85@mail.ru.

Дарёфти роҳҳои нави рушди равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии он дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз проблемаҳои аввалиндарача дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар сатҳи зарурӣ аз ҳисоби равандҳои инноватсионӣ даромади соҳаи кишоварзӣ таъмин карда мешавад. Аз ин сабаб, таҳлили мавзуи мазкур барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ аҳамияти махсус дорад.

Дар хулосаи мақола муаллиф доир ба рушди равандҳои инноватсионӣ пешниҳодҳои мушаххас намудааст, ки дар амалия татбиқи онҳоро ба мақсад мувофиқ шуморидан мумкин аст.

**Калидвожаҳо**: инноватсия, соҳаи кишоварзӣ, кортҳои пардохтӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, қарздиҳии бонкӣ.

## РАЗВИТИЕ ИННОВАЦИОННО-ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

**Иброхимов Давлат Нодирхонович** - старшей преподаватель кафедры финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон: +992985 90 74 74. E-mail: ibrokhimov 85@mail.ru.

Поиск новых путей развития инновационных процессов в сфере сельского хозяйства и управления им в условиях рыночной экономики является одной из первоочередных проблем в сфере АПК. Благодаря этому доходы аграрного сектора обеспечиваются на необходимом уровне за счет инновационных процессов. По этой причине анализ данной темы имеет особое значение для развития аграрного сектора.

В заключении статьи автором сделаны конкретные предложения по развитию инновационных процессов, которые можно считать целесообразными для их реализации на практике.

**Ключевые слова:** инновация, сельское хозяйство, платежные карты, АПК, социальное развитие, экономическое развитие, инвестиция, банковское кредитование.

## DEVELOPMENT OF INNOVATIVE-INVESTMENT ACTIVITIES OF THE AGRO-INDUSTRY COMPLEX IN KHATLON REGION

**Ibrohimov Davlat Nodirhonovich -** Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 985 90 74 74. E-mail: ibrokhimov 85@mail.ru.

Finding new ways to develop innovative processes in the field of agriculture and its management in the conditions of the market economy is one of the primary problems in the field of agriculture. Due to this, the income of the agricultural sector is ensured at the required level due to innovative processes. For this reason, the analysis of this topic is of special importance for the development of the agricultural sector.

In the conclusion of the article, the author made specific suggestions on the development of innovative processes, which can be considered appropriate for their implementation in practice.

**Keywords:** innovation, agriculture, payment cards, agro-industrial complex, social development, economic development, investment, bank lending.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бахши аграрӣ яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Масъалаи калидии давраи ҳозираи рушди комплекси агросаноатӣ ин зарурати тезонидани пешравии илмӣ-техникӣ буда, асоси онро равандҳои инноватсионӣ ташкил медиҳанд. Рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ истифодаи маҷмӯии омилҳои илмии истеҳсолоту технология, ташкили иқтисодӣ ва идоракуниро барои таъмини устувории маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, дар назар дорад.

Нигоҳ накарда ба он, ки дар Тоҷикистони аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ соҳибистиқлол ба рушди пешрафти илмӣ-техникӣ, аз ҷумла, таъмини меъёрӣ-ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешуд, лекин то ҳол механизми иқтисодии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузории корхонаҳои бахши воқеии иқтисоди миллӣ, дар марҳилаи такмил ва ташаккул қарор гирифтааст. Рушди динамикии шароитҳои бозории фаъолият ва афзоиши доимии пешрафти илмӣ-техникӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба рушди технологӣ ва техникӣ-захиравии тамоми комплекси агросаноатии кишвар ва бахшҳои алоҳидаи он таъсири доимӣ мерасонад. Чунин ҷараён ва самти рушд мунтазам муккамалгардонӣ ва дигаргунсозии худи сиёсати инноватсионӣ ва механизми иқтисодии татбиқи онро тақозо мекунад. Таҳлили вазъ ва арзёбии фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии давлат аз он шаҳодат медиҳад, ки ин раванд сатҳи начандон баланди фаъолнокии инноватсионии субъектҳои хоҷагидори дорои иқтидори назарраси илмиро дорост.

Иқтидори илмӣ-инноватсионӣ бешубҳа қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи пешрафти илмӣ-техникӣ дар дилхоҳ соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Аммо дар комплекси агросаноатӣ, ки дар он ҷисмҳои зинда истифода бурда мешаванд, вобастагии назаррас аз шароитҳои табиӣ-иқлимӣ, сатҳи баланди рақобат ва маҳалликунонии ҳудудии фаъолияти хоҷагидорӣ, мавҷуд будани фосилаи зиёди вақт байни истифодабарии захираҳо ва ба даст овардани натиҷаҳои иқтисодӣ; пешрафти илмӣ-техникӣ на танҳо пешомадҳои рушди минбаъда, балки масъалаи мавҷудияти худи корхонаҳоро инчунин муайян мекунад. Бо ин сабаб, бешубҳа, васеъ истифода бурдан ва ба истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ворид намудани пешравиҳои пешқадами илмӣ-техникӣ, ҳам ҷаҳонӣ ва ҳам ватанӣ аз манфиат холӣ нест.

Ҷорӣ намудани раванди инноватсионӣ ба соҳаи кишоварзӣ барои пешрафти ин соҳа ва умуман иқтисодиёти кишвар, аҳамияти басо бузург дорад. Лекин як қатор сабабҳо вуҷуд доранд, ки ба рушди раванди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва махсусан дар соҳаи хизматрасонии техникии аграрӣ, монеа мешаванд. Соҳаи кишоварзии ҶТ, ки яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди миллии кишвар ба ҳисоб меравад, корхонаҳои хоҷагии халқро бо ашёи хом, аҳолиро бошад бо озуқаворӣ таъмин мекунад[2].

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, самаранокии фаъолияти низомҳои миллии инноватсионӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешрафти илмӣ-техникӣ, аҳамияти бештарро пайдо мекунад, ки на танҳо сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда ва давлатро умуман муайян мекунад, балки барои таъмини амнияти миллии кишвар замина ба вуҷуд меоварад. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ, дар иқтисоди ҷаҳонӣ дигаргуниҳои назарраси сохторӣ ба амал меоянд[4].

Боздоштан ва бартараф намудани таъсири манфии беруна ба фаъолияти иқтисодиёти аграрии минтақа шарти зарурӣ, вале нокифояи таъмини рушди инноватсионӣ-сармоягузории он ба ҳисоб меравад.

Чи тавре ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст, дар баробари саноатикунонии кишвар яке аз принсипҳои рушди

оянда ин инноватсиякунонӣ ба ҳисоб меравад, яъне дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар истифода бурдани навовариҳо. Илова бар ин, рушди саноатии кишвар бисёртар аз фаъолкунии азхуд кардан, ҷорӣ ва васеъ паҳн намудани навовариҳои самаранок ба истеҳсолоти саноатии маҳсулоти содиротӣ, вобаста аст[1].

Аз ин ру, банақшагирии як қатор тадбирҳо ба назар мерасад, ки миёни онҳо аҳамияти афзалиятнок дода мешавад, ба:

- рушди ҳамкориҳои илмӣ-инноватсионии бахшҳои давлатӣ ва ғайридавлатии илм, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт;
- рушди фарҳанги инноватсионӣ тавассути оммавигардонии истеҳсолоти фаъолияти илмӣ, ихтироъкорӣ ва инноватсионӣ, инчунин таъсиси низоми томи таълим бо назардошти таъминоти кадрии фаъолияти инноватсионӣ;
- баланд бардоштани самаранокии механизми стандартикунонӣ ва сертификатсиякунонии маҳсулот, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, риояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он;
- таъмини дастрасӣ ба стандартҳои баланди сифат, бехатарӣ, тозагии экологии маҳсулот;
- ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони саноатӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои навтарин ва навовариҳо;
- таъмини амаликунонии самараноки механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ тавассути такмили заминаи дахлдори меъёрӣ-ҳуқуқӣ;
- ташкили марказҳои машваратӣ оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин мақомотҳои ваколатдор оид ба татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муайян кардани уҳдадориҳо, вазифаҳо ва масъулияти чунин мақомотҳо.

Мувофиқи афзалиятҳои рушд ва талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ, барномаҳои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи зироаткорӣ ва чорводорӣ ташаккул дода мешаванд.

Барои ҳар як минтақа самтҳои асосии рушди инноватсионию сармоягузории корхонаҳо ва соҳаҳои кишоварзӣ, бо дарназардошти сатҳи рушди пешрафти илмию техникӣ ва иқтидори инноватсионӣ, хусусиятҳои иқтисодии минтақавӣ ва хусусиятҳои татбиқи фаъолияти кишоварзӣ, мавҷудият ва дараҷаи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва молиявию қарзӣ, инкишофи равандҳои ҳамгирои ва монанди инҳо, мушахасс карда мешавад.

Вазъияти имрӯзаи бахши кишоварзии иқтисоди ватанӣ зарурати рушди инноватсионии онро ба миён меорад. Ҳалли ин масъала, ба андешаи мо, бояд бо принсипи «ҷараёнҳои муқобил» асос ёбад, яъне бо роҳи ҳамкории доимии мақомотҳои давлатӣ ва минтақавӣ ҳаракат кардан лозим аст. Дар баробари ин, на давлат бояд ташаббус нишон диҳад, ки дар ин сурат вай нақши ташаккулдиҳандаи худи механизми хоҷагидории бахши аграрии иқтисодиётро ҳамчун низом иҷро мекунад, ки аз зернизомҳои сатҳи поёнӣ иборат аст ва яке аз онҳо инноватсионӣ мебошад.

Зернизоми инноватсиониро ҳамчун яке аз муҳимтарин ҷузъҳои низоми механизми хоҷагидории бахши аграрии иқтисодиёт дарк намуда, дар он мавҷудияти маҷмӯи муайяни унсурҳои сохтории зинаи поёнии иёрархиро, ки бо якдигар зич алоқаманданд, қайд мекунем, ба ибораи дигар, як инфрасохтори инноватсионӣ-сармоягузорӣ, ки таҳияи навовариҳо ва интиқоли онҳоро таъмин мекунад.

**Ҷадвали 1. - Самтҳои асосии рушди инноватсионӣ-сармоягузории корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон**

| Инноватсияҳо | Натиҷаҳои интизорӣ |
|---|---|
| **Дар растанипарварӣ** | |
| 1. Ворид намудани навъҳои нави серҳосили зироатҳои кишоварзӣ, ба бемориҳо тобовар, ки дар асоси истифоди муҳандисии ҳуҷайравӣ, генетикаи | 1. Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулоти растанипарварӣ |

| | |
|---|---|
| молекулавӣ ва селексияи анъанавӣ таҳия карда шудааст. | |
| 2. Мутобиқсозии навъҳои серҳосили зироатҳои кишоварзии ватанӣ ва хориҷӣ ба шароитҳои хоку иқлими вилояти Хатлон | 2. Кам кардани хароҷотҳо барои ҷорӣ намудани зироатҳои нави серҳосил |
| 3. Ворид намудани низомҳои нави истифодаи замин ва технологияи сарфакунандаи намӣ | 3. Нигоҳ доштани ҳосилхезии заминҳо, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо |
| 4. Ворид намудани No-till ва Mini-till технологияҳо | 4. Ба қадри кофӣ кам кардани арзиши аслии маҳсулот. Нигоҳ доштани ҳосилхезии заминҳо. Беҳтар намудани вазъияти экологии вилояти Хатлон |
| 5. Ворид намудани низомҳои сарфаи захираҳои таҷҳизотҳо барои механикунонии маҷмуии равандҳои технологӣ дар кишоварзӣ | 5. Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, арзон кардани арзиши аслии корҳои механиконидашуда |
| 6. Истифодаи маҳсулоти самараноки биологӣ барои мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасони растанӣ | 6. Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот |
| **Дар чорводорӣ** | |
| 1. Нигоҳубини зотҳои сермаҳсули ҳайвоноти кишоварзӣ. Баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвонот. | Беҳтар намудани таркиби зотии рама. |
| 2. Мутобиқ намудани ҳайвоноти кишоварзии зотҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба шароити табиию иқлимии вилояти Хатлон | Камкунии хароҷотҳо барои беҳтар намудани таркиби рама. Баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвонот. |
| 3. Ворид намудани технологияҳои бепартови коркарди маҳсулоти чорводорӣ | Беҳтар намудани хелҳои маҳсулоти озуқаворӣ. Кам кардани хароҷотҳо барои истеҳсолот |
| 4. Истифодаи низомҳои нави сарфаи захираҳои таҷҳизотҳо барои механикунонии маҷмуии равандҳои технологӣ дар соҳаи чорводорӣ. | Баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат. Кам кардани арзиши аслии маҳсулот. |
| 5. Ворид намудани воситаҳои техникии таъмини об дар асоси истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи табиӣ. | Кам кардани хароҷотҳо барои истеҳсоли арзиши аслии маҳсулоти чорво. Баланд бардоштани бехатарии экологӣ. |
| 6. Мукамалгардонии низоми нигоҳдошт ва таъмин бо хуроки ҳайвонот | Баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвонот. Баланд бардоштани сифати маҳсулот. |
| 7. Кор карда баромадани усулҳои нави ташхис, пешгирӣ ва табобати ҳайвонот | Беҳтар намудани хосиятҳои маҳсулоти чорводорӣ. Баланд бардоштани некӯаҳволии экологии вилояти Хатлон. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки аввалан, ғайримарказикунонии идоракунии давлатии рушди инноватсионӣ-сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба ин масъала дар сатҳи минтақаҳо зарур дониста мешавад.

Барои ҳалли мушкилотҳои азнавсозии механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузорӣ, дар назди раёсатҳои асосии рушди агросаноатии мақомотҳои давлатии вилоятҳо, таъсис додани марказҳои минтақавии махсусгардонидашудаи инноватсионӣ-аграрӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Самтҳои рушди танзими равандҳои инноватсионии комплекси агросаноатӣ мубрам будани равиши консептуалии ба таври оптималӣ интихобшуда. Коркарди консепсияи мукаммали рушди инноватсионии комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, ки тавонад ноилгардӣ ба ҳадафҳо ва дарбаргирии афзалиятҳои стратегӣ ва сиёсати иқтисодии давлатро дар бар гирад.

Ҳамин тариқ самтҳои таҷдиди механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории комплекси агросаноатӣ дар Вилояти Хатлон муайян ва ошкор гардиданд, аз ҷумла:

- рушди ҳамкориҳои илмӣ-инноватсионии бахшҳои давлатӣ ва ғайридавлатии илм, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт; рушди фарҳанги инноватсионӣ тавассути оммавигардонии истеҳсолоти фаъолияти илмӣ, ихтироъкорӣ ва инноватсионӣ, инчунин таъсиси низоми томи таълим бо назардошти таъминоти кадрии фаъолияти инноватсионӣ; баланд бардоштани самаранокии механизми стандартикунонӣ ва сертификатсиякунонии маҳсулот, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, риояи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он; таъмини дастрасӣ ба стандартҳои баланди сифат, бехатарӣ, тозагии экологии маҳсулот, инчунин ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагони саноатӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои навтарин ва навовариҳо;

- муккамалгардонии механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ; аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ аз нав мусаллаҳ гардондани корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ; фаъолнокунонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ тавассути пешкаш намудани имтиёзҳои гуногун, беҳтарнамоии маблағгузорӣ, васеъ намудани хадамоти машваратӣ; баланд бардоштани самаранокии таҳқиқотҳои илмӣ тавассути беҳтар намудани заминаи моддӣ-техникӣ, тақвият бахшидани таъминоти кадрии дастаҳои илмӣ; ҳамгироии корхонаҳои хурд ба сохторҳои бузурги истеҳсолӣ;

- муайян намудани дурнамои рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузории комплекси агросаноатӣ дар заминаи муайян намудани афзалиятҳои фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузорӣ; коркард ва татбиқи низом ва технологияи идоракунӣ; таҳияи маҷмуи тадбирҳое, ки ба афзоиши иқтидори инноватсионӣ-сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд; мукаммалгардонии усул ва воситаҳои дастгирии давлатии барномаҳо ва лоиҳаҳои мақсадноки соҳавии инноватсионӣ; инчунин ташкили марказҳои минтақавии махсусгардонидашудаи инноватсионӣ-кишоварзӣ.

**Адабиёт**


1. Абдуллоева Л.И. Перспективные направления развития экспортоориентированных производств в современных условиях/ Л.И. Абдуллоева, Р.Фаррухи, Дж.Р. Рахмонов// Вестник ТНУ. Серия экономических наук. Душанбе. -2019. №10-1. С.19-23.

2. Кодиров, Ф. А. Инвестиционная деятельность в региональном агропромышленном комплексе Республики Таджикистан: некоторые проблемы и пути их решения / Ф. А. Кодиров, Т. Т. Файзуллоев // Вестник БИСТ (Башкирского института социальных технологий). – 2016. – № 1-2(30). – С. 54-59. – EDN VYTUHN.

3. Наимов Д.М. Инновационные процессы в аграрном секторе Республики Таджикистан: сущность и проблема развития. «Научно-практический электронный журнал Аллея Науки» №1(28) 2019 Alley-science.ru

4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

5. Ҳамроев, М. И. Рақобатпазирӣ ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити саноат 4.0 / М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4-1(43). – P. 401-407. – EDN CJYDPD.
6. Шарофов У. Модернизация в АПК и продовольственная безопасность Таджикистана. Кишоварз, ТАУ им. Ш. Шотемур. Душанбе. -2014. №1. С.52-55.

## РУШДИ ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Қурбонализода Давлатали Таварали** – ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14, Email:davlatali.1998@mail.ru, тел: 937507735.

Рушди таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як равандест, ки бо истифода аз технологиҳои муосир ва интернет барои беҳтар кардани сифати таълим ва дастрасии донишҷӯён ба маълумоти онлайн кӯмак мекунад. Ҳукумати Тоҷикистон тадбирҳои гуногун барои рушди таҳсилоти рақамӣ, аз ҷумла ҷорӣ кардани платформаҳои таълимии миллӣ ва курсҳои онлайн, ба роҳ мондааст. Аммо, дар манотиқи дурдаст ва рустоҳо мушкилоти дастрасӣ ба интернет ва технологиҳои рақамӣ то ҳол вуҷуд дорад.

**Калимаҳои асосӣ**: рушди таҳсилоти рақамӣ, таълим онлайн, платформаи таълимӣ, интернет, технологияҳои муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Курбонализода Давлатали Таварали** – ассистент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета, адрес: г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14, Email: davlatali.1998@mail.ru, Тел: 937507735

Развитие цифрового образования в Республике Таджикистан это процесс, направленный на улучшение качества образования и доступности образовательных ресурсов с использованием современных технологий и интернета. Правительство Таджикистана предпринимает различные меры для развития цифрового образования, включая внедрение национальных образовательных платформ и онлайн-курсов. Однако в удаленных районах и селах существуют проблемы с доступом к интернету и цифровым технологиям.

**Ключевые слова:** развитие цифрового образования, онлайн-образование, образовательная платформа, интернет, современные технологии, Республика Таджикистан.

## DEVELOPMENT OF DIGITAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Qurbonalizoda Davlatali Tavarali** - assistant of the finance department of the Tajik State University of Finance and Economics, address: Dushanbe, Nakhimov Street 64/14, Email: davlatali.1998@mail.ru, phone: 937507735.

The development of digital education in the Republic of Tajikistan is a process aimed at improving the quality of education and access to educational resources using modern technologies and the internet. The government of Tajikistan is taking various measures to promote digital education, including the introduction of national educational platforms and online courses.

However, in remote areas and villages, there are still issues with access to the internet and digital technologies.

**Key words:** digital education development, online education, educational platform, internet, modern technologies, Republic of Tajikistan.

Рушди таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як равандест, ки дар ду даҳсолаи ахир ташаккул ёфта, ба таҳсилоти кишвар таъсири назаррас дорад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва тадбиқи технологияҳои нави рақамӣ дар тамоми соҳаҳо ба хусус соҳаи маориф ва илм таъсири мусбӣ расонидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рақамикунонии соҳаҳо як қатор санадҳои муҳимро қабул кардааст, ки онҳо чунинанд, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2019, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021 – 2025, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 ва дигар барнома ва стратегияҳои соҳавӣ мебошанд. Таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо истифода аз технологиҳои нави иттилоотӣ ва интернет барои таълими донишҷӯён ва устодон татбиқ мешавад, дар соҳаҳои гуногун пешравиҳои зиёде ба вуҷуд овардааст. Хусусиятҳои асосии рушд ва нуқтаҳои асосӣ дар таҳсилоти рақамии Тоҷикистон чунинанд:

**Интернет ва дастрасии рақамӣ**: Як аз асоситарин мушкилот дар рушд кардани таҳсилоти рақамӣ дар Тоҷикистон — ин дастрасии ҳамагонӣ ба интернет ва технологияҳои рақамӣ мебошад. Дар шаҳрҳои калон марказҳои ноҳия, дастрасӣ ба интернет хуб аст, вале дар минтақаҳои кӯҳӣ, захираҳо барои дастрасӣ ба интернет маҳдуданд.

**Таҳсилоти дуруст**: Барои рушди таҳсилоти рақамӣ, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои онлайн бо истифода аз платформаҳои электронӣ пешбинӣ шудаанд. Академияҳои барномасозии рақамӣ ва курсҳои онлайн ба донишҷӯён ва ҷавонон имконият медиҳанд, ки ба соҳоти гуногуни техникии ҷаҳонӣ, монанди барномасозӣ ва дизайн ворид шаванд.

**Роҳандозии платформаҳои таълимии миллӣ**: Дар Тоҷикистон бо кӯшишҳои мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои таълимӣ, якчанд платформаҳои таълимии миллӣ, монанди фаъолият дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷиҳати омӯзиши заабонҳои хориҷӣ ва дигар барномаҳои таълиӣ ва «Edonish», барои таълими онлайн ва рушди самарабахши таҳсилоти рақамӣ таъсис дода шудаанд.

**Сармоягузорӣ дар инфрасохтор ва омӯзиш**: Ҳукумати кишвар инчунин сармоягузорӣ дар соҳаи рушди инфрасохтор ва омодасозии устодон барои истифодаи технологиҳои иттилоотӣ намуда, дар амал татбиқи усулҳои нав ва замонавиро барои таълим дар курсҳо ва мактабҳо ҷорӣ мекунад.

**Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** барои давраи то соли 2042 дар марҳилаи муосир бо дар назар доштани рушди ҷомеа ва навсозии низоми ҷаҳонии таҳсилот таҳия шуда, барои рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хизмат менамояд. Дар он арзишҳои миллию умумибашарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва ғайра ба инобат гирифта шудааст.

Мақсад аз гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ноил шудан ба сифати нави таълим тавассути ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ, тағйир додани шакл ва усулҳои таълим, таъмини сифат ва тайёр будани хизматрасониҳои таълимӣ, баланд бардоштани эътирофи низоми миллии маориф ва зиёд

намудани содироти хизматрасониҳои таълимӣ ва ғайра мебошад. Таҳсилоти рақамӣ дар соҳаи маориф дорои чунин вазифаҳо мебошад:

- баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ;
- рушди омӯзиш бо истифодаи технологияҳои муосир ва онлайнӣ;
- татбиқи барномаҳои таҳсилотии рақамӣ;
- дарки низоми нави маориф;
- таҳияи меъёрҳои фаъолияти муҳити иттилоотию таълимӣ бо дар назар доштани стандартҳои давлатӣ ва ҷаҳонӣ;
- таҷдиди назар, ташаккул ва танзими усулҳои истифодаи ТИК дар таълим;
- зиёд намудани таҷҳизоти техникии муассисаҳои таҳсилотӣ барои татбиқи ТИК-и муосир дар раванди таълим;
- таҳия ва ба низом даровардани муҳити ягонаи таълими рақамӣ дар Тоҷикистон;
- ҷорӣ намудани усулҳои нави таъмини кадрҳои омӯзгорӣ ба кор тариқи истифодабарии ТИК;
- дастрасии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим ба технологияҳои рақамӣ бо мақсади такмили раванди таълим;
- истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ва оммавӣ гардонидани принсипи “таълим дар тамоми умр”[1].

Муҳити таҳсилоти рақамии муассисаҳои таҳсилотӣ маҷмуи воситаҳои ТИК-ро дар бар мегирад, ки истифодаи онҳо бояд мунтазам ба роҳ монда шавад ва ба талаботи стандартҳо ва нақшаву барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҷавобгӯ бошад.

Муҳити таҳсилоти рақамии муассисаҳои таҳсилотӣ бояд фазои ягонаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва воситаи муассири идоракунии сифати амалигардонии барномаҳои таҳсилотӣ барои ҳамаи субъектони раванди таълиму тарбия гардад.

Муҳити таҳсилоти рақамии муассисаҳои таълимӣ як низоми идорашаванда ва босуръат рушдёбанда, воситаҳои рақамӣ ба объектҳои раванди таҳсилот бо дар назар доштани тамоюлҳои муосири таҷдиди муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 2021 дар доираи амалигардонии барномаҳои давлатии татбиқи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2003) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо 76732 компютер, 11962 принтер, 1130 сканер, 3274 тахтаи электронӣ ва 4359 проектор таъмин гардиданд. Имруз дар муассисаҳои таҳсилотӣ 3755 синфхонаҳои технологияи иттилоотӣ ташкил гардида, аз Фанни мазкур 5210 омузгор, аз он ҷумла 4352 нафар бо таҳсилоти олӣ (83,5 фоиз) ва 782 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ (15,1 фоиз) ба хонандагон дарс медиҳанд[1], ки нишондиҳандаҳои раванди рақамикунонии он аз руйи таҳлилҳо дар муассисаҳои таҳсилои умумӣ дар ҷадвали 1. чунин мебошанд.

**Ҷадвали 1. - Базаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Солҳо** | **Шумораи умумии компютерҳо** | **шумораи принтерҳо** | **шумораи сканерҳо** | **Пайваст ба шабакаи Интернет** | **Шумораи тахтаҳои электронӣ** | **Шумораи проекторҳо** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2018** | 62863 | 10778 | 998 | 2488 | 1787 | 2486 |
| **2019** | 68332 | 11246 | 1048 | 2530 | 2511 | 3303 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2020** | 72014 | 11706 | 1094 | 2579 | 2991 | 3983 |
| **2021** | 76732 | 11962 | 1130 | 2512 | 3274 | 4359 |
| **2022** | 82355 | 12247 | 1192 | 2550 | 3706 | 4784 |
| **2023** | 88554 | 13290 | 1246 | 2525 | 5263 | 6380 |
| **2024** | 94347 | 13939 | 1194 | 2626 | 6130 | 7350 |

Сарчашма: Маълумотҳои расмии Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои баланд бардоштани самаранокии кори омузгорон ва сатҳи дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ташкил намудани китобхонаи мутамаркази электронӣ ва пайваст намудани онҳо зарур мебошад. Тибқи маълумот ба ҳолати соли 2021 426 муассисаи таҳсилоти умумӣ дорои китобхонаи электронӣ буда, 2512 муассисаи таҳсилоти умумӣ тариқи ADSL,WiMAX, ба шабакаи Интернет пайваст мебошанд. Зарур аст, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тариқи ройгон ба низоми электронии китобхонаи миллӣ пайваст карда шаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3002 компютер, аз ин теъдод 1913 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 629 компютер барои истифодаи хизматӣ қарор дорад. 150 синфхонаи компютерӣ ва компютерҳое, ки ба шабакаи Интернет пайваст гардидаанд, 451 ададро ташкил медикад. Инчунин 159 адад тахтаи электронӣ, 250 адад проектор, 19 адад факс, 237 адад сканер, 369 адад нусхабардор барои тарғибу оммафаҳм гардонидани раванди таълиму тарбия истифода бурда мешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз теъдоди умумии компютерҳои мавҷуда 476 адад компютер дар ҳолати ғайрикорӣ қарор доранд, ки онҳо таъмирталаб мебошанд[1].

Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 5617 компютер, аз ин теъдод 3290 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 1532 компютер дар истифодаи хизматӣ қарор дорад. 161 синфхонаи компютерӣ ва компютерҳое, ки бо шабакаи Интернет пайваст гардидаанд 1676 ададро ташкил медиҳад. Инчунин барои оммафаҳмии раванди таълиму тарбия аз 442 адад тахтаи электронӣ, 571 адад проектор, 42 адад факс, 448 адад сканер, 647 адад нусхабардор истифода бурда мешавад. Дар муассисаҳои талсилоти миёнаи касбӣ аз теъдоди умумии компютерҳои мавҷуда 498 адад компютер дар ҳолати корношоям карор доранд, ки онҳо таъмирталаб мебошанд[1].

Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 21399 компютер, аз ин теъдод 9906 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 8340 компютер барои истифодаи хизматӣ қарор дошта, инчунин адади синфхонаи компютерӣ 352 ва компютерҳое, ки бо шабакаи Интернет пайваст гардидаанд, 10170 ададро ташкил медиҳанд. Барои тарғибу оммафаҳм гардонидани раванди таълиму тарбия аз 1604 адад тахтаи электронӣ, 2549 адад проектор, 63 адад факс, 1 109 адад сканер, 1892 адад нусхабардор истифода бурда мешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз теъдоди умумии компютерҳои мавҷуда 1432 адад компютер дар ҳолати корношоям қарор дошта, онҳо таъмирталаб мебошанд[1].

**Хулосаи умумӣ:** Рушди таҳсилоти рақамӣ дар Тоҷикистон тадриҷан ба роҳ монда шудааст, ки бо истифода аз технологиҳои муосир ва интернет барои беҳтар кардани сифати таълим ва дастрасии донишҷӯён ба маълумоти онлайн кӯмак мекунад. Барномаҳои таълимии онлайн, платформаҳои миллии таълимӣ ва ҳамкориҳо бо муассисаҳои байналмилалӣ нақши муҳимеро мебозанд. Ҳамзамон, на ҳама минтақаҳои кишвар, бахусус деҳот, ба интернет ва технологиҳои рақамӣ дастрасии пурра доранд. Ҳукумати Тоҷикистон

бо татбиқи барномаҳои давлатии рушди таҳсилоти рақамӣ, сармоягузорӣ дар инфрасохтор ва омодасозии устодон кӯшиш мекунад, ки равандҳои рақамии таълимро тақвият диҳад.

**Адабиёт**


1. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, аз 31 – уми августи соли 2022, №439.
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми декабри соли 2019, №642
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025.
4. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
5. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
6. Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, аз 30 сентябри соли 2022, №483.
7. Холматов, М. М. Институциональные аспекты развития цифровой экономики Таджикистана / М. М. Холматов // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 4. – С. 155-164.
8. Лутфулоев, М. Д. Иқтисоди рақамӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Д. Лутфулоев, Ш. М. Исмоилов, Р. Б. Хӯҷамқулов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – No. S1-4-2(80). – P. 226-230.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ҲУДУДӢ


**Муслихова Тахмина Тагоевна –** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.



Мақолаи мазкур ба масъалаҳои назариявии рақобатпазирии ҳудудӣ бахшида шудааст. Моҳияти иқтисодии тақозо таҳлил шуда, сатҳи он муайян карда шудааст. Таъсири омилҳо, чун қоида, нисбат ба талаботи самаранок, ки ифодаи миқдории равшантар дорад, таҳқиқ карда шудааст. Тафовути тағйироти нархҳои нисбӣ ва нархҳои номиналӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф бартарӣ ва камбудиҳои корхонаҳои хурду калонро дар бозори озуқаворӣ ҷудо кардааст.



**Калидвожаҳо;** рақобат, рақобатпазирӣ, рақобатпазирии корхона, рақобатпазирии маҳсулот, омилҳо.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ТЕРРИТОРИАЛЬНОЙ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ


**Муслихова Тахмина Тагоевна –** к.э.н., доцент, заведующая кафедрой банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.



Данная статья посвящена теоретическим вопросам региональной конкурентоспособности. Проанализирована экономическая природа спроса и определен его уровень. Влияние факторов, как правило, исследуется применительно к эффективным требованиям, имеющим более четкое количественное выражение. Различия между

изменениями относительных цен и номинальных цен обоснованы. Автор выделяет преимущества и недостатки малых и крупных предприятий на продовольственном рынке.

**Ключевые слова**: конкуренция, конкурентоспособность, конкурентоспособность предприятий, конкурентоспособность продукции, факторы.

## THEORETICAL BASIS OF TERRITORIAL COMPETITIVENESS

**Muslikhova Tahmina Tagoevna** - candidate of economics sciences, associate professor of the banking department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov st. 64/14.

This article is devoted to theoretical issues of regional competitiveness. The economic nature of demand is analyzed and its level is determined. The influence of factors, as a rule, is studied in relation to effective requirements that have a clearer quantitative expression. The differences between changes in relative prices and nominal prices are justified. The author highlights the advantages and disadvantages of small and large enterprises in the food market.

**Key words:** competition, competitiveness, competitiveness of enterprises, competitiveness of products, factors.

Имрӯзҳо рақобат зинаи калидии фаъолияти иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, табиати ҳамагирро касб кардааст. Равшан аст, ки мафҳумҳои “рақобат” ва “рақобатпазирӣ” бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, дар маҷмуъ назарияи рақобатро ба вуҷуд овардаанд. Ҳамчун як падидаи бисёрҷанба амал карда, онро бо як таърифи умумӣ шарҳ додан душвор аст. Поягузорони назарияи марксистӣ муҳтавои қонунгузорӣ доштани рақобатро зикр намуда, онро ҳамчун падидаи хоси истеҳсолоти молӣ тавсиф мекарданд, ки дар муборизаи байни молистеҳсолкунандагони хусусӣ барои шароити аз ҳама манфиатовари истеҳсоли молу хизматрасониҳо таҷассум меёбад. Дар баробари ин, онҳо рақобатро ҳамчун механизми танзими номуташаккили таносубҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ баррасӣ мекарданд. Чунончи, Фридрих Энгелс бар ин назар буд, ки танҳо ягона шакли ба истеҳсолоти молӣ хосбудаи равобити иҷтимоӣ ин мубодила буда, дар он қонунҳо барои молистеҳсолкунандагони алоҳида ҳамчун “қонунҳои иҷбории рақобат” зоҳир меёбанд ва ба онҳо таъсир мерасонанд.11

Тафсирҳои мафҳуми рақобатро, ки дар адабиёти илмии иқтисодӣ оварда шудаанд, вобаста ба мақсади таҳқиқот метавон дар се гурӯҳ муттаҳид намуд

Дар гурӯҳи аввал, ки барои назарияи иқтисодии классикӣ хос мебошад, рақобат ҳамчун унсури механизми бозор дониста мешавад, ки имкон медиҳад мувозинати тақозо ва арзаро таъмин гардад.

Ба гурӯҳи дуюм тафсирҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки бар пояи тавсифи нақши рақобат дар иқтисодиёт бунёд ёфтаанд. Масалан, Ҷон Стюарт Милл рақобатро ҳамчун танзимгари нархҳо, музди меҳнат, рента тавсиф кардааст, ки ба сари худ қонуне мебошад, ки қоидаҳои чунин танзимкуниро муқаррар менамояд 12

Ҳамин тариқ, сараввал рақобат ҳамчун мафҳуми бунёдии иқтисодӣ, ки барои истеҳсолоти молӣ хос дониста мешуд, ҳамчун муборизаи рақобатии байни субъектҳо барои ноил гардидан ба шароити беҳтари мавҷудият, амалкард ва рушд фаҳмида мешуд. Олимони

11 Энгельс Ф. Анти-Дюринг. К.Маркс и Ф.Энгельс. Соч., 2-еизд. Т.20. – с.238.
12 Миль Дж. С. Основы политической экономии. Т. 1. – М.: Прогресс, 1980. – 338 с.

баъдӣ, доираи татбиқи ин мафҳум васеътар намуда, онро барои тамоми шаклҳо ва тарзҳои татбиқи муносибатҳои бозорӣ хос медонистанд.

Рақобат дар шароити иқтисоди бозорӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро карда, ҷиҳати ташкили фаъолияти иқтисодӣ ва ҷавоб додан ба саволҳои асосии иқтисодӣ (чиро, чӣ қадар ва чӣ тавр истеҳсол кардан, чӣ гуна тақсим кардани мол ва хизматрасониҳо) кумак мекунад. Рақобат нархҳоеро ба вуҷуд меорад, ки ба рафтори харидорон ва фурӯшандагон ва тақсимоти захираҳо таъсир мерасонанд. Гузашта аз ин, рақобат механизмест, ки тавассути он фаъолияти субъектҳои бозорро, ки барои дарёфти фоида кор мекунанд, ба манфиати ҷамъият равона кардан мумкин аст.

Дар нашри дуюми таҳрири «Луғати тафсирии иқтисоди бозорӣ» омадааст: «Рақобат – ин сабқати байни корхонаҳои дар бозор амалкунанда бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои беҳтарин барои фурӯши маҳсулоти худ ва қонеъ гардонидани талаботи гуногуни харидорон мебошад. Дар бозори ҷаҳонӣ рақобати шадид байни истеҳсолкунандагон вуҷуд дорад. Барои бомуваффақият баромад кардан дар бозорҳои хориҷӣ афзоиши назарраси рақобатпазирии молҳои пешниҳодшудаи ватанӣ зарур аст. Ҳангоми воридот, истифодаи рақобати фурӯшандагони хориҷӣ имкон медиҳад, ки шароити мусоидтари харид ба даст оварда шавад».13

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки рақобат муборизаи байни субъектҳо (рақибон) барои расидан ба як ҳадаф аст. Мақсади асосии рақобат забт кардани бозори молу хизматрасонӣ буда, маънои иқтисодии рақобат дар рақобати байни соҳибкорон барои гирифтани фоидаи баланд аст.

Омилҳои рақобатпазириро мо ба умумӣ (берунӣ) ва хусусӣ (дохилӣ) ҷудо мекунем. Омилҳои асосии умумии (берунӣ) рақобатпазирӣ инҳоянд: иқтидори макроиқтисодӣ; пешрафти илму техника; дараҷаи иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, дар савдо ва гардиши маблағгузорӣ; дараҷаи таъсири сиёсати давлат ба фароҳам овардани муҳити рақобатнок; сифат ва самаранокии низоми молиявӣ; вазъияти инфрасохтори хоҷагии халқ; иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии дохилӣ.

Ба омилҳои хусусӣ (дохилӣ) дохил мешаванд: сатҳи идоракунӣ аз нуқтаи назари навоварӣ; даромаднокӣ ва масъулият; потенсиали илмию техникӣ; ҳолат ва тахассуси захираҳои меҳнатӣ; инфрасохтори истеҳсолии корхонаҳо.

Дар ин ҷо баъзе таърифҳои мафҳуми «рақобатпазирӣ» оварда шудаанд. Чунончи: «Рақобатпазирии маҳсулот ин қобилияти ҷолибтар будани маҳсулот барои истеъмолкунанда (харидор) дар муқоиса бо дигар маҳсулоти таъиноти якхела аз ҳисоби беҳтар мувофиқат кардани хусусиятҳои сифат ва арзиши он бо талаботи ин бозор ва арзёбии истеъмолкунандагон мебошад».14

Тавре ки дида мешавад, ин таъриф ба ду нишондиҳандаи асосие, ки рақобатпазириро муайян мекунанд, - ба сифат ва арзиши молҳо, ки бояд аз нишондиҳандаи рақиб то беҳтар фарқ кунад ва ба талаботи истеъмолкунандагон бештар мувофиқ бошад, тамаркуз мекунад.

Мафҳуми мукаммали рақобатпазирӣ дар сатҳи корхонае, ки фаъолияташ дар бозори кушод сурат мегирад, омӯхта ва сохторбандӣ шудааст. Дарки консепсияи рақобатпазирӣ

---

13 Толковый словарь рыночной экономики. Изд. 2-е доп. - М.: Глория, 1993.-С. 106.

14Петрищев М.В. Монополистическая конкуренция» как антиномия-проблема // Вопросы экономической теории. Макроэкономика. –С.62-65. [Захираи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/monopolisticheskaya-konkurentsiya-kak-antinomiya-problema.

дар сатҳи макро мушкилтар аст, зеро он мавқеи иқтисоди миллӣ ва қобилияти онро барои таҳкими он – баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва афзоиши даромади воқеии шаҳрвандон баён мекунад.

Дар адабиёти иқтисодӣ байни мафҳумҳои «рақобатпазирии корхона» ва «рақобатпазирии маҳсулот» фарқияти дақиқ вуҷуд надорад. Ба назари мо, аз ҳамдигар фарқ кардани ин мафҳумҳо, ворид шудан ба моҳияти онҳо ва алоҳида ошкор намудани онҳо зарур аст. Ин зарурат аз он иборат аст, ки рақобатпазирии корхонаҳо нуқтаи ибтидоӣ, омили ҳалкунанда, шарти муайянкунандаи рақобатпазирии маҳсулот мебошад.

Рақобатпазирии корхона ин иқтидори иқтисодӣ, молиявӣ, кадрӣ, техникӣ, технологӣ ва ниҳоят иқтидори истеҳсолии корхона мебошад, ки бо харҷи камтарин маҳсулоти хушсифат истеҳсол карда метавонад, ки бо ҳар гуна маҳсулоти шабеҳи дар бозори рақобатнок пешниҳодшаванда рақобат карда метавонад.

Истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир марҳилаи ниҳоии раванди дарозмуддати ташаккули корхонаи рақобатпазир мебошад. Бе истеҳсоли маҳсулот рақобатпазирии корхона аз ҷиҳати иқтисодӣ тавоно ва аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ мусаллаҳ ва мукаммал буда наметавонад. Аз тарафи дигар, агар корхонае, ки онро истеҳсол мекунад, рақобатпазир набошад, истеҳсоли маҳсулоти рақобатӣ тамоман ғайриимкон мешавад. Ҳамин тариқ, худи маҳсулоти рақобатпазир нишондиҳандаест, ки рақобатпазирии корхонаро инъикос мекунад.

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад: рақобатпазирӣ фишанг ва воситаи рақобат, категорияи рушди иҷтимоӣ буда, дар рақобати объектҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян зоҳир мегардад.

Ба назари мо, рақобатпазирии маҳсулот натиҷаи омили муҳимтар, яъне рақобатпазирии корхонае мебошад, ки ин маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол мекунад. Агар асосҳои сохтории, яъне моддию техникӣ, молиявию иқтисодӣ ва кадрии корхона суст буда, бо корхонаҳои шабеҳ (рақибон) дар сатҳи зарурӣ рақобат карда натавонанд, он гоҳ комилан равшан аст, ки маҳсулоте, ки аз тарафи ин гуна корхона истеҳсол карда мешавад, рақобатпазир буда наметавонад. Рақобатпазирии маҳсулот инъикоси рақобатпазирии истеҳсолкунандаи он мебошад.

Ҳамин тавр, рақобатпазирии маҳсулот категорияи техникӣ-иқтисодӣ буда, бо маҷмуи нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодӣ, омилҳо ва шароитҳо баҳо дода мешавад.

**Адабиёт**

1. Астапенко М.С. Теории и концепции пространственной экономики: сущностные аспекты и эволюция подходов [Электронное издание] // Вестник Евразийской науки 2018, №1, Том 10. ISSN 2588-0101: https://esj.today

2. Дюркгейм Э. Социология и социальные науки // Дюркгейм Э. Социология. Ее предмет, метод, предназначение. М: Канон, 1995. 350 с. С.20

3. Кандыерова Д.О., Каримова И.И. Теоретические основы развития экономического пространства регионов / монография. – Душанбе: ТГФЭУ, 2018.-220с.

4. Каримова Н.И. Вербализация концепта «Пространство» в русской, польской и таджикской национально-культурных картинах мира. / Монография. – Душанбе: РТСУ, 2020. – 174с. ISBN 978-99975-63-55-2

5. Муслихова Т.Т. Аспекты развития промышленного производства в Согдийской области. Вестник Таджиикского национального университета – серия социально-экономических и общественных наук № 11-2024 стр 98-107.

6. Муслихова Т.Т. Методы и показатели оценки конкурентоспособности хозяйствующих субъектов и отдельной продукции на региональном уровне. Вестник Таджиикского национального университета – серия социально-экономических и общественных наук № 12- 2024 стр 87-94.

7. Николаева О.В. Понятие концептуального пространства в методологии языкознания // Личность. Культура. Общество. 2011. Т. 13. Вып. 2 (6364). С. 186-196.

8. Рахимов Р.К. Общеэкономические пропорции в народном хозяйстве Республики Таджикистан [Текст] / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло, Б.М. Шарипов // Вестник РТСУ. – Душанбе, 2015. -№1(48). С.58-66.

9. Симарова И.С. Обоснование регионального развития с учетом связанности экономического пространства: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Симарова Ирина Сергеевна; [Место защиты: Тюмен. гос. нефтегаз. ун-т]. – Тюмень, 2014. – 146 с.

10. Ярошевский Б.Е. Теория периферийной экономики. М.: Мысль, 1973. 214 с.

## ИҚТИДОРИ ҚАРЗӢ ВА ҚАРЗПАЗИРИИ СУБЪЕКТҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Махшулов С.Ҷ.** - н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Салимова М.С.** - магистранти курси 2-юми ихтисоси кори бонкӣ

Зиёд шудани мушкилотҳои қарзӣ ва бамаротиб афзоиш ёфтани қарзҳои муаммодор дар таркиби сандуқи қарзии низоми бонкӣ аз зумраи он масъалаҳое, мебошад, ки дар якуним даҳаи охир ба он аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.Зиёд шудани қарзҳои муаммодор агар аз як тараф аз ҳисоби қобилияти пасти қарзпазирии субъектҳои иқтисоди бошад аз дигар тараф аз омилҳои қурбӣ ва дигар мушкилотҳои дар ин самт ҷойдошта мебошад, ки ин масъалаҳо дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо.** Сандуқи қарзӣ, захираҳои қарзӣ, қобилияти қарзадокунӣ, муаммоҳои қарзӣ, маблағҳои иловагӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ХОЗЯЙСТВЕННОГО СООБЩЕСТВА И ЕГО НЕОБХОДИМОСТЬ В ОРГАНИЗАЦИИ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ

**Махшулов С.Дж. - к.э.н., доцент кафедры банковского дела Таджикский государственный финансово-экономический университет.**

**Салимова М.С.** - студент 2 курса магистратуры по специальности «Банковское дело»

В современных экономических условиях одним из основных вопросов, от которых напрямую зависит развитие различных отраслей экономики, является интеграция и создание среды интеграции в различных отраслях экономики. С этой точки зрения автор рассматривает важные и необходимые вопросы создания среды интеграции. В связи с этим необходимо констатировать, что в данной статье автор рассмотрел важные вопросы экономической интеграции и ее необходимость в формировании экономических отношений, а также проанализировал и обсудил современные формы экономической интеграции и их классификацию как на композиционном, так и на институциональном уровне и добился значительных результатов. Поэтому теоретические разработки автора могут способствовать дальнейшему развитию научных исследований.

**Ключевые слова:** Экономика, социология, интеграция, взаимодействие, торговля, движение капитала, трудовая миграция, экономическая интеграция, научная интеграция.

# THEORETICAL BASIS OF THE ECONOMIC COMMUNITY AND ITS NEED IN ORGANIZING THE DEVELOPMENT OF ECONOMIC RELATIONS

**Makhshulov S.J.** - Candidate of Economic Sciences, Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics.

**Salimova M.S.** - 2nd year master's student in the specialty of banking

In modern economic conditions, one of the main issues on which the development of various sectors of the economy directly depends is integration and the creation of an integration environment in various sectors of the economy. From this point of view, the author considers important and necessary issues of creating an integration environment. In this regard, it should be noted that in this article the author considered important issues of economic integration and its need in the formation of economic relations, and also analyzed and discussed modern forms of economic integration and their classification at both the compositional and institutional levels and achieved significant results. Therefore, the author's theoretical developments can contribute to the further development of scientific research.

**Keywords.** Economy, sociology, integration, interaction, trade, capital movement, labor migration, economic integration, scientific integration.

Дар ҳама шароит ҷараёни устувории молиявии соҳаҳоро аз рӯи иқтидори захираҳо ва сифати онҳо баҳо додан мумкин аст. Маъмулан рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолии кишвар то имрӯз ба маблағҳои иловагӣ дар шакли қарз ё маблағгузории иловагӣ ниёз дорад. Албатта, таъмини зарурати талаботи пулии соҳа аз ҳисоби давлат, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва дигар институтҳои молиявии дохилию хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Таъмини талаботи мазкур, пеш аз ҳама, аз иқтидори молиявию қарзии институтҳои молиявӣ ва сатҳи датрасии маблағҳои қарзӣ ба субъектҳои иқтисодӣ вобастагии зиёд дорад.

Имрӯз дар баробари иқтидори қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ қобилияти қарзадокунӣ ва пардохтпазирии субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи асосӣ ва муаммодор боқӣ мемонад.

Иқтидори қарзии ташкилотҳои қарзӣ ин маҷмӯи захираҳои пулии бонк, сармояи оинномавӣ, сифати сандуқи қарзӣ, меъёри захираҳои ҳатмӣ, захираҳои пулии хазина, фондҳои таъйиноташон махсус, захираҳои байналмилалӣ ва дигар дороиҳоеро дар назар доранд, ки тавассути онҳо иқтидори молиявии он арзёбӣ карда мешавад. Дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла, соҳаи кишоварзӣ аз иқтидори қарзӣ ва захиравии тамоми ташкилотҳои қарзӣ вобастагии зиёд дорад.

Қобилияти қарзадокунии субъектҳои соҳаи кишоварзӣ аз рӯи имкониятҳои молиявӣ нишондиҳандаи муҳим барои муайянсозии ҳаҷми маблағҳои захиравии ҷиҳати пӯшонидани қисми фоизи қарзҳои ба соҳа додашуда ва сари вақт бозпасгардонии онҳо мебошад. Арзёбии иқтидори он дар бораи миқдори захираҳои қарзие, ки ба соҳаи кишоварзӣ ҷалб карда мешавад, инчунин, оид ба ҳаҷми маблағи зарурӣ ҳамчун дастгирии молиявии иловагӣ ба субъектҳои кишоварзӣ мебошад.

Қобилияти қарзадокунии қарзгиранда аз пардохтпазирии он вобаста аст. Қобилияти пардохтпазирӣ ин имконият ва қобилияти қарзгиранда барои ҷавоб додан ба ҷамъи уҳдадориҳояш дар муддати муайян мебошад. Ифодаи ин мафҳумҳоро ҳамчун муқоиса дар ҷадвали 1. дидан мумкин аст.

Иқтидори қарзии қарзгир ба қобилияти қарзадокунии он ва таъмини бозоргирии молу хизматрасониҳо алоқаманд аст. Усулҳои мавҷудаи арзёбии қобилияти қарзадокунии қарзгир дар бораи имкониятҳои пешниҳоди қарз тасаввуроти мукаммал медиҳанд. Онҳо арзёбии тиҷорати муштарӣ ва воситаҳои худии муштариро ифода мекунанд. Вале онҳо намегузоранд ҳаҷми маблағҳои имконпазири ҳадди аксарро, ки қарзгиранда метавонад барои хароҷоти худ ҷалб кунад, ҳисоб намоянд.

**Ҷадвали 1. - Муқоисаи мафҳуми «қобилияти қарзадокунӣ» ва «пардохтпазирӣ»**

| | **Қобилияти қарзадокунӣ** | **Қобилияти пардохтпазирӣ** |
|---|---|---|
| Таносуби мафҳумҳо | Мафҳуми қарзадокунӣ нисбат ба пардохтпазирӣ аз рӯи вобастагии захираҳо маҳдудтар аст | Мафҳуми қобилияти пардохтпазирӣ масъалаҳои марбут ба ухдадориҳои пардохтиро дар бар мегирад |
| Мавзӯи таҳлил | Воқеият ва ҳолати қарзгиранда ва додугирифти амалиёти мушаххаси қарзӣ | Қарзгирандагони эҳтимолӣ дар доираи иҷрои ухдадориҳо |
| Пойгоҳи иттилоотӣ | Дар доираи пойгоҳи иттилоотӣ масъалаҳо оид ба таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ баррасӣ мешаванд | Таҳлили миқдорӣ дар доираи «Ҳисоботи тавозунӣ» ва «Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ» истифода мешаванд |
| Давраи таҳлилшаванда | Пардохтпазирии қарзгирандаро барои мухлати қарз ва адои иҷрои ухдадориҳои сариваќтии он пешгӯӣ мекунад | Ухдадориҳои пардохтнашударо барои мухлати гузашта ё ягон санаи дигар қайд менамояд |
| Хусусияти қарз | Имкони пардохти як қисми қарзи умумӣ, аммо маҳз қарзи таъминбударо тавсиф менамояд | Қобилият ва имконияти пардохти ҳама намуди қарзро тавсиф мекунад |
| Манбаъҳои пардохти қарз | - даромад аз фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ;<br>- даромад аз фурӯши амволи аз ҷониби бонк ба сифати гарав ба қарз қабулшуда;<br>- кафолати бонк ё ширкати дигар;<br>- ҷубронҳои суғуртавӣ | - даромад аз фурӯши мол, кор, хизматрасонӣ;<br>- даромад аз фурӯши амволи қарзгиранда бо назардошти руйпӯш намудани маблағи қарз |
| Арзёбии қобилияти ҳуқуқӣ | Шарти муҳим барои гузаронидани амалиёти қарзӣ | Ба инобат гирифта намешавад |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси вазъи воқеии иқтидори соҳа**

Ҳамин тавр, қобилияти қарзадокунӣ нисбат ба пардохтпазирӣ мафҳуми маҳдуд аст. Аз таносуби мафҳумҳо маълум кардан мумкин аст, ки агар қарзгиранда қобилияти қарзадокунӣ дошта бошад, пас ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар доираи ин меъёрҳо субъектҳои кишоварзӣ қобилияти пардохтпазирии қаноатбахш дорад. Таҳти қобилияти қарзадокунии муштарӣ бояд қобилияти қарзгир оид ба пурра ва сари вақт пардохткунии ухдадориҳои қарзиаш фаҳмида шавад.

Дар таҷрибаи муносибатҳои қарзӣ нақшаҳо ва усулҳои муайяни арзёбии қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад, ки аз ҷониби бонкҳои давлатҳои хориҷӣ бо дараҷаи гуногуни объективият истифода мешаванд. Арзёбии қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ аз рӯи тавозуни муҳосибӣ дар муддати кӯтоҳ таъсирбахш мебошад.

Нишондиҳандаи дигари қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон пардохтпазирии онҳо мебошад. Қобилияти пардохтпазириро ҳамчун нишондиҳандаи ягонаи дараҷаи қобили қабул ифода кардан мумкин нест. Хулосаи ниҳоӣ оид ба пардохтпазирӣ аз ҷониби коршинос муайян карда мешавад, ки бисёр нишондиҳандаҳои дигарро таҳлил кардааст ва дар ин замина, андешаи худро дар бораи эҳтимолияти ба миён омадани вазъ ҷиҳати иҷрои ухдадориҳо дар ин субъект бароварда метавонад. Аз ин рӯ, таҳлили пурраи молиявӣ тадбири дар назди ҳарду тараф зарурӣ ва арзишманд мебошад.

Тафсири арзёбии иқтидори қарзӣ ва қобилияти қарзадокунию пардохтпазирии ташкилотҳои кишоварзӣ дар расми 1. оварда шудаанд.




**Расми 1. Такмили арзёбии иқтидори қарзӣ ва қобилияти пардохтпазирии субъектҳои кишоварзӣ**

**Таҳияи муаллиф**

Раванди пешниҳоди қарзҳоро аз ҷониби бонк вобаста ба меъёрҳои дар нақша пешбинигардида дар панҷ марҳила арзёбӣ намудан мумкин аст.

Марҳилаи 1: Аз рӯи арёбии қобилияти қарзадокунии онҳо ҳатто дар муддати кӯтоҳ нишондиҳандаҳои пасти молиявӣ доранд. Ин амал барои муайянсозии қобилияти қарзадокунӣ ва пардохтпазирии ҷорӣ барои гурӯҳбандии ташкилоти тадқиқшаванда дар гурӯҳи муайяни таснифшуда зарур мебошад.

Арзёбии қобилияти қарзадокунии ҷорӣ имкон медиҳад, ки ҳолати молиявии субъектҳои кишоварзӣ ва мутаносибан қобилияти қарзадокунии онҳо беҳтар арзёбӣ гардад, зеро он ба интихоби омилҳои объективии ба сатҳи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ таъсиррасон асос ёфтааст.

Арзёбии қобилияти қарзадокунии ҷории ташкилот аз рӯи усули истифодаи хол (балл) дар якчанд марҳила муайян карда мешавад: интихоби нишондиҳандаҳои молиявӣ, ки вазъи молиявии қарзгирандаро пурра тавсиф мекунад ва аз муайянкунии ҳудуди арзиши ҳар як нишондиҳандаи ба усул дохилшуда, муқаррарнамоии ҷамъи холҳо ва ҷамъбасти онҳо, таносуби маблағи ҷамъшуда бо тавсифи фосилавии вазъи молиявии муайян; муайянсозии дараҷаи қобилияти қарзадокунӣ ва ғайра иборат аст. Усули истифодаи хол аз муайянсозии миқдори холҳо дар асоси вазн ва қимати ҳар яке аз нишондиҳандаҳои молиявӣ иборат аст ва нисбат ба усули арзёбии озмоишӣ бартарӣ дорад.

Дар кишварҳои хориҷа бо истифода аз функсияи коррелатсия 5 нишондиҳандаи молиявиро интихоб мекунанд, ки ҳолати ҷории молиявии субъектро ба таври объективӣ ва пурра инъикос мекунад: зарифи мустақилияти молиявӣ, зарифи таъминот бо воситаҳои гардони худӣ, даромаднокии дороиҳои гардон аз рӯи фоидаи соф, зарифи муносибати воситаҳои қарзӣ ва худӣ, зарифи мутлақи пардохтпазирӣ (бозоргирӣ). Барои асосноккунии қимати меъёрҳои зарифҳои пешниҳодшуда арзиши воқеии онҳо мувофиқи ҳисоботи солонаи ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ҳисоб карда мешавад.

Дар асоси қимати ташкилоти намунавӣ, бо тарҳи тамоили миёнаи квадратӣ, инчунин, бо назардошти қиматҳои меъёрӣ ва тавсияшуда нишондиҳандаҳои молиявиро аз рӯи қобилияти қарзадокунии ҷории ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ гурӯҳбандӣ мекунанд. Барои баланд бардоштани аҳамиятнокии ҳар як нишондиҳандаи молиявӣ, дар асоси қимати вазнии ҳар як нишондиҳанда, холҳои алоҳида дода мешавад, ки бо истифодаи таҳлили таносуби коррелатсионӣ ва регрессионӣ муайян карда мешаванд. Дар асоси ин холҳо сатҳи

қобилияти қарзадокунии ҷорӣ чунин муайян карда мешавад: баланд; миёна; паст.

Сатҳи баланди қобилияти қарзпардохткунии ҷорӣ вазъи устувори молиявии ташкилотро тавсиф менамояд, ки ба ин қимати калони нишондиҳандаҳои молиявӣ шаҳодат медиҳад. Сатҳи миёнаи қобилияти қарзадокунии ҷорӣ бо ноустувории молиявӣ тавсиф карда мешавад. Сатҳи пасти қобилияти қарзадокунии ҷорӣ бо ғайриқаноатбахш будани ҳолати молиявии ташкилот тавсиф карда мешавад.

Марҳилаи 2: Барои кам кардани хавфҳои қарзӣ бонкҳо новобаста аз сатҳи қобилияти қарзадокунӣ ба қарзгирандагон талаботи иловагӣ мегузоранд. Аксарияти қарзҳо таҳти навъҳои гуногуни таъминот дода мешаванд. Аз намудҳои мавҷудаи таъминоти уҳдадориҳо (амволи қарздор, замонат, кафолати бонкӣ, амонат ва ғайра) ҳамчун гарав васеъ истифода мешавад. Дар ин марҳила бонк кифоягӣ ва бозоргирии гарав ва дигар намудҳои таъминотро, ки аз ҷониби субъекти кишоварзӣ пешниҳод шудаанд, баррасӣ менамояд. Зимнан бонк бояд дар арзёбии сифат, басандагӣ ва бозоргирии гарави пешниҳодкардаи ташкилоти соҳаи кишоварзӣ бо масъулияти баланд амал намояд.

Дар марҳилаи 3 муайян кардани таносуби қобилияти қарзадокунии қарзгир ва дараҷаи таъминоти қарз, ки нишондиҳандаи хавфи бонкиро нишон медиҳад, арзёбӣ карда мешавад. Баҳисобгирии таъмини қарз ва дараҷаи хавфи бонкӣ ба бонк имкон медиҳад, ки ба таври объективона қарзгирандаро ба гурӯҳи муайяни қарзадокунандагон ворид намояд.

Аз ин лиҳоз, субъектҳое, ки ба яке аз ин панҷ гурӯҳи пешниҳодшудаи қобилияти қарзадокунанда ворид шудаанд, тавсифи мувофиқро дороянд ва дар ҷадвали 2. бо назардошти ҳолати воқеии соҳаҳои мазкур инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 2. - Тавсифи гурӯҳҳо оид ба қобилияти қарзадокунандагӣ**

| Гурӯҳҳои қобилияти қарзадокунанда | Тавсифномаи ташкилот |
|---|---|
| Гурӯҳи 1 | Субъектҳое, ки ба таври комил қобилияти қарзадокунӣ доранд ва аз ҷиҳати молиявӣ устувор буда, хавфи напардохтани қарзро надоранд |
| Гурӯҳи 2 | Субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бо сатҳи миёнаи қарздорӣ ё субъектҳои дорои қобилияти карзадокунӣ ва дар сатҳи қаноатбахши молиявӣ қарордошта, ки дараҷаи қарздории қобили қабулро доранд |
| Гурӯҳи 3 | Субъектҳои соҳаи кишоварзӣ, ки қобилияти карзадокунӣ доранд ва аз ҷиҳати молиявӣ ноустуворанд, ҳангоми пардохти қарз каме мушкилӣ доранд, аммо дар вақти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба гӯруҳи қобилияти бештари қарзадокунидошта мегузаранд |
| Гурӯҳи 4 | Субъектҳои ноустувор, ки қодир нестанд қарзи ҷориро дар сатҳи кунунии самаранокии истеҳсолот пӯшонанд, қарздориашон зиёд мешавад, аммо дурнамои рушдро тавассути коҳиш додани хароҷоти моддӣ, афзоиши даромаднокӣ имкони кам кардани қарзро доранд |
| Гурӯҳи 5 | Субъектҳое, ки қобилияти карзадокунӣ ва заминаи бозпасгардонии қарзро надоранд |

**Таҳияи муаллиф дар асоси вазъи воқеии соҳа**

Марҳилаи 4: Арзёбии қобилияти қарзадокунӣ ҳамчун дурнамои дарозмуддати вазъи молиявии субъект барои бонк аҳамияти хоса дорад. Барои таҳияи пешгӯии вазъи молиявии субъектҳо кластерикунонии онҳо аз рӯи намудҳои устувории молиявӣ, бо назардошти таъминоти захираҳо бо манбаъҳои маблағгузорӣ бо истифода аз усули классикӣ гузаронида шудааст. Чунин раванди арзёбӣ имконияти имрӯза ва ояндаи низоми ягонаи муайянкунандаи иқтидори қарзадокунии соҳаро дар давраҳои оянда боназардошти вазъияти баамаломада дар як давраи муайян инъикос менамояд.

Қобилияти қарзадокунии соҳаи кишоварзӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосӣ дар робита бо ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, масъалаи пурзӯр кардани ин раванд барои минбаъд идома ёфтани қарздиҳии бонкҳои тиҷоратии кишвар дар ин самт боқӣ мемонад.

**Ҷадвали 3. - Андозаҳои қарздиҳӣ барои субъектҳои кишоварзӣ вобаста аз арзёбии қобилияти қарзадокунӣ**

| Сатҳи қобилияти карзадокунӣ | Тартиби камкунии хавфи бонкӣ | Тартиби қарздиҳӣ | Меъёри фоиз | Фаврияти қарз |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи баланд, устувории мутлақи молиявӣ | нақшаи чандирии адои қарз; имтиёз ҳангоми адои пеш аз мухлат | кушодани суратҳисоби шартномавӣ; боздоди якдафъагӣ | имтиёзнок, стандартӣ | дарозмуддат, миёнамуҳлат |
| Сатҳи миёна, устувории муътадили молиявӣ | тақозои гарав ва ё кафолатдиҳанда ва суғуртаи қарз | боздеҳии якдафъагӣ | стандартӣ | миёнамуҳлат; кӯтоҳмуддат |
| Сатҳи паст, вазъияти ноустувори молиявӣ | банақшагирии муштараки тиҷорат, кафолатдиҳанда ва суғуртаи қарз | кушодани хатҳои қарзии таҷдидшаванда ва мавсимӣ | зиёдшуда, баландшуда | кӯтоҳмуддат |

**Таҳияи муаллиф дар асоси вазъи воқеии соҳа**

Ҳамин тавр, қобилияти қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ ба муҳлати қарз, меъёри фоизи он, раванди қарздиҳӣ ва муносибатҳои минбаъдаи бонк ба он таъсири манфӣ ё мусбӣ мерасонад.

Марҳилаи 5: Дар ҷадвали 3 муайянкунии андозаҳои қарздиҳӣ вобаста ба қобилияти қарзадокунӣ ва дараҷаи хавфи бонкӣ оварда шудааст.

Масъалаи асосии муайянсозии қобилияти қарзадокунии соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои кишоварзии коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ як қатор зарибҳои муайянкунандаи устувории молиявии онҳоро тақозо менамояд. Барои таъмини раванди бомароми қарздиҳии бонкӣ ба соҳаи гуногуни кишоварзӣ зарурати пурзӯр кардани қарзадокунии корхонаҳои кишоварзӣ ва соҳаи мазкур шарти асосист. Қобилияти қарзадокунӣ хусусияти дутарафа дошта, ба потенсиали молиявии тарафҳо таъсир мерасонад. Барои пурзӯр гардонидани қобилияти қарзадокунӣ ё муайянсозии имкониятҳои мавҷудаи ин ҷараён бояд зарибҳоеро истифода бурд, ки вазъияти ин соҳаро ба пуррагӣ арзёбӣ карда тавонанд. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрсамта буда, он тамоми соҳаҳои гуногуни фаъолияти кишоварзӣ, корхонаҳои сатҳи гуногуни кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқониро дар худ фаро мегирад.

**Адабиёт**

1. Агапова Т.Н. Отбор органами власти участников открытых тендеров на получение краткосрочных льготных кредитов и гарантий /Т.Н. Агапова //Финансы и кредит. - 2003. - № 23.- С.136

2. Дворядкин Д.А. Эффективность функционирования сельскохозяйственных организаций в условиях активизации инновационных процессов/Д.А.Дворядкин, В.А. Кундиус//Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2012. – № 3. – С. 43-45.

## НАҚШИ БОНКҲОИ НИЗОМСОЗ ДАР РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ

**Мирсаидзода Азиз Аъзам** – доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 788-20-33-33.
E-mail: Aziz_1155@mail.ru

**Баҳруллои Назрулло** - магистранти курси 2-юми ихтитсоси 1-25010402.

Баҳодиҳии ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар муносибатҳои бозорӣ торафт бештар мавқеъи худро васеъ намуда, аз тарафи олимони соҳа роҳҳои муайян кардани он мавриди таҳқиқи амиқ қарор дорад.

Муаллиф дар асоси таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ тавонистааст, ки нақши баҳогузориро дар низоми бонкии муосир пурра таҳлил намуда, муайян намудааст, ки ташкили рақобат дар пешрафти бонкҳо таъсири мусбат мерасонад.

Дар хулосаи мақола муаллиф доир ба ташкил намудани рақобат ва рейгинггузории бонкӣ ва таъсири он пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

**Калидвожаҳо**: бонки тиҷоратӣ, рақобат, бонкҳои низомсоз, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, рейтинг, устувории молиявӣ.

## РОЛЬ СИСТЕМНО ЗНАЧИМЫХ БАНКОВ В РАЗВИТИИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ

**Мирсаидзода Азиз Аъзам** – доктор философии (PhD), старший преподаватель кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 788-20-33-33 Электронная почта: Aziz_1155@mail.ru

**Бахруллои Назрулло** – магистр 2-го курса по специальности 1-25010402.

Оценка финансового состояния кредитных организаций в рыночных отношениях все больше расширяет свои позиции, а методы ее определения все глубже изучаются учеными в этой области.

На основе изучения экономической литературы автору удалось всесторонне проанализировать роль оценки в современной банковской системе и определить, что организация конкуренции оказывает положительное влияние на развитие банков.

В заключение статьи автор высказывает конкретные предложения относительно организации регулирования конкуренции и банковской деятельности и ее влияния.

**Ключевые слова:** коммерческий банк, конкуренция, регулирующие банки, финансово-кредитные организации, рейтинг, финансовая устойчивость.

## THE ROLE OF SYSTEMICALLY IMPORTANT BANKS IN THE DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM

**Mirsaidzoda Aziz A'zam** - Doctor of Philosophy (PhD), Senior Lecturer of the Banking Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Phone: +992 788-20-33-33-33
E-mail: Aziz_1155@mail.ru

**Bahrulloi Nazrullo** is a 2nd year Master's student in specialty 1-25010402.

The assessment of financial condition of credit organizations in market relations is increasingly expanding its positions, and the methods of its determination are being studied more and more deeply by scientists in this field.

Based on the study of economic literature, the author managed to comprehensively analyze the role of assessment in the modern banking system and determine that the organization of competition has a positive impact on the development of banks.

The author concludes the article with specific suggestions regarding the organization of competition and banking regulation and its impact.

**Keywords:** commercial bank, competition, regulatory banks, financial and credit organizations, rating, financial stability.

Мустаҳкам гардидани муносибатҳои молиявӣ дар байни ташкилотҳои қарзӣ ва аҳамияти баланд касб намудани гардиши сармоя, инчунин тағйиротҳои зиёд дар равандҳои инноватсионии низоми бонкии муосир заруриятро ба вуҷуд овард, ки ташкилотҳои молиявии қарзӣ устувор ва фаъолити худро босубот намоянд, то дар шароити номуайянии муосир мутобиқ бошанд. Шароити имрӯзаи иқтисодӣ онҳоро маҷбур месозад, ки аз ҷиҳати ҷалби сармоя ва гардиши он, даромаднокӣ аз амалиётҳои молиявӣ, иҷрои амалиётҳои нави инноватсионӣ, ҷалби бештари мизоҷон, самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва ғайра пешсаф бошанд. Ҳарчанд, ки ташкилоти қарзии молиявии дар низоми бонкӣ фаъолияткунанда ва босуботии онҳо дар ҳақиқат, ба устувории низоми бонкии мамлакат ва фаъолияти босуботи тамоми низоми молиявӣ, аз ҷумла ба тамоми соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт таъсири назаррас дошта бошад, боз нақши ташкилотҳои қарзии низомсоз беандоза мебошад. Бинобар ин, бонкҳои низомсоз дар низоми бонкии кишвар аҳамияти калон дошта, дар пешрафти ин низом нақши асосиро мебозанд.

Вазъи низоми бонкӣ муҳимтарин нишондиҳандаи амнияти иқтисодии ҳар як кишвар, минтақа ва бахши бонкӣ омили таъмини рушди устувори иқтисодиёт мебошад. [1]

Ба ин мисол шуда метавонад бӯҳрони бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои 2015-2020 дар баробари таъсири маҷмӯи омилҳои беруна ва дохилӣ ва дар натиҷаи ба вуҷуд омадани вазъиятҳои бӯҳронӣ дар фаъолияти бонкҳои низомсоз ба миён омад. Аз ҷумла, дар солҳои пеш аз бӯҳрон ду бонки калонтарини низомсоз – ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвестбонк» дар вазъи вазнини молиявӣ қарор гирифтанд, ки то оғози соли 2021, яъне то қатъ гардидани фаъолияташон идома ёфт. Вобаста ба ин, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2021 иҷозатномаи ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» бозхонд карда шуданд.

Ҳангоми баҳогузории ташкилотҳои қарзӣ якчанд омилҳои муайянкунанда аз қабили муносибатҳои байниҳамдигарии ташкилоти қарзӣ аз рӯи ҷойгирнамоии маблағҳо, ҷалби пасандозу маблағҳои қарзӣ, таъсир ва натиҷаи фаъолияти он ба бозори байнибонкӣ, қобилияти ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати ивазнамоии мавқеи ташкилоти қарзии дигар дар низом ҳангоми ба мушкилии молиявӣ дар бахши пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дучор шудан (иваз намудани ташкилот аз рӯи пардохтҳо ва сандуқи қарзии низоми бонкӣ), вазъи мураккаби ташкилоти қарзӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ ва ғайра ба назар гирифта мешаванд.

Ҳарчанд ки тибқи баҳогузории мазкур ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш менамоянд, ки барои рақобатпазир шудан дар байни дигар ташкилотҳои қарзӣ нишондиҳандаҳои меъёрии худро ба меъёрҳои муайяншуда мувофиқ намоянд, аммо аз тарафи дигар нишондиҳандаҳо ба нишондиҳандаҳои бонкҳои низомсоз наздик карда наметавонанд. Танҳо ташкилоти қарзии эҳтимолӣ метавонанд дар баъзе ҳолат ҷои худро иваз намоянд.

Усулҳои баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва устувории бонки тиҷоратӣ, махсусан бонкҳои низомсоз дар амалия дар таҷрибаи хориҷӣ роҳҳои муайян намудани гуногун дорад, ки онро аз нигоҳи институтсионалӣ ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд:

1. Баҳодиҳӣ аз тарафи бонкҳои марказӣ;
2. Баҳодиҳӣ аз тарафи агентҳои махсуси рейтингӣ.

Ҳарчанд ки ин роҳҳои муайян намудани баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва рейтинггузориро дар баъзе давлатҳо ба таври васеъ истифода менамоянд, аммо дар мо бошад асосан аз роҳи якум, яъне, он ҳам бошад барои муайян намудани ташкилоти қарзии низомсоз истифода менамояд.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ҳангоми муайян намудани баҳои ташкилоти қарзӣ, рейтинги онҳо ва ташкилотҳои қарзии низомсоз якчанд хусусиятҳо аз қабили андозаи ташкилоти қарзӣ, алоқамандӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ, қобилияти якдигаривазнамоӣ ва мураккабӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ мавҷуданд, ки ин хусусиятҳо дар маҷмуъ наметавонанд пурра ташкилотҳои қарзиро баҳогузорӣ намоянд ва рейтинги онҳоро муайян намоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкили рақобат дар байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, самаранок амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалӣ, танзиму назорати босамари фаъолияти бонкӣ рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсозро муайян менамояд, ки онро дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. – Ташкилотҳои қарзии низомсози мамлакат дар солҳои 2019-2024**

| Сол | Ҷойи ишғолнамуда | Номи ташкилоти қарзӣ | Меъёри ҷамъбастӣ |
|---|---|---|---|
| 2019 | 1 | БДА ҶТ "Амонатбонк" | 30,64 |
| | 2 | ҶСК "Ориёнбонк" | 21,71 |
| | 3 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 13,52 |
| | Эҳтимолӣ* | ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 7,30 |
| 2020 | 1 | БДА ҶТ "Амонатбонк" | 31,13 |
| | 2 | ҶСК "Ориёнбонк" | 20,54 |
| | 3 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 12,43 |
| | Эҳтимолӣ | ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 7,22 |
| 2021 | 1 | БДА ҶТ "Амонатбонк" | 30,53 |
| | 2 | ҶСК "Ориёнбонк" | 21,43 |
| | 3 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 11,98 |
| | Эҳтимолӣ | ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 6,42 |
| 2022 | 1 | БДА ҶТ "Амонатбонк" | 24,64 |
| | 2 | ҶСК "Ориёнбонк" | 20,06 |
| | 3 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 12,64 |
| | Эҳтимолӣ | ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 5,07 |
| 2023 | 1 | БДА ҶТ "Амонатбонк" | 24,27 |
| | 2 | ҶСК "Ориёнбонк" | 20,06 |
| | 3 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 14,39 |
| | Эҳтимолӣ | ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 5,17 |
| 2024 | 1 | КВД БА ҶТ"Амонатбонк" | 22,87 |
| | 2 | ҶСК "Ориёнбонк" | 18,63 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | 3 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 14,67 |
| | Эҳтимолӣ | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 6,01 |

*Ба ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ташкилотҳое дохил мегарданд, ки аз рӯи баҳодиҳии навбатӣ метавонанд ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шаванд.

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон (https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi/intishorot.php)

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали овардашуда муайян наудан мумкин аст, ки дар солҳои 2019-2024 танҳо се бонк БДА ҶТ "Амонатбонк" (баъд аз соли 2024 КВД БА ҶТ"Амонатбонк"), ҶСК "Ориёнбонк" ва ҶСК "Бонки Эсхата" дар рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз қарор доранд. Яъне, ин бонкҳо тибқи меъёри ҷамъбастӣ мустаҳкам буда, ҷойи худро дар солҳои наздик ба ҳеҷ ташкилоти қарзии молиявии дигар додани нестанд ва аз рӯи меъёрҳои ташкилотҳои қарзии эҳтимолии низомсоз низ дидан мумкин аст, ки онҳо меъёри ҷамъбастии худро бо меъёри бонкҳои номбурда ба осонӣ баробар карда наметавонанд. Ҳарчанд, солҳои охир меъёри ҷамъбастии бонкҳои низомсоз каме коҳиш ёфта истодаанд, яъне дар соли 2019 дар БДА ҶТ "Амонатбонк"-30,64, ҶСК "Ориёнбонк"-21,71 ва ҶСК "Бонки Эсхата" - 13,52 омада расида бошад, ин нишондод дар соли 2024 дар КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ба 22,87, ҶСК "Ориёнбонк" ба 18,63 ва ҶСК "Бонки Эсхата" ба 14,67 баробар гардид. Аммо, дар ҳамаи ин давра нишондодҳои ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ аз 7,30 боло нарафтааст.

Дар натиҷаи таҳлили дар боло оварашуда муайян намудан мумкин аст, ки дар байни бонкҳо ташкил намудани рақобати комил дар самти ба даст овардани рейтинги баланд мушкил буда метавонад. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст, ки роҳҳои нави муайян намудани рейтинги бонкҳоро коркард намуда, дар байни ташкилотҳои қарзӣ рақобатро барпо намояд.

Пеш аз ҳама барои муайян намудани фаъолияти бонкҳои низомсоз ва дар ҳақиқат баҳо додани он нисбат ба дигар бонкҳои кишвар нишондиҳандаҳои асосии онро муайян намудан зарур мегардад, ки оно дар ҷадвали 2 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои асосии бонкҳои низомсози мамлакат дар соли 2023-2024**

| Нишондиҳандаҳо | | Дорой | | Ухдадорӣ | | Сармояи тавозунӣ | | Даромаднокии дороиҳо (ROA, %) | | Даромаднокии сармоя (ROE, %) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳои низомсоз | Сол | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | | 7579 | 8719 | 6719 | 7730 | 859 | 989 | 1,7 | 1,6 | 15 | 14,1 |
| ҶСК "Ориёнбонк" | | 5287 | 5349 | 4038 | 3963 | 1248 | 1385 | 2,2 | 2,2 | 9,5 | 8,7 |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | | 5678 | 6926 | 4699 | 5807 | 978 | 1119 | 3,9 | 3,7 | 22,5 | 23 |
| Ҳамагӣ | | 18544 | 20994 | 15456 | 17500 | 3085 | 3493 | - | - | - | - |
| Дар низоми бонкӣ | | 37 679 | 47 478 | 30 319 | 38 514 | 7 361 | 8 964 | 2,65 | 2,62 | 13,58 | 13,90 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи онҳо дар низоми бонкӣ (%) | 49,2 | 44,2 | 50,9 | 45,4 | 41.9 | 38,9 | - | - | - | - |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои сайти БМТ (https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/finance_bank_pokazatel.php)

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда муайян намудан мумкин аст, ки дар ҳақиқат нишондиҳандаҳои асосии молиявии бонкҳои низомсоз ба қадри зарурӣ рушд карда истода, ҳиссаи онҳо дар низоми бонкӣ назаррас мебошанд. Чи тавре ки дида мешавад, КВД БА ҶТ "Амонатбонк" аз рӯи тамоми нишондиҳандаҳо дар байни дигар бонкҳо дар ҷои аввал қарор дорад. Ҳиссаи КВД БА ҶТ "Амонатбонк" дар низоми бонкӣ аз рӯи нишондиҳандаи дороиҳо дар соли 2023 – 20%, дар соли 2024 – 18,3, уҳдадорӣ дар соли 2023 – 22,1%, дар соли 2024 – 20%, сармояи тавозунӣ дар соли 2023 – 11,6%, дар соли 2024 – 11%-ро ташкил медиҳад. Ҳарчанд ки нишондиҳандаҳои молиявии бонк дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 кам гардида бошад, ҳам, аммо то ба ҳол ҳиссаи он нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ баландтар ва таъсири он зиёдтар низ ҳаст. Яъне, назаррас будани ҳиссаи бонк дар низоми бонкӣ маънои онро дорад, ки таъсири бонк дар низом зиёд буда, камбудӣ дар фаъолият метавонад ба тамоми низоми бонкӣ таъсири худро расонад.

Дар асоси ҷамъбасти маълумотҳои таҳлилшудаи бонкҳои низомсози кишвар ва тафсирҳои назариявию муқоисавии он муайян намудан мумкин аст, ки устувории низоми бонкии кишвар аз онҳо вобаста буда, муфлисшавии он метавонад як қатор бонкҳои хурди кишвар таъсири манфӣ расонад ва боварии мизоҷонро дар низоми бонкӣ кам гардонад.

**Адабиёт**


1. Kumar, K. Developing a framework for assessing sustainable banking performance of the Indian banking sector / K. Kumar, A. Prakash // Social Responsibility Journal. – 2019. - 15(5). P.689-709. DOI: 10.1108/SRJ-07–2018–0162. P.2.
2. Аҳадов И.Қ.Такмили низмои идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 [Матн] / И.Қ. Аҳадов. - Душанбе, 2024 – С.153-154.
3. Бортников Г.П. Истоки угрозы крупных банков для финансовой системы// Управление в кредитной организации, М.: 2010. №2. С. 25.
4. Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз, аз 30 ноябри с. 2018 таҳти №163.
5. Талисманов Ю.Л. Определение роли системообразующих банков в развитии экономики//Финансовая аналитика: проблемы и решения. 2011. № 4 (46). С. 55-60. (57)
6. https://nbt.tj/tj


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВӢ


**Раҳимова Азима Валиевна** – м.калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: R_Azima_81_81.@mail.ru. Тел: (+992)918750767

**Исмоилова Моҳира** – магистранти курси 1-уми ихтисоси кори бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.


Мониторинги молиявӣ - «маҷмӯи чорабиниҳои давлат бо роҳи қабули санадҳои меъёрии муайян ва таъсиси мақомоти ваколатдор, ки кӯшишҳои онҳо ба пешгирии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм чи

дар субъектҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он равона карда шудаанд» мебошад.

Сарфи назар аз он, ки чунин падидаи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ба мисли мониторинги молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми нав бошад ҳам, муайян намудани мавқеи он дар низоми соҳаҳои ҳуқуқ вазифаи муҳим ба назар мерасад.

**Калидвожаҳо:** мониторинг, мониторинги молиявӣ, муқовимат бо амалиётҳои молиявии ғайриқонунӣ, қонунгардонии даромадҳо, маблағгузории терроризм, технологияҳои рақамӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФИНАНСОВОГО МОНИТОРИНГА

**Рахимова Азима Валиевна** – ст. преподаватель кафедры “Банковское дело” Таджикского государственного финансово экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14. E-mail: R_Azima_81_81.@mail.ru. Тел: (+992)918750767

**Исмоилова Мохира** – магистрант 1-го курса специальности банковское дело Таджикского государственного финансово экономического университета

Финансовый мониторинг – это «совокупность действий государства посредством издания определенных нормативных актов и создание уполномоченных органов, усилия которых направлены на предотвращение легализации денег, полученных преступным путем, и финансирования терроризма, как в отдельных субъектах Республики Таджикистан, так и в масштабе всей страны и за ее пределами».

Несмотря на то, что такое правовое и экономическое явление как финансовый мониторинг в Республике Таджикистан появилось сравнительно недавно, определение его места в системе отраслей права представляется немаловажной задачей.

**Ключевые слова:** мониторинг, финансовый мониторинг, противодействия незаконным финансовым операциям, легализация доходов, финансирование терроризма, цифровые технологии.

## THEORETICAL BASIS OF FINANCIAL MONITORING

**Rakhimova Azima Valievna** - Art. Lecturer of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. E-mail: R_Azima_81_81. @ Mail.ru. Tel: (+992) 918750767

**Ismoilova Mohira** – 1st year master's student of the banking specialty of the Tajik State Financial and Economic University

Financial monitoring is “a set of state actions through the issuance of certain regulations and the creation of authorized bodies whose efforts are aimed at preventing the legalization of money obtained through criminal means and the financing of terrorism, both in individual subjects of the Republic of Tajikistan and on a national scale and beyond its borders.”

Despite the fact that such a legal and economic phenomenon as financial monitoring in the Republic of Tajikistan appeared relatively recently, determining its place in the system of branches of law seems to be an important task.

**Keywords:** Monitoring, financial monitoring, counteraction to illegal financial transactions, legalization of income, financing of terrorism, digital technologies.

Термин «мониторинг» означает постоянное наблюдение за нужным процессом для выявления его соответствия первоначальным предположениям или желаемому результату.

Мониторинг – это ряд действий, направленных на изучение объекта путем непрерывного надзора за его состоянием и проведением дальнейшего анализа. Под банковским мониторингом понимают «систему наблюдения за ключевыми параметрами банковского сектора экономики и анализа информации о его состоянии с целью выявления тенденций, прогноза будущего развития с учетом внутренней и внешней среды и предотвращения кризисных ситуаций». Появление любой новой науки всегда, так или иначе, имеет в своей основе человеческие потребности в сфере системного осознания и освоения окружающей среды, выживания в ней и по возможности – изменения ее в лучшую сторону для жизни людей. По мнению ученых, в области исследования развития науки мы постоянно сталкиваемся с процессами дифференциации и интеграции научных знаний. Причем по ходу интеграции иногда в систему научных знаний объединяются порой распределенные случайным образом и далеко отстоящие один от другого результаты научных исследований.

Нам представляется правильным и интересным мнение известных ученых о том, что сегодня системное осознание окружающей действительности развивается таким образом, что в нём объединяются знания, полученные в результате развития гуманитарной науки, и достижения в области исследования интеллектуальных кибернетических систем.

Необходимость в науке финансового мониторинга, на наш взгляд, появилась совсем недавно – в начале 2000-х годов – и во многом связана с обострившимися к тому времени проблемами противодействия незаконным финансовым операциям и терроризму. Возникла объективная необходимость создания системы противодействия таким угрозам. Применительно к науке финансового мониторинга нужно создать концепцию противодействия внешним и внутренним угрозам посягательства на права и законные интересы граждан, общества и государства со стороны тех лиц и организаций, которые занимаются отмыванием денег и финансированием терроризма. Такая концепция должна генерировать и обобщить практические знания и опыт, в значительной мере уже наработанные Департаментом по финансовому мониторингу в нашей стране, что, безусловно, продвинет науку в нужном направлении и даст новый импульс для практики совершенствования ПОД/ФТ/ФРОМП, создаст больше возможностей для подготовки соответствующих высококвалифицированных специалистов.

Понятие «финансовый мониторинг» в законодательстве Республики Таджикистан появилось с изданием Указа Президента Республики Таджикистан «Об уполномоченном органе по противодействию легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, и финансированию терроризма» от 20 октября 2007 г. №724. Исполнительным органом власти стал Департамент по финансовому мониторингу при Национальном банке Таджикистана. В Указе Президента Республики Таджикистан № 1033 перед Департаментом по финансовому мониторингу поставлена новая задача: организовать и обеспечить научную и научно-исследовательскую деятельность в области противодействия легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, и финансированию терроризма, а также подготовку кадров в этой области путем реализации основных профессиональных образовательных и дополнительных профессиональных программ. Финансовый мониторинг — сложная предметная область, содержащая в себе основы правового, финансового и административного регулирования, межведомственных и межгосударственных взаимоотношений.

Во всём мире началась борьба с этими явлениями в конце 90-х годов и особенно – после известных трагических событий в сентябре 2001 года, когда в США террористами было совершено нападение на торговый центр. Как уже говорилось, в США был принят Закон-патриот, по которому Министерство финансов получило ряд полномочий по борьбе

с финансированием терроризма. Проблема борьбы с терроризмом начала распространяться и на другие страны. Нужно было осмыслить, проанализировать и обобщить опыт противодействия незаконным финансовым операциям в целом и финансированию терроризма в частности. Стало очевидно, что надо изучать соответствующие нормы международного права, а также обнаружилась потребность проведения по этим вопросам сравнительных исследований нормативно-правового регулирования деятельности правоохранительных органов в зарубежных странах.

Сам термин «финансовый мониторинг» отражает предметную область, которая ориентирует науку финансового мониторинга на изучение правоохранительного законодательства, использования информационно-аналитических технологий, достижений науки в области интеллектуальных кибернетических систем. В литературе по проблемам системы финансового мониторинга в одной из научных работ авторы пишут, что термин «финансовый мониторинг» сравнительно недавно получил распространение в нашей стране. При этом акцентируется роль государственно-правовых элементов в содержании понятия финансового мониторинга. На наш взгляд, такой поход ценен в науке прежде всего в том отношении, что он отражает активную роль и ведущее значение государственно-правовых начал в финансовом мониторинге. Ведь финансовый мониторинг регулируется не частным, а публичным правом. Да и в международной практике деятельность подразделение финансовой разведки (ПФР) рассматривается как функция публичного права.

Такое понимание вытекает из определения ПФР как органа государственной власти. Financial intelligence unit – подразделение финансовой разведки (ПФР). Этот термин обозначает государственный орган, определяемый в установленном национальным законодательством государства порядке, выполняющий функции центра для сбора и анализа сообщений о подозрительных операциях и иной информации, относящейся к легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, предикатным преступлениям, финансированию терроризма и распространению оружия массового уничтожения, а также передачи такой информации в компетентные органы.

А поскольку у правового государства нет другого способа регулирования общественных отношений, кроме как издание нормативных актов, проведение их в общественную жизнь и применение всего, что связано с его правоохранительной функцией, в сфере защиты финансов страны, то, стало быть, финансовый мониторинг – это часть правоохранительной системы в широком смысле этого слова. Правоохранительная функция государства, так или иначе, реализуется через функции всех его органов. В тех случаях, когда для органа государства она является основной и единственной, такой орган приобретает все качества правоохранительного органа. Впервые термин «правоохранительная система» был предложен в 1991 году. Предлагалось различать правоохранительные органы в зависимости от того, как они взаимосвязаны с правоохранительной функцией государства. Соответственно, надзорные и контролирующие органы теснее других органов государственной и другой публичной власти взаимосвязаны и постоянно взаимодействуют с правоохранительными органами. Но от этого они не становятся правоохранительными органами, поскольку не наделены правом проводить, предварительное расследование преступлений.

Вместе с тем правоохранительная система за прошедшие годы значительно усложнилась. С другой стороны, и финансовая система Таджикистана тоже становится инновационной.

В ней стабильными темпами внедряются цифровые технологии, которые ускоряют и улучшают денежное обращение. Однако наряду с возникшими преимуществами новой

денежной системы появились и проблемы, которых не было раньше. В частности – виртуальные валюты. С развитием информационных технологий и их применением в банковском секторе экономики появилось больше скрытых для контроля со стороны правоохранительной системы возможностей для легализации доходов, полученных преступным путем, и финансирования терроризма. Соответственно, значение финансового мониторинга возрастает. Но это возросшее значение предполагает высокий научный потенциал мониторинга.

Стало быть, надо изучать сущность и содержание той деятельности, которая проводится финансовым мониторингом, и то, как сам этот финансовый мониторинг должен быть правильно встроен в финансовую систему с одной стороны и в правоохранительную систему – с другой.

**Литературы**


1. Положение о Департаменте финансового мониторинга.
2. Закон РТ «О Национальном банке Таджикистана».
3. Закон РТ «О банковской деятельности».
4. Закон РТ «О противодействии легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, и финансированию терроризма» от 20.10.2009г. № 724.
5. Васильева М.В. Оценка эффективности и результативности использования бюджетных средств при проведении финансового контроля // Финансовая аналитика, пробл. и решения. М., 2011. № 13.
6. Сабитова, Н.М. Государственный финансовый контроль: Учебник / Н.М. Сабитова, М.Е. Орлова, Ч.М. Шавалеева. – М.: Рид Групп, 2012. 512 с.
7. Белов В. А. Финансово-правовые институты зарубежных стран: учебное пособие / В. А. Белов, М. М. Прошунин. – М.: РИОР, ИНФРА-М, 2012.
8. Зубков В.А., Осипов С.К. Международная система противодействия отмыванию денег и финансированию терроризма. М.: Финансы и статистика, 2008.

**Интернет ресурс:**

9. www.minfin.tj
10. www.nbt.tj
11. www.stat.tj
12. www.wikipedia.org


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВЛИЯНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ НА РОСТ ЭКОНОМИКИ


**Сафаров И.Н.** - старший преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 918 993363

**Каримзода Бахтиёри Курбонали** –магистрант 2 курса– специальность 1-25010402



В статье рассматриваются основные теоретические подходы к анализу влияния инвестиций на экономический рост. Обсуждаются концепции классической, неоклассической, кейнсианской и эндогенной теории роста, а также модели Харрода-Домара и Солоу.

Анализируются ключевые факторы, определяющие эффективность инвестиций, включая макроэкономическую стабильность, институциональную среду, уровень технологического развития и качество человеческого капитала.

Сделан вывод о важности инвестиций не только в физический, но и в интеллектуальный капитал для обеспечения устойчивого экономического развития.

**Ключевые слова:** инвестиции, экономический рост, классическая теория, неоклассическая теория, модель Солоу, модель Харрода-Домара, человеческий капитал, институциональные факторы, макроэкономическая стабильность, технологический прогресс.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪСИРИ САРМОЯҲО БА РУШДИ ИКТИСОДИЁТ

**Сафаров И.Н.** – н.и.и., муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 918 993363

**Каримзода Бахтиёри Қурбонали** - магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-25010402.

Дар мақола равишҳои асосии назариявии таҳлили таъсири сармоягузорӣ ба рушди иқтисодӣ баррасӣ карда мешаванд. Мафҳумҳои назарияи афзоиши классикӣ, неоклассикӣ, кейнсионӣ ва эндогенӣ, инчунин моделҳои Ҳаррод-Домар ва Солоу баррасӣ мешаванд.

Омилҳои асосии муайянкунандаи самаранокии сармоягузорӣ, аз ҷумла суботи макроиқтисодӣ, муҳити институтсионалӣ, сатҳи рушди технологӣ ва сифати сармояи инсонӣ таҳлил карда мешаванд.

Дар бораи аҳамияти сармоягузорӣ на танҳо ба сармояи ҷисмонӣ, балки ба сармояи зеҳнӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ хулоса бароварда шуд.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ, назарияи классикӣ, назарияи неоклассикӣ, модели Солоу, модели Ҳаррод-Домар, сармояи инсонӣ, омилҳои институтсионалӣ, суботи макроиқтисодӣ, пешрафти технологӣ.

## THEORETICAL BASIS OF THE INFLUENCE OF INVESTMENTS ON ECONOMIC GROWTH

**Safarov I.N.**- Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 918 993363

**Karimzoda Bakhtiyori Kurbonali** – 2nd year masters student – specialty 125010402

The article examines the main theoretical approaches to the analysis of the impact of investment on economic growth. The concepts of classical, neoclassical, Keynesian and endogenous growth theory, as well as the Harrod-Domar and Solow models are discussed.

The key factors determining the effectiveness of investments are analyzed, including macroeconomic stability, institutional environment, level of technological development and quality of human capital.

A conclusion is made about the importance of investments not only in physical but also in intellectual capital to ensure sustainable economic development.

**Key words:** investment, economic growth, classical theory, neoclassical theory, Solow model, Harrod-Domar model, human capital, institutional factors, macroeconomic stability, technological progress.

Инвестиции играют ключевую роль в экономическом развитии любой страны. Они способствуют расширению производства, повышению конкурентоспособности и технологическому прогрессу. Теоретическое осмысление влияния инвестиций на экономический рост охватывает множество концепций, начиная с классических экономических теорий до современных моделей макроэкономики.

В экономической науке инвестиции представляют собой вложение ресурсов с целью получения прибыли или создания дополнительных экономических благ в будущем. Они могут быть частными или государственными, реальными (в производство, инфраструктуру) и финансовыми (покупка ценных бумаг, банковские вклады), а также краткосрочными, среднесрочными и долгосрочными [1], [2].

Классическая школа экономической мысли (А. Смит, Д. Рикардо) рассматривала инвестиции как ключевой фактор накопления капитала. Вывод: инвестиции способствуют увеличению производственных мощностей и росту национального богатства, но их эффективность зависит от уровня сбережений и институциональных факторов.

В рамках неоклассической теории (Р. Солоу) инвестиции определяются уровнем сбережений и технологическим прогрессом, которые в долгосрочной перспективе приводят к увеличению выпуска продукции [3, с. 65]. Вывод: инвестиции играют значительную роль в росте экономики, но без технологического прогресса их предельная отдача со временем снижается.

Дж. М. Кейнс ввел понятие предельной эффективности капитала, согласно которому объем инвестиций зависит от ожидаемой нормы прибыли и процентной ставки. Если предельная эффективность капитала превышает процентную ставку, инвестиции растут, стимулируя экономический рост. Это подчеркивает важность денежно-кредитной политики государства [4]. Вывод: экономическая политика, особенно процентные ставки и меры государственного регулирования, играет критическую роль в стимулировании инвестиционной активности.

Современные экономисты рассматривают инвестиции как один из основных факторов долгосрочного роста. Наиболее значимые модели включают модель Солоу, согласно которой инвестиции увеличивают объем капитала, но из-за убывающей предельной отдачи их влияние ограничено [3, с. 65]. Вывод: для поддержания долгосрочного роста необходимо постоянное обновление технологий и повышение производительности.

Эндогенные модели роста (Р. Лукас, П. Ромер) показывают, что инвестиции в человеческий капитал, науку и технологии могут обеспечивать устойчивый рост без снижения предельной отдачи [7], [8]. Вывод: вложения в человеческий капитал и инновации являются наиболее устойчивыми драйверами экономического роста.

Модель Харрода-Домара подчеркивает важность инвестиций в увеличение производственных мощностей для предотвращения экономической нестабильности [5], [6]. Вывод: стабильный рост требует согласования темпов накопления капитала и роста потребления.

Влияние инвестиций на экономический рост зависит от ряда факторов, таких как макроэкономическая стабильность (инфляция, процентные ставки, государственная политика), институциональная среда (защита прав собственности, уровень коррупции, налоговая система), технологический уровень (доступ к инновациям, цифровизация) и

человеческий капитал (уровень образования и профессиональной подготовки рабочей силы) [9], [10].

Инвестиции являются ключевым драйвером экономического роста, но их эффективность зависит от множества факторов, включая макроэкономическую политику, институциональные условия и технологический прогресс. Современные экономические теории подчеркивают важность не только физических, но и интеллектуальных инвестиций, что делает развитие науки, технологий и человеческого капитала центральным элементом стратегии долгосрочного роста.

**Литературы**


1. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. – СПб.: Экономика, 1776.
2. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогообложения. – М.: Издательство АН СССР, 1817.
3. Солоу Р. Вклад в теорию экономического роста // Quarterly Journal of Economics. – 1956. – №70(1). – С. 65-94.
4. Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег. – М.: ГЕЛИОС, 1936.
5. Харрод Р. Очерк теории динамики. – М.: Прогресс, 1939.
6. Домар Е. Расширение, экономическое развитие и занятость // American Economic Review. – 1946. – №36.
7. Лукас Р. О механизме экономического роста // Journal of Monetary Economics. – 1988. – №22.
8. Ромер П. Конец роста: Долгосрочные перспективы экономики // Journal of Political Economy. – 1990. – №98(5).
9. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики. – М.: Фонд экономической книги «Начала», 1990.
10. Асемоглу Д., Робинсон Д. Почему одни страны богатые, а другие бедные. – М.: АСТ, 2012.


## НАЗАРИЯИ ПАЙДОИШИ ПУЛ ВА МУНОСИБАТҲОИ ПУЛӢ ДАР ҶОМЕА


**Шарбатов Сорбон Сулаймонович -** ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе к.Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 003-99-75-15, @mail.ru: sharbatov95@mail.ru

**Муҳаббатова Фарзина Ховидоновна** - магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-25010402



Пул категорияи иқтисодӣ буда, дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун моли махсусе мебошад, ки ба таври стихиявӣ аз олами молҳо ҷудо шудааст ва ҳамчун эквиваленти универсалӣ хизмат мекунад. Муаллиф кушиш намудааст, ки бо қадри имкон назарияи пуйдоиши пулро дар муносибатҳои пулӣ ва ҷомеаро таҳлил намояд.



**Калидвожа:** пул, моли махсус, эквиваленти умумӣ, воситаи пардохт, муносибатҳои ҷамъиятӣ, муомилоти пулӣ, миқдори пул.


## ТЕОРИЯ ПРОИСХОЖДЕНИЯ ДЕНЕГ И ДЕНЕЖНЫЕ ОТНОШЕНИЯ В ОБЩЕСТВЕ


**Шарбатов Сорбон Сулаймонович** - ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067,

Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 003-99-75-15, E-mail: sharbatov95@mail.ru.

**Мухаббатова Фарзина Ховидоновна** - магистрант 2 курса специальности 1-25010402

Деньги — экономическая категория, а в экономической литературе — особый товар, стихийно отделившийся от мира товаров и служащий всеобщим эквивалентом. Автор постарался максимально проанализировать теорию создания денег в денежных отношениях и обществе.

**Ключевые слова:** деньги, специальные товары, общий эквивалент, средство платежа, общественные отношения, денежные операции, денежная масса.

## THEORY OF THE ORIGIN OF MONEY AND MONETARY RELATIONS IN SOCIETY

**Sharbatov Sorbon Sulaymonovich** - Assistant of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: (+992) 003-99-75-15,E-mail: sharbatov95@mail.ru.

Muhabbatova Farzina Khovidonovna - 2nd year master's student, specialty 1-25010402

Money is an economic category, and in economic literature it is considered a special commodity that is spontaneously separated from the world of goods and serves as a universal equivalent. The author has tried to analyze as much as possible the theory of the origin of money in monetary relations and society.

**Keywords:** money, special goods, general equivalent, means of payment, social relations, monetary circulation, amount of money.

Пул категорияи иқтисодӣ буда, дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун моли махсусе мебошад, ки ба таври стихиявӣ аз олами молҳо ҷудо шудааст ва ҳамчун эквиваленти универсалӣ хизмат мекунад.

Пул категорияи иқтисодӣ буда, дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун моли махсусе мебошад, ки ба таври стихиявӣ аз олами молҳо ҷудо шудааст ва ҳамчун эквиваленти универсалӣ хизмат мекунад.

Аз ин рӯ пул ҳама гуна воситаи пардохтест, ки барои молҳо ва хидматҳо иваз карда мешавад ва барои пардохтҳо истифода мешавад.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки пул моли махсусест, ки ягона эквиваленти универсалӣ мебошад. Мувофиқи таъриф, пул як воситаи комилан бозоргир мебошад ва бояд гуфт, ки пул дар натиҷаи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳаёти иқтисодии одамон пайдо шудааст.

Таърифи пул  ҳамчун як падидаи махсус дар иқтисодиёт хеле муҳим аст. Дар асоси ин таъриф иқтисодчиён метавонанд замони пайдоиши пул, таъсири онҳоро ба иқтисодиёти кишварҳо ва халқҳои алоҳида ва оқибатҳои пайдоиши пулро муқаррар намоянд. Дар айни замон таърифҳои зерин бартарӣ доранд.

Пул на танҳо маблағи воситаҳои пардохт, ки одамон бояд барои чизу чораи фоиданок пардохт кунанд, коғазҳои қиматнок харанд, қарз диҳанд ва баргардонанд, балки пул ҳамчун воситаи умумии пардохт қабул карда мешавад, зеро он ангезаи умумибашарии таърихии устувори фаъолияти инсонро таҷассум мекунад. Назарияи иқтисодии неоклассикӣ иддао дорад, ки рафтори одамонро новобаста аз мансубияти таърихӣ ва фарҳангии онҳо, аз ҷумла ба он асоснок мекунад, ки ангезаҳо ё афзалиятҳое, ки одамонро дар қабули қарорҳо ҳидоят мекунанд, ба таври кофӣ устувор мебошанд [2, 27-28].

Чи тавре ки иқтисодчии австриягӣ Карл Менгер чунин мавқеъро асоснок кард ва қайд намуд, пул бо сабаби он ки «шахсони алоҳида аз молҳои худ ба ивази дигар қобилияти фуруши мол даст мекашанд, сарфи назар аз он, ки ба онҳо барои мақсадҳои бевоситаи истеъмол лозим нест, ба миён омадааст [1].

Пул чизе бештар аз як воситаи иқтисодӣ аст, ки ба шумо имкон медиҳад, ки муомилоти мубодиларо содда намуда, дорои ҷузъи фарҳангӣ ва фалсафӣ мебошад. Пул дар шароити муайяни фарҳангӣ ва таърихӣ, дар сатҳи муайяни инкишофи муносибатҳои истеҳсолию иқтисодии ҷамъият, дар асоси асосҳои мушаххаси иҷтимоию фарҳангӣ ба вуҷуд омад ва аз ин рӯ, дар зери таъсири шароити тағйирёбандаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ, пул дар шароити муайяни инкишофи ҷамъияти инсоният ба вуҷуд омад ва характери фаъолияти институти пул низ тағйир меёбад [3, 51].

Тақсимоти меҳнат ва тараққиёти истеҳсоли молӣ ва муомилоти пулии бонкӣ асоси воқеии (объективии) муомилоти пулӣ аст. Сабабҳои асосии ташкили бозорҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ аз мукаммалёбии гардиши муносибатҳои пулӣ сарчашма мегирад.

Муомилот бо пули накд - ин ҳаракати пул аст, ки вай ду вазифаи асосии худ (воситаи муомилот ва воситаи пардохт)-ро иҷро мекунад.

Ба ақидаи Маркс пул панҷ вазифаро иҷро мекунад - ченаки арзиш, воситаҳои муомилот, воситаҳои ҷамъ, воситаҳои пардохт ва пули ҷаҳони. Ҳамин арзишро пул дар зери стандарти тилло бозӣ мекунад. Стандарти тиллоӣ ҳамчун системаи пулие фаҳмида мешавад, ки дар он тилло нақши эквиваленти универсалӣ дорад. Дар муомилот тангаҳои тиллоӣ, инчунин қоғазҳое, ки ба тилло иваз карда мешаванд, истифода мегарданд. Олимони муосири Ғарб якдилона се вазифаро эътироф мекунанд - воситаи муомилот, ченаки арзиш ва воситаҳои ҳифзи арзиш (воситахои ҷамъкуни) [4, 51].

Пул шароити нигаҳдории арзишро беҳтар намуда, ҳолати нигаҳ доштани арзиш тавассути пул арзиши молҳо нисбатан тағйир намеёбанд. Агар арзиш ба шакли мол нигоҳ дошта шавад, эҳтимолияти паст шудани сифати он ба миён меояд.

Муомилоти пулии бонкӣ ҳаракати пулро аз давраи аз бонк содир гардидан ва то баргашта ба муассисаҳои бонкӣ воридшавии онро дарбар мегирад. Ин ҳаракати пул байни се субъект: одамон, суъбектҳои хоҷагидорӣ ва идораҳои давлатӣ сурат мегирад. Дар умум гуфтан мумкин аст, ки ҳаракати пул дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ ба таври умумӣ муомилоти пулиро ташкил медиҳад.

Нисбати пайдоиши пул ду назария ҷой дорад: назарияи ратсионалӣ ва эволютсионӣ. Тарафдорони назарияи ратсионалӣ ба он ақидаанд, ки пул дар натиҷаи мубодилаи байни одамон дар асоси розигии онҳо ба вуҷуд омадааст. Яъне барои таъмин кардани ҳаракати арзиш дар ҷараёни мубодилавӣ як моли махсус лозим буд, ки он нақши эквиваленти(баробарии) дигар молҳоро ичро кунад ва ин мол, пул буд.

Асосгузори аввалини ин назария Аристотел буд, ӯ дар китобаш менависад, ки «Барои таъмини мубодила бояд ягон воҳиди ченаке (ченаки арзишӣ) ҷой дошта бошад ва ин ченак бояд шартан қабул карда шуда бошад».

Доир ба таърихи пайдоиши пул бисёр ақидаҳо ҷой дорад. Дар марҳалаҳои аввалини тақсимоти ҷамъиятии меҳнат моли ягонае вуҷуд надошт, ки нақши эквиваленти(баробарии) умумии ҳамаи молҳоро иҷро кунад, ки ин боиси душвориҳои зиёде дар ҷараёни мубодила гардида буд.

Баъдтар бо гузашти вақт дар байни молҳо танҳо металҳои қиматбаҳои суфташуда, тангаҳо, нақши пулро иҷро мекарданд. Ин тангаҳо аз металҳои гуногун ба монанди мис, нуқра, биринҷӣ ва тилло сохта мешуданд.

Имрӯзҳо ба ҳама алакай маълум аст, ки пул бо истеҳсолот алоқаи зич дорад ва ба ҷараёни истеҳсолот бевосита таъсир мерасонад. Вобаста аз нақши пул дар низоми пулӣ ва

инкишофи иқтисодиёт назарияҳои гуногуни пул ҷой дорад. Се назарияи асоси пулро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

1. Назарияи металлии пул.
2. Назарияи номиналистии пул.
3. Назарияи миқдории пул.

Яъне, ин ҷараёни муомилот маънои онро дорад, ки молистеҳсолкунанда молашро ба ивази уҳдадории қарзӣ ё васиқа ба ягон муҳлати муайян мефурӯшад. Баъд аз расидани муҳлати уҳдадории қарзӣ ё васиқа молистеҳсолкунанда уҳдадории қарзӣ ё васиқаро ба соҳибаш дода, пули молашро мегирад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рушди истеҳсолоти молӣ, пул ҳамчун воситаи пардохт муносибатҳои молистеҳсолкунандаҳоро таъмин мекунад. Пул вазифаи худро ҳамчун воситаи пардохт дар ҳолати пайдо шудани уҳдадориҳои қарзӣ иҷро мекунад. Дар ҳолати иҷро гардидани вазифаи пул ҳамчун воситаи пардохт, дар муомилот миқдори пули ғайринақдӣ зиёд мегардад.

Дар мақола таҳаввулоти назарияҳои пул ва сиёсати пулию қарзӣ ва равишҳои муосири таҳлили назарияҳои пул, ки дар асоси консепсияҳои эволютсионӣ ва ратсионалистӣ асос ёфтаанд, баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, пас аз баррасии ин назарияҳо, мо метавонем далелҳоро барои ва муқобили доштани пули дорои арзиши худ ҷамъбаст кунем. Мо далелҳои зерини онҳоеро, ки арзиши пулро инкор мекунанд, ҷудо карда метавонем. Далели аввалро номиналистҳо ба миён гузоштанд. Онҳо қайд карданд, ки «байни пул ва дигар молҳо муносибатҳои мубодилавӣ вуҷуд надоранд». Дар асл, танҳо мол иваз яке ба дигаре карда мешавад. Пул танҳо миёнарав аст, ки худаш объекти мубодиларо ташкил намедиҳад ва аз ин рӯ арзиш надорад. Аммо ин далел баръало заиф аст. Аммо, раванди мубодила ба ду қисм тақсим мешавад — мол ба пул иваз карда мешавад ва баъд пул ба мол иваз карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Menger Karl. Izbrannye raboty. M., 2006.
2. Беккер Г.С. Человеческое поведение, экономический подход. М.: ГУ ВШЭ, 2003. С.27-28.
3. Евгения Юрьевна Мещанинова, Теории происхождения денег и денежных отношений, Московский государственный университет имени М.В. Ломоносова, Москва, Россия, УДК 316.7 https://doi.org/10.24158/spp.2022.5.9, Общество: социология, психология, педагогика. 2022. № 5. С. 67–72.
4. Маркс К.К критике политической экономии. М., 1984. С. 51.


## БАРТАРИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Мирзоев Ҳокимҷон Ҳалимович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ. Суроға: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: 907321321. E-mail: 907321321m@gmail.com.

**Муҳиддинова Мадина Олимхоновна** - магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-25010402.



Дар мақола муаллиф нақш ва аҳамияти истифодаи шаклҳои нави ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро дар рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф додаанд. Ба ақидаи мо дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодии мамлакат истифодаи шаклҳои нави ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ амри зарурӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои

иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Аз тарафи муаллиф пешниҳодҳои созанда дар самти истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо**: ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, амалиётҳои фаъол, миқдори пул, воситаҳои электронӣ, хизматрасониҳои молиявӣ, суратҳисобҳои бонкӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ.

## ПРЕИМУЩЕСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ БЕЗНАЛИЧНЫХ РАСЧЕТОВ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Мирзоев Хокимджон Халимович** - Таджикский государственный финансово экономический университет, ассистент кафедры банковского дела. Адрес: 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 907-32-13-21. E-mail: 907321321m@gmail.com

**Мухиддинова Мадина Олимхановна** - магистрант 2 курса по специальности 1-25010402.

В статье авторы описали роль и значение использования новых форм безналичных расчетов в развитии банковской системы Республики Таджикистан. По их мнению, в современных условиях экономического развития страны использование новых форм безналичных расчетов является необходимым требованием для достижения экономических целей. Со стороны авторов представлены конструктивные предложения по использованию безналичных расчетов.

**Ключевые слова:** безналичные расчеты, активные операции, суммы денег, электронные средства, финансовые услуги, банковские счета, хозяйствующие субъекты.

## ADVANTAGES OF USING NON-CASH PAYMENTS IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mirzoev Khokimjon Halimovich -** Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the Department of Banking.. Address: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: 907-32-13-21. E-mail: 907321321m@gmail.com.

**Muhiddinova Madina Olimkhanovna** - 2nd year master's student in specialty 1-25010402.

In the article, the authors described the role and importance of using new forms of non-cash payments in the development of the banking system of the Republic of Tajikistan. In their opinion, in the modern conditions of the country's economic development, the use of new forms of non-cash payments is a necessary requirement for achieving economic goals. On the part of the authors, constructive proposals on the use of non-cash payments are presented.

**Key words:** non-cash settlements, active transactions, amounts of money, electronic means, financial services, bank accounts, business entities.

Дар шароити муосири рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати истифодаи шаклҳои нави ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муносибатҳои молиявии аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо боз ҳам ба таври муассир ба назар мерасад. Истифодаи шаклҳои муосири ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар раванди рушди низоми бонкӣ сол ба сол тамоюли мусбат ба худ касб намуда, нисбат ба ҳисоббаробарнамоии нақдӣ дорои бартариятҳои зиёд мебошад.

Яке аз ин бартариятҳо ин кам шудани миқдори пули нақд дар гардиши субъектҳои хоҷагӣ ва паст шудани (кам шудан)-и хароҷотҳои муомилот мебошад. Ба ғайр аз ин,

истифодаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ сабаби тез шудани гардиши пули нақд мегардад. Рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дорад. Истифодаи оммавии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо (хариди молу хизматрасониҳо) ба шафоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд.

Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуда истодааст. Бояд гуфт, ки дар ин самт, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», аз 22 июни соли 2023, таҳти №586, ба тасвиб расидааст, ки дар асоси он, пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин самт кумитаи андоз низ барои қабули пардохтҳои ғайринақдии маблағҳо тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намудааст.

Дар айни замон, ҷиҳати сарфа намудани вақт ва кам кардани хароҷот, пешгирӣ намудани таъсири омилҳои инсонӣ ва таъмини шафофияти амалиётҳо, шаҳрвандон ва андозсупорандагон метавонанд тавассути хизматрасонии эквайрингӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва POS-терминалҳо андозҳо ва боҷҳоро ба таври ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд. Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ Кумитаи андоз бо 25 адад ташкилоти қарзии молиявӣ созишнома «Оиди ба таври ғайринақдӣ қабул намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ» ба имзо расонидааст ва тавассути замимаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба таври ғайринақдӣ қабул намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет амалӣ шуда истодааст. Тибқи созишномаҳои ба имзорасонидашуда ҳаққи хизматрасонӣ барои қабул намудани пардохти ғайринақдии андозҳо, боҷҳо ва интиқол додани онҳо ба буҷетҳои дахлдор сифрӣ (ройгон) муқаррар карда шудааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки дигар воситаи электронии пардохти ғайринақдии андозҳо POS терминалҳои электроние мебошанд, ки дар филиалу шуъбаҳои КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» насб карда шудаанд.

Соли сеюм аст, ки дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» тамоми намудҳои пардохтҳо дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин талаботи замони муосир мебошад. Дар шакли ғайринақдӣ ба роҳ мондани муомилоти пулӣ дар самти рушди соҳаи андоз низ мусоидат менамояд. Дар шакли ғайринақдӣ ба роҳ мондани муомилоти пулӣ яке аз талаботи замони муосир буда, ба нафъи давлат ва аҳолӣ мебошад.

Аслан, яке аз бахшҳои муҳим ва муосири пешрафти иқтисодӣ пардохти ғайринақдӣ аст. Бояд таъкид кард, ки пардохти ғайринақдӣ ба таъмини шафофияти амалиёти молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам гузошта, барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии мамлакат ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Аллакай, соли сеюм аст, ки дар ҷумҳурӣ пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, намудҳои дигари

хизматрасонии давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилоти давлатӣ ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

Коршиносони соҳаи иқтисод бар он назаранд, ки гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ сабаби сарфаи вақту хароҷоти иловагии аҳолӣ мегардад. Инчунин, ғайринақдӣ гардонидани раванди пардохтҳо аҳамияти муҳимми иқтисодӣ дошта, истифодаи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ ҳангоми анҷом додани пардохти хизматрасонии давлатӣ ин равандро осон ва мувофиқ мегардонад. Аз ҷониби дигар, гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ ба аҳолии кишвар имконият медиҳад, ки ҳарчи бештар ба хизматрасониҳои пардохтӣ дастрасӣ пайдо намуда, бидуни ташриф овардан ба марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо роҳҳои қулай, осон ва босуръат пардохти молу хизматрасониҳоро ба таври фосилавӣ анҷом диҳанд ва вақти худро сарфа намоянд.

**Диаграммаи 1. Афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ барои солҳои 2020-2024**




**Сарчашма.** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои сомонаи расмии БМТ. https://www.nbt.tj/

Рушди бозори кортҳои пардохтии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимтарин дар ҳалли масъалаи рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳаҷми пули нақд дар муомилот мебошад. Аз ин сабаб, Бонки миллии Тоҷикистон ба рушди низоми пардохтӣ таваҷҷуҳи хос дода, ташкили фаъолияти низоми самараноку боэътимоди пардохтӣ, клиринг, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳои пулиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад, фаъолияти онҳоро танзим ва назорат менамояд.

Тибқи маълумоти оморӣ ба санаи 31 декабри соли 2024 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби 25 ташкилоти қарзии молиявии ватанӣ 8,4 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуда, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 25,7% зиёд мебошад. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ 3 005 адад банкомат ва 3 817 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (НППН) насб намудаанд. Нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 мувофиқан 34,2 фоиз ва 9,3 фоиз зиёд мебошанд. Илова ба ин, барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ то санаи ҳисоботӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 8 138 POS-терминал насб карда шуданд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2023 теъдоди онҳо 17,3 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 19 918 QR–рамзи ягона насб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2023 58,6 фоиз зиёд мебошад. Барои пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ, инчунин анҷом додани дигар амалиётҳои қабули пардохтҳо ба санаи ҳисоботӣ 9 107 терминалҳои худкори худхизматрасон насб карда шуданд.

Хулоса, ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ талаб менамояд, ки маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои дар бонкҳо кушодашуда нигоҳ дошта шуда, асоси системаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдии субъектҳои хоҷагидорро ташкил медиҳанд ва бонкҳо соҳиби маблағҳои иловагӣ гардида, онҳоро барои амалӣ намудани амалиётҳои фаъоли худ ва гирифтани фоида истифода менамоянд. Барои ҳамин ҳам, дар суратҳисобҳои бонкҳо ин ё он миқдори суммаи маблағи боқимонда нигоҳ дошта мешавад. Бонкҳо аз амалиётҳои фаъоли худ фоидаи иловагӣ ба даст меоранд, ки ин асоси фаъолияти онҳоро ташкил дода, ҷиҳати баланд бардоштани вазъи молиявиашон саҳми сазовор дорад. Дар соҳаи бонкдорӣ таъсири ин технологияи муосир рӯз то рӯз навгониҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Рушди технологияи нави компютерӣ дар низоми бонкдории Ҷумҳурии мо низ таъсири худро гузошта, бонкҳои мо низ ба монанди дигар бонкҳои ҷаҳонӣ амалиётҳои худро сари вақт бо истифода аз интернет ва дигар технологияи корӣ ба роҳ монда истодаанд.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н.А. Муомилоти пулӣ: қарз ва бонк. – Душанбе, 2002. – 272 саҳ.

2. Жарковская Е.Т. Банковское дело. Учебник. – М.: Омега-Л, 2004. – 459 с. 3. Лаврушина О.И. Банковское дело. – Москва: Финаны и статистика, 1999. – 576 с.

4. Колесников, В.И. Банковское дело / В.И. Колесников, Л.Н. Кроливцкой. – М.: Финансы и статистика, 2000. – 459 с.

5. Сенчагова, В.К. Финансӣ, денежные обращения и кредит учебник / В.К. Сенчагова, А.И. Архипова. – М.: Проспект, 1999. – 468 с.

6. Дробозиной Л.А. Финансы, денежные обращения и кредит учебник / Л.А. Дробозиной. – М.: Юнити, 1999. – 477 с.


## НАЗАРИЯ ВА РАВАНДҲОИ ТАШАККУЛИ БОНКҲОИ НИЗОМСОЗ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР


**Холмуҳаммади Шарифзода** – докторанти PhD-И кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992000330533. Электронная почта: Email: hol3038@gmail.com



Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамисозии имрӯза, бонкҳои танзимшаванда дар таъмини суботи молиявӣ, ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон ва нигоҳ доштани эътимод ба низоми иқтисодӣ нақши калидӣ мебозанд. Асосҳои назариявии ташаккули бонкҳои танзимшаванда ба маҷмӯи мафҳумҳои танзими иқтисодӣ, идоракунии хавфҳо ва масъулияти иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтаанд.



**Калидвожаҳо:** бонк, бонкҳои низомсоз, иқтисодиёт, низоми бонкӣ, иқтисодиёти муосир.


## ТЕОРИЯ И ПРОЦЕССЫ ФОРМИРОВАНИЯ РЕГУЛИРУЕМЫХ БАНКОВ В СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ


**Холмухаммади Шарифзода** – докторант кафедры «Банковское дело» Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: +992000330533. Электронная почта: Электронная почта: hol3038@gmail.com

В современных условиях глобализации и цифровизации регулируемые банки играют ключевую роль в обеспечении финансовой стабильности, защите интересов вкладчиков и поддержании доверия к экономической системе. Теоретические основы формирования регулируемых банков базируются на сочетании концепций экономического регулирования, управления рисками и социально-экономической ответственности.

**Ключевые слова:** банк, регулирующие банки, экономика, банковская система, современная экономика.

## THEORY AND PROCESSES OF FORMATION OF REGULATED BANKS IN THE MODERN ECONOMY

**Kholmuhammadi Sharifzoda** – PhD student, Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992000330533. Email: Email: hol3038@gmail.com

In the modern conditions of globalization and digitalization, regulated banks play a key role in ensuring financial stability, protecting the interests of depositors and maintaining confidence in the economic system. The theoretical foundations for the formation of regulated banks are based on a combination of the concepts of economic regulation, risk management and socio-economic responsibility.

**Keywords:** bank, regulating banks, economy, banking system, modern economy.

Бояд иброз дошт, ки масъалаҳои мансуб ба соҳаи молиявӣ-бонкӣ барои иқтисоди миллӣ ва инчунин таъсири он дар таъмини суботи молиявӣ дар фазои имрӯзаи илмӣ ба як мавзуи мубраму маъруф мубаддал гаштааст.

Масъалаҳои марбут ба такмилу равнақи дар таҳқиқотҳои олимони кишварҳои мухталифи ҷаҳони имрӯза мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст. Тавре, Рак О., иброз доштааст, дар шароити танавӯъи рақамии ҷаҳонӣ ҳама соҳаҳо ва самтҳо, масъалаи беҳдошт ва такмили бахши молиявӣ-бонкӣ ва механзмиҳои асосии он торафт дучанд мегардад.

Лозим ба зикр аст, ки барои ҳар як кишвар фаъолияти устувору босамари низоми бонкӣ муҳимтарин масъала маҳсуб меёбад. Зеро дар натиҷаи босамар фаъолиятнамоии ин муассисаҳо ва дар натиҷаи пешниҳоди маҳсулотҳои нави молиявӣ, бонкҳо метавонанд ба суботи макроиқтисодии кишвар таъсиргузор гарданд ва ҳамзамон, дар натиҷаи таъмини субот ва истифодаи шаффофу асарбахшонаи захираҳои молиявӣ, бонкҳо имкон доранд дар таҷдиду такмили иқтисоди миллӣ нақши ногузир дошта бошанд, қайд намудааст Byrd W.

Миқдори зиёди муаллифон ба ин назаранд, ки дахолат ва ё вайроншавии амалкард метавонад боис ба изтироби ҳама низоми молиявии кишвар ва иқтисоди миллӣ дар умум гардад. Orazalin N., муътақид аст, ки дар шароити бавуқуъ пайвастани ҳолатҳои ғайричашмдошт бонкҳои низмосоз бояд аз тарафи Бонки марказӣ ва ё ҳукуматҳо дастгирӣ ёбанд, чунки ин муассисаҳо бо хавфҳои низомии андозаи қобили таваҷҷӯҳ алоқаманд мебошанд ва шикасти яа бонк метавонад боис ба харобии бахшҳои мухталиф гардад. Mertens D, қайд менамояд, ки бори зиёди низоми молиявӣ-бонкиро ба дӯш доранд, аз тарафи дигар ин муассисаҳо дар таъмини саривақтии бахшҳои мухталифи иқтисод бо захираҳои молиявӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд.

Натиҷаи таҳқиқотҳои Benjamin M., ва бархи дигари олимон далел аз он медиҳанд, ки аз нуқтаи назари харҷ ва даромад дар қиёс бо дигар бонкҳо муваффақтар мебошанд, зеро қобилияти ба дӯш гирифтани хавфҳои иловагиро доранд. Чунин натиҷа ҳатто дар бозорҳои

мутаҳҳидшуда, ки дар он  теъдоди бонкҳои бонуфуз он қадар назаррас нест, низ ба мушоҳида мерасад.

Тақвиятёбии нақши бахши бонкӣ дар тавсеаи  иқтисоди миллӣ,  муҳимтарин мавзӯъ барои ангезаҳои илмии олимони ғарбӣ гаштааст. Таҳқиқотҳои зиёди иқтисодие, ки аз тарафи  иқтисоддони хориҷӣ дар ин самт амалӣ гаштаанд, шаҳодат аз он медиҳанд, ки равнақи бахши бонкӣ метавонад дар рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ дошта бошад.

Мутоелоти таҷрибавии байналмилалие, ки тавассути муҳақиқони зерин ба монанди Левин Р., Зервос С, Ратнавати К., Ҳаини Ҳ,  роҳандозӣ шудаанд, мутаносубии мусбии байни равнақи бахши бонкӣ ва иқтисоди кишварҳорро ифода менамоянд. Бар асоси  таҳқиқи маълумотҳои оморииИМА аз соли 1900 то ба соли 1940 муҳақиқони зерин   Деҳейиа Р., ва Ллерас-Муней  муътақиданд, ки  низоми бонкии хубфаъолиятнамоянда аз ҳисоби оқилона тақсимнамоии сармоя метавонад рушди иқтисодиро таъмин намояд.   Гуисо Л, дар мисоли Ҷумҳурии Италиё исбот намуд, ки равнақи бахши бонкӣ имкон дорад дар рушди ширкатҳо мусоидат намояд ва аз тарафи дигар равнақи ин муассисаҳо дар тарғибу ташвиқи он, ки як фард метавонад тиҷорати худро оғоз намояд ниҳоят зиёд мебошад.

Дар таҳқиқоти Гамбер М., ва Сеторелли Н. масъалаи таъсири  равнақи соҳаи бонкӣ ба рушди бахши тавлидот дар мисоли 36 бахш дар 41 кишвар  мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рафти таҳқиқот муаллифон муайян намуданд, ки тамаркузи бахши бонкӣ дар тавсеаи  бахшҳое, ки ниёз ба маблағгузории беруна доранд созгор мебошад.

Дар таҳқиқоти Фрикҳ М., Дал С.,  нақши бонкҳои исломӣ дар тавсеаи иқтисодӣ мавриди таҳиқот қарор дода шудааст. Муаллифон, бо истифода аз  таҳлилҳои регрессионӣ фаъолияти 120 бонки исломиро дар давоми солҳои 2005-2012 мавриди таҳқиқ қарор дода, ба чунин хулоса омаданд, ки фаъолияти бомароми чунин муассисаҳо метавонад дар тавсеаи иқтисодӣ ва таъмини суботи макроиқтисодӣ саҳми зиёд дошта бошад.  Дар таҳқиқоти Нгуен П.Т.,  нақши низоми бонкӣ дар тавсеаи иқтисоди кишвар Ветнам аз ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта амалӣ гаштааст. Зимни истифодаи усули регрессионии  бисёрчена, муаллиф даққиқан исбот намудааст, ки равнақи дарозмуддати низоми бонкӣ  дар рушди иқтисодии Ветнам созгор гардидааст, мувофиқ ба андешаи муаллиф сирри ингуна рушд дар  ҷамъ ва таъмини иқтисод бо сармоя нуҳуфтааст.

Баҳсҳо дар мавриди муҳимияти бахши бонкӣ барои иқтисод ҳамроҳ бо коҳишёбии танзими бонкҳо дар ИМА ва кишварҳои Аврупоӣ боис ба афзоиши якуякбораи дороиҳои бахши бонкӣ дар қиёс бо суръати рушди иқтисоди ҷаҳон гардид. Тавсеаи бахши бонкӣ дар давоми даҳсолаи қабл аз сар задани буҳрони молиявии солҳои 2008-2009 зиёд ба мушоҳида мерасид. Чунин тамоюлот хоси ҳам кишварҳои дар ҳоли рушд ва ҳам хоси кишварҳои рӯ ба рушд шуда буд.

Мутаффакири бузурги рустабор Лаврушин О.И., дар заҳматҳои худ нақши бонкҳоро дар тавсеаи иқтисоди Русия нақши каналҳои азнавтақсимнамоии  захираҳоро ба сармоя махсус қайд доштааст, ба  андешаи ӯ “... бахши бонкӣ  дар иқтисоди муосир аҳамияти калидӣ дорад. Бонкҳо дорои сармояи бузург мебошанд, бо татбиқи амалиётҳои пулию қарзӣ, бонкҳо дар тақозо ва арзаи  маҳсулоти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, таҳвили сармояро байни соҳаҳо ва минтақаҳо таъмин менамоянд, ба тавлидкунандагони молу маҳсулот кӯмакҳои пулию-қарзӣ мерасонанд ва бар ин асно дар тавсеаи иқтисоди миллӣ боис мегарданд.  Махсусияти  модели иқтисодии русӣ дар он аст, ки бонкҳо дар ин кишвар ба унвони канали асосии таъминкунандаи сармояи озод маҳсуб меёбаннд”. Абалкина А.А., ин  ғояро дар таҳқиқоти худ густариш додааст,аз ҷумла   ӯ чунин иброз намудааст, ки “...тақвияти   нақши бонкҳои кишвар ҳамчун миёнаравони молиявӣ боис ба эҷоди механизмҳои нав ҷиҳати ҷалби маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ ва мубаддалнамоии онҳо

ба воситаҳои дарозмуддати қарздиҳӣ баҳри таъмини бахши тавлидӣ ва коҳиши вобастагии ин соҳа аз манобеи хориҷии маблағгузорӣ сафарбар гардидааст ”.

Ба андешаи Игонина Л.Л., бонкҳо дар марҳилаи кунунии тавсеаи иқтисоди кишвар дар таъмини афзоиши сармоя ба сармояи асосӣ нақши асосиро иҷро менамоянд. Маҳз бо ташаббускориҳои чунин бонкҳо, маблағгузории саривақтии корхонаҳои бахши воқеӣ таъмин мегардад, чунин иқдомот дар навбати худ дар таҳрики иқтисоди миллӣ боис мегардад. Дар таҳқиқоти Глоткова И.И., Томилина Е.П., ва Лихачёва Е.С., ки бар асоси таҳлили оморӣ роҳандозӣ шудаасст, муаллифон ба чунин хулоса омадаанд, ки фаъолияти муассисаҳои қарзӣ тавассути механизмҳои мухталифи қарздиҳӣ ба самаронок фаъолиятнамоии тиҷорати хурду миёна дар кишвар муосидат менамоянд, махсусан дар самти татбиқи талошҳои муштараки давлат, Бонки марказӣ ва бахши бонкӣ..

Ҳамзамон, маъсалаи пурзуршавии нақши бахши бонкӣ мавриди таваҷҷӯҳи олимону муҳаққиқон қарор дода шудааст. Тавре Лаврушин О.И., қайд менамояд “... таҳлили бахши бонкӣ нишон медиҳад, ки дар фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ-қарзӣ то ба ҳол мухолифатҳое мавҷуданд, ки боис ба афзоиши ноустувории вазъи иқтисодӣ гардидаанд. Андозаи дороиҳои молиявӣ ба маротиб аз ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёдтар мебошанд, аммо амалиётҳои дар бозорҳои ҷаҳонӣ амалӣ шаванда, дар аксар ҳолта ҳаркати мол ва хизматҳоро инъикос наменамоянд”.

Афзоиши бахши бонкии ҷаҳонӣ бо нишонаҳои зерин тавсиф карда мешавад:

Аввал - бонкҳо ва махсусан бамаротиб ҳаҷман афзоиш ёфтаанд. Дороиҳои дар давоми даҳсолаи охир то буҳрони молиявии солҳои 2008-2009 зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфтааст, ҳамзамон ин шохис дар бархе аз бонкҳо то ба 4 маротиба боло рафтааст.

Дуюм – тамаркузшавии бахши бонкӣ, чӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд ва чӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд дар ҳоли афзоишёбӣ қарор дорад. Чунин тамаркузӣ дар бахши бонкӣ бо фароянди муттаҳидшавӣ ва якҷояшавии бонкҳо бастагӣ дорад. Тақвиятёбии фароянди тамаркузӣ инунин боис ба коҳишёбии танзими бахши бонкӣ дар ИМА ва Британиё гардидааст, алалхусус зимни қабули қонуни Грэмм-Лич-Блил, ин муқаррарот ба муттаҳидшавии қисматҳои мухталифи бозори молиявӣ (якҷояшавии бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва ширкатҳои сармоягузорӣ) иҷозат медиҳад, илова бар он мушаххасоти қонуни қабулгардида ҳанӯз дар соли 1999 бунёди бозори ягонаи молиявиро дар ИА дар назар дорад.

Сеюм – бонкҳо доираи фаъолияти худро нисбатан васеъ намуданд, дар бонкҳои бузургу низомсоз коҳиши ҳиссаи қарздиҳӣ ва афзоиши ҳиссаи амалиётҳои бозорӣ (амалиётҳо бо когазҳои қимтанок, ҷалби маблағгузориҳо бар асоси барориши когазҳои қимтанок ва идоранамоии боваринок) мушоҳида карда мешавад.

Чорум – афзоишёбии ҳиссаи дороиҳои ҷаҳонӣ дар низоми бонкӣ мушоҳида карда мешавад, чунин ҳолат боис ба болоравии хавфи асъорӣ барои низоми бонкии ҷаҳонӣ хоҳад гашт. Бар ин асос метавон хулоса намуд, ки тамоюли ҷаҳонии афзоишёбии дороиҳои бахши бонкӣ бо тақвияти тамаркузшавии бахши бонкӣ аз ҳисоби таъмин карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Pak O. Bank profi tability in the Eurasian Economic Union: Do funding liquidity and systemic importance matter? // The North American Journal of Economics and Finance. – 2020. – № 54. – Article 101265.
2. Byrd W. China's financial system: The changing role of banks. – Routledge, 2019.
3. Orazalin N. Corporate governance and corporate social responsibility (CSR) disclosure in an emerging economy: evidence from commercial banks of Kazakhstan // Corporate Governance: The International Journal of Business in Society. – 2019. –№ 19(3). – P. 490-507.

4. Mertens D., Thiemann M. Building a hidden investment state? The European Investment Bank, national development banks and European economic governance //Journal of European public policy. – 2019. – № 26(1). – P. 23-43.
5. Tabak B. M., Fazio D. M. , Cajueiro D. O. Systemically important banks and fi nancial stability: The case of Latin America // Journal of Banking & Finance. – 2013
6. Levine, R. Financial intermediation and growth: Causality and causes /R. Levine, N. Loayza, T. Beck // Journal of monetary Economics. – 2000.
7. Levine, R. Stock markets, banks, and economic growth / R. Levine,S. Zervos // American economic review. – 1998.
8. Ratnawati, K. The impact of financial inclusion on economic growth,poverty, income inequality, and financial stability in Asia / K. Ratnawati //The Journal of Asian Finance, Economics and Business. – 2020.
9. Haini, H. Examining the relationship between finance, institutions andeconomic growth: evidence from the ASEAN economies / H. Haini // Economic Change and Restructuring. 2020.
10. Dehejia, R. Why Does Financial Development Matter? The
UnitedStates from 1900 to 1940 / R. Dehejia, A. Lleras-Muney // National Bureau ofEconomic Research. – 2003.
11. Guiso, L. Financial market integration and economic growth in the EU/
L. Guiso, T. Jappelli, M. Padula, M. Pagano // Economic Policy. – 2004.
12. Cetorelli, N. Banking market structure, financial dependence and
growth: International evidence from industry data / N. Cetorelli, M. Gambera //The Journal of Finance. – 2001.

## ИСТИФОДАБАРИИ ЧОРАБИНИҲОИ МАРКЕТИНГӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ

**Мирсаидов С.А.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru

Дар мақола масъалаи тадбиқ ва истифодабарии чорабиниҳои маркетингӣ дар низоми бонкӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Таъкид шудааст, ки маркетинги бонкӣ чун низоми мукаммали сохторӣ пас аз маркетинги саноатӣ рӯи кор омадааст. Муаллиф дар шароити рақобатнокии шадид зарурияти маркетингро дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ намуда, консепсияи маркетингро ба ноилгардии ҳадафи стратегии бахши бонкӣ тасниф намудааст.
**Калидвожаҳо:** маркетинг, конспесия, маркетинги бонкӣ, стратегия, рақобат, маҳсулоти бонкӣ, хизматрасонӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МАРКЕТИНГОВЫХ МЕРОПРИЯТИЙ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ

**Мирсаидов С.А.** - доктор экономических наук, профессор кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: 927802994. Электронная почта: surush-sa@mail.ru

В статье исследоуется вопросы внедрения и использования маркетинговых мероприятий в банковской системы. Подчеркивается, что банковский маркетинг как

целостная система появился после промышленного маркетинга. Автор обсуждая необходимости маркетинга в деятельности коммерческих банков в условиях жесткой конкуренции, классифицировал концепции маркетинга в достижение стратегической цели банковского сектора.

**Ключевые слова:** маркетинг, концепция, банковский маркетинг, стратегия, конкуренция, банковский продукт, услуги.

## USE OF MARKETING ACTIVITIES IN THE BANKING SYSTEM

**Mirsaidov S.A.** - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Stock Exchange Activities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru

The article examines the issues of implementation and use of marketing activities in the banking system. It is emphasized that banking marketing as a holistic system appeared after industrial marketing. The author, discussing the need for marketing in the activities of commercial banks in the conditions of fierce competition, classified the concepts of marketing in achieving the strategic goal of the banking sector.

**Key words:** marketing, concept, banking marketing, strategy, competition, banking product, services.

Маркетинг таърихи тӯлонӣ ва хусусиятҳои рушди худро дорад. Ҷанбаҳои назариявии маркетинг ҳамчун илми мустақил, ки дар чорроҳаи иқтисод, сотсиология ва менеҷмент мавҷуд аст, аз ҷониби саноатчӣ ихтироъкори америкои Сайрус Маккормики (1809-1884 с.). муайян гашта буд [4]. Маккормик раванди фаъолияти инноватсионии маркетингро рушд дода, таҷҳизоту дастгоҳи муосирро баҳри муваффақияти корхона асоснок кардааст. Шурӯъ аз оғози соли 1902 дар донишгоҳҳои ИМА маркетинг ҳамчун фан таълимӣ ворид гардид.

Аз азбаски нимаи аввали асри 20 шароит ба ҳолати афзоиши талабот ба маҳсулот қарор дошт, маркетинг як раванди дуюмдараҷа ба назар мерасид, зеро ба равандҳои идоракунӣ ва истеҳсолот таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардид. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон, дар ҳолати норасоии шадиди молҳо барои ҳадафҳои гуногун ва ба вуқӯъ омадани бӯҳрон дар низоми молиявии кишварҳо, истифодаи маркетинг ҳамчун як низоми амалии фаъолият зарурият надошт. Аз солҳои 60-ум дар натиҷаи васеъгардии такрористеҳсолӣ ва сифатан болоравии бозори мол, таваҷҷӯҳ ба маркетинг ҳамчун илм, оид ба омӯзиши қонуниятҳои бозор зиёд гардид.

Маркетинги бонкӣ чун низоми мукаммали сохторӣ пас аз маркетинги саноатӣ пайдо гаштааст. Табадуллоти наве, ки солҳои 70-80-ум дар низоми бонкии кишварҳои ғарб ба вуқӯъ пайваст, зарурати аз худнамоӣ ва истифодаи услуҳои маркетингро аз бонкҳои тиҷоратӣ ба миён овард. Дар байни ин тағийротҳо ҷудо намудан мумкин аст, шаклгирииии фаъолияти гуногунҷанбаъи бонкӣ, баромадан аз фаъолияти анъанавӣ, пурзӯргардии рақобат ва ғ...

Маркетинги бонкӣ ҳамчун маҷмӯи фаъолиятҳои мушаххаси бонкҳо бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ (аз ҷумла эҷоди маҷмӯи оптималии хизматрасонӣ ва пешбурди онҳо ба бозор) барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда тавассути ба ҳадди аксар мутобиқсозии тамоми фаъолиятҳо ба талаботи гурӯҳҳои истеъмолии мақсаднок мебошад [6].

Дар бахши бонкӣ ташкилотҳои амонатӣ, брокерӣ, суғуртавӣ ворид гарштанд, ки хизматҳои шабеҳи низоми бонкиро пешниҳод менамуданд. Ин вазъият боиси паст шудани даромаднокии бонкҳои тиҷоратӣ ва афзоиши хавфи амалиёти онҳо гардиданд. Маҳз ин шароити афзояндаи рақобат ва тағйирёбии бозор ба бонкҳои тиҷоратӣ масъалаи ташкили хизматрасониҳои нави бонкиро ба миён гузошт.

Сохтори фаъолияти ташкилотҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2024 чунин аст: 65 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 15 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 22 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти қарзии хурд ва 23 фондҳои қарзии хурд [2].




**Расми 1. Консепсияҳои маркетинг ва ҳадафи стратегии низоми бонкӣ**

Ташкил ва рушди васеънамоии хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷон ба чунин шартҳои асосӣ рабт дода мешавад: ташаккули стратегияи бонк, муайяннамоии самаранокӣ, стратегияи фурӯши хизматрасонӣ, тадқиқоти бозор ва сиёсати кадрӣ.

Ҳамин тавр, яке аз сабабҳои асосии истифодаи маркетинг, омӯзиши принсипҳои маркетинг ва таҳияи сиёсати бозории бахши бонкӣ аз чунин омилҳо иборатанд:

- рақобати шадид байни бонкҳои тиҷоратӣ ва ҳам ташкилотҳои молиявӣ;
- коҳишёбии даромаднокии амалиёт ва афзоиши хавфи онҳо;

- тағйирёбии вазъияти бозор ва зарурияти ҳамоҳангии фаъолият ба он.

Бояд қайд намуд, ки консепсияҳои маркетинг аз рӯи меъёрҳои интихоби ҳадафи стратегии бонк муайян карда шуда, бо ин васила ба мақсади низоми идоракунӣ мувофиқат кунанд. Ҳамин тариқ, мафҳуми консепсияи маркетингӣ фалсафа ва стратегияи мақсадноки ба истеъмолкунанда нигаронидашудаи бонк мебошад. Он ба таҳлили тамоми нишондихандаҳое асос ёфтааст, ки умуман ба низоми молиявию қарзӣ ва махсусан ба бонк таъсир мерасонанд.

Дар асоси консепсияи маркетинг барои оптимизатсияи фаъолияти бонк пешниҳодҳо омода карда шуда, банақшагирии ҳамаҷонибаи фаъолияти дохилӣ ва берунии бонк амалӣ карда мешавад. Дар расми 1 меъёрҳои интихоби ҳадафи стратегии бонк дар заминаи консепсияҳои маркетинг оварда шудаанд.

Аз унсурҳои таркибии косепсияҳои маркетинг бармеояд, ки фаъолияти бонк дар доираи он ҳамчун як фалсафаи ҳамоҳангии стратегии қонеъгардонии талаботи мизоҷон ва дар ин замина соҳиби нуфуз мебошад. Ва ё ин, ки маркетинги бонкӣ як низоми ҳамаҷонибаи ташкил, эҷод ва пешбарии маҳсулоти бонкӣ буда, ба қонеъ кардани ниёзҳои истеъмолкунандагони мушаххас ва ба даст овардани фоида дар асоси таҳқиқот ва пешгӯии бозор нигаронида шудааст.

Заифии сохтори ташкилӣ метавонад ҳатто бонкҳои хеле пешқадамро ба ҳолатҳои бӯҳронӣ расонад. Дар асоси ин, интихоби сохтори ташкилӣ, ки ба омилҳои дохилӣ ва беруние, ки фаъолияти бонк ва ҳадафҳои стратегии онро муайян мекунанд, вазифаи афзалиятноки маркетинг мебошад.

**Адабиёт**


1. Адамов Н. Н. Маркетинг в банковской сфере / Н. Н. Адамов // Вестник воронежского государственного университета. Серия: проблемы экономики. - 2016. - № 4. - С. 45 - 60.

2. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31 Декабри соли 2024. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://mfa.tj/ru/berlin/view/. (санаи муроҷиат: 03.10.2023).

3. Қурбонова, Ф.Х. Низоми бонкӣ / Ф.Х. Қурбонова // - Душанбе, “Ирфон”, 2014, - 206 с.

4. Сайрус Холл Маккормик – первопроходец маркетинговых исследований Тодер М.В. (Москва, Россия) http://www.virtass.ru/admin/pics/24_05_IO.pdf

5. Шалабай, С.И. Финансовый менеджмент и конкурентоспособность банков Республики Казахстан [Текст]: монография / С.И. Шалабай, М.И. Шалабаев. – Алматы: Экономика, 2008. – 350 с.

6. Ястребова Е.В. Повышение роли маркетинга в банковской системе //Бизнес в законе 1. 2008-174с.


## ТАШАККУЛИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК ДАР ШАРОИТИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРГОНӢ


**Қараев Р.Х.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти биржавии донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 909170909.



Дар мақолаи илмӣ масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори коғазҳои қиматнок дар ҶТ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ба вазъи ҳозира, тамоюл ва намудҳои бозори коғазҳои қиматнок дар кишвар равона карда шудааст. Инчунин дар мақола маълумотҳо оиди фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ ва нақши онҳо дар рушди бозори коғазҳои қиматнок дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҷрибаи усулҳои пешқадами давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оиди рушди самараноки

бозори коғазҳои қиматнок ва истифодаи дастовардҳои он дар  ҷумҳурии мо асоснок гардидаанд.

**Калимаҳои калидӣ:** бозор, бозори молиявӣ, бозори коғазҳои қиматнок, вазъи ҳозираи бозори коғазҳои қиматнок, саҳмия, истифодаи усулҳои пешқадами бозори коғазҳои қиматнок, дурнамои рушд.

## ФОРМИРОВАНИЯ РЫНКА ЦЕННЫХ БУМАГ В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ РЫНОЧНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**Караев Р. Х**. - кандидат экономических наук, доцент кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 909170909.

В научной статье рассматриваются вопросы формирования и развития рынка ценных бумаг в РТ. Основное внимание уделяется современным конъектурам, тенденции и видам рынка ценных бумаг в стране. Также в статье обобщаются информации о деятельности акционерных обществ и показывается их роль в развитии рынка ценных бумаг в условиях развития финансовых отношений. Практика передового опыта развитых стран мира относительно эффективности развития рынка ценных бумаг и использование их достижений в нашей республике научно обоснованы.

**Ключевые слова:** рынок, финансовый рынок, рынок ценных бумаг, современное состояние рынка ценных бумаг, акция, использование передовых методов рынка ценных бумаг, тенденции развития.

## FORMATION OF THE SECURITIES MARKET IN THE CONDITIONS OF DEVELOPMENT OF MARKET RELATIONS

**Qaraev R. Kh.** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Stock Exchange Activities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 909170909.

In the scientific article, the issues of formation and development of the securities market in RT are considered. The main attention is paid to the modern configuration, trends and types of the stock market in the country. Also, the article summarizes information about the activities of joint-stock companies and shows their role in the development of the securities market and the conditions for the development of financial relations. Praktika peredovogo opyta razvytykh stran mira, szem svetnosti za razmivanje za svetnykh babukuri i izvodnogo ikh dostizheni v nashey republice nauchno substantianyi.

**Key words:** market, financial market, securities market, current state of the securities market, shares, use of advanced methods of the securities market, development trends.

Бозори коғазҳои қиматнок гуфта, чунин намуди бозорро меноманд, ки дар он ҷо хариду фурӯши коғазҳои қиматнок сурат гирифта, низоми аз сохторҳои ташкилии гуногун ба мисоли эмитентҳо ва инвесторҳо бо якдигар алоқаҳои зичи ахборотӣ ва функсионалӣ доранд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби мавҷуд набудан ва нисбатан суст тараққӣ ёфтани инфрасохтори он, бозори дуюминдараҷаи коғазҳои қиматнок дар сатҳи даркорӣ вуҷуд надорад. Аз ин ҷост, ки дар шароити ҳозира яке аз масъалаҳои муҳими ташаккулёбии бозори коғазҳои қиматнок ба роҳ мондан ва ҷоннок намудани фаъолияти инфрасохтори он ба ҳисоб меравад. То имрӯз аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок 16 иҷозатнома дода шудааст халос. Аз ҷумла, 8 адад иҷозатнома барои фаъолият оид ба пешбурди феҳрист (каталог)-и дорандагони коғазҳои қиматнок, 6 иҷозатнома барои фаъолияти брокерию дилерӣ, 1 иҷозатнома барои фаъолияти маҳфуздорӣ (депозиторӣ) ва 1 иҷозатнома барои фаъо-лияти ташкили савдо дар бозори коғазҳои қиматнок дода шудаанд.

Қайд кардан низ бомаврид аст, ки аз фаъолиятҳои касбии дар бозори коғазҳои қиматнок мавҷудбуда, фаъолияти пешбурди феҳрист (ката-лог)-и дорандагони коғазҳои қиматнок нисбатан инкишофёфта ба ҳисоб меравад [7].

Вазифаҳои бозори қоғазҳои қимматнок дар шароти муосир аз инҳо иборат мебошанд.

- вазифаи инвеститсионнӣ, ё ин ки ташкил ва тақсимоти фондҳои инвеститсионние, ки барои васеъкунии истеҳсолот ва воситаҳои тех-никӣ равона карда мешавад;

- тақсимоти таваккал, бо роҳи ба гардиш даровардани маблағҳо ва амалисозии барномаҳо, ки иштироккунандагони таваккалро ба ӯҳ-даи худ мегиранд;

- баландбардорӣ ва саҳмгузорӣ дар баргардонидани қарзҳо (аз он ҷумла давлатӣ) ва пӯшонидани онҳо бо роҳи ба муомилот баровар-дани коғазҳои қиматнок;

- вазифаи тақсимоти коғазҳои қиматнок, ки ба субъектҳои бозор имконият медиҳад, ки маблағҳои худро барои ба даст даровардани фоидаи калон таваккал намоянд [6].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коғазҳои қиматноки давлатӣ дар намуди вомбаргҳои бурднок, вомбаргҳои дохилӣ, векселҳои кӯтоҳмӯҳ-лати хазинавӣ фаъолият намуда, барорандаи он Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Солҳои 1992-1993 ва 1996 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вомбаргҳои дохилӣ баро-варда шуд. Қайд кардан бомаврид аст, ки вомбаргҳои дохилии соли 1992 ба мӯҳлати 10 сол, бо арзиши 250-рубл ва бо даромаднокии 10 % бароварда шуд, аммо вомбаргҳои дохилии соли 1993-юм бо арзиши 500 ва 1000 рубл ва бо даромаднокии 20 % бароварда шуд. Соли 1996 мувофиқи қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 23.07.1996 с. «Оид ба барориши вомбаргҳои дохилии давлатӣ» вом-баргҳои дохилӣ бароварда шуд, ки мӯҳлати он то соли 2000 буд ва дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон коғазҳои қиматнок фурӯхта шуданд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯши вом-баргҳои дохилӣ дар асоси қонуни «Вомбаргҳои дохилии давлатӣ», ки 23 июли соли 1996 бароварда шуда аст, ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ аз ҷониби бонкҳои ваколатдор фурӯхта мешавад. Фоизи вомбаргҳои дохилӣ бошад, дар намуди асъори миллӣ пардохта мешавад. Дар бозори коғазҳои қиматнок давлат векселҳои давлатии хазинадориро низ ба фурӯш мебарорад. Векселҳои давлатии хазинадорӣ мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 3 марти соли 1998 «Дар бораи векселҳои давлатии хазинадорӣ» бароварда шуд ва аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фурӯш бароварда шуда ва то ин вақт идома дорад.

Саҳмия коғази қиматнокест, ки онро ҷамъиятҳои саҳомӣ ё корхо-наю ширкатҳои дигар бо мақсади ба кор андохтани маблағҳои озоди истифодашаванда, ки ҳамчун сарчашмаи иловагии маблағгузории истеҳсолот ба ҳисоб меравад, мебароранд. Саҳмия аз дохил шудани маблағ ба ҳисоби сармояи ҷамъиятҳои саҳомӣ гувоҳӣ дода, барои гирифтани қисми даромад дар шакли ҳаққулсаҳм (дивидент) ҳуқуқ медиҳад. Дар ҷамъиятҳои саҳомӣ ду намуди саҳмияҳо бароварда мешавад: саҳмияи оддӣ ва имтиёзнок.

Барои шинос шудан ба рушди бозори коғазҳои қиматнок таҷри-баи як қатор мамлакатҳои пешқадами дунёро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Барои ба ин гуфтаҳо боварӣ ҳосил намудан, таҷрибаи базе аз кишварҳои тараққикардаро оиди рушди бозори коғазҳои қиматнок дида мебароем. Масалан, дар ИМА қонуни ягонаи федеролӣ оид ба

хусусияти мафҳуми «саҳмия» ва ҳуқуқ ба он вуҷуд надорад, ба мисли оне, ки қонуни умумимиллӣ дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ низ вуҷуд надорад ва дар он ҷо мафҳуми «corporation»- «корпоратсия» истифода бурда мешавад. Ҳанӯз дар соли 1950-ум кӯшиши ба як шакл даровар-дани қонунҳо дар бораи ширкатҳо ба амал бароварда шуд, ки бо ин мақсад гурӯҳи ҳуқуқшиносон қонуни моделӣ (тамсилавӣ) дар бораи корпоратсияҳоро кор карда баромаданд, ки баъзе талаботҳои онҳоро мақомотҳои қонунгузории штатҳо қабул намудаанд [5].

Корпоратсия метавонанд пӯшида бошанд, ки мувофиқи қонуни моделӣ (тамсилавӣ) дар бораи корпоратсияҳо миқдори саҳмиядорон аз 50 нафар бояд зиёд набошанд. Дар ин ҳолат фурӯши саҳмия баъзе маҳдудиятҳоро доро мебошад. Гап сари он меравад, ки саҳмиядоре, ки хоҳиши фурӯхтани саҳмияро доранд, бояд аввалан саҳмияи худро ба корпоратсия пешниҳод намояд ва баъди оне, ки он хариди саҳмияро рад намояд, он гоҳ баъдан ӯ онро ба шахси сеюм мефурӯшад. Дар маҷ-мӯъ чунин шакли ташкили корпоратсия дар ИМА кам вомехӯрад. Дигар боқимондаҳо бо ном дар шакли корпоратсияи «хусусӣ» ва «умумӣ» (кушода) амал менамояд. Фарқияти корпоратсияи хусусӣ аз умумӣ дар миқдори саҳмияҳо, ки дар дасти як нафар (хусусӣ) ва дар дасти соҳибони бо якдигар алоқаманд (умумӣ) мебошад ва корпорат-сияҳои бузурги амрикоӣ асосан ба таври умумӣ фаъолият менамоянд.

Таҷрибаи баъзе аз кишварҳо, аз он ҷумла давлати Британияи Кабир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар сектори молиявии он тақрибан 5 % ММД-и давлат истеҳсол карда мешавад, ки дар он 1 млн. одамон банд мебошанд. Тақрибан, аз се як ҳиссаи шуғлдоштагони ММД ба ҳиссаи ин сектор мувофиқ меояд ва Британияи Кабир дар ҷаҳон аз рӯи бақия (сальдо)-и бартариятдоштаи савдои хизматрасониҳои молиявӣ ҷои аввалро ишғол менамояд (25 млрд. фунт стерлинг дар соли 2014). Ташкилотҳои молиявӣ асосан дар шаҳри Лондон ҷойгир шудаанд, ки 60 % бозори аввалиндараҷаи вомбаргҳои аврупоӣ ва 70 % бозори дуюминдараҷа ба ин ҷо рост меояд [8].

Ба мисли дигар қонунгузориҳои ИМА, дар Қонунҳои британӣ низ дар бораи ширкатҳо меъёри муайян, ки ба намудҳои саҳмия таалluқ дорад, тарзи интиқоли ҳуқуқи моликият барои саҳмия ва ғайраҳо вуҷуд надорад. Ширкатҳо метавонанд, дилхоҳ намуди саҳмияро бароранд ва барои ҳамин ҳам, зимни барориши намудҳои саҳмия на ба қонунҳо, балки ба таҷрибаи ба андӯхташуда такя намудан лозим аст. Масалан, саҳмияҳои оддӣ бояд ҳатман бо пардохти номиналӣ, пурра ва қисман бароварда шавад. Номиналии нисбатан паҳншуда дар Британияи Кабир -25, 50 ва 100 пенс мебошад, ки ҷой намудани номинал бо нархи аз номинал поён иҷозат дода намешавад, аммо аз номинал боло ба таври васеъ паҳн карда шудааст. Чун қоида, як саҳмия як овоз дорад, аммо дар баъзе ширкатҳо паст намудани миқдори овозҳо дар ҳолати зиёд намудани миқдори саҳмияҳо низ ба назари эътибор гирифта шудааст.

Ӯҳдадориҳои қарзии давлатии Британияи Кабир номҳои гуногун доранд ба мисоли: British funds, British Government stocks, British Government negotiable debt. Мафҳуми нисбатан паҳнгардида gilts (ё ин ки gilt-edged securities - «гилтҳо») мебошад. Ба гилтҳо 73 % ҳамаи займҳои давлатӣ рост меояд. Дар моҳи марти соли 2012 қарзҳои умумӣ аз рӯи гилтҳо 356 млрд. фунт стерлингро ташкил медод, ки ба 94 % ӯҳдадориҳои озоди дар гардишбуда баробар буданд [9].

Бозори вомбаргҳои Ҷумҳурии Федеролии Олмон аз рӯи ҳаҷми қарзҳои вомбаргӣ дар дунё ҳамчун бозори миллӣ ҷои сеюмро баъди ИМА ва Япония мегирад, ки он дар ҳаҷми $ 4,1 трлн. арзёбӣ мегардад. Афзоиши бозори вомбаргҳо дар солҳои 90-уми асри гузашта, дар бисёр ҳолат, ба якҷояшавии Олмон, зарурияти ёрии байниякдигарӣ ва ба зиёдшавии буҷети федеролӣ монеъ мегардид. Баъди бардоштани девори Берлинӣ дар соли 1989 ҳаҷми қарзҳои

ҳукумати федеролӣ ба миқдори 2 баробар зиёд гардид. Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта, ба мисли дигар мамлакатҳои пешқадами дунё, кам намудани қарзҳои давлатӣ чӣ ба таври мутаносибӣ ва чӣ ба таври комилан (мутлақо) ба амал омад [5].

Хусусияти бозори вомбаргии Олмон - ин бартарияти вомбаргҳои бонкӣ дар сохтори қарздорон ва саҳми нисбатан ками нархмонии шир-катҳои саноатӣ мебошад. Дар давлати Олмон қариб 90 % вомбаргҳо тақдимӣ мебошад, ки онҳо дар бозори биржавӣ ва ғайрибиржавӣ дар гардиш мебошанд. Саҳмияҳои номӣ бошанд нархмонии биржавӣ надоранд ва танҳо дар бозорӣ ғайрибиржавӣ (бо таври телефонӣ) фурӯхта мешавад.

Ҳамин тавр, таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами дунё аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бозори коғазҳои қиматнок дар ин кишварҳо дар дараҷаи лозимӣ тараққӣ карда, яке аз сарчашмаи даромади аҳолӣ аз ҳисоби хариду фурӯш ва мубодилаи намудҳои гуногуни коғазҳои қиматнок суръат мегирад. Дарояндаи наздик дар кишвари мо бозори қоғазҳои қимматнок ба яке аз сарчашмаи даромади аҳолӣ табдил ёфта, барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва рушди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Адабиёт**


1. Белов В. А. Государственное регулирование рынка ценных бумаг / В.А. Белов. - М.: Высшая школа, 2016. - 352 с.
2. Белоусова Н. И. Вопросы теории государственного регулирования и идентификации естественных монополий: моногр. / Н.И. Белоусова, Е.М. Василь-ева. - М.: КомКнига, 2017. - 320 с.
3. Биншток Ф. И. Государственное регулирование предпринимательской деятельности. Учебное пособие: моногр. / Ф.И. Биншток. - М.: ИНФРА-М, 2017. - 208 с.
4. Буҷет ва низоми буҷет //Зери таҳрири умумии Буриева М.Ч. - Душанбе: «Эрграф», 2014. - 400 с.
5. Ипотечные ценные бумаги /А.Б. Копейкин, Н.Н.и Рогожина, Ю.Е. Тук-таров - М.: Фонд «Институт экономики города», 2008.
6. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. - Душабе: «Ирфон», 2018. - 648 с.
7. Раҳимзода Шариф. Муомилоти пулӣ ва қарз. - Душанбе: «ЭР-граф»,/Ш. Раҳимзода. 2008. - 450 с.
8. Такер Роберт Б. Инновации как формула роста. Новое будущее ведущих компаний. - М.: Олимп-Бизнес, 2006.
9. Экономика инновационного развития /Под. ред. М.В. Кудиной и М.А. Сажиной. - М.: Ид: «ФОРУМ»: ИНФРА-М, 2014. - 256 с.
10. Қараев Р.Х., Валиев А.Ш., Солиев Н.А., Нуров М.Р. Бозори коғазҳои қиматнок ва фаъолияти биржавӣ. Васоити таълимӣ. /Р.Қараев. - Душанбе, 2019. -144 с.


# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Солиев Н.А.** - муаллими калони кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 908-83-38-45. E-mail: Solievn_@mail.ru.



Дар мақолаи мазкур масъалаҳои маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баррасӣ шудаанд. Қайд шудааст, ки татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар чараёни маъмурикунонии андоз яке аз вазифаҳои асосии табдилдиҳии низоми андоз ба воқеияти рақамӣ мебошад. Моҳияти мафҳуми маъмурикунонии андоз кушода шуда, объектҳо ва субъектҳои он муайян карда шудаанд.

Технологияҳои рақамӣ, ки дар низоми андози мамлакатҳои пешрафта истифода мешаванд, ҷудо карда шуда, афзалиятҳо ва имкониятҳои «ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» нишон дода шудаанд. Муаллиф ҳиссаи андоз аз арзиши иловашудаdo дар ташаккули даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст. Хусусиятҳои хоси ААИ ҷудо карда шуда, афзалиятҳои рақамикунонии ҷараёни маъмурикунонии ААА барои мақомоти андоз муайян карда шудаанд. Таъкид шудааст, ки рақамикунонии механизми маъмурикунонии ААИ ба супорандагони ин андоз имкониятҳои зиёди мусоид фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** андоз аз арзиши иловашуда, рақамикунонии иқтисодиёт, маъмурикунонии андоз, технологияҳои рақамӣ, хавфҳо, андозсупорандагон, мақомоти андоз, ҳисобнома-фактура, буҷети давлатӣ, баргардонидани маблағҳо.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА АДМИНИСТРИРОВАНИЯ НАЛОГА НА ДОБАВЛЕННУЮ СТОИМОСТЬ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Солиев Н.А.** - старший преподаватель кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 908-83-38-45. Электронная почта: Solievn_@mail.ru.

В данной статье исследованы вопросы администрирования налога на добавленную стоимость (НДС) в условиях цифровизации экономики. Отмечается, что внедрение современных информационных технологий в процессе налогового администрирования является одной из основных задач преобразования налоговой системы в цифровую реальность. Раскрыта сущность понятия налогового администрирования, определены его объекты и субъекты. Выделены цифровые технологии, которые используются в налоговой системе развитых стран, а также представлены преимущества и возможности «личного кабинета налогоплательщика». Автор проанализировал долю налога на добавленную стоимость в формировании доходов государственного бюджета Республики Таджикистан. Выделены особенности НДС и определены преимущества цифровизации процесса администрирования НДС для налоговых органов. Подчеркнуто, что цифровизация механизма администрирования НДС предоставляет плательщикам этого налога множество благоприятных возможностей.

**Ключевые слова:** налог на добавленную стоимость, цифровизация экономики, налоговое администрирование, цифровые технологии, риски, налогоплательщики, налоговые органы, счет-фактура, государственный бюджет, возврат денежных средств.

## MPROVING THE MECHANISM OF ADMINISTRATION OF VALUE ADDED TAX IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Soliev N.A.** - Senior Lecturer, Department of Stock Exchange Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 908-83-38-45. E-mail: Solievn_@mail.ru.

This article examines the issues of administration of value added tax (VAT) in the context of digitalization of the economy. It is noted that the introduction of modern information

technologies in the process of tax administration is one of the main tasks of transforming the tax system into a digital reality. The essence of the concept of tax administration is disclosed, its objects and subjects are defined. Digital technologies that are used in the tax system of developed countries are highlighted, and the advantages and possibilities of the "personal account of the taxpayer" are presented. The author analyzed the share of value added tax in the formation of revenues of the state budget of the Republic of Tajikistan. The features of VAT are highlighted and the advantages of digitalization of the VAT administration process for tax authorities are determined. It is emphasized that digitalization of the VAT administration mechanism provides payers of this tax with many favorable opportunities.

**Key words:** value added tax, digitalization of the economy, tax administration, digital technologies, risks, taxpayers, tax authorities, invoice, state budget, refund.

Яке аз масъалаҳои муҳимми низоми андоз дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ баланд шудани сатҳи хавфҳои андозӣ, вобаста ба саркашии андозсупорандагон аз пардохти андозҳо, ба шумор меравад. Ин масъала вобаста аз васеъ паҳн гардидани бизнес-моделҳои муосир, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ва дар мамлакат ба таври воқеӣ ҳузур доштан ё надоштани субъекти соҳибкорӣ боз ҳам мубрамтар мегардад.

Барои иқтисоди рақамӣ ба таври васеъ ташкил намудани интернет-бизнес, таъсиси марказҳои иттилоотӣ-молиявӣ хос мебошад. Ҳамаи ин намуди фаъолиятҳо тавассути ташаккули арзиши иловагӣ ва гирифтани фоида амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҷо масъала он аст, ки фаъолиятҳои хоҷагидории рақамӣ аксар вақт шаффоф набуда, назорат ба онҳо душвор мебошад.

Бояд чунин тасаввур намуд, ки дар оянда мафҳумҳои классикии унсурҳои ҳатмии андоз, ба монанди «объекти андозбандӣ», «манбаи андоз», «меъёрҳои андоз» ва ғайра тағйир намеёбанд, вале механизми ташаккули онҳо дар зери таъсири технологияҳои рақамӣ дигаргун мешавад [5, с.47]. Тағйироти амиқро, пеш аз ҳама, дар самти маъмурикунонии андоз, ки бояд ба шароити иқтисоди рақамӣ мутобиқ шавад, ҷорӣ намудан зарур аст. Барои иҷрои ин амал технологияҳои нави махсуси маъмурикунонии андоз заруранд, ки онҳо метавонанд амали андозсупорандагонро оид ба саркашӣ аз пардохти андозҳо пешгирӣ намуда, бо ин роҳ, сатҳи хавфҳои андозии давлатро то андозае паст кунанд. Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар ҷараёни маъмурикунонии андоз яке аз вазифаҳои асосии табдилдиҳии низоми андоз ба воқеияти рақамӣ ба ҳисоб меравад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни маъмурикунонии андоз шаффофияти андозбандӣ ва ногузирии пардохти андозро таъмин менамояд.

Дар шароити имрӯза мақомоти андози бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз технологияҳои рақамӣ хеле васеъ ва фаъолона истифода менамоянд. Махсусан, барномаи маҷмуии назорати автоматикунонидашуда ба андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) хеле самаранок фаъолият мекунад. Барномаи мазкур ҷараёни санҷиши камералии эъломияҳои андоз оид ба ААИ-ро пурра ба таври автоматикӣ таъмин намуда, ба амалиёти андозбандишаванда, ки аз онҳо ААИ гирифта мешавад, назорат карда, корхонаву муассисаҳое, ки аз пардохти андоз саркашӣ мекунанд, ошкор менамояд. Ҳадафи асосии ин барнома мубориза бо андозсупорандагони бемасъулият ва муайян кардани ширкатҳои пинҳонӣ мебошад. Ин барномаи назоратӣ бо истифода аз технологияҳои нави абрӣ сохта шуда, яке аз афзалиятҳояш он аст, ки амалиётро мустақиман, яъне онлайн, таҳлил менамояд.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ технологияҳои нави иттилоотиро барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ҷараёни маъмурикунонии андоз истифода бурдан мумкин аст. Татбиқи таҷҳизоти муосири технологияҳои нави иттилоотӣ дар муҳити рақамӣ, ки аз ҷониби мақомоти андоз фароҳам оварда шудааст, сатҳи хавфи вайрон кардани қонунгузории андозро аз ҷониби андозсупорандагон паст карда, самаранокии андозбандиро баланд мебардорад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми андозбандии ААИ дар иқтисоди рақамӣ мушкил будани ҷараёни муқаррар намудани нексуси андоз (англисӣ taxing nexus) ё алоқаи андоз, яъне далели дар ҳудуди мамлакати мушаххас пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ, ба шумор меравад [6, с.125]. Бо назардошти он, ки дар иқтисоди рақамӣ дороиҳои ғайримоддӣ хеле серҳаракатанд, муқаррар намудани ҷойи ҷойгиршавии ё бақайдгирии супорандаи ААИ бе ҳузури воқеии он хеле душвор мебошад. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала дар шароити муосир пайвастани маҳалли фурӯши хизматрасонӣ бо маҳалли ҷойгиршавии харидор ба ҳисоб меравад. Вале аз сабаби он, ки шумораи харидорон на ҳамеша ба шумораи истифодабарандагони воқеии хизматрасониҳо мувофиқат мекунад, чунки аксар вақт шахсе, ки барномаи иҷозатномадорро харидорӣ кардааст, метавонад онро дар якчанд дастгоҳ насб кунад, бинобар ин, «харидори оффшорӣ» пайдо мешавад [9, с.230]. Ҳамин тавр, шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки резиденти мамлакате аст, ки он ҷо андозбандии имтиёзнок ҷорӣ аст, метавонад барои барнома иҷозатнома харидорӣ кунад ва хизматрасонии пулакиро барои резидентҳои дигар мамлакатҳо пешниҳод намояд ва аз он ҳисоб даромад гирад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар самти андозбандии ААИ он аст, ки андозсупорандагон дар баъзе ҳолатҳо барои аз буҷет баргардонидани маблағи барзиёд баҳисобгирифташудаи ин андоз муроҷиат менамоянд. Тартиби ба андозсупоранда баргардондани маблағи барзиёд баҳисобгирифташудаи ААИ-ро моддаи 274-уми КА ҶТ муайян кардааст. Мутобиқи муқаррароти моддаи мазкур, маблағи барзиёд баҳисобгирифташудаи ААИ «нисбат ба маблағи ҳисобкардашудаи он дар давраи андозӣ аз ҷониби мақомоти молия якҷо бо мақомоти андоз дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи аз ҷониби мақомоти андоз гирифтани аризаи андозсупорандае, ки амалиётҳои он бо меъёри сифрӣ андозбандӣ мешаванд, аз буҷети дахлдор баргардонда мешавад» [4, с.247]. Ба андешаи мо, роҳи муҳим ва самараноки ҳалли масъалаи мазкур такмил додани усулҳои маъмурикунонии андоз ААИ ба шумор меравад. Яке аз роҳҳои такмили маъмурикунонии ААИ истифодаи ҳисобнома-фактураи электронӣ мебошад, ки он барои аз байн бурдани муроҷиати ғайриқонунии супорандагони ААИ оиди аз буҷет баргардонидани маблағи барзиёд баҳисобгирифташудаи ААИ, зарур мебошанд. Дар моддаи 2-юми КА ҶТ омадааст, ки «ҳисобнома-фактураи электронӣ - ҳуҷҷате, ки бо истифода аз шабакаи электронӣ бо ё бе имзои электронӣ дода шуда, тавассути таҷҳизоти мубодилаи электронии маълумот пешниҳод мешавад» [4,с.9].

Аз сабаби он, ки иштирокчиёни амалиёти андозбандишаванда дар бисёр ҳолатҳо аз ҳамдигар дур ҷойгир шудаанд ва ҳисобнома-фактураро ба мақомоти андози гуногун пешниҳод мекунанд, бинобар ин, мақомоти андоз то ҳол наметавонанд ба зудӣ мубодилаи маълумотро дар бораи амалиёти андозбандишаванда ба анҷом расонанд [3, с.81].

Бояд қайд намуд, ки дар заминаи ҷорӣ кардани ҳисобнома-фактураи электронӣ Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад феҳристи ягонаи электрониро тартиб диҳад ва тавассути он мақомоти андоз метавонанд маълумоти заруриро барои гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ фавран дастрас намоянд. Дар натиҷа,

ҳисобнома-фактураҳои харидорон ва таҳвилгарон ё молрасонҳоро метавон муқоиса кард, ки он боиси хеле паст кардани сатҳи хавфи қаллобӣ ва сохтакорӣ шуда метавонад.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ мавҷудияти «маълумоти калон» (Big Data) ба мақомоти андоз имкон медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда ва амалиёти ӯро бо шариконаш назорат карда, амалиёти молиявии онҳоро санҷанд, шаклҳои ғайриқонунии фаъолияти андозсупорандаро ошкор намоянд. Вале бояд гуфт, ки истифодаи «маълумоти калон» метавонад боиси пайдоиши хавфҳои гуногун гардад, ба монанди: ифшо ё ошкор шудани маълумот дар бораи андозсупорандагон, ҳолатҳои қаллобӣ, маълумоти нодуруст ё беэътимод дар бораи корхонаҳо, риоя накардани сирри андоз ва дахлнопазирии андозсупоранда ва ғайраҳо. Барои пурзур намудани назорат ва ҳалли ин масъалаҳо мақомоти андоз пайваста мубориза мебарад.

Ҳамин тариқ, дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ дар низоми андози мамлакат шаклҳои нави фаъолияти мақомоти андоз бо андозсупорандагон ба вуҷуд омада, татбиқи барномаҳои муосири рақамӣ барои боз ҳам васеътар гардидани имкониятҳои мақомоти андоз мусоидат менамоянд.

Ба таври хулоса гуфтан мумкин аст, ки тадбиқи технологияҳои рақамӣ дар самти маъмурикунонии андоз, аз ҷумла ААИ афзалиятҳои хеле зиёд дошта, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз оид ба ҷамъоварии андозҳо мусоидат менамояд. Дар баробари ин, рақамикунонии ҷараёни андозбандӣ, бешубҳа, боиси ба вуҷуд омадани хавфҳои нави андозӣ мегардад, ба монанди, киберхавфҳо, хавфҳои рақамӣ ва ғайра. Аз ин рӯ, мақомоти андоз бояд дар оянда барои то ҳадди ақал паст намудан сатҳи чунин хавфҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт зарурати такмилдиҳии принсипҳо ва равишҳои амалисозии маъмурикунонии андоз ба миён меояд, зеро сатҳи даромади буҷети ҳамаи зинаҳои низоми буҷетии мамлакат аз самаранокии мақомоти андоз сахт вобаста мебошад.

Қайд намудан мумкин аст, ки дар ташаккули даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз арзиши иловашуда нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, такмил додани механизми маъмурикунонии ААИ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт омили асосӣ ва зарурии зиёд намудани даромадҳои буҷети давлатӣ ва дар ин замина таъмин кардани рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**

1. Герасименко О.А. Современные IT-технологии в налоговом администрировании / О.А. Герасименко // Естественно-гуманитарные исследования. - 2021. - №.4. - С. 16-23.

2. Гулькова Е.Л. Налоговые вызовы цифровой экономики / Е.Л. Гулькова, М.В. Карп // Вестник университета. - 2019. - №.4. - С. 89-95.

3. Кирова Е.А. Трансформация налоговой системы в условиях становления цифровой экономики / Е.А. Кирова, Н.Г. Морозова // Вестник университета. - №7. - 2022. - С. 78-85

4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // www.andoz.tj

5. Кононенко О.В. Налогообложение в условиях цифровой экономики: вызовы и перспективы / О.В. Кононенко // Вестник Института экономических исследований. - 2020. - №1(17). - С. 45-52

6. Комарова Е.И. Направления реформирования порядка взимания и возмещения НДС / Е.И. Комарова, М.А. Троянская // АНИ: экономика и управление. - 2019. - №3(28). - С. 121-128

7. Новоселов К.В. Трансформация налогового контроля НДС в условиях цифровой экономики / К.В. Новоселов // Инновационное развитие экономики. - 2022. - №5-1. - С. 188-191.

8. Степанов И.М., Ковальчук Ю.А. Цифровые вызовы и справедливость налогов / И.М. Степанов, Ю.А. Ковальчук // Цифровой юридический журнал. Том 1. - №1. - 2020. - С. 59-66

9. Тищенко Е.С. Проблемы налогового администрирования в условиях цифровой экономики / Е.С. Тищенко, Ю.А. Клейменова, К.И. Тлий // Бизнес. Образование. Право. - 2022. - №3(52). - С. 229-233

10. Ҷумабоев Х.Қ. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назорати андозӣ дар сатҳи минтақа / Х.Қ. Ҷумабоев, А.М. Маъмуров // Паёми молия ва иқтисод. - №4(28). - 2021. - С. 91-101.

## ТАНЗИМ ВА РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Раҳимзода Ф.М.** – ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

Мафҳуми низоми молиявӣ, аз мафҳуми умумии молия васеътар фаҳмида мешаванд. Молия маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятро дар бар мегирад. Аз ин сабаб дар ҳар як звенои ҷудогонаи низоми молиявӣ муносибатҳои иқтисодӣ ҳар хел ба вуҷуд меоянд ва вазифаю хусусиятҳои ба худ хос доранд. Низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи муайяни муносибатҳои молиявест, ки дар ҷараёни онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул меёбанд ва истифода бурда мешаванд. Низоми молияи давлатӣ шакл ва усулҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пулии давлатиро муайян менамояд. Инчунин муаллиф дар мақола қайд меанмояд, ки рушди низоми молияи давлатӣ шарти асосии иҷрои ӯҳдадориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва омили муҳими суботу амнияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, муаммоҳои назариявии танзим ва рушди низоми молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** молия, маблағҳои пулӣ, даромаднокӣ, низоми молиявӣ, молия давлатӣ, механизми иқтисодӣ.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Рахимзода Ф.М.** – ассистент кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 988 21 55 51. Электронная почта: rakhimzoda2020@inbox.ru

Понятие финансовой системы понимается более широко, чем общее понятие финансов. Финансы включают в себя совокупность экономических отношений общества. По этой причине в каждом отдельном звене финансовой системы экономические отношения возникают по-разному и имеют свои специфические задачи и особенности. Государственная финансовая система Республики Таджикистан представляет собой

определенную совокупность финансовых отношений, в ходе которых образуются и используются деньги. Система государственных финансов определяет формы и методы формирования, распределения и использования государственных средств. Также автор отмечает в статье, что развитие государственной финансовой системы является главным условием выполнения экономических и социальных обязательств и важным фактором экономической безопасности. Поэтому теоретические проблемы регулирования и развития системы государственных финансов Республики Таджикистан на современном этапе развития национальной экономики Республики Таджикистан имеют большое теоретическое и практическое значение.

**Ключевые слова:** финансы, денежные средства, рентабельность, финансовая система, государственные финансы, экономический механизм.

## REGULATION AND DEVELOPMENT OF THE STATE FINANCIAL SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rahimzoda F.M.** – assistant of the Department of Exchange Activities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Phone: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

The concept of the financial system is understood more widely than the general concept of finance. Finance includes a set of economic relations of society. For this reason, in each separate link of the financial system, economic relations arise in different ways and have their own specific tasks and characteristics. The state financial system of the Republic of Tajikistan is a certain range of financial relations in the course of which money is formed and used. The system of state finance determines the forms and methods of formation, distribution and use of state funds. Also, the author notes in the article that the development of the state financial system is the main condition for the fulfillment of economic and social obligations and an important factor of economic security. Therefore, the theoretical problems of the regulation and development of the public finance system in the Republic of Tajikistan at the modern stage of the development of the national economy of the Republic of Tajikistan are of great theoretical and practical importance.

**Key words:** finance, monetary funds, profitability, financial system, public finance, economic mechanism.

Молия муносибатҳоеро ифода мекунад, ки онҳо ҳамеша шакли пулӣ доранд. Молия бе пул вуҷуд дошта наметавонад.

Молия ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ муносибатҳои тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулотимиллиро ифода намуда, муносибатҳои молиявии эквивалентиро инъикос намекунад.

Тақсиму азнавтақсимшавии арзиш бо ёрии молия, ҳатман, бо гардиши пул анҷом ёфта, шакли манбаҳои молиявиро мегирад. Аз ин ҷиҳат захираҳои молиявӣ ифодагари муносибатҳои молиявӣ мегарданд [2, с 25].

Муносибатҳои молиявӣ ҳамеша бо ташкили даромадҳои пулӣ ва андӯхт, ки шакли захираҳои молиявиро доранд, бунёд мегарданд ва онҳо барои ҳамаи низомҳои иқтисодӣ хос мебошанд.

Ташкил ва истифодаи фондҳои пулии таъиноти хосдошта таносуби муайянеро дар корхонаҳо ва умуман иқтисодиёт фароҳам меорад, ки яке аз аломатҳои молия ба ҳисоб меравад.

Мазмуни молия натанҳо бо мафҳумҳои умумӣ (даромад, хароҷот), балки мафҳуми ҷузъи – ифодагари раванди ташкил ва истифодаи фондҳои пулӣ (сафарбарнамоии маблағҳо, пардохтҳои ҳиссаҷудокуниҳо аз даромадҳо, пардохтҳо ва андозҳо, маблағгузорӣ, музди кор ва ғайра) тавсиф карда мешавад.

Ба андешаи олими ватанӣ Оймаҳмадов Г.Н, “молия гуфта тамоми шакл ва усулҳои ташкил ва истифодабарии фондҳои пули таъиноти мазсусдошта, ки барои баамалбарории

такроristeҳсолот ва талаботи давлат вобаста ба вазъи бозор, дар мавриди тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва даромади миллӣ ба вуҷуд меоянд, молия ном дорад [7].

Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки муносибатҳои пулӣ бавуҷудорандаи муносибатҳои молия бошанд ҳам, молия ва пул аз якдигар аз руи мазмун ва вазифаҳояшон фарқ мекунад.

Як қисми муносибатҳои молиявӣ бо вуҷуд доштани давлат вобаста башанд ҳам маънои онро надорад, ки фаъолияти давлат молияро ба вуҷуд меоварда башад.

Бавуҷудоӣ ва аз байн рафтани муносибатҳои молиявӣ натиҷаи фаъолияти давлат ва ё изҳори ризоияти он нест. Талаботҳои ҷамъиятӣмиқдорану сифатан инкишоф мeёбанд, ки он тарзи воқеии зарурияти ҷой доштани молия ва инкишофи муносибатҳои молиявиро ҳатмӣ мегардонад.

Ба андешаи мо давлат имконияти инкишофи муносибатҳои молиявиро дорад, аммо бавуҷудоранда ва азбайнбарандаи муносибатҳои молиявӣ шуда наметавонад.

Ҳамин тавр молия маҷмӯи муносибатҳои воситаҳои пули вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои маблағҳои пулии фондҳои марказонидашудаю ғайримарказонидашуда буда барои зарурияти васеъ намудани сатҳи истеҳсолот ва қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ба шумор меравад [6, с 46].

Мафҳуми низоми молиявӣ, аз мафҳуми умумии молия васеътар фаҳмида мешаванд. Молия маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятро дар бар мегирад. Аз ин сабаб дар ҳар як звенои ҷудогонаи низоми молиявӣ муносибатҳои иқтисодӣ ҳар хел ба вуҷуд меоянд ва вазифаю хусусиятҳои ба худ хос доранд.

Низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи муайяни муносибатҳои молиявест, ки дар ҷараёни онҳо маблағҳои пулӣ ташаккул мeёбанд ва истифода бурда мешаванд. Низоми молияи давлатӣ шакл ва усулҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пулии давлатиро муайян менамояд.

Низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муносибатҳои молиявии зерин иборат мебошад:

- низоми буҷети давлатӣ;
- қарзи давлатӣ;
- фондҳои мақсадноки давлатӣ.

Низоми молиявиро ба ду зернизом тақсим кардан мумкин аст:

1) молияи марказонидашуда;
2) молияи гайримарказонидашуда.

Молияи марказонидашуда ин низоми ташаккул ва истифодабарии фондхои маблағҳои пулиест, ки барои таъмин намудани фаъолияти давлат ва хукуматхои махаллӣ равона карда шудааст. Фондҳои захираҳои пулии умумидавлатии марказонидашуда бо роҳи тақсимот ва бозтақсимоти даромади миллӣ, ки дар соҳаҳои истеҳсолот ба вуҷуд меоянд, ташаккул мeёбад.

Ба молияи марказонидшуда бандхои зерин дохил мешаванд: молияи давлатӣ ва молияи маҳаллӣ, низоми буҷетӣ, фонди мақсадноки давлатӣ, карзҳои давлатӣ ва маҳаллӣ.

Молияи давлатӣ маҷмӯи муносибатҳои пулӣ вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд.

Звенои асосии низоми молиявӣ ин буҷети давлатӣ мебошад, яъне захираи асосии маблағҳои пулие, ки дар шакли нақшаи молиявии давлат оид ба ҷамъоварӣ, азнавтақсимкунӣ ва истифодабарии маблағҳои пулӣ тартиб дода шудааст ва дар шакли қонун қабул ва амалӣ карда мешавад.

Ҷудо кардани низоми молиявӣ ба бандҳои алоҳида барои он лозим аст, ки ҳар яке аз ин бандҳо вазифаҳои худро доранд ва дорои усулҳои ташаккул ва истифодабарии фондҳои маблағҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда мебошанд.

**Адабиёт**


1. Оймаҳмадов Г.Н. Молия - Душанбе: Нодир, 2005. 374 с.
2. Мирсаидов, С. А. Баҳодиҳии вазъи муосири фаъолияти сармоягузории ширкатҳои суғурта / С. А. Мирсаидов, А. Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 4-2(50). – EDN CQYRJR.
3. Раҳимзода, Ф. М. Асосҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ / Ф. М. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 173-178. – EDN ZCYMQI.
4. Рахимзода, Ф. М. Некоторые аспекты развития системы управления государственными финансами в Республике Таджикистан / Ф. М. Рахимзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 95-99. – EDN SJHJTZ.
5. Акобиров Ҳ.А. Молия. - Душанбе, Сумани Қудрат, 2011. - 284 с.
6. Алимардонов У. Молия. - Душанбе, Ирфон, 2014. - 358 с.
7. Каримова М.Т., Мӯминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. Роҳнамои буҷети ҶумҳурииТоҷикистон. - Душанбе, 2012. - 188 с.
8. Қодиров Ш.Ш, Рахимов О.Н., Хоркашов И.С, Фозилхонов Д.О. Назарияи иқтисод. Китоби дарсӣ (қисми 2). - Душанбе, 2008. - 182 с.
9. Раҳимов З.А., Ятимов Х.М., Ҷӯраев Ш.Ҷ. Молия, муомилоти пул ва қарз. - Душанбе, «Сино», 2006. - 212 с.


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ БУҶЕТИЮ АНДОЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Раҳимзода Ф.М.** – ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**Умаров Э.Х.** – магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-25010403-Андоз ва андозбандии шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 901437001. E-mail: emomali20012005@gmail.com.



Давлатҳои дунё вобаста ба модели инкишофи иқтисодиёташон ва сиёсати иқтисоди иҷтимоии переспективиашон, сиёсати буҷетию андозии худро тартиб дода ба раванди такрористеҳсол ва таносубияти соҳаҳою минтақаҳо ва ҳолати молияви иҷтимоии мамлакатро батанзим медароранд. Сиёсати буҷетию андозӣ, ҳамаи чорабиниҳои раванди буҷетро бо ба тавозунории касри буҷету танзими муносибатҳои байни бичет ва ояндабиниҳои ҳолати иқтисодиёт дарбар мегирад.

Сиёсати буҷетию андозӣ як қисми сиёсати макроиқтисодии давлат барои рушди иқтисодиёт пешбинишуда мебошад, ки вобаста ба таъсири омилҳои берунаю дохила ба танзим даровардашуда дар асоси ҳадафҳои асосии дар назди давлат истода барои давраҳои муайян тартиб дода мешавад.



**Калидвожаҳо:** сиёсати молиявӣ, буҷети давлат, андоз, муносибатҳои байнибуҷетӣ, раванди буҷет, даромад, хароҷот.


## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ БЮДЖЕТНО-НАЛОГОВОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**Рахимзода Ф.М.** – ассистент кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика

Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 988 21 55 51. Электронная почта: rakhimzoda2020@inbox.ru

**Умаров Э.Х.** – магистрант 2-го курса специальности 1-25010403-налог и налогообложение отдел подготовки научных и научно-педагогических кадров Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 901437001. E-mail: emomali20012005@gmail.com.

В зависимости от модели своего экономического развития и перспективной социально-экономической политики страны мира формируют свою бюджетную и налоговую политику, регулируют процесс воспроизводства и соотношение отраслей и регионов, финансовое и социальное положение страны. Бюджетно-бюджетная политика включает в себя все меры бюджетного процесса, в том числе балансирование бюджетного дефицита и регулирование связи между бюджетом и перспективами состояния экономики.

Налогово-бюджетная и налоговая политика является частью макроэкономической политики государства по развитию экономики.

**Ключевые слова:** финансовая политика, государственный бюджет, налог, межбюджетные отношения, бюджетный процесс, доходы, расходы.

## SOME THEORETICAL ISSUES OF BUDGETARY AND TAX POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rahimzoda F.M.** – Assistant of the Department of Exchange Activities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Phone: +992 988 21 55 51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

**Umarov E. Kh.**-master of the 2nd course, specialty 1-25010403-Tax and taxation Department of training of scientific and scientific pedagogic personnel of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov street. Phone: (+992) 901437001. E-mail: emomali20012005@gmail.com.

Depending on the model of their economic development and their perspective socio-economic policy, the countries of the world prepare their budget and tax policy and regulate the process of reproduction and the ratio of sectors and regions and the financial and social situation of the country. Fiscal and budgetary policy includes all measures of the budget process, including balancing the budget deficit and regulating the relationship between the budget and the prospects of the state of the economy.

Fiscal and fiscal policy is a part of the state's macroeconomic policy for the development of the economy.

**Keywords:** financial policy, state budget, tax, inter-budgetary relations, budget process, income, expenses.

Ташкилу истифодаи оқилонаи захираҳои молиявию буҷетӣ ба маҳдудияташон нигоҳ накарда ба давлат имконияти баамалбарории вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаашро таъмин менамояд. Вале барои ин давлат бояд муносибатҳои буҷетию андозиро нисбати ҳалли субектҳои дар иқтисодиёт фаъолият кунанда (завод, фабрика, корпоротив, сохторҳои молиявию қарзӣ, пули, сармоягузорӣ ва бахшҳои иҷтимоию хизматрасонӣ) ба роҳ монда сатҳу дараҷаи самаранокии онҳоро бо нишондиҳандаҳои мустақилу ғайри мустақил ҳисоб намояд ва роҳҳу равишро нисбати такмилдиҳии он муносибатҳо пешниҳод намояд.

Барои он ки давлат вазифаҳои буҷетию андозии ба ӯҳдагирифтаашро ба амал барорад чораву тадбирҳоро нисбати сафарбарнамоии даромадҳои буҷетӣ, тақсиму мақсаднок ва самаранок истифодабарии онҳо чораҳо бояд андешад. Бағайр аз ин баҳои оқилонагии онҳо нисбати ҳолати молиявии иқтисодиёт ва буҷетӣ ба ҳамаи сохторҳои

дахлдор ва шаҳрвандон эълон дорад. Бунёди бароҳмонии муносибатҳои буҷетию андозии овардашуда фарогири як паҳлуи сиёсати буҷетию андозии андешидашуда бошад, паҳлуи дигари онро баҳои самараноки ва мақсаднок истифодабарии он захираҳо ва ҳолати молияви субектҳои иқтисодиёт ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз мо метавонем сиёсати буҷетию андозиро ҳамчун кулли чорабиниҳои ҳокимияти давлатию маҳалли нисбати ташкил, тақсим ва мақсадноконаю самаракона истифодабарии захираҳои буҷетии бо истифода аз механизмҳои андозию қарзӣ нарх ва қурби пул ва ҳолати иқтисодиёт маънидод намоем.

Сиёсати буҷетию андозӣ, ҳамаи чорабиниҳои раванди буҷетро бо ба тавозунории касри буҷету танзими муносибатҳои байни бичет ва ояндабиниҳои ҳолати иқтисодиёт дарбар мегирад.

Сиёсати буҷетию андозӣ як қисми сиёсати иқтисоди-иҷтимоӣ ва молиявии дарозмуҳлати барои рушд намудани иқтисод пешбинишуд, ки вобаста ба таъсири омилҳои берунаю дохила ба танзим даровардашаванда мебошад, ки дар асоси ҳадафҳои асосии дар назди давлат истода барои давраҳои муайян тартиб дода мешавад.

Сиёсати буҷетию андозии барои давраҳои муайяни инкишофи иқтисодиёт пешбинишуда ва воситаи пешбининамоии бо маблағҳои зарурӣ таъмин намоӣ вазифаҳои барои ҳалнамоӣ пешбинишуда, такрористеҳсол ва инкишофи соҳаҳо инҳо мебошанд.

Қисми зиёди иқтисодчиён дар он ақидаанд, ки даромадҳо ва хароҷотҳои мақсадҳои мушахаси инкишофи давраҳои дар сиёсати иқтисодии стратеги пешбинишударо барои ҳар се сола муайян карда, вазифаҳои давлат ба уҳда доштаро амалӣ менамоянд.

Олимони рус Кавалёв Т. ва Барулин С. В. «Сиёсати буҷетиро ҳамҷун категорияи ташкили молия маънидод менамоянд»

Онҳо сиёсати буҷетиро ҳамчун «Низоми чораҳо ва амалҳои мақомотҳои ҳокимияти давлати оид ба идораи раванди буҷети дар асоси консепсисияи инкишофи муносибатҳои буҷети дар ҳолати сиёсати умумии иқтисоди пешниҳод менамоянд»

Сиёсати буҷетию андозӣ ба тақсимоти раванди андози самти дарозмуҳлати переспективии раванди буҷетиро бо баҳисобгирии таъсири омилҳои беруна ва моделсозии онҳо дар бар гирифта ҳали вазифаҳои азими иқтисоди иҷтимоиро аз ҳисоби мабла андозию пардохтҳои буҷети пешбини менамояд. Стратегияи буҷетиро ҳукумат нисбати давраҳои амалинамоии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030»-ро дарбар мегирад. Барои ҳар як давлат вобаста ба стратегияи переспективи ҳалшаванда таҳия мегардад.

Стратегияи буҷети ба мисли ҳали стратегияияҳо аз унсурҳои якдигарпуркунанда бунёд меёбанд. Сараввал бояд вазифаҳо ҳадафҳои стратеги ва сарчашмаҳои ояндаро ғайриандозии даромадҳои барои маблағгузории вазифаҳои мақсадҳои стратеги истифода шаванда муқарар карда шавад.

Дар инҷо тарзу усули сафарбарнамоии даромадҳои буҷети бо роҳҳои такмилу ташкили сарчашмаҳо ва методҳои тақсиму маблағгузории он нисбати амалигардии вазифаҳои мақсади стратегияи милли пешбини шуда мебошад.

Як паҳлуи стратегияи буҷетию андозиро нисбати амалинамоии вазифаҳои мақсадҳои стратеги оид ба стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраҳои солҳои 2030 такмилу таҷдиди муносибатҳои байни буҷетӣ оид ба ташкили захираҳои молияви буҷетҳои сатҳи гуногун нисбати давраи стратеги ва мақсадноконаи самаракона истифодабарии он захираҳо бояд ташкил медиҳад.

Муқароротҳои стратегии сиёсати буҷетию андозиро тактикаи буҷетию андози мушахас менамояд, ки асосан ба ҳалли вазифа тахирнопазои ва бартарафнамоии ғайритавозунгардии эҳтимолии соҳаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолиро фарогирифта нигаронида мешавад.

Бо тактикаи буҷетию андозӣ ҳали оҷилии масъалаҳои дар микёси буҷетҳои сатҳи гуногун бавуҷед омада, ки дар асоси таъсири омилҳои берунаю дохилии пешбини нашаванда бавуҷуд меоянд, ҳал карда мешаванд. Дар амалинамои тактикаи буҷетию андозӣ нақши ҳалкунандаро камшави байнибуҷети дар Вазорати молия амалишаванда ва

намояндаи буҷети назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷети ва гирандагони маблағҳои буҷети мебозанд.

Давлат дар ҳама давру замон оид ба боигарии миллӣ ва аҳолии дар он сарзамин умр ба сар баранда вазифаҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, истифода ва ғанигардонии боигарии миллӣ ва аҳолӣ, фаъолияти мақомоти иҷроия ва қонунгузорӣ, сиёсати молиявӣ ва андозу буҷетӣ, фаъолияти сиёсати берунӣ, тадқиқотҳои илмию техникӣ, мудофиаю ҳифзи ҳуқуқ ва хароҷоти иҷтимоию маданиро ба ӯҳда дорад.

Муносибатҳои молиявие, ки дар байни давлат, корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва аҳолӣ ба вуҷуд меоянд, муносибатҳои буҷетиро ташкил медиҳанд.

Муносибатҳои буҷетӣ ифодакунандаи хусусиятҳои гуногун буда, ҳамчун натиҷаи муносибатҳои тақсимотии байни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ҳавзаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, байни ноҳияҳо ва сатҳҳои гуногуни идора ташкил меёбанд.

Муносибатҳои буҷетӣ ва шаклҳои он пеш аз ҳама мувофиқи методҳои хоҷагидорӣ, сатҳу дараҷаи хизматрасониҳои иҷтимоию маданӣ ба шаҳрвандон ва вазифаҳои иҷро карда истодаи давлат дар ҳар як давраи инкишофи таърихӣ вобаста буда, хусусияти вокеӣ доранд. Давлат ба мақсади ба амал баровардани такрористеҳсолӣ васеъ дар миқёси ҷамъият, қонеъгардонии талаботи иҷтимою мадании шаҳрвандон, ҳалли масъалаҳои мудофиа ва пур кардани хароҷоти идораи мамлакат бояд дар ихтиёри худ як қисми даромади миллиро ҷамъ оварад ва нисбат ба он сиёсати биҷетию андози нисбати ғанигардонии даромадҳои буҷетӣ ва дарёфти манбаҳои нави захираҳои молияви барои муҳлати кутоҳ ва тулони меандешад.

Сиёсати буҷетию андозии таҳияшаванда, моҳиятҳои омодасозӣ (ҷамоварии иттилоот оид ба нишондиҳандаҳои макраиқтисодию сатҳи таваррум ватағирёбии нишондиҳандаҳои воридотию содиротиро дар бар мегирад).

Давлат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ фондҳои эҳтиётӣ ва захиравиро низ ташкил намуда, ба мақсади мушаххас истифода мебарад. Ҳамаи муносибатҳои буҷетӣ оид ба ташкил ва истифодаи фондҳои буҷетӣ буҷети давлатиро ташкил медиҳанд.

Буҷет ва низоми буҷетии ҳар як давлат ба сифати фишангҳои асосии баамалбарории сиёсати иҷтисодию иҷтимоӣ баромад менамояд. Ҳар як давлати соҳибистиқлол вазифаҳои иқтисодӣ – иҷтимоии зиёдеро ба мисли таълиму солимии аҳли ҷомеа, ҳифзи иҷтимоӣ, ашхосе, ки қобилияти меҳнатиашонро гум кардаанду бесаробон мондаанд, пиронсолон инчунин, мудофиаи мамлакат, амнияту бехатарии дохили давлат, танзими иқтисодиётро ба уҳда дорад.

Бинобар ин, буҷет ва низоми буҷетии ҳар як давлат нақши фишанги асосиро дар баамалбарории сиёсати иқтисодӣ – иҷтимоӣ иҷро менамояд.

Як паҳлӯи муҳимми фаъолияти буҷетиро бунёди идораи самараноки молияи давлатӣ танзими уфуқию амудии низоми буҷетӣ ва ҳолати иқтисодию молиявии бахшҳои давлатию хусусӣ ва байналхалқӣ ташкил медиҳад.

Объекти асосии азнавтақсимкунии буҷет даромади соф мебошад. Бо ёрии буҷет арзиши маҳсулоти зарурӣ ва баъзан бойгарии миллӣ аз нав тақсим карда мешавад.

Бо ёрии вазифаи тақсимот ташкилу истифодаи фондҳои пулии давлат ба роҳ монда мешаванд. Яке аз хусусиятҳои буҷет дар он аст, ки метавонад пешакӣ хабар диҳад, ки чӣ тавр субъектҳои гуногуни хоҷагӣ манбаҳои молиявии худро ба ихтиёри давлат мегузоранд ва маблағҳои дар фонди муттамарказ ҷамъовардашуда ба талаботи давлатӣ истифода карда мешаванд. Асоси вазифаи назоратиро гардиши захираҳои буҷетӣ, ки дар нишондиҳандаҳои интиқол ва хароҷоти маблағҳо инъикос ёфтаанд, ташкил медиҳанд.

Вазифаҳои буҷети давлатӣ объективианд ва раванди ҳодисаҳои иқтисодиро бо таври воқеӣ ифода мекунанд. Онҳо асосан бо воситаи фаъолияти инсон имконпазир буда, инъикоси худро дар механизми буҷетие меёбанд, ки давлат ташкил медиҳад.

Механизми буҷетӣ аз ҷониби давлат ташкил шуда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ истифода мешавад. Истифодаи босамари воситаҳои буҷетӣ имконият медиҳад, ки ба суръату дараҷа ва таносуби инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири муайян расонида шавад.

Буҷети давлатӣ дар шакли тавозуни даромаду хароҷот тартиб дода шуда, ҳамчун олати фаъоли назорати молиявӣ баромад мекунад. Нишондиҳандаҳои буҷетӣ, ки дорои хусусиятҳои таъинотианд, алоқаҳои зиёди буҷетро бо соҳаҳои иқтисодиёт инъикос намуда, асосро барои истифодаи онҳо (ба мақсади ташкили назорат, нисбат ба ҳолати сохти таркибии истеҳсолоти ҷамъиятӣ) таъмин менамоянд.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷет соҳаҳои иҷтимоӣ ба мисли маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва ғайра низ сармоягузорӣ карда мешаванд.

Даромадҳои буҷетӣ манбаи асосии молиявии фаъолияти давлат мебошанд. хароҷоти буҷетӣ бошад, ҳамчун воситаи қонеъгардонии талаботи умумидавлатӣ истифода мешаванд.

**Адабиёт**

1. Оймаҳмвдов Г.Н., Молия- Душанбе.: “Нодир”, 2005, 304 с.
2. Бегматов А. Умаров Д.М. Ваҳдати миллӣ ва рушди низоми андози ҶТ. Душанбе 2013;
3. Гулмирзоев Д. Г. Назарияи андоз ва андозбандӣ Душанбе 2017;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011 № 723.
5. Маҷаллаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Молия ва ҳисобдорӣ” - 1/2014, 1/2015, 1/2016, 1/2017.
6. Наҷмиддинов С. Ташакул ва рушди молияи ҶТ. Дар солҳои соҳибистиқлоли Душанбе 2010;
7. Кириленко О.П. Местные бюджеты Украины (история, теория, практика) / О.П. Кириленко. – Киев: НИОС, 2000. – 384 с.
8. Кравченко В.И. Местные финансы Украины / В.И. Кравченко. – К.: Т-во «Знания», КОО, 1999. – 487 с.
9. Мирсаидов, С. А. Баҳодиҳии вазъи муосири фаъолияти сармоягузории ширкатҳои суғурта / С. А. Мирсаидов, А. Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 4-2(50). – EDN CQYRJR.
10. Раҳимзода, Ф. М. Асосҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ / Ф. М. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 173-178. – EDN ZCYMQI.
11. Рахимзода, Ф. М. Некоторые аспекты развития системы управления государственными финансами в Республике Таджикистан / Ф. М. Рахимзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 95-99. – EDN SJHJTZ.

## РОҲҲОИ ТАНЗИМИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Иброҳими Ҳ.Ҳ.** – ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 888 80 19 63.

Муаллиф дар мақолаи мазкур қайд менамояд, ки дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати пуливу қарзӣ рушди бозори молиявӣ ва умуман фаъолияти хоҷагидории кишвар вобастагии калон дорад. Дар мақола таъкид шудааст, ки сиёсати пуливу қарзӣ яке аз қисматҳои сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, ҷиҳати танзими бахшҳои иқтисодӣ мавқеъи асосиро ишғол менамояд. Инчунин баъзе муаммоҳо ва роҳҳои назариявию амалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсати пулию қарзӣ, бозори молиявӣ, муомилоти пул, бозори асъор, молия, таваррум, фаъолияти бонкӣ.

## ПУТИ РЕГУЛИРОВАНИЯ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Иброхими Х.Х.** – ассистент кафедры биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 888 80 19 63.

В статье автор отмечает, что в условиях развития финансовых отношений развитие финансового рынка и экономическая деятельность страны в целом во многом зависят от правильной реализации денежно-кредитной политики. В статье подчеркивается, что денежно-кредитная политика является одной из составляющих экономической политики государства и занимает ключевое место в регулировании отраслей экономики. Также были проанализированы некоторые теоретические и практические проблемы и решения.

**Ключевые слова:** денежно-кредитная политика, финансовый рынок, денежное обращение, валютный рынок, финансы, инфляция, банковская деятельность.

## WAYS OF REGULATING MONETARY AND CREDIT POLICY IN MODERN CONDITIONS

**Ibrahimi H.H.** – Assistant Professor of the Department of Stock Exchange Activities of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 888 80 19 63.

The author notes in this article that in the conditions of development of financial relations, the development of the financial market and the economic activity of the country in general largely depends on the correct implementation of monetary and credit policy. The article emphasizes that monetary and credit policy is one of the parts of the state's economic policy and occupies a key position in regulating economic sectors. Some theoretical and practical problems and methods are also analyzed.

**Key words:** monetary policy, financial market, money circulation, foreign exchange market, finance, inflation, banking activity.

Татбиқи самтҳои асосии рушди соҳаи иқтисодиёт ва ҳалли мушкилотҳое, ки дар самти фаъолияти бонкӣ мавҷуд мебошанд, бе истифодаи самараноки сиёсати пулию қарзӣ дар шароити рушди муносибатҳои муосири молиявӣ имконопазир мегардад. Бинобар ин танзими давлатии муносибатҳои пулию қарзӣ барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад.

Таҷрибаи давлатҳои инкишофёфта нишон медиҳад, ки сиёсати пуливу қарзӣ ба сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил, шуғли пурмаҳсул ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ таъсир расонида, барои таъмини тараққиёти босуръат мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз сиёсати пулию қарзӣ яке аз самтҳои афзалиятноки танзими давлатии муносибатҳои молиявӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки танзими пулию қарзӣ ин таъсири ҳамаҷонибаи давлат ба фаъолияти ташкилотҳои молиявию қарзӣ бо мақсади ноил шудан ҳадафҳои рушд, аз ҷумла, ба таъмини нишондиҳандаҳои пулию қарзӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар шароити муосир ба шумор меравад.

Барои бонкҳо танзими пулию қарзӣ яке аз усулҳои идоракунии фаъолияти онҳо аз ҷониби бонки марказӣ ба ҳисоб меравад. Функсия ва аҳамияти иҷтимоӣ ва ҷамъиятии

танзими пулию қарзӣ аз он иборат аст, ки барои рушди иқтисодии давлат шароити зарурӣ ва мувофиқ фароҳам оварда, таъсири номусоиди берунӣ ва дохилиеро, ки аз марҳилаҳои рушди иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд, бехатар намояд [3].

Дар адабиёти иқтисодӣ оиди сиёсати пулию қарзӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд буда махсусият, нақш ва моҳияти иқтисодии он муайян гардидааст. Таърихи афкори иқтисодӣ нишон медиҳад, ки аз давраҳои пеш сиёсати пулию қарзӣ дар низоми фаъолияти хоҷагидории кишвар арзи вуҷуд дошта, бо такомули илми назарияи иқтисодӣ аз тарафи пайравони мактабҳои иқтисодии гуногун рушд ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати пулию қарзӣ вобаста ба махсусияти фаъолияти хоҷагидории кишвар ба низоми иқтисодиёт таъсири мухталиф дорад. Дар ҳолати самаранок ба роҳ мондани сиёсати пуливу қарзӣ он метавонад барои рушди низоми иқтисодӣ заминаи устувори молиявӣ гузорад ва дар акси ҳол ба рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад.

Асосҳои илмии сиёсати пулию қарзӣ ва танзими он дар асарҳои иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ инъикос ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки дар тули таърих мактабҳои иқтисодӣ то кунун дар ташаккулёбӣ ва таҳкими танзими сиёсати пулию қарзӣ ва рушди самтҳои афзалиятноки марбути он ёрӣмерасонанд.

Ҳамаи мактабҳои иқтисодӣ нақши сиёсати пулию қарзиро дар иқтисодиёти муосир эътироф намуда, вобаста ба вазъу ҳолати иқтисодиёти кишварҳои алоҳида моҳияи иқтисодии онро ҳар хел маънидод кардаанд. Новобаста аз мавҷудияти ақидаҳои гуногун оиди сиёсати пулию қарзӣ ҳамаи намояндагони мактабҳои иқтисодӣ дар даврони мураккаб шудани муносибатҳои байналмилалии молиявӣ барои дуруст ба роҳ мондани сиёсати мазкур чораҳои мушаххасро амалисозӣ намудаанд.

Ҳамин тариқ сиёсати пуливу қарзӣ аз давраи пайдоиш марҳилаҳои гуногуни рушро тай намуда, имруз дар низоми молиявии кишвар нақши муҳимро иҷро мекунад. Дуруст дарк кардан лозим аст, ки сиёсати пулию қарзӣ бо пайдошавии бонкҳо алоқамандӣ дорад. Маҳз бо пайдоиш ва ташаккулёбии фаъолияти бонкӣ сиёсати пулию қарзӣ чун ҷузъӣ низоми молиявӣ дар рушди иқтисодиёти миллии кишварҳо таъмини босуботи рушди молияро амалӣ намуд.

Ба андешаи мо сиёсати дуруст ва самараноки пулию қарзӣ метавонад барои рушди иқтисодӣ шарти муҳим арзёбӣ гардад, ва баръакс нодуруст ба роҳ мондани сиёсати мазкур барои инкишофи муносибатҳои истеҳсоливу иқтисоди монеаҳоро эҷод мекунад.

Дар шароити бухрон бе танзими муносибатҳои пулию қарзӣ дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум ва идораи дефлятсия имконнопазир мебошад. Аз ин рӯ ба масъалаҳои танзими давлатии муносибатҳои пулию қарзӣ дар корҳои илмии олимон низ диққати махсус дода мешавад.

Мувофиқи сарчашмаҳои Бонки миллӣ сиёсати пулию қарзӣ (сиёсати монетарӣ) раванди танзим ва идораи пешниҳоди пул дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуддати фоизии бозори байнибонкиро тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар бар гирифта, он пеш аз ҳама баҳри ба даст овардани суботи нархҳо ва мусоидат ба рушди воқеии иқтисодиёт равона мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки марказӣ дар доираи ваколатҳое, ки қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ кардааст, мустақилан барои таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзии давлат масъул мебошад. Аз ҷумла, тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ ноил шудан ба сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ ва нигоҳ доштани он дар давраи дарозмуҳлат буда, вазифаи сиёсати пулию қарзӣ барои расидан ба ин мақсад амалӣ мегардад.

Дар асоси омузиши ақидаҳои гуногуни мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватаниву хориҷӣ оиди сиёсати пулию қарзӣ моҳияти иқтисодии муаммои баррасишаванда ошкор намудан мумкин мебошад. Ба ақидаи мо сиёсати пулию қарзии кишвар маҷмуи тадбирҳои давлат дар самти идоракунии низоми пулӣ бо мақсади таҳкими муносибатҳои молиявӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодии кишвар мебошад.

Сиёсати пулию қарзӣ дар шароити кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявию иқтисодии кишвар ба шумор меравад. ОН метавонад ба сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил ва ба равандҳои рушди устувори иқтисодӣ таъсир расонида, барои таъмини тараққиёти босуръат мусоидат мекунад. Татбиқи афзалиятҳои асосии фаъолияти хоҷагидории кишвар ва ҳалли мушкилотҳое, ки дар соҳаи хизмтрасонии молиявию бонкӣ мавҷуд мебошанд, бе истифодаи самараноки сиёсати пулию қарзӣ имконопазир мегардад.

Бо мурури замон ва рушди муносибатҳои муосири молиявию иқтисодӣ сиёсати пулию қарзӣ низ ташаккул ёфта, дар рушди минбаъдаи ҳар як кишвар мавзуи мубрам ва рузмарра боқӣ мемонад. Новобаста аз он ки, проблемаҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ яке аз мавзуи мубоҳисаи олимон маҳсуб ёбад ҳам, дар умум он барои рушди муносибатҳои молиявию қарзии давлат ва умуман барои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ заминаи устувор мегузорад.

**Адабиёт**


1. Каличева М.М. Совершенствование инструментов управления развитием рынка банковских услуг населению (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2018. – С. 128.
2. Модернизация механизма денежно-кредитного регулирования в Российской Федерации. Сакало Е.Ю. автореферат дисс... к.э.н. Москва 2016. С.3.
3. олан Э. Дж. Макроэкономика [Текст] : учебник / Э.Дж. Долан, Д.Е. Линдсей ; пер. с англ. – СПб.: Санкт–Петербург оркестр, Литера плюс, 1994. – 405 с.
4. Попов В.Ю. Монетарная политика в реалиях украинской экономики [Текст] / В.Ю. Попов // Финансы Украины. – 2011. – № 12. – С. 66-75.
5. Р.К.Рахимов , «Проблемы развития переходной экономики Республики Таджикистан» г.Душанбе, - С.598-617
6. Слепов В. А., Ларцев М. И. Динамика денежно-кредитной политики развитых стран //
7. Федюнин, Д. В. Теоретические аспекты и задачи формирования современной денежно-кредитной политики / Д. В. Федюнин // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2012. – № 3(45). – С. 46-50
8. Финансовый вестник: финансы, налоги, страхование, бухгалтерский учет. – 2010. – № 1.
9. Хафизов Ш.И. Монетарная политика как разновидность стабилизационной политики государства в современных условиях/ Ш.И.Хафизов. Вестник ТНУ. - № 2/10 (152). – С. 107-108. (С.107-111).
10. Рикардо Д. Начало политической экономии и налогового обложения./ Пер. с англ. -М.: Дело, 1959. - С. 49-50.

11. Комилов А.К. Денежно-кредитное регулирование и его влияние на экономику./А.К.Комилов. Экономика, социология и право. - 2017. - № 2. – С. 14. (С. 13-15.)

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ: ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

**Муқимов Қудбуддин Мирзоҷонович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Нишонӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14. E-mail: qutbiddin-24@mail.ru, Тел.: (+992) 902644004.

**Асадуллозода Хуршед Асадулло -** унвонҷуйи кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Нишонӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14, тел.: (+992) 985041313

Дар мақолаи мазкур таҷрибаи хориҷӣ оид ба истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар фаъолияти субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дида баромада шудааст. Ҳамчунин дар мақола дастгирии молиявӣ-иқтисодии соҳибкорӣ ва рушди соҳаҳои афзалитяноки иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ диққати махсус дода шуда, масъалаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи баъзе кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ ва баъзе кишварҳои ҳамсояи наздик дар ин бахш барои истифода дар ҷумҳурии мо аз фоида холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** андоз, имтиёзу сабукиҳои андозӣ, соҳибкорӣ, иқтисодиёт, соҳаҳои афзалитянок, низоми андоз, молия, андозсупоранда, даромади андозӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, ҳавасмандии молиявӣ.

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ: ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

**Мукимов Кудбуддин Мирзоджонович -** кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налога и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14, E-mail:qutbiddin-24@mail.ru, Тел.: (+992) 902644004.

**Асадуллозода Хуршед Асадулло -** соискатель кафедры налога и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14, тел.: (+992) 985041313

В данной статье рассматривается внешняя практика эффективного использования налоговых льгот и привилегий в деятельности различных экономических субъектов. Также в статье особое внимание уделяется финансово-экономической поддержке предпринимательства и развитию приоритетных отраслей экономики зарубежных стран, анализируется и обсуждается данный вопрос. Из представленных данных становится ясно, что изучение опыта некоторых экономически развитых стран и некоторых соседних стран в этом секторе не лишено преимуществ для использования в нашей республике.

**Ключевые слова:** налог, налоговые льготы и привилегий, предпринимательства, экономика, приоритетные отрасли, налоговая система, финансы, налогоплательщик, налоговый доход, хозяйствующие субъекты, финансовый стимул.

## EFFECTIVE USE OF TAX BENEFITS: THE EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES

**Muqimov Qudbuddin Mirzodzhonovich -** Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Taxes and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street 64/14, E-mail:qutbiddin-24@mail.ru, Tel.: (+992) 902644004.

**Asadullozoda Khurshed Asadullo -** applicant for the Department of Tax and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street 64/14, Tel.: (+992) 985041313

This article examines the external practice of effective use of tax benefits and privileges in the activities of various economic entities. The article also pays special attention to financial and economic support for entrepreneurship and the development of priority sectors of the economy of foreign countries, analyzes and discusses this issue. From the data presented, it becomes clear that studying the experience of some economically developed countries and some neighboring countries in this sector is not without advantages for use in our republic.

**Key words:** tax, tax benefits and privileges, entrepreneurship, economy, priority sectors, tax system, finance, taxpayer, tax revenue, business entities, financial incentive.

Масъалаи танзими механизми истифодаи самараноки ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ яке аз фишангҳои муҳим ба ҳисоб рафта, он ба рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Муҳимияти масаълаи мазкур дар он инъикос меёбад, ки дар шароити буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ як шакли ҳавасмандии молиявӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оиди пешниҳод ва истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва дастгириҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва имконияти татбиқи амалии онҳо дар шароити Ҷумҳурии мо муҳим мебошад.

Ҳамзамон, пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ барои иҷроиши нақшаи андозӣ ва қонунгузории бахшӣ мазкур ба миён оварда, самаранокии қисмати даромади маблағҳои андозиро паст менамояд. Агар, ҳуқуқи истифодаи имтиёзҳои барои андозсупорандагон (масалан, пешниҳоди шакли мушкили эломияи андозҳо ё ин ки ҳисоботҳои андозии субъектҳои соҳибкорӣ)-ро ба миён меорад. Аз ин лиҳоз, имконияти сарфаи хароҷотҳо барои машваратҳои андозӣ ба миён меояд. Дар ин раванд, масъалаи муҳим пешниҳод ва истифодаи самаранокии имтиёзҳои андозӣ, ки низоми андозбандӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ пешниҳод менамояд, ки онҳо бояд мақсадҳои иҷтимоӣ ва тақсимкунии захираҳои молиявиро дошта бошанд. Чуноне, ки дар боло қайд намудем, на ҳама вақт фишанги имтиёзҳои андозӣ ва сабукиҳои махсус мақсаднок мебошанд ва дар бисёр мавридҳо ба мушкилиҳои низоми маъмурикунонии андозҳо рӯ ба рӯ гардида, зарурияти такмили қонунгузории мазкурро тақозо менамояд.

Таҷрибаи давлатҳои рушкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар аксарияти онҳо барои дастгирии молиявӣ-иқтисодии соҳибкорӣ ва рушди соҳаҳои афзалитянокӣ иқтисодиёти кишвар диққати махсус дода шуда, ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ пешниҳод карда мешавад. Масалан, дар кишварҳои ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин ва аксарияти кишварҳои собиқ Шӯравӣ вазъи молиявии субъектҳои соҳибкорӣ омили асосии муайянкунандаи рушди иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, пешниҳод ва истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар мадди аввал истода, он рақобатпазирии молу маҳсулотҳои ватанӣ ва ба ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Ин чораҳо ба хотире роҳандозӣ мегарданд, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолиро беҳтар менамояд. Амали намудани сиёсати молиявӣ ба ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ равона гардида, манфиатҳои ҳам субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳам давлат ба назар гирифта мешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонии ислоҳоти низоми андозбандӣ нишон медиҳад, ки сиёсати анъанавии андозбандии имтиёзнок бояд ба пешниҳоди сабукиҳои бештари андозӣ аз ҳисоби даромадҳояш мукаммал карда шавад. Дар натиҷа соҳибкорони пешсаф дар густариши

соҳаи фаъолияти худ бидуни ҳарос аз андозбандии барзиёди фоида ҳавасманд мегарданд. Инчунин дар натиҷаи ин соҳибкорон фоидаи гирифтаашонро бо майлу рағбати бештар ба самтҳои ояндадори рушди истеҳсолот ва таҳқиқотҳои илмӣ-техникӣ равона менамоянд. Ҳамин тавр, ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявии корхонаҳои хурду миёна ба рушди иқтисодии соҳаҳои афзалиятдор ва самаранокии баланди истеҳсолот мусоидат менамояд. Дар ин раванд дар оянда воридшавии маблағҳои андозӣ на аз ҳисоби меъёри андозбандӣ (ки ҷонибдорони ақидаи муҳофизакор пешниҳод менамояд), балки аз ҳисоби густариши истеҳсолу афзоиши даромад зиёд мешавад. Чунин самараи баланд имкон медиҳад, ки баробарии андозбандӣ, яъне баробарии тақсими гаронии андоз дар миёни ширкаткунандагони фаъолияти иқтисодӣ сарфи назар гардад. Вале ин ҷо мушкиле ба миён меояд, ки кадоме аз соҳаҳои иқтисодро афзалиятнок бояд ҳисобид.

Дар таҷрибаи аксарияти кишварҳо самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ бе дастгирии молиявии давлатӣ, бахусус имтиёзу сабукиҳои андозӣ ғайримкон мебошад ва сабаби асосии ин вазъ бо истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ рабт дошта, тавассути низоми махсуси андозбандӣ ва сабукиҳои андозӣ амали карда мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи баъзе кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ ва баъзе кишварҳои ҳамсояи наздик дар ин бахш барои ҷумҳурии мо аз фоида холӣ нест.

Тайи даҳсолаҳои охир дар як қатор кишварҳои дунё ба ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, тавассути фаъолияти дастаҷамъонаи давлатӣ ва андозбандӣ рақобатпазири дар бозори дохилии кишвар таъмин мегардад. Дар аксарияти кишварҳои дунё кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус имтиёзҳои андозиро ба соҳибкорони хурду миёна бештар пешниҳод намуда, тавассути равзани ягона алоқаи мустаҳками андозсупорандагон ва мақомотҳои давлатиро ҷонок намоянд. Дар ин маврид истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба рушди субъектҳои соҳибкорӣ ба маврид мебошад.

Таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар Аврупои Ғарбӣ анъанаи ҷудо кардани соҳаҳои аввалиндараҷаи истеҳсолот ба мақсади ҳавасмандкуниҳои молиявӣ мавҷуд мебошад. Масалан, дар Финландия барои ҳавасмандиҳои сармоягузориҳо ба соҳаи ба тозагӣ азхудшаванда ва соҳаи туризм имтиёзҳо пешниҳод карда мешавад, механизми иқтисодии истифодаи имтиёзҳои мазкур дар ин раванд то ба 50%-и афзоиши хароҷоти меъёри истеҳлокро ташкил медиҳад. Дар Норвегия субсидияҳои давлатӣ ва имтиёзҳои андозӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва дигари соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, дар низоми рақобат осебпазиранд пешниҳод гардида, имконияти истифодаи механизми истеҳлоки зуданҷоми таҷҳизотҳои кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад. Дар Белгия ба андозбандии соҳибкории хурду миёна (тавассути механизми истеҳлоки фондҳои асосӣ), сармоягузорӣ барои рушди технологияҳои баланд ва таҳқиқотҳо ва ихтирооткориҳои технологияи каммасраф бештар сабукиҳои андозӣ дода мешавад. Дар кишвари Малта бошад, меъёри андозбандӣ аз фоидае, ки ҳангоми таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти давлатӣ дошта таъмин мегардад, пешниҳод гардида, ду маротиба коҳиш дода мешавад. Ин мисолҳо ва амалияи сабукиҳо ва пешниҳодҳои имтиёзҳои андозӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба кишварҳои алоҳида афзалиятнок, эҷодкорӣ ва ғайра низ барои ҷумҳурии мо истифода бурдан мумкин аст.

Таҷрибаи кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дар татбиқи принсипи истифодаи меъёри пасти андозбандӣ аз фоида, ки дар шакли дивиденд тақсим мегардад (Германия, Италия ва ғайра) низ ба маврид мебошад. Дар ин кишварҳо даромади якхела ба таври гуногун андозбандӣ карда мешавад, вобаста ба он ки дивиденд бояд байни саҳмдорон тақсим гардад ё ба капитализатсияи фондҳо ё шаклҳои дигар равона карда шавад. Ҳамчунин, меъёри пасти

андозбандии даромади соҳибкории хурду миёна низ ҳамчун такягоҳи иқтисодиёти кишвар истифода мешавад.

Таҷрибаи Амрико ва аксарияти кишварҳои Аврупоӣ, ки тайи солҳои зиёд дар муносибатҳои бозорӣ қарор доранд, нишон медиҳад, ки тамоюлу тазодҳои зиёде дар низоми андозбандӣ, бахусус, истифодаи имтиёзҳои андозӣ мавҷуд буда, дар аксарияти онҳо ин раванд тавассути механизми иқтисодӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ равона мегарданд. Аз ин рӯ, дастгирии давлатӣ, бахусус танзими самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва таъсири онҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ хеле муҳим мебошад.

Дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА имтиёзҳои андозӣ бештар ба корхонаю ташкилотҳое пешниҳод карда мешавад, ки онҳо барои таъмини ҷойҳои нави корӣ ба маюбон хизмат мерасонанд. Инчунин, сабукиҳои андозӣ характери иҷтимоӣ дошта (масалан, ба фондҳои хайриявӣ) бештар дода мешаванд. Дар Олмон имтиёзҳои андозӣ ба категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ (корхонаҳое, ки шахсони нобино ва инвалидон)-ро бо кор таъмин менамоянд дода мешаванд, ки онҳо ҳаҷм ё ҳудуди муайян доранд. Инчунин, дар ин кишвар имтиёзҳои андозӣ барои кудакони силу соли муайян ва дар ҳолатҳои рӯҳӣ қарордошта пешниҳод карда мешавад. [1] Дар Испания имтиёзҳои андозии иҷтимоӣ дар мавридҳои шахсӣ ва вазъи оилавӣ пешниҳод гардида, асосан аз руйи даромадҳои андозӣ ҷудо карда мешаванд. Ин имтиёзҳои андозӣ барои ҳифзи иҷтимоии табақаҳои камбизоатӣ аҳолӣ пешниҳод ва истифода мешаванд.

Имтиёзҳои андозии характери ҳавасмандкунӣ дошта бо мақсади таъмини шароитҳои мусоид ва рушди соҳаҳои алоҳида ё барои самаранокии баланд (иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва буҷетӣ) дода шуда, самараи буҷетӣ-иқтисодӣ дар ин маврид дар ҷойи аввал ва самараи иҷтимоӣ дуюминдараҷа мебошад. Мисол, дар ИМА имтиёзҳои андозӣ бештар ба корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои соҳибкорие, ки самараашон баланд мебошад, пешниҳод карда мешавад. Дар мадди аввал, имтиёзҳои андозӣ ба ширкатҳое пешниҳод мегардад, ки сармоягузориҳои онҳо ба рушди минтақаҳои қафомонда равона карда мешавад. Илова бар ин, сабукиҳои андозӣ барои ширкатҳое пешниҳод мегардад, ки фаъолияти худро дар шататҳои алоҳидаи кишвар амалӣ менамоянд. [2] Ва мутасифона, андоз аз фоида барои корхонаҳо (корпоратсияҳо) дар ИМА дар худ на фақад ҳамчун фишангӣ сиёсати фискалӣ, балки ҳамчун механизми иқтисодии таъсири ҳукмати кишвар ба вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо ва шароитҳои муосидро ба истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ фароҳам меоранд, ки омузиши ин таҷриба низ барои кишвари мо аз фоида холӣ нест.

Сиёсати андозӣ дар кишвари Швецсария амалкунанда яке аз фишангҳои муҳим ба ҳисоб рафта, имтиёзҳои андозӣ ба ширкатҳои самаранокии энергетикиашон баданд дода мешавад. Новобаста аз меъёри баланди андозбандӣ меъёри сабукиҳои андозӣ аз истифодаи қувваи барқ гуногуранг ва оқилона мебошад. Дар Олмон имтиёзҳои андозӣ асосан барои истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ ва ҷангал пешниҳод карда мешавад. Дар Франоса имтиёзҳои андозӣ ҳамчун анъана барои ҳамаи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дода мешавад. Илова бар ин, дар ҳамаи кишварҳои хориҷӣ имтиёзҳои андозӣ дар бахши фаъолияти содиротӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои алоҳида, ба корхонаҳое, ки барои рушди минтақаҳои суструшкунанда бештар пешниҳод карда мешавад.

Аксарияти кишварҳои дунё чунин шаклҳои имтиёзҳои андозӣ, ба мисли пурра озод намудан аз пардохти андоз ё таътилӣ андозиро истифода мебаранд. Масалан, дар Италия барои ташкили корхонаҳои нав дар минтақаҳои тараққиёташон суст, андоз аз фоида барои муҳлати муайян озод карда мешавад. Дар Белгия ба муҳлати 10 сол ширкатҳои венчурии хурд ба хотири ҳавасмандгардониҳои фаъолияти онҳо аз пардохти андоз озод карда

мешаванд. Дар баробари ин корхонаҳое, ки ҳосилнокии меҳнатро баланд менамоянд, аз андоз ба муҳлати 6 сол озод карда шуда, дар баробари он бояд шуғли пурмаҳсули меҳнат ва самаранокии иқтидори истеҳсолӣ таъмин намоянд.

Яке аз шаклҳои маъмули имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар кишварҳои хориҷӣ ин кам намудани меъёри андоз барои рушди соҳибкории хурду миёна мебошад. Дар ИМА ва Фаронса ва як қатор кишварҳои дигари Аврупо лоиҳаҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна қабул карда шудаанд. Дар ин ҷода, бояд қайд намуд, ки дар ИМА имтиёзҳои андозӣ барои онҳое, ки ба соҳибкории хурду миёна машғуланд, бештар дода мешаванд. Пардохти андоз аз фоида бо меъёрҳои паст амалӣ мегардад, ки корхонаҳои хурду миёна аз андоз аз фоида, ки бо сабаби афзоиши сармоя, яъне фурӯши саҳмияҳо ба даст меояд, озод карда мешаванд.

Механизми танзими низоми андозбандӣ бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳибкорӣ дар кишварҳои Фаронса, Олмон, Австрия, Испания, Нидерланд ва Ҷопон хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Барои ҷалби сармояи хусусӣ, рушди соҳибкории хурду миёна дар ин кишварҳо ба василаи имтиёзҳои андозӣ барои ҷалби бештари сармояҳо ба рушди иқтисодёт истифода бурда мешаванд. Дар як қатор кишварҳои рушкардаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ (ИМА, Фаронса, Англия) ба масъалаи мазкур низ аҳамияти махсус дода шуда, алҳол дар ислоҳоти андозӣ, аз ҷумла дар ИМА - аз 46% то 34%, Фаронса - аз 50% то 34% ва Англия - аз 52% то 33%. [3]

Дар аксарияти кишварҳои Ғарб тайи даҳсолаҳои охир ба масъалаи низоми содда ва махсусгардонидашудаи андозбандӣ ва маъмурикунонии онҳо диққати махсус дода мешавад. Аз ин рӯ, «...рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар ҷараёни инноватсионӣ яке аз тамоюлҳои универсиалӣ дар ҷаҳонӣ соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад...». [4] Масалан, аз рӯйи маълумотҳои Ташкилотҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (ТҲИР) дар шароити муосир ба ҳиссаи соҳибкории хурду миёнаи инноватсионӣ дар кишварҳои рушкардаи саноатӣ то 30% ҳаҷми умумии тадқиқотҳо ва коркардҳои илмӣ ва 20% навовариҳо рост меояд. Бар замми ин, хароҷотҳо барои навовариҳои соҳибкории хурду миёна ҳамагӣ - 4 - 5%-ро ташкил медиҳад, [5] ки ин дастовардҳо тавассути пешниҳод ва истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ таъмин мегарданд ва ин таҷриба барои кишвари мо хеле муҳим буда, он барои рушди низоми андозӣ ва фаъолияти самараноки субъектҳои соҳибкорӣ нақши муҳим мебозанд.

Таввасути ин фишангҳо таъмини воридшавии ҳар чӣ бештари маблағҳои андозӣ дар ин кишварҳо ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна дар андозбандии федеративӣ - 48%; андози замин -34% ва ҷамоавӣ - 13%. Илова бар ин, андози калисоӣ ва боҷи гумрукӣ, ки дар ҳисоботи молиявӣ нишон дода намешаванд, пардохт карда шуда, [6] низоми андозбандӣ барои соҳибкории хурду миёна дар ин кишвар яке аз беҳтарин низоми андозӣ ба ҳисоб меравад, ки таҷрибаи он низ барои ҷумҳурии мо аз фоида холӣ нест.

Дар аксар кишварҳои дунё чораҳои дастаҷамъонаи пардохти қарзҳои андозӣ бо роҳи истифодаи механизми иқтисодии танзими он барои субъектҳои соҳибкорӣ роҳандозӣ мегардад, ки он ба боздоштани амалиётҳои ҳисобаробаркунии бонкҳо, ҳабс ва мусодираи молу амвол, манъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ равона мегардад. Ин фишангҳо, тавассути функсияҳои назорату санҷиши андозӣ амалӣ гардида, вазифаи имтиёзҳои андозӣ дар ин маврид тавассути ҳавасмандиҳои андозӣ таъмин намудани ҳарчӣ бештари маблағҳои андозӣ ва ба буҷети давлатӣ, баргардонидани маблағҳои пинҳоннамудаи субъектҳои соҳибкорӣ равона мегардад. Ин раванд, иштироки бевоситаи сохторҳои дахлдори давлатӣ, яъне мақомоти андозро барои дахолати кам ба субъектҳои соҳибкорӣ таъмин менамоянд.[7] Омӯзиши таҷрибаи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ дар кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ

имконият медиҳад, ки вариантҳои хуби онро барои шароити ҷумҳурии мо интихоб намоем. Аз нигоҳи дигар, умумиятҳои истифодаи имтиёзҳои андозӣ мавҷуд мебошад, ки онҳо барои таъмини самараноки амалкарди ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ ва рушди инноватсионӣ заминаҳои муосид фароҳам меорад.

Таъмини чунин нишондиҳандаҳои баланди рушди соҳибкорӣ дар кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ аз чунин тадбирҳо иборат мебошад:

- пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, ки ба фаъолият дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва ҷалби бештари сармояҳо машғуланд;
- пешниҳод ва истифодаи низоми махсус ва соддакардашудаи андозбандӣ ва меъёри андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ;
- дастрасии соҳибкорони ватанӣ ба лоиҳаи фармоишҳо ва пуружаҳои давлатӣ ва минтақавӣ;
- такмили сиёсати ҳавасмандиҳои молиявӣ-иқтисодӣ аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо ва маҳаллҳо;
- ташкили барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорони муваффақ дар бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ ва ғайра.

Ҳамзамон барои кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ принсипи асосии пешниҳод ва истифодаи имтиёзҳои андозӣ ин характери мақсаднок доштан ва истифодаи онҳо мебошад. Яъне, сиёсати андозӣ дар бахши пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ аз аввал бояд ба ташаккули мақсадҳои мушаххас ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ, масалан, барои ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватанӣ равона мегардад.

Ин ҷо, махсус бояд ба он масъала аҳамияти аввалиндараҷа дод, ки имрӯз яке аз самтҳои муҳими сиёсати андозӣ дар аксарияти кишварҳои дунё ин танзими андоз оиди беҳдошти муҳити зист, ки бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологӣ равона карда мешавад. Дар кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ ба ҷанбаҳои экологӣ-иҷтимоии сиёсати андозӣ диққати махсус дода шуда, вай имконият медиҳад, ки тавассути имтиёзҳои андозӣ таъмини воситаҳои молиявӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-экологӣ дар заминаи чораҳои дастаҷамъонаи давлатӣ ба роҳ монда шавад. Чунин таҷрибаи истифодаи имтиёзҳои андозиро дар самти андозҳои экологӣ дар таҷрибаи чунин кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ, ба мисли Шветсия, Олмон, Британияи Кабир, ИМА ва ғайра дидан мумкин аст.

Истифодаи пардохтҳои муайян ва таҳримҳои ҷаримавӣ барои ифлоскунандагони муҳити зист, мувофиқи принсипи «ифлоскунанда пардохт менамояд», дар ҳолати ифлоскунандагон ҷуброн ва ҳаққи пардохтро дар андозаи зарар мепардозанд, ки он то ҷое назорати давлатии ҳифзи экологиро беҳтар менамояд. Ин пардохтҳо истифодабарандагони захираҳои табииро водор месозанд, ифлосшавиро ба муҳити зист кам намуда, чораҳои муҳофизати муҳити зистро беҳтар намоянд. Истифодаи андозҳои экологӣ бештар ба таназзулёбии захираҳои табиӣ равона мегардад, ки ин таҷриба низ барои ҷумҳурии мо аз фоида холӣ набуда, он таъсири антропогениро ба агроэкосистемаҳои минтақавӣ кам ё манъ намуда, ба истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ мусоидат менамояд.

Дар кишварҳои мазкур имтиёзҳои андозие дода мешавад, ки онҳо имконият медиҳанд, ки ҳаҷми зарарҳо ба ифлосшавии муҳити зист кам карда шаванд. Масалан, дар Олмон корхонаҳое, ки коркади якҷояи гармӣ ва энергияро ба роҳ мемонанд, аз ин гуна имтиёзҳои андозӣ-молиявӣ бештар баҳравар мебошанд. Ҳавасмандии андозии чунин корхонаҳо тавассути меъёри пасти андозӣ ва пурра озод намудан аз пардохти андозҳои энергетикӣ ҳангоми шароитҳои дурусти корӣ таъмин карда мешаванд. Дар Шветсия бошад, пардохти экологӣ барои истеҳсолкунандагони бузурги гармидиҳӣ ва энергетикӣ ситонида мешаванд. Дар Британияи Кабир истифодаи имтиёзҳои андозӣ барои қонегардонии шароитҳои

муайяни корхона, инчунин баланд бардоштани меъёри муайяни партовҳо истифода бурда мешавад. Паст намудани меъёр ба энергия, ки аз манбааҳои барқароршаванда дар кишвари Олмон истифода мешавад. Илова бар ин, дар кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ дар шакли имтиёзҳои андозӣ афзалиятҳо дода шуда, онҳо вазифадоранд, ки манфиатҳои андозсупорандагони гуногунро ба назар гиранд. Ҳамчун анъана онҳо мақсадҳои худро барои таъмини рақобатпазирии бахшҳои дароманокашон паст (ба мисли соҳаи кишоварзӣ) пешниҳод менамоянд. [8]

Агар ба низоми андозбандии кишварҳои собиқ Шӯравӣ назар афканем, дар онҳо истифодаи имтиёзҳои андозӣ дар муқоиса бо кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ тафовутҳои ҷиддӣ доард. Масалан, дар Литва усули андозбандӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз мавқеи андозсупорандагон (шахси ҳуқуқӣ ва воқеъӣ) ва дар баъзе мавридҳо бошад аз шакли фаъолияти онҳо пешниҳод карда мешавад. Барои пешбурди фаъолияти онҳо бояд дафтари баҳисобгирии даромаду хароҷотҳо ва китоби воридшавӣ ва гардиши маблағҳои пулӣ истифода бурда шавад. Шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, дар навбати худ, фаъолияти худро бе иҷозатнома (лицензия) оғоз намуда, фақат андоз аз даромади шахсӣ бо меъёри 29% пардохт намуда, ба онҳо камтар имтиёзҳои андозӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар Федератсияи Россия тайи солҳои охир дар сиёсати андозӣ ҷаҳиши назарас дар самти имтиёзҳои андозӣ ва рақамикунонии низоми андозӣ ҷорӣ карда шудааст. Дар ин кишвар истифодаи имтиёзҳои андозӣ тавассути технологияи пешқадами иттилоотӣ ба роҳ монда шудааст. Истифодаи фишанги мазкур имконият медиҳад, ки ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ ба рушди соҳибкорӣ пешниҳод гардида, барои онҳо шароитҳои беҳтару хубтари фаъолият фароҳам оварда шавад. Агар ба низоми андозбандии ин кишвар назар афкнем, ин ҷо танҳо ба соҳибкорони истеҳсолӣ бештар имтиёзҳои андозӣ дода мешавад. Илова бар ин, барномаҳои инноватсионе, ки мақомоти андози ин кишвар тайи солҳои охир таҳрезӣ ва роҳандозӣ намуда истодаанд, ки он ба дасткаши аз пардохти андоз ва рушди иқтисодиёти рақамӣ равона карда шудааст. Ба ин ҷори намудани техникаи назорати хазинавӣ (кассавӣ) дохил кардан мумкин аст, ки маълумотҳоро оиди истифодаи имтиёзҳои андозӣ пешниҳод менамояд.

Дар Федератсияи Россия инчунин шаклу меъёрҳои махсуси андозбандӣ барои соҳибкории хурду миёна, ба мисли: танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ, раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна, баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ, таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозии соҳибкорон оид ба пардохти саривақтии андозу боҷҳои давлатӣ, истифодаи таҳримҳои андозӣ ва имтиёзҳои андозӣ ва ғайра пешниҳод карда мешавад.

Дар Белоруссия механизми ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ яке аз фишангҳои муҳими танзими низоми андозӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ роҳандозӣ гардида, мувофиқи моддаи 80-и Кодекси андози Ҷумҳурии Белорус вай мақомоти давлатии махсус буда, дар доираи уҳдадориҳои худ барои пиёда намудани сиёсати андозӣ, бахусус, истифодаи имтиёзҳои андозӣ роҳандозӣ карда мешавад. Дар мавриди қонунгузории соҳаи мазкур, мақомоти давлатӣ пешниҳод ва истифодаи имтиёзҳои андозиро назорат намуда, ба кормандони мақомоти андоз кумак менамоянд. Мақомоти андози Ҷумҳурии Белорус, дар қисмати имтиёзҳои андозӣ бо мақомотҳои дигари ваколатдори давлатӣ ҳамкории зич дошта, функсияи идоракунӣ ва назорати истифодаи онҳоро дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, дар доираи қонунгузории андозии кишвар таҳрезӣ ва амалӣ менамояд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба дӯши мақомоти андоз вазифаи ба таври пурра ва саривақти пешниҳод намудани ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ, тавассути сиёсати андозӣ, бахусус маъмурикунонии андоз таъмин карда мешавад. Мақомоти андози Ҷумҳурии

Қазоқистон аз мақомоти ваколатдори давлатӣ ва назорати андозӣ иборат буда, ба он функсияҳои мақомоти андози кишвар, минтақавӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ вогузор карда мешавад. Дар ин кишвар пешниҳод ва истифодаи имтиёзҳои андозӣ функсияи ҳавасмандгардонӣ ва самаранокии низоми андозбандиро ба ухда дошта, дар баъзе мавридҳо оид ба қонунвайронкуниҳои андозӣ ва корҳои назорату санҷишҳои камеравӣ ва сайёр истифода бурда мешавад. Мақомоти андоз дар мавриди истифодаи дурусти имтиёзҳои андозӣ, махсусан, дар бахши соҳибкорӣ имтиёзҳо дода, он дар доираи қонунгузории бахши андозӣ амалӣ карда мешавад.

Миёни кишварҳои собиқи Шуравӣ омӯзиши таҷрибаи Гурҷистон оид ба ислоҳоти низоми андозӣ ва ҳавасмандиҳои молиявӣ хеле муҳим мебошад. Шурӯъ аз солҳои 2011 ҳукумати ин кишвар қадамҳои бузургро дар самти ҷалби бештари сармояҳо тавассути ҳавасмандиҳои молиявӣ-иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус, истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ, бо истифода аз фишангҳои молиявӣ ва иқтисодӣ таъмин менамоян. Бар замми ин, «...ҳангоми амалӣ намудани чунин механизми иқтисодӣ, нисбати андозсупорандагон ва субъектҳои сохибкорӣ, бахусус соҳибкорони хурду миёна ҷарима татбиқ намегардад...». [9] Аз ин рӯ, дар амалӣ намудани механизми иқтисодии истифодаи дурусти имтиёзҳои андозӣ дар таҷрибаи аксарияти кишварҳои собиқ Шӯравӣ он низоми хеле пешқадаму самарнок мебошад. Истифодаи чунин таҷрибаи имтиёзҳои андозӣ дар бахши қонунгузори андозии Ҷумҳурии мо низ аҳамияти калон дорад.

Тайи даҳсолаҳои охир нақши давлат дар аксарияти кишварҳои дунё дар танзими механизми иқтисодии истифодаи имтиёзҳои андозӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти андоз бо мақсади таъмини қисмати даромади буҷети давлатӣ хеле муҳим мебошад. Илова бар ин, вазъи молиявӣ-иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ (соҳибкорӣ) нишондиҳандаи асосии муайянкунандаи иқтидори андозӣ ва сатҳи некуаҳволии мардум ба ҳисоб рафта, сиёсати андозӣ дар ин раванд ба самараноки истифодаи имтиёзҳои андозӣ, иҷрои нақшаи қисмати даромади буҷет ва фаъолияти самараноки мақомоти андози кишвар хизмат менамояд. Аз ин хотир, омӯзиши таҷрибаи самаранокии пешниҳод ва истифодаи имтиёзҳои андозӣ дар кишварҳои хориҷӣ барои таҳлили дурусти баҳои самаранокии ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили механизми иқтисодии он муҳим мебошад. Ин ҷо хусусиятҳои хоси рушди иқтисоди миллӣ ва низоми андозбандӣ дар минтақаҳои кишвар низ бояд ба назар гирифта шуда, муносибати субъектҳои соҳибкорӣ бо кормандони мақомоти андоз дар заминаи механизмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва демографию экологӣ ҷоннок карда шавад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ барои фаъолияти хоҷагидорӣ муҳим арзёбӣ гардида, барои такмили механизмҳои он чунин тадбирҳо муҳим мебошад:

- таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи низоми андозбандӣ ва дар заминаи он пешниҳод ва истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар низоми ҳавасмандиҳои молиявӣ-иқтисодии рушди иқтисодиёти кишвар дар замони муосир манша мегирад;
- таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сабаби асосии на он қадар истифодаи дурусти имтиёзҳои андозӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар ва фаъолияти соҳибкорӣ - ин дуруст такмил наёфтани механизми иқтисодӣ он мебошад. Таҷрибаи давлатҳои рушкардаи иқтисодӣ (ИМА, Шветсия, Олмон, Чин) инчунин, таҷрибаи Россия, Беларус, Қазоқистон, Гурҷистон ва ғайра нишон медиҳад, ки ба ҳам пайвастани фишангҳои танзими истифодаи самаранок имтиёзҳои андозӣ имконият медиҳад, ки низоми молиявӣ дар кишвар рушд намуда, барои дастгирии соҳибкорони ватанӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда мешавад;

- дар бахши соҳибкорӣ, бахусус рушди соҳибкории хурду миёна истифодаи имтиёзҳои андозӣ дар шароити муосир муҳим арзёбӣ гардида, он ба инкишоф ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат намуда, барои ҳарчӣ зиёдтар ҷамъоварӣ намудани маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, тақсим ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Гварлиани Т.Е., Боташева З.С., Воробей Е.Н.//Налоговые льготы: методология, практика применения, эффективность: коллективная монография. Сочи: РИЦ ФГБОУ ВПО «СГУ», 2014.
2. Митрофанова И. А., Плешаков Г. Г. Актуальность применения зарубежного опыта налогообложения предприятий в российских условиях // Молодой ученый. - 2013. - №9. - С. 217-220.
3. Ҳуқуқи андозбандӣ: Китоби дарсӣ / Бо таҳрири С.Г. Пепеляева. М.: ИД ФБК-ПРЕСС, 2000. -С.10
4. Косов М.Е. Специальный налоговый режим инновационная деятельность малого бизнеса / М.Е. Косов // Международный бухгалтерский учет. - 2013. - № 1. - С. 38-43.
5. Организация экономического сотрудничества и развития (Organization for Economic Cooperation and Development, OECD).
6. Налоговые системы зарубежных стран: Учебник для вузов. Под ред.В.Г. Князев, Д.Г. Черник. - М.: Закон и право, Юнити, -2009. -С. 242-243.
7. Куклина, Т.В. Теоретические основы и классификация налогового администрирования/Т.В. Куклина //Вестник Томского государственного университета. Экономика. - №4 (24). -2013.-С.23.
8. Киреенко А.П. Использование налоговых льгот в регулировании состояния окружающей среды: зарубежный опыт и перспективы России/А.П. Киреенко, О.В. Батурина, С. А. Головань //Известия Иркутской государственной экономической академии (Байкальский государственный университет экономики и права). 2014. № 1. С. 25-34 .
9. Эриашвили, Н.Д. Налоговое право: учебник для магистрантов, обучающихся по программам направлений «Юриспруденция», «Экономика» и «Менеджмент» / Н.Д. Эриашвили,. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2020. – С. 9.


## СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ДАР ТАЪМИНИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА


**Ҷурахонзода Баҳодур Ҷурахон** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Суроға:734067,Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14,Телефон: 918-80-65-03. E-mail: Baknodur0478@mail.ru



Дар мақола таъмини тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути сиёсати иқтисодии давлат баррасӣ гардида, сиёсати иқтисодии давлат ҳамчун дастгоҳи асосии консептуалии таъмини тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа пешниҳод карда шудааст. Гуфта мешавад, ки асоси рушди минтақаҳо ва системаи муайяншудаи мақсадҳоро метавон фароҳам овардани шароити оптималии фаъолияти иқтисодиёти субъектҳои худудӣ донист. Бояд қайд кард, ки сиёсати минтақавии иҷтимоию иқтисодиро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси сиёсати ҳамоҳангшудаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул додан ва амалӣ кардан мумкин аст.



**Калидвожаҳо:** сиёсати иқтисодии давлат, сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, рушди иқтисодӣ, рушди иқтисодии минтақа, ҳадафҳо.


## ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ ГОСУДАРСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ

## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

**Джурахонзода Баходур Джурахон** - кандидат экономических наук, доцент, декан факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14, Телефон: 918-80-65-03. E-mail: Baknodur0478@mail.ru

В статье рассматривается обеспечение социально-экономического развития региона посредством государственной экономической политики, а также представлена государственная экономическая политика как основной концептуальный инструмент обеспечения социально-экономического развития региона. Отмечено, что основой регионального развития и определенной системы целей можно считать создание оптимальных условий для экономической деятельности территориальных образований. Следует отметить, что региональная социально-экономическая политика в регионах Республики Таджикистан может разрабатываться и реализовываться только на основе скоординированной социально-экономической политики Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** государственная экономическая политика, региональная социально-экономическая политика, экономическое развитие, региональное экономическое развитие, цели.

## ECONOMIC POLICY OF THE STATE IN ENSURING SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION

**Jurakhonzoda Bahodur Jurakhon** - candidate of economic Sciences, associate Professor, Dean of the faculty of the Tajik state financial and economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov, 64/14. Phone: 918-80-65-03. E-mail: Baknodur0478@mail.ru

The article discusses the issue of ensuring the socio-economic development of the region through the state economic policy, and presents the state economic policy as the main conceptual tool for ensuring the socio-economic development of the region. It is said that the basis of the development of regions and the defined system of goals can be considered the creation of optimal conditions for the economic activity of territorial entities. It should be noted that regional socio-economic policy in the regions of the Republic of Tajikistan can be formed and implemented only on the basis of a coordinated socio-economic policy of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** state economic policy, socio-economic policy of regions, economic development, economic development of the region, goals.

Дар давлатҳои ҳозираи иқтисодиёти пешрафтадошта иқтисодиёти давлатҳо бо усулу механизмҳои гуногун танзим карда мешавад. Механизми рушди минтақавӣ ва усулҳои омӯзиши он, ки дар тамоми ҷаҳон пазируфта шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба тарзи васеъ татбиқ карда мешаванд. Аз ин рӯ, сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, ки аз ҷониби давлат ба миён гузошта шудааст, кафили рушди минтақаҳо ва нишондиҳандаи рушди бомуваффақият, мутавозин, устувор ва босуръати кишвари мо дар ин самт мебошад. Аз ин лиҳоз, стратегияи рушди иқтисодии минтақа дар кишвари мо аз рӯи ҳадафҳо ва ҳадафҳое, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо нигаронида шудаанд, арзёбӣ мешавад.

Рушди минтақавӣ дар замони муосир бештар аҳамият дорад. Ин аз ҷиҳати назариявӣ бо талаботи рушди минтақавӣ танзим карда мешавад. Дар бисёр кишварҳо, ки дар мафҳуми умумӣ бо ҳадафҳои гуногун тавсиф мешаванд, гуногунии рушди минтақавӣ дар самтҳои

татбиқи сиёсати давлатӣ вобаста ба самти он тавассути усулҳо ва воситаҳо амалӣ карда мешавад. Тараккиёти минтакавй ба пешравии ахолии дар махалхо зиндагйкунанда хам дар сохаи моддию маънавй ва хам ба баланд шудани дарачаи некуахволии моддии ташаккули чамъият вобаста аст, зеро хусусиятхои иктисодй, ичтимой, маданй ва сиёсии бисьёр мамлакатхо тагьир меёбанд. Аз ин рӯ, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, ки рушди минтақавиро муайян мекунад, сиёсати дар асоси тадбирҳои муайян ба амал баровардаи давлатро зарур мешуморад. Тасодуфй нест, ки сиёсати иктисодии минтакавй заминаи методологии танзими территорияи кишварро ташкил медихад.

Дар адабиёти иқтисодӣ, баъзе муаллифон се сатҳи сиёсати минтақавиро дар ҷанбаи территориалӣ ҷудо мекунанд: сиёсати давлат дар минтақа, сиёсати минтақаҳо ва сиёсати ташкилотҳои мунисипалӣ. Асоси чунин классификатсия, ба гуфтаи онҳо, манфиатҳои иштирокчиёни сиёсати минтақавӣ мебошанд. Ба ҳақиқат, дар шароити иқтисоди бозорӣ, минтақаҳо ва ташкилотҳои мунисипалӣ на танҳо объектҳои сиёсати минтақавӣ, балки субъекти он низ мешаванд, ва аксарияти барномаҳо ва лоиҳаҳои минтақавӣ бо ташаббуси онҳо таҳия ва амалӣ мегарданд.

Асоси рушди минтақаҳо ва системаи муайяншудаи мақсадҳоро метавон фароҳам овардани шароити оптималии фаъолияти иқтисодиёти субъектҳои ҳудудӣ донист. Бояд қайд кард, ки сиёсати минтақавии иҷтимоию иқтисодиро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси сиёсати ҳамоҳангшудаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул додан ва амалӣ кардан мумкин аст.

Ҳангоми баррасии ҷанбаҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ вазифаҳо ва қисми моҳиятии онро равшан фаҳмидан лозим аст, зеро як қатор тадбирҳои танзимкунанда ва ҳавасмандгардонӣ ба татбиқи онҳо нигаронида шудаанд. Маҳз онҳо хусусияти инсондӯстонаи давлатро муайян мекунанд, ки ният дорад вазъи шаҳрвандонро дар мақоми иҷтимоии барои онҳо мувофиқ тавассути фондҳои ҷамъиятии аз ҷиҳати сиёсӣ таъсисдодашуда ва усулҳои таъсири мустақим дастгирӣ намояд.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати иқтисодии минтақа дар фаъолияти иқтисодии ҳар як кишвари соҳибистиқлол шарти муҳим арзёбӣ гашта, дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи сиёсати иқтисодии минтақа ва самаранок ба роҳ мондани он барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии минтақа, худтаъминкунии молиявӣ ва баромадан аз бунбасти иқтисодӣ мусоидаткунанда мебошад. Аз ин рӯ, ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати иқтисодии минтақа дар кишвар диққати махсус дода мешавад.

Стратегияи муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои иҷтимоиро равшан муайян кардааст. Ҳамзамон, ба таҳия ва татбиқи сиёсати самарабахши иҷтимоию иқтисодӣ ҳам барои тамоми кишвар ва ҳам барои субъектҳои алоҳидаи ҳудудии он таваҷҷӯҳи махсус зиёд зоҳир карда мешавад. Шароити объективии сиёсати минтақавӣ гуногунрангии сохтории фазои кишвар дар ҷанбаҳои табиӣ-ҷуғрофӣ, захиравӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, этникӣ ва сиёсӣ мебошад.

Марҳилаи ҳозираи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳи босуръат афзоянда ба маҷмӯи васеи мушкилоти минтақавӣ, аз ҷумла масъалаи ташаккул ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ хос мебошад. Аммо, бо вуҷуди таваҷҷуҳи афзоянда ба мушкилоти минтақа, то ҳол дар ҷумҳурӣ тадқиқоти махсус оид ба ҷанбаҳои методологии ташаккул ва татбиқи сиёсати минтақавӣ вуҷуд надорад.

Равиши иҷтимоӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати минтақавӣ нақши калидӣ дорад. Ин равиш тамоми низоми идоракунии минтақавиро фаро гирифта, ҳамчун нишондиҳанда барои

қабули қарорҳои идоракунӣ хизмат мекунад. Он имкони муайян кардани ниёзҳо ва манфиатҳои аҳолӣ ва таҳлили тамоюлҳои сиёсии интихобкунандагонро фароҳам меорад.

Дар ҳалли проблемаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа маблағҳои дар асоси сиёсати буҷетӣ ва андоз ҷудо ва татбиқшаванда манбаи асосиро ташкил медиҳанд, ки дар баробари дигар қисматҳо сиёсати иқтисодии давлатиро ташкил медиҳанд, ки ба ҳалли масъалаҳои идоракунӣ ва таъмини манфиатҳои ҷамъият нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, сиёсати иҷтимоию иқтисодии муосир як унсури алоҳидаи сиёсати умумии иқтисодии давлат буда, ҳар яке аз унсурҳо (сиёсати инвеститсионӣ, сиёсати фискалӣ, сиёсати пулӣ-қарзӣ, сиёсати нарх, сиёсати беруниқтисодӣ ва ғ.) ба самти иҷтимоии тадбирҳои дар соҳаи иқтисодиёт татбиқшавандаи давлат бевосита ё бавосита таъсир мерасонад.

Ташкили сохтори идоракунӣ дар минтақаҳо ва муқаррар намудани талабот оид ба танзими рушди иқтисодӣ бояд аз рӯи самтҳои афзалиятноки дар боло зикргардида сурат гирад. Барои ҳалли чунин масъалаҳо зарур аст, ки ҳадафҳои дар низоми танзимкунанда муқарраргардидаро бо рушди минтақаҳо пайваста такмил дода, рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ ҳавасманд гардонида шавад.

**Адабиёт**

1. Гварлиани Т.Е., Боташева З.С., Воробей Е.Н.//Налоговые льготы: методология, практика применения, эффективность: коллективная монография. Сочи: РИЦ ФГБОУ ВПО «СГУ», 2014. Бабашкина А.М. Государственное регулирование национальной экономики: Учебное пособие/А.М. Бабушкина. - М.: Финансы и статистика, 2009. - 480 с.

2. Бобокалонов О.К. Сближение уровня промышленного развтия регионов Таджистана//Таджикистан и современный мир, №1, 2002.-С. 28-36.

3. Кодиров Ф.А. Малая открытая экономика Республики Таджикистан: вопросы привлечения региональных форм иностранного инвести- рования. Монография. - Душанбе: «Ирфон». 2012.- 112 с.

4. Методические рекомендации по формированию концепции социально-экономического развития Мухаббатов Х.М. Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана: Монография. М.: Граница, 1999.-335 с.

5. Портер М. Международная конкуренция. - М.: Междунар. отношения, 1993. С.896.

6. Рисин И.Е.Структура региональной политики, принципы её разработки и реализации//Проблемы теории и практики управления. - М., 2006.- №5- С.17.

7. Саидмурадов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. - Душанбе, «Ирфон».- 2005.-186 с.

## НАЛОГИ КАК ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**Мукимов Кудбуддин Мирзоджонович** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, к.э.н., доцент, зав. кафедрой налога и страхования. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: qutbiddin-24@mail.ru Телефон: (+992) 902-64-40-04

В данной статье рассматриваются налоги как фактор экономической безопасности страны. Кроме того, понятие налогов было проанализировано с экономической, правовой и социальной точек зрения, и статистические данные, связанные с планом налоговых поступлений в государственный бюджет, были проанализированы и рассмотрены. Из представленных данных становится ясно, что налоговые поступления занимают видное место в составе доходов государственного бюджета, а налоговая система является

важнейшим компонентом экономической и финансовой безопасности, прежде всего как резервный фактор в руках государства, как средство воздействия на социально-экономические процессы и зависимость от налогоплательщиков.

**Ключевые слова:** налоги, экономическая безопасность, статистические данные, экономика, налоговый импорт, государственный бюджет, налоговая система, экономическая безопасность, финансы, налогоплательщик.

## АНДОЗҲО ҲАМЧУН ОМИЛИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

**Муқимов Қудбуддин Мирзоҷонович** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғурта. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: qutbiddin-24@mail.ru Телефон: (+992) 902-64-40-04

Дар мақолаи мазкур андозҳо ҳамчун омили бехатарии иқтисодии мамлакат дида баромада шудааст. Ҳамчунин мафҳуми андозҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, маълумоти оморӣ вобаста ба нақшаи воридоти андозӣ ба буҷети давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки воридоти андозӣ дар қими даромадҳои буҷети давлатӣ мавқеи намоёнро ишғол намуда, низоми андоз ҷузъи муҳимтарини амнияти иқтисодӣ ва молиявӣ, пеш аз ҳама ҳамчун омили захиравӣ дар дасти давлат, воситаи таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва вобаста аз андозсупорандагон мебошад.

**Калидвожаҳо:** андозҳо, бехатарии иқтисодӣ, маълумоти оморӣ, иқтисодиёт, воридоти андозӣ, буҷети давлатӣ, низоми андоз, амнияти иқтисодӣ, молия, андозсупоранда.

## TAXES AS A FACTOR OF ECONOMIC SECURITY

**Muqimov Qutbuddin Mirzojonovich** – candidate of economic sciences, Associate Professor, Head of the Department of Tax and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: qutbiddin-24@mail.ru Phone number: (+992) 902-64-40-04.

This article examines taxes as a factor of the country's economic security. In addition, the concept of taxes was analyzed from an economic, legal and social point of view, and statistical data related to the tax revenue plan for the state budget were analyzed and reviewed. From the data presented, it becomes clear that tax revenues occupy a prominent place in the composition of state budget revenues, and the tax system is an essential component of economic and financial security, primarily as a reserve factor in the hands of the state, as a means of influencing socio-economic processes and dependence on taxpayers.

**Key words:** taxes, economic security, statistical data, economics, tax import, state budget, tax system, economic security, finance, taxpayer.

Налоговая система играет исключительно важную роль в обеспечении экономической безопасности государства. Она является неотъемлемым фактором, который позволяет государству эффективно функционировать, осуществлять свои задачи и удовлетворять потребности общества.

Во-первых, налоги являются одним из основных источников государственного дохода. За счет сбора налогов государство финансирует свою деятельность, обеспечивает развитие инфраструктуры, социальную защиту и другие важные сферы жизни общества. Без налогового дохода государство не способно обеспечить стабильность экономической системы и социального развития.

Во-вторых, налоги являются эффективным инструментом регулирования экономики. Государство может использовать налогообложение для стимулирования или ограничения определенных секторов экономики, чтобы достичь нужных экономических целей. Например, путем установления налоговых льгот или ставок на определенные виды деятельности государство может поощрять инвестиции, развивать определенные отрасли, привлекать иностранный капитал и улучшать конкурентоспособность экономики.

В-третьих, налоговая система способствует справедливому распределению общественного бремени. Принцип прогрессивного налогообложения позволяет более благополучным членам общества вносить больший вклад в государственную казну, тогда как менее обеспеченным слоям населения предоставляется налоговая помощь. Это способствует улучшению социальной справедливости и уравниванию возможностей для всех граждан.

В-четвертых, налоговая система является важным фактором противодействия коррупции и неформальной экономике. Сбор налогов обеспечивает прозрачность в отношениях между гражданами и государством, а также способствует формированию правил и законов, которым подчиняются все участники экономической деятельности. Это позволяет ограничить неформальную экономику, подвергающую государство и его экономику значительным убыткам.

Таким образом, налоги играют важнейшую роль в обеспечении экономической безопасности государства. Они являются основным источником финансовых ресурсов для государства, инструментом экономического регулирования, средством справедливого распределения общественного бремени и фактором противодействия коррупции. Поэтому разработка эффективной налоговой политики, учитывающей интересы общества и экономическую ситуацию, является важным компонентом обеспечения экономической безопасности государства.

В своем послание от 28.12.2024 Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон об основных направлениях внутренней и внешней политики республики в часности отмечает «…Формирование финансового просвещения граждан и повышение культуры налогоплатежности как один из основных факторов эффективной реализации налоговой и бюджетной политики, в том числе в вопросе перехода на систему безналичных расчетов, играют важную роль для достижения финансовой устойчивости государства и экономического развития. Жители одной из крупнейших держав мира считают, что можно спастись от смерти, но избежать налогов невозможно. Потому что налоги являются основой существования государства…». [1]

Роль налоговой системы в обеспечении экономической безопасности определяется общими принципами, критериями и показателями экономической безопасности: ее механизм должен способствовать динамичному развитию экономики, создавать финансовые условия для социально-экономической стабильности в обществе, успешного противостояния внутренним и внешним угрозам страны.

Налогом является установленный Налоговым Кодексом Республики Таджикистан обязательный платёж в бюджет, осуществляемый в определенном размере, который носит обязательный безвозвратный и безвозмездный характер (за исключением социального налога) [2, с.29], взимаемый с организаций и физических лиц в форме отчуждения принадлежащих им на праве собственности средств, в целях финансового обеспечения деятельности государства и местных органов государственной власти в городах и районах.

Одним из основных подходов к определению понятия налогов является экономический подход. Согласно этому подходу, налоги - это обязательные платежи, взимаемые со стороны государства с целью финансирования его деятельности. Налоги служат основным источником доходов государства и позволяют ему осуществлять функции поддержки социальной сферы, инфраструктуры, образования и здравоохранения, а также обеспечивать оборону, безопасность и другие необходимые государству задачи.

Другим подходом к определению понятия налогов является юридический подход. В соответствии с этим подходом, налоги - это имущественные обязательства, которые налагаются на физических и юридических лиц по указанию законодательства государства. Налоги устанавливаются в соответствии с законом и взыскиваются налоговыми органами.

Третьим подходом к определению понятия налогов является социальный подход. Согласно этому подходу, налоги - это инструмент социального регулирования, который позволяет достичь социальной справедливости и распределения богатства в обществе. Налоги направляются на поддержку малообеспеченных слоев населения, обеспечение социальных гарантий, равенства возможностей и сокращение различий в доходах между разными социальными группами.

Несмотря на различные подходы к определению понятия налогов, одно можно считать общим для всех - налоги являются неотъемлемой частью функционирования государства и играют важную роль в обеспечении его экономической и социальной стабильности. Налоговая система строится на принципах законности, обязательности, справедливости, единства налоговой системы и прозрачности [2, с.14-15] с целью достижения финансовой устойчивости государства и обеспечения благосостояния его граждан.

Экономическая безопасность традиционно рассматривается как важнейшая качественная характеристика экономической системы, которая определяет её способность поддерживать нормальные условия жизнедеятельности населения, устойчивое обеспечение ресурсами развития народного хозяйства, а также последовательную реализацию национально-государственных интересов. Она основана на независимости, стабильности и росте национальной экономики, что является обязательным условием нормального ее функционирования. Основу экономической безопасности составляют национальные интересы - совокупность взаимосвязанных и уравновешенных между собой интересов государства, общества и индивидуума.

Экономическая безопасность - это состояние экономической системы, которое позволяет ей развиваться динамично, эффективно и решать социальные задачи и при котором государство имеет возможность вырабатывать и проводить в жизнь независимую экономическую политику.

Проанализируем современное состояние налогов в экономике на примере бюджета Республики Таджикистан. По данным органов статистики, за счет налоговых поступлений происходило увеличение доходов бюджета республики (таблица 1). По данным закона

Республики Таджикистан о государственном бюджете РТ за 2019-2024гг, структура доходов республики складывается следующим образом. [3]

| Наименование | 2019 г. | 2020 г. | 2021 г. | 2022 г. | 2023 г. | 2024г. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Налоговые доходы | 16317704 | 17912035 | 18802035 | 20463521 | 23082336 | 26348086 |
| Неналоговые доходы | 1182296 | 1287965 | 1397965 | 1463479 | 1686664 | 1820914 |
| Гранты МФО для поддержки бюджета | 300000 | 300000 | 300000 | 665000 | 587000 | 792000 |
| За счет грантов и кредитов государственных инвестиционных проектов | 4241733 | 4523494 | 4877605 | 7938632 | 9292145 | 11410431 |
| За счет специальных средств бюджетных организаций | 1732331 | 2030463 | 2268190 | 2472220 | 2424811 | 2585032 |

Исходя из таблицы 1, налоговые поступления составляли основную часть доходов Республики Таджикистан на протяжении исследуемого периода: на их долю приходилось в 2019 году 68,6% всех доходов бюджета, 62,6% в 2022г. и 61,3% в 2024г.




**Рис.1. Динамика налоговых доходов за 2019-2024 гг.**

Налоговые доходы каждый год имеют тенденцию к увеличению, но их доля к проценту от всех доходов бюджета уменьшается. Наименьшую долю в структуре доходов Республики Таджикистан на протяжении анализируемого периода составляли неналоговые доходы, в 2019 году на их долю приходилось 4,9 % всех доходов бюджета республики, а в 2024 году их доля уменьшилось на 4,2 %.

Следует отметит что от налаженной налоговой системы зависит эффективность деятельности основных звеньев экономики, развитие предпринимательства и удовлетворение основных потребностей государства. Поэтому закономерно, что в наших условиях налогам и налоговой системе уделяется значимое внимание, они являются важнейшим объектом и направлением рыночных реформ. Потому как именно налоговая

политика существенно влияет на экономическую и общую государственную безопасность страны.

Учитывая все это можно сделать вывод, что налоговая система важнейшая составляющая экономической и финансовой безопасности, во-первых, как ресурсный фактор, находящийся в руках государства, во-вторых, как инструмент воздействия на экономические и социальные процессы, в-третьих, как фактор обратной связи и зависимости государства от налогоплательщиков и территорий.

Список использованных литератур:

1. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона об основных направлениях внутренней и внешней политики республики от 28.12.2024г.;

2. Налоговый Кодекс Республики Таджикистан, статья 23, Душанбе, 2022г.

3. Законы Республики Таджикистан о государственном бюджете РТ на 2019г., 2020г., 2021г., 2022г., 2023г., 2024г.

4. Улуғхоҷаева Х.Р., Андоз ва андозбандӣ , Душанбе: Ирфон – 2005с.

5. Фазлиддин Шомуродов. «Низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе – 2015с.

## НАҚШИ СИЁСАТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Шукуров Суҳроб Музафаршоевич** - н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон:734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимова, 64/14. Телефон: 927-29-84-84.

**Маҳмадкаримов Хушнуд Шоҳабдураҳимович** - муаллими калони кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон:734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимова, 64/14. Телефон:102-47-41-41.

Дар мақолаи мазкур нақши сиёсати андоз дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иникос ёфтааст. Усулҳои гуногуни таъсирасонӣ ба иқтисодиёт таввасути сиёсати андоз пешниход гардидааст. Дар шароити буҳрони ҷаҳони ва таназзули иқтисодӣ, нақши танзимкунандаи давлат пурзӯр гардида, нақши сиёсати андоз низ ба сифати яке аз муҳимтарин навъи танзими макроиқтисодии рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон боло меравад. Хулоса карда шудааст, ки Ҳукумати кишвар вобаста ба такмили сиёсати андоз ҳамеша дар пайи дастгирии соҳибкорон-андозсупорандагон буда, дар Кодекси андоз дар таҳрири нав сабукиҳо нисбати онҳо ба назар гирифта шудааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсати андоз, маъмурикунонии андоз, фаъолияти соҳибкрӣ танзими андоз, муносибатҳои андоз, назорати андоз, иқтисодиёт.

## РОЛЬ НАЛОГОВОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

**Шукуров Сухроб Музафаршоевич** - к.э.н., доцент кафедры налог и страхование Таджикского государственного финансово-экономического университета: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 927-29-84-84.

**Махмадкаримов Хушнуд Шохабдурахимович** - с.п кафедры налог и страхование Таджикского государственного финансово-экономического университета: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 102-47-41-41.

В данной статье анализируется роль налоговой политики в экономическом развитии Республики Таджикистан. Предлагаются различные методы воздействия на экономику посредством налоговой политики. В условиях мирового кризиса и экономического спада усиливается регулирующая роль государства, а также повышается роль налоговой политики как одного из важнейших видов макроэкономического регулирования развития национальной экономики Республики Таджикистан. Сделан вывод, что Правительство страны всегда ищет поддержки предпринимателей-налогоплательщиков в связи с совершенствованием налоговой политики, и в новой редакции Налогового кодекса учтены льготы для них.

**Ключевые слова:** налоговая политика, налоговое администрирование, деловая деятельность налогового регулирования, налоговые отношения, налоговый контроль, экономика.

## THE ROLE OF THE TAX POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY

**Shukurov Suhrob Muzafarshoevich** - Ph.D., Associate Professor, Department of Tax and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street, 64/14. Phone: 927-29-84-84.

**Mahmadkarimov Khushnud Shohabdurahimovich** - senior Lecturer at the Department of Taxation and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street, 64/14. Phone: 102-47-41-41.

In this article, the role of tax policy in the economic development of the Republic of Tajikistan is analyzed. Various methods of influencing the economy through tax policy are proposed. In the conditions of the global crisis and economic recession, the regulatory role of the state is strengthened, and the role of tax policy also rises as one of the most important types of macroeconomic regulation of the development of the national economy of the Republic of Tajikistan. It was concluded that the Government of the country is always looking for the support of entrepreneurs-taxpayers in connection with the improvement of the tax policy, and in the new edition of the Tax Code, reliefs for them are taken into account.

**Keywords:** tax policy, tax administration, business activity of tax regulation, tax relations, tax control, economy.

Танзими давлатӣ барои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Бинобар ин ҳар як давлат танзими иқтисоди миллиашро ба воситаи дахолати гуногун ба иқтисод, бо мақсади таъмини фаъолияти самараноки низоми иқтисодӣ амалӣ менамояд. Дар замони имруза ҳар як давлат дар амалигардонии танзими иқтисодӣ, аз усулҳои гуногуни таъсирасонӣ ба иқтисодиёт, тавассути буҷет, сиёсати андоз, сиёсати пулию қарзӣ ва ғайраро истифода мебарад.

Тавре аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 сол бармеояд: “Дар мулоқоте, ки ман бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо доштам, ҷиҳати таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав супориши қатъӣ додам. Масъулонро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи он ҳавасмандсозии

истеҳсолкунандагони ватанӣ, боз ҳам соддаву оммафаҳм гардонидани маъмурикунонии андоз ва беҳтар кардани фазои сармоягузориро пешбинӣ намоянд”.

Аз ин лиҳоз сиёсати андоз, бояд дар мадди аввал барои ҳавасмандсозии намудҳои алоҳидаи фаъолият, рушди корхонаҳои хурду миёна, инчунин рушди соҳаҳои афзалиятдошта баҳри таъмини бозори истеъмолӣ равона гардад.

Аҳамияти мақолаи пешниҳодгардида дар зарурияти такмили сиёсати андоз дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, чунки дуруст ба роҳ мондани фишангхои сиёсати андозӣ ба сифати воситаи асосии таъсири давлат ба рушди истеҳсолот ва муайян намудани афзалиятҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

Дар шароити буҳрони ҷаҳони ва таназзули иқтисодӣ, нақши танзимкунандаи давлат пурзӯр гардида, нақши сиёсати андоз низ ба сифати яке аз муҳимтарин навъи танзими макроиқтисодии рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон боло меравад.

Сиёсати андоз дар асоси дастуру супоришҳо ва раҳнамоии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати мамлакат зина ба зина роҳандозӣ шуда истодааст. То имрӯз дар самтҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон, содагардонии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳот низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, ислоҳоти низоми андозбандӣ, ташкили низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва рушди соҳаҳои дигар тадбирҳои муҳим андешида ва амалӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, пурзӯргардонии нақши давлат дар дуруст ба рох мондани сиёсати андоз ва мукаммалгардонии вазифаҳои он дар рушди иқтисодиву ичтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалахои асоси ба шумор меравад.

Вазифаи асосии сиёсати андоз-таъмини буҷети  бо захираҳои молиявӣ, барпо намудани шароитиривоҷи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, соҳибкорӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи татбиқи сиёсати андозҳои гуногун мебошад. Бинобар ин мутобиқи сиёсати андози пешгирифта, стратегияи андоз, ки баҳри таъмини болоравии иқтисодӣ,аз байн бурдани ҷараёнҳои беқуршавӣ, паст кардани касри буҷет таҳия карда мешавад. Ҳар як давлат вобаста ба ҳолат ва шароити иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии худ сиёсати андози худро таҳрезӣ месозад ва амалӣ менамояд. То чӣ андоза ин сиёсат бомуваффақият  татбиқ мешавад аз пешравии ва рушди минбаъдаи он ё баръакс нигоҳ доштани он баҳо дода мешавад. Татбиқи сиёсати андоз дар заминаи механизми андоз, яъне пешгуйӣ ва банақшагирии андоз, танзими андоз ва назорати андоз ба рох монда мешавад. Сиёсати андоз ҳамчун як қисми муносибатҳои молиявӣ, баромад намуда онҳо ба ташкилёбии фондҳои мутамаркази маблағҳои пулии давлат, яъне фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ алоқаманд мебошад.

Кодекси андози амалкунанда нав аз 2 қисм, 15 фасл, 57 боб, 399 модда иборат буда, дар муқоиса бо Кодекси андози қабли шумораи қисмҳо бетағйир, фаслҳо 3 адад кам, ҳамзамон шумораи бобҳо 7 адад ва моддаҳо 70 адад зиёд мебошад.

Зиёдшавии муқаррароти меъёрӣ ба содда ва оммафаҳм намудани муҳтавои Кодекси андоз, инчунин мукаммал намудани маъмурикунонии андоз равона гардида, он фарогири мушаххасот вобаста ба принсипҳои андозбандӣ, субъектҳои муносибати андозӣ, танзими канорагирӣ аз андозбандӣ ва пешгирии саркашӣ аз пардохтҳои андоз, мониторинги андоз, машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андозӣ хусусияти андозбандии даромади бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва нархгузории трансфертӣ, иборат мебошад.

Дар Кодекси андоз амалкунанда бо мақсади баланд бардоштани мавқеи кишвар дар раддабандии агентиҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, шумораи умумии андозҳо бо роҳи хориҷ намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва муттаҳид намудани андозҳои ба ҳам алоқаманд аз 10 намуд ба 7 намуд кам карда шуд.

Вобаста ба содагардонии расмиёти маъмурикунонии андоз дар Кодекси андоз дар таҳрири нав усулҳои муосири пешбиникунандаи таҳкими иқтисоди рақамӣ, заминаи ҳуқуқии батанзимдарории хизматрасонии муосири электронӣ бо шумули ҳуҷра ва ҳамиёни электронӣ, чеки электронии фискалӣ, ҳисобнома - фактураи электронӣ, мубодилаи электронии иттилоот, асъори функсионалӣ, хизматрасонии фосилавӣ тавассути майдони электронии тиҷорат, низоми рамзгузории электронии молҳо ва ё рамзҳои QR пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади танзими имтиёзҳои андозӣ ва татбиқи принсипҳои адолатнокӣ ҳангоми татбиқи имтиёзҳо, дар лоиҳа мушаххасот оид ба маҳдуд намудани имтиёзҳои хусусияти инфиродидошта, барои мақсадҳои муайян истифода шудани маблағҳои дар ихтиёри андозсупоранда аз ҳисоби имтиёзҳо боқимонда, муҳлати пешниҳоди имтиёзҳо, инчунин муайян намудани номгӯи соҳаҳои афзалиятнок, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои мавҷуда ва ё иловагӣ татбиқ мегардад, пешбинӣ карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки Кодекси андози амалкунанда бо назардошти тағйироту иловаҳое, ки бо мақсади он то имрӯз ворид карда шудаанд, самтҳои асосии маъмурикунонии андоз ва қонунгузории андозро дар маҷмӯъ дуруст ифода намудаанд. Бо вуҷуди ин, тағйирот дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, раванди ислоҳоти иқтисодӣ, рӯз зарурати бештар мавриди амал қарор додани технологияи муосири иттилоотӣ дар муомилоти андозӣ, заминагузорӣ барои дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва омилҳои дигар зарурияти давра ба давра такмили қонунгузории андозро ба миён меоварад.

Бояд гуфт, ки бо назардошти Кодекси андоз дар меъёрҳои қонунгузории андоз аниқтар гардида, системаи андози ҷумҳурӣ такмил дода шуда, барои ба буҷети давлатӣ сари вақт ва пурра ворид карда шудани маблағҳои пешбинишудаи маблағҳои пешбинишудаи даромадҳои андозӣ шароити мусоиди андозсупорӣ муҳайё карда мешавад. Инчунин қонунгузории андоз, давраи гузариши пурра ба муносибатҳои бозаргонӣ нисбатан устувор гардида, барои субъектҳои соҳибкории хурд низоми муккамалтари соддакардашудаи андозбандӣро пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, қайд кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати кишвар вобаста ба такмили сиёсати андоз ҳамеша дар пайи дастгирии соҳибкорон-андозсупорандагонанд ва дар муайян намудани қонунгузории андоз сабукиҳо ва имтиёзхои андозиро нисбати онхо амали намуда истодааст. Ин аст, ки матни Кодекси андоз дар таҳрири нав бо забони ҳаддалимкон соддаю фаҳмо таҳия гардида, нисбат ба Кодекси андози пешина шумораи камтари андозҳоро дарбар гирифтааст.

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Матни расмӣ - Душанбе, 2021. - С. 335.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [захираи электронӣ] - http://www.president.tj/node/21975.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи

Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025» (аз 30.12.2019 № 643).

# РОҲҲОИ МУККАМАЛНАМОИИ НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Халифазода Ҷовидон Бобохон -** н.и.и., муаллими калони кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға**:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: **000022336.** E-mail: **Khalifazoda96@mail.ru**

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои асосии роҳҳои муккамалнамоии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза мавриди омузиш қарор гирифтааст. Инчунин самтҳои асосии такмили низоми андозситонӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бо мақсади ташкили сиёсати фискалии давлат, ғани гардонидани буҷет ва накши он дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, бо назардошти пардохти андоз ва усулҳои ҳавасмандгардонии он дар минтақаҳои кишвар нишон дода шудааст. Дар асоси фикрҳои дар боло овардашуда пешниходҳои ҷолиб оиди мукамалгардонии механизми андозситонӣ ва дурнамои рушди низоми андоз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааает.

**Калидвожаҳо:** буҷети давлатӣ, иқтисоди бозорӣ, низоми андоз, масоили рушд, андозситонӣ, гаронии андоз, сиёсати андоз, низоми молиявӣ, бюҷетикунонӣ, соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии андозӣ, танзими андозӣ, масъулияти андозбандӣ.

# ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Халифазода Джовидон Бобохон -** к.э.н. с/п кафедры налог и страхования Таджкиского государственного финансово-экономического университета. Адрес**:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 000022336. E-mail: **Khalifazoda96@mail.ru**

В статье рассматриваются основные аспекты путей совершенствования налоговой системы Республики Таджикистан в современных условиях. Также обозначены основные направления совершенствования налоговой системы в условиях рыночной экономики с целью упорядочения фискальной политики государства, обогащения бюджета и его роли в развитии предпринимательской деятельности с учетом налоговых платежей и методов их стимулирования в регионах страны. На основе вышеизложенных идей сделаны интересные предложения по совершенствованию механизма взимания налогов и перспективам развития налоговой системы в условиях Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** государственный бюджет, рыночная экономика, налоговая система, проблемы развития, налогообложение, налоговая нагрузка, налоговая политика, финансовая система, бюджетирование, предпринимательство, налоговые льготы, налоговое регулирование, налоговая ответственность.

# WAYS TO IMPROVE THE TAX SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS

**Khalifazoda Jovidon Bobokhon -** c.e.s. the Department of Taxation and Insurance Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe siti, Nakhimov street 64/14. Phone: 000022336. E-mail: **Khalifazoda96@mail.ru**

The article discusses the main aspects of ways to improve the tax system of the Republic of Tajikistan in modern conditions. It also identifies the main directions for improving the tax system in a market economy in order to streamline the fiscal policy of the state, enrich the budget and its role in the development of entrepreneurship, taking into account tax payments and methods of stimulating them in the regions of the country. Based on the above ideas, interesting proposals are made to improve the mechanism for collecting taxes and the prospects for developing the tax system in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** state budget, market economy, tax system, development problems, taxation, tax burden, tax policy, financial system, budgeting, entrepreneurship, tax incentives, tax regulation, tax liability.

Дар шароити муосир низоми андоз яке аз олотҳои таъсиррасони сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, воридотҳои андозӣ ташаккули сарчашмаҳои даромадии буҷетҳои сатҳҳои гуногунро таъмин месозад, аз тарафи дигар, бо баробари тағйир додани ҳаҷмҳои захираҳои молиявии ситонидашавандаи субъектҳои хоҷагидорӣ, давлат ба фаъолияти иқтисодии андозсупорандагон таъсир мерасонад, яъне иҷроиши вазифаи танзимотии андозҳоро таъмин менамояд.

Ҷустуҷӯи сатҳи мувофиқи ситонидани андозҳо яке аз муаммоҳои мураккаб ва зиддиятнок дар амалияи муосири андозбандӣ ё худ дар низоми андоз ба шумор меравад. Ҳалли ин муаммо, қабл аз ҳама, аз баҳодиҳии ҳақиқии гаронии андоз, тақсимоти баробарии он байни соҳаҳои реалии иқтисодиёт ва гурӯҳҳои гуногуни андозсупорандагон, ва ҳамчунин аз дараҷаи асосноккунии чараёни ташаккули чунин бузургиест, ки ба шароитҳои иқтисодиёти бозории давраи гузариш мувофиқ карда шуда бошад.

Сиёсати андоз дар асоси дастуру супоришҳо ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии ҳукумату миллат имрӯз хуб роҳандозӣ шудааст. Системаи андозу буҷет механизмҳое мебошанд, ки тавассути онҳо ниёзмандиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро ҳаллу фасл менамоянд. Манфиатҳои миллии тоҷикон воқеан танҳо дар асоси рушди устувории иқтисодиёт ва фаъолияти самаранокии низоми андоз имконпазир мебошад.

Дар шароити ислоҳоти андоз самаранок иҷрошудани масъалаҳои дар пеш гузошташуда аз бисёр ҷиҳат аз назорати андоз, ки дар низоми андоз оварда шудааст, вобастагии калон дорад. Ҳамзамон, бо ҷорӣ намудани тартиби қабули ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ, кам шудани номгӯи андозҳо ва шумораи ҳисоботи андоз, содда намудани расмиёти андозсупорӣ ва татбиқи амалии рушди маъмурикунонии андоз дар солҳои охир буд, ки вақт ва хароҷоти соҳибкорон вобаста ба пардохти андозҳо кам гардид.

Барои самарабахш намудани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили минбаъдаи он масъалаҳои зеринро бояд ба мадди назар гирифт.

**1. Бахри баланд бардоштани дараҷаи ҷамъоварии андозҳо дар низоми андози Ҷумҳурии Точикистон чунин муаммоҳоро бояд ҳал намуд:**

❖ Мукаммал гардонидани усулҳои дурнамо ё худ банақшагирии маблағҳои умумии андоз ва нақшаҳои ҳар як андоз дар алоҳидагӣ;

❖ Бо таври бояду шояд ҳамоҳангсозии мақомоти давлатие, ки бо муносибатҳои андозӣ алоқа доранд ва дар раванди андозӣ иштироки ҳатмӣ доранд;

❖ Пурзӯр намудани мақомоти судӣ барои сари вақт ҳал намудани масъалаҳои ситонидани қарзи андоз;

❖ Бо усулҳои мухталиф баланд бардоштани маърифати андозсупорандагон ва бо ин васила ҷоннок намудани маъмурикунонии андоз.

**2. Самарабахш намудани натиҷаҳои назорати андоз:**

❖ Баланд бардоштани маърифати кормандони мақомоти андоз (санҷишгарон) ва дар ин аснод ба онҳо омӯзонидани одоби муошират бо андозсупорандагон ва ҳисси ватандӯстӣ (тамаъ нанамудани ришва), ки боиси самарабахшии санҷишҳои андоз мегардад;

❖ Дуруст банақшагирии санҷишҳои андозии нақшавӣ ва риояи даврияти гузаронидани онҳо, ки солҳои охир яке аз масъалаҳои ҳалталаб гардидааст;

❖ Пурзӯр намудани назорат аз болои молҳои зераксизӣ (дидбонгоҳҳо), ки яке аз муҳимҳимтарин самтҳои мукаммалгардонии назорати андоз ба шумор меравад.

**3. Таъмини идорасозии низоми андоз бо ҷорӣ намудани менеҷменти андоз дар сатҳҳои гуногун:**

❖ Ҷорӣ намудани менеҷменти андози давлатӣ, ки ба иҷроиши талаботҳои механизми андоз асос мегузорад ва сиёсати дурусти андозиро таъмин менамояд;

❖ Андешидани тадбирҳо оид ба рушдёбии менеҷменти андози ширкатҳо (корпоративӣ), ки боиси самаранокии менеҷменти андози давлатӣ мегардад;

❖ Омӯзонидан ва ҷалб намудани менеҷерони андоз дар мақомотҳои андози мамлакат ва гузоштани қадамҳои аввалин дар ин самт.

**4. Низоми ахборотии автоматиконидашудаи андозро ҷоннок намудан, ки ҳалли як қатор масъалаҳои муҳимро самаранок мегардонад:**

Амалияи умури андозро фавран суръатнок мегардонад, яъне ҳисобу китоби андозҳо осон ва вориднамудани онҳо қулай мегардад.

❖ Эҳтимоди ҳисобот оиди андозсупорандагон баланд ва амалияҳои тафтишотӣ натиҷабахш мешаванд.

❖ Сифати ҳисоботи бухгалтерӣ ва андозӣ хеле беҳтар мегардад.

❖ Таҳлили динамикаи даромадшавии андозҳо аниқ шуда, барои мураттаб гардонидани ҳисоби дурнамоҳои андоз маводи таҳлилӣ ташаккул дода мешавад.

❖ Ҳаҷми гардиши ҳуҷҷатҳо ихтисор гардида, вақти сарфашуда барои иҷроӣ корҳои таҳлилию таҳқиқотӣ истифода мешавад.

❖ Сифати қарордодҳои идоравӣ баланд бардошта мешавад, ки он дар навбати худ ба беҳтар гардидани коркарди андозбандии дурбинона ҳидоят мекунад.

Ин аст, ки имрӯзҳо мувофиқи тадбирҳои андешидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳодҳои байналхалқӣ-молиявӣ ва бо мақсади такомули минбандаи сиёсати буҷетӣ-андозӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон сарчашмаҳои қонунгузорӣ оид ба ин масъала коркард ва қабул гардид.

Дар охири қайд намудан зарур аст, ки барои такмил ва пешрафти низоми андоз ба масоилҳои зерин эътибор додан ба манфиати ин соҳа аст.

➢ Аз тарафи давлат гузаронидани сиёсати бетарафонаи андоз, рад намудан ва пешниҳод намудани имтиёзҳо, сабукиҳо ва ҳам тадбирҳои хусусияти манъкунӣ дошта. Ин ба корхонаҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки истеҳсоли маҳсӯлотро зиёд намоянд, дар

назди муҷовирони хориҷӣ истодагарӣ карда тавонанд ва барои болоравии Маҷмӯи маҳсӯлоти миллӣ саҳм гузошта дар охир даромадҳои буҷети давлат зиёд гардад.

- Бекор кардани амалияи андозбандии дутарафа (бо роҳи бастани созишҳои андоз бо давлатҳои ҳамкор, пеша намудани ҳамгироии иқтисодӣ), аз байн бурдани ба таври сунъӣ муайян кардани дараҷаи минималии самаранокӣ тавассути тадбирҳои хусусияти андозӣ ва манъ кардани андозҳои дуюмдараҷа, ки фаъолнокии иқтисодиро ноустувор мегардонанд. Чи тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ба ҳаёт татбиқ намудани чунин тадбирҳо ба тараққиёти иқтисодиёт оварда мерасонад, якчанд маротиба ба ҷуброн кардани зарарҳои ҷории буҷет мусоидат менамояд.
- Барои таъмин намудани шаффофияти андозситонӣ ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ зарур аст, ки барномаи давлатии иттилоотикунонии мақомоти андозу гумрук, молия ва дигар мақомотҳои дахлдор ҳамчунин ҳукумати кишвар таҳия ва дар амал истифода карда шавад.

Ҳамин тариқ, низоми амалкунандаи андози мамлакат, амалан то ҳол ислоҳот мепазирад, зеро ки он ба барқарор намудани нуфузи молиявии корхонаҳои саноатӣ, дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодиёт мусоидат намояд. Ба ибораи дигар, амал кардани якҷояи вазифаи фискалӣ ва танзимотии андозҳо такмил ва дигаргунсозиро металабанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло баҳри баланд бардоштани самаранокии низоми андози муосир дар иқтисодиёт ва бо ин васила, таъмин намудани устувори иқтисодиёт, дар амал тадбиқ намудани ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноатикунонии кишвар тамоми имкониятҳои мавҷударо фароҳам меорад.

**Адабиёт**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, - 2022.
2. Дастурамал оид ба гузаронидани санҷишҳои андозӣ, таҳти №706 аз 11.03.2013сол
3. Назарияи андоз ва андозбандӣ, Гулмирзоев Д. 1998с.
4. Системаи миллии андоз, Исломов Т.С., 2004с.
5. Таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,Исломов Т.С., 2009с.


## РУШДИ НИЗОМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ВА НАҚШИ ОН ДАР АМАЛИНАМОИИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ


**Шодиев Фирдавс Тошмаматович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисолди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.



Дар мақолаи мазкур рушди низоми маъмурикунонии андоз ва накши он дар амалинамоии ҳукумати электронӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон рушд ва дурнамои маъмурикунонии андозро дар фаъолияти мақомоти андоз дар ҷори намудани иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониии комили электронӣ мебинад. Ба роҳ мондани ин чорабинҳо дар маъмурикунонии андоз ба маҳдуд намудани иқтисоди пинҳонӣ ва дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолияти минбаъдаи он нигаронида шуда, имкон медиҳад манбаҳои андозбандӣ ва воридоти андозҳо зиёд карда шавад.



**Калидвожаҳо:** маъмурикунонии андоз, ҳукумати электронӣ, иқтисоди рақамӣ, низоми андоз, хизматрасонии электронӣ, андозсупоранда.

# РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ И ЕЕ РОЛЬ В РЕАЛИЗАЦИИ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА

**Шодиев Фирдавс Тошмаматович** – кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры налогообложения и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14.

В данной статье рассматривается развитие системы налогового администрирования и ее роль во внедрении электронного правительства. Развитие и перспективы налогового администрирования авторы видит в деятельности налоговых органов по внедрению цифровой экономики и комплексных электронных услуг. Реализация данных мер в налоговом администрировании направлена на ограничение скрытой экономики и налаживание ее дальнейшей деятельности в рамках законодательства, позволяющего увеличить источники налогообложения и налоговые поступления.

**Ключевые слова:** налоговое администрирование, электронное правительство, цифровая экономика, налоговая система, электронные услуги, налогоплательщик.

# DEVELOPMENT OF THE TAX ADMINISTRATION SYSTEM AND ITS ROLE IN THE IMPLEMENTATION OF ELECTRONIC GOVERNMENT

**Shodiev Firdavs Toshmamatovich** – Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Taxation and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.

This article examines the development of the tax administration system and its role in the implementation of e-government. The authors see the development and prospects of tax administration in the activities of tax authorities to introduce the digital economy and comprehensive electronic services.

The implementation of these measures in tax administration is aimed at limiting the hidden economy and establishing its further activities within the framework of legislation that allows increasing sources of taxation and tax revenues.

**Key words:** tax administration, e-government, digital economy, tax system, electronic services, taxpayer.

Сиёсати андоз ҳамчун яке аз омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, бояд пеш аз ҳама барои рушди устувори иқтисодии кишвар бо роҳи фароҳам овардани фазои муносиби соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама соҳибкории истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таҳкими иқтидори саноативу содиротии кишвар, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ равона шуда, барои зиёд гардидани манбаъҳои нави андозбандӣ ва даромадҳои буҷети давлатӣ мусоидат намояд.

Раванди тақвияти иқтидори иқтисодию истеҳсолии кишвар ва омили таъсиррасони он беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, боз ҳам сода ва дастрас намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон мебошад. Яке аз самтҳои асосии ислоҳоти системаи маъмурикунонии андоз роҳандозии системаи андоз дар асоси

технологияҳои рақамӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он аз байн бурдани тамоси шахсӣ миёни кормандони андоз ва андозсупоранда ҷиҳати паст бурдани сатҳи фасод дар системаи андоз мебошад.

Аз ҷумлаи чунин равандҳое, ки самти ислоҳоти системаи маъмурикунонии андозро дар асоси принсипҳои иқтисоди рақамӣ муайян менамояд, коркард ва ҷорӣ гаштани модули хизматрасонӣ (дафтари шахсии андозсупоранда, равзанаи ягона, пешбурди феҳристи андозсупорандагон ва ғайра) ба андозсупорандагон мебошад, ки тибқи он муроҷиаткунандагон метавонанд ариза ва ҳуҷҷатҳояшонро барои бақайдгирии давлатӣ ба мақомоти андоз ба тариқи электронӣ пешниҳод намоянд.

Чунин модулҳо зиёданд ва тасмим гирифтаем, ки оид ба асоситарини онҳо иттилооти бештаре барои хонандагон пешниҳод намоем. Дар маҷмуъ, намудҳои хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон то 36 адад зиёд карда шуда, айни замон гирифтани маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ, дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, азназаргузаронии ҳисоботҳо, тартиб додани санади муқоисавӣ, ба таври электронӣ кушодани суратҳисоби бонкӣ, пешниҳоди эъломияҳо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ, ҳисобкунаки андоз (барои андоз аз даромад, андоз аз воситаи нақлиёт, амволи ғайриманқул, андози замин), шакли электронии Кодекси андоз барои телефонҳои мобилӣ дар платформаи Android, гирифтани маълумот дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда, пардохти андозҳо тавассути кортҳои бонкӣ ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Нишондиҳандаҳои мазкур дар маҷмуъ, аз беҳтар гардидани маъмурикунонии андоз шаҳодат диҳанд ҳам, аммо аз ҷониби дигар, ба он далолат менамоянд, ки минбаъд ба корҳо ҷиҳати сифатан боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз тақвият дода шавад. Зеро, дар сатҳи минтақаҳо камбудиҳо дар ҷодаи банақшагирӣ ва пешбинии андоз ба назар мерасанд, ки сабабҳои он истифода гардидани услубҳои номукаммал, дақиқ набудани нишондиҳандаҳои оморӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Аз ҷумлаи мушкилоти роҳандозии чораҳои муҳими маъмурикунонии андоз ва ҳамоҳанг будани он нокифоя будани ҳамкориҳои самараноки байниидоравӣ оид ба татбиқи сиёсати андоз ва маъмурикунонии андоз, мавҷуд набудани таҷрибаи пайвастаи арзёбӣ намудани таъсири танзими меъёрҳои андозҳо ва имтиёзҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, идоракунии молияи давлатӣ, қисман ва нопурра истифода гардидани механизмҳои ҳавасмандкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, баҳисобгирии нопурраи истифодаи имтиёзот аз ҷониби андозсупорандагон, ҳанӯз ҳам нокифоя будани имкониятҳои хизматрасонии электронӣ ба андозсупорандагон, ба имкониятҳои техникии технологияҳои муосир оид ба интиқол ва мубодилаи иттилоот ва мутобиқ набудани баъзе муносибатҳои андозӣ миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон мебошанд.

Яъне, беҳдошти системаи маъмурикунонии андоз то андозае такя ба Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва таҳкими механизмҳои ҳавасмандкунии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин кам кардани хароҷот вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андоз мебошад.

Барномаи маъмурикунонии андоз ҷамъбаст гардида, барномаи нав барои солҳои 2020-2025, ки мақсад ва вазифаҳои асосии рушди маъмурикунонии андозро муайян менамояд, самтҳои асосии ислоҳотро чунин муқаррар менамоянд:

1. Такмили сиёсати андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ;

2.Таҷдиди пайвастаи системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ҳамкории фосилавӣ (бе тамоси шахсӣ) бо андозсупорандагон, мақомоти давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ;

3. Баланд бардоштани фарҳанги андоз;

4. Баланд бардоштани сифати фаъолияти мақомоти андоз [2].

Бо мақсади ҷиҳати мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафҳои Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва шарикони асосии тиҷоратӣ бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 9 октябри соли 2021, №432 “Тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) ва низомҳои хазинаҳои шартан (вертуалӣ) ҳангоми анҷоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ” қабул карда шуд. Ба санаи 1 январи соли 2022 шумораи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалии дар фаъолияти андозсупорандагон насбгарида 31,7 ҳазор адад ва шумораи мошинҳое, ки мунтазам истифода карда мешаванд, 24,5 ҳазор адад ё ход 77,2 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 маблағи умумии амалиёти андозбандишавандаи тавассути мошинҳои назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалӣ анҷомдодашуда ба 23,5 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба амалиёти дар соли 2020 ба воситаи онҳо гузаронидашуда 7,7 млрд. сомонӣ ё 49,4 фоиз зиёд мебошад. Албатта, насби мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ барои муайян намудани даромади умумии андозсупорандагон ва пешгирии иқтисоди ниҳонӣ дар иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин, татбиқи чорабиниҳои беҳдошти маъмурикунонии андоз ба баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ, гузариш ба моделҳои муосир ва самараноки технологияҳои пешбурди системаи мақомоти андоз, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии соҳаи андоз, огоҳии андозсупорандагон ва дар натиҷа мустақилона риоя намудани қонунҳои андоз ва, дар ин асос, боло бурдани нуфузи мақомоти андоз тавассути идоракунии одилона равона карда шудаанд.

Дар дурнамо натиҷаи амалишавии маъмурикунонии андоз дар фаъолияти мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷори намудани расмиёти содакардашудаи маъмурикунонӣ ва имконияти иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар шакли электронӣ, бе алоқаи мустақим бо корманди мақомоти андоз мебошад, ки вақт ва мутаносибан хароҷоти моддии андозсупорандагонро барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ сарфа мекунад.

**Ҳамин тавр,** ба роҳ мондани ин чорабинҳо дар маъмурикунонии андоз ба маҳдуд намудани иқтисоди пинҳонӣ ва дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолияти минбаъдаи он нигаронида шуда, имкон медиҳад манбаҳои андозбандӣ ва воридоти андозҳо зиёд карда шавад.

Вобаста ба ин, такмили сиёсат ва беҳтар намудани маъмурикунонии андоз бо назардошти давра ба давра пурра тариқи электронӣ роҳандозӣ намудани муносибатҳои андозӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ҳавасманд намудани соҳибкорӣ ва мусоидат намудан ба рушди фаъолияти соҳибкорон ва сармоягузорон ва дар ин замина зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, тақвият бахшидан ба иқтидори содиротии кишвар, мусоидат ба расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва дар маҷмӯъ беҳсозии сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар беҳтар намудани қонунгузории андоз ва рушди маъмурикунонии андоз дида мешавад.

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе: «Нашриёти муосир» 2022. 423 саҳ.
2. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025

## НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Фатҳиддинзода Қ.Қ.** -муаллими калони кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ноҳияи Сино, кучаи нахимов 64/14. Тел: (+992) 909553305

Дар мақола имтиёзҳои андози ва аҳамияти он дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин фаъолияти мақомоти андози кишвар дар самти фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкории хурд ва миёна ва ривоҷи тиҷорату таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ, амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат бобати такмили иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва дастгирии соҳибкорӣ муайян карда шудааст. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо бори дигар татбиқи амалҳои асосии соҳибкориро дар Тоҷикистон нишон медиҳанд. Дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкории саноатӣ яке аз фишангҳои ба танзим даровarандаи рушди иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, рушди устувор, андоз, андозбандии имтиёзнок, соҳибкории истеҳсолӣ, имтиёзҳои гумрукӣ, соҳибкории хурд, корхонаҳои саноатӣ.

## РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Фатхиддинзода Кадриддин Камариддин -** старший преподаватель кафедры налоги и страхование Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: район Сино, улица Нахимова 64/14 Тел: (+992) 909 55 33 05

В статье анализируются и изучаются налоговые льготы и их значение для развития предпринимательской деятельности. Также определена деятельность налоговых органов страны по созданию благоприятного климата для малого и среднего бизнеса, развитию торговли и созданию новых производственных предприятий, реализации стратегических целей страны по улучшению экономики республики и поддержке предпринимательства. Все эти показатели еще раз демонстрируют реализацию основных видов предпринимательской деятельности в Таджикистане. Государственная поддержка субъектов промышленного предпринимательства является одним из рычагов регулирования экономического развития и предпринимательской деятельности.

**Ключевые слова:** предпринимательство, устойчивое развитие, льготное налогообложение, производственное предпринимательство, таможенные льготы, малое предпринимательство, промышленные предприятия, совместные предприятия.

# THE ROLE AND IMPORTANCE OF TAX INCENTIVES IN THE DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Fatkhiddinzoda Kadriddin Kamariddin**- Senior lecturer Department of taxes and insurance, Tajik State University of Finance and Economics Address: Sino district, Nakhimov street 64/14 Tel: (+992) 909553305

The article analyzes and studies tax benefits and their importance for the development of entrepreneurial activity. The activities of the country's tax authorities to create a favorable climate for small and medium-sized businesses, develop trade and create new production enterprises, implement the country's strategic goals to improve the economy of the republic and support entrepreneurship are also defined. All these indicators once again demonstrate the implementation of the main types of entrepreneurial activity in Tajikistan. State support for industrial business entities is one of the levers of regulation of economic development and entrepreneurial activity.

**Key words:** entrepreneurship, sustainable development, preferential taxation, industrial entrepreneurship, customs privileges, small business, industrial enterprises, joint ventures.

Дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ таҳкими механизми ҳавасмандгардонии соҳаҳои мухталиф, тақвият додани саҳми бахши хусусӣ ва истифодаи таҷрибаи муосири байналмилалӣ нақши муассир дорад. Чунин иқдомот бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории амалкунандаи кишвар тайи солҳои охир тавассути пешбинӣ намудани имтиёзҳои фискалӣ, ғайрифискалӣ ва дигар сабукиҳо роҳандозӣ гардида истодааст.

Аз як тараф имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишуда ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ нигаронида шуда бошад, аз ҷониби дигар хароҷоти андозӣ эътироф гардида, дар сурати ғайримақсаднок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро эҷод менамояд.

Мувофиқи Феҳристи имтиёзҳои андозию гумрукии пешниҳодшуда, 104 номгӯйи имтиёзҳои дар қонунгузорӣ муқараршуда, пешбинӣ гардидааст, ки аз онҳо 77 адад дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 адад дар доираи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 адад тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор” ва 8 адад тибқи созишномаҳои сармоягузорӣ муқаррар шудааст.

Имтиёзҳои пешниҳодшуда ба ду гурӯҳ тақсим шуда, аз инҳо 57 ададро имтиёзҳои андозӣ ва 47 ададро имтиёзҳои гумрукӣ ташкил дода, имтиёзҳои мавриди таҳлил қарордодашуда, дар маҷмӯъ 45 фоизи шумораи умумии имтиёзу сабукиҳои дар қонунгузории амалкунанда муқарраршударо дар бар мегирад. Зеро, чунин имтиёзҳо ҳамчун хароҷоти андозӣ эътироф гардида, ҳиссаи онҳо аз рӯи хароҷот нисбатан назаррас мебошад.

Чунончи дар ин раванд тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2022 Кодекси андоз ҷиҳати такмили содагардонии низоми андоз ва тартиби пешниҳод ва татбиқ имтиёзҳои андозӣ тағйироти зерин ворид карда шуд:

- нисбат ба қарзҳои андозие, ки пардохт намудани онҳо ба таъхир гузошта шудааст (тамдид карда шудааст), ҳисоб нанамудани фоизҳо (пеня);

- тағйир додани тартиби пўшонидани уҳдадориҳои андозӣ, яъне дар навбати аввал пўшонидани уҳдадориҳои андоз оид ба маблағи андозҳои ҳисобшуда (иловагӣ ҳисобшуда), баъд фоизҳои ҳисобшуда ва дар охир ҷаримаҳои ҳисобшуда;

- бекор намудани андоз аз истифодабарандагони роҳои автомобилгард барои шахсони ҳуқуқӣ;

- муқаррар намудани меъёри 14-фоизаи (меъёри стандарти) андоз аз арзиши иловашуда барои муомилоти мол иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

- воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷи худии субектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хўроки омехтаи паранда ва чорво.

- мутобиқи муқаррароти қисми 7 моддаи 189 Кодекси андоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даромадҳои аз фаъолияти сайёҳӣ бадасомада дар давоми 5-сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар сурати мавҷудияти иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ.

- ҷиҳати дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони ватанӣ меъёри андоз аз даромади андозбандишавандаи шахси ҳуқуқӣ барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ 20 фоиз муқаррар шудааст, ки нисбати Кодекси андози қабли 3 фоиз паст мебошад.

Инчунин дар Кодекси андози амалкунанда барои соҳибкорони инфиродие, тибқи патент амали менамоянд ҳадди даромад дар низоми махсуси андозбандӣ аз 100 ҳазор сомонӣ то ба 200 ҳазор сомонӣ боло бурда шуд;

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие, ки обҳои зеризаминиро барои беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ истихроҷ менамоянд, аз супоридани андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ озод карда шуданд;

- дар асоси тағйирот аз ҷониби мақомоти андоз барои давраи санҷидашудаи андоз дар баробари манъ будани гузаронидани санҷишҳои такрории маҷмўӣ (ба истисноӣ ҳолатҳои муқарраршуда), гузаронидани санҷишҳои мавзўии такрорӣ низ манъ карда шуд.

Дар идомаи корҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва қишри камдаромади ҷомеа дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», қабул гардид. Аз ҷумла:

а) бо мақсади ҳавасманд гардонидани соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ва ҷиҳати сари вақт ворид гардидани маблағи патент, тибқи банди 4 иловагардида, соҳибкорони инфиродие, ки маблағи патентро барои се моҳи тақвимии минбаъда пешпардохт менамоянд, маблағи умумии пардохт барои патент ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад;

Бояд гуфт, ки мақомоти андози кишвар низ дар самти фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкории хурд ва миёна варивоҷи тиҷорату таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ, амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат бобати такмили иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва дастгирии соҳибкорӣ то имрўз тадбирҳои зиёди судмандро амалӣ намудаанд. Ин, пеш аз ҳама, дар самти ба маълумоти ҳар як андозсупоранда расонидани моҳияти муқаррароти Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зуҳур мeёбад. Вусъати корҳои фаҳмондадиҳӣ ва доир намудани семинар – машваратҳо аз ҷониби мутахассисони мақомоти андоз дар пешрафти фаъолияти соҳибкорон хуб мусоидат карда истодаанд.

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2022.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ш. Душанбе, 26 декабри соли 2021.
3. Ҳафтаномаи "Боҷи хироҷ".
4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [маводи электронӣ]. URL:http: // www.investcom.tj(саннаи гирифташуда: 17.11.2018)- Душанбе 2018с.
5. Бозоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ / Ш.Ш. Бозоров. – Душанбе ЭР-граф, 2018. – 271 с.
6. Шамсиев К.Б. Развитие предпринимательства в Таджикистане. Учебное пособие / К.Б. Шамсиев. – Душанбе: Изд-во «Ирфон»,2003.-81 с.
7. Бойматов А., Асосҳои соҳибкорӣ ва маркетинг. Китоби дарсӣ / Бойматов А., Қодиров А. - Хуҷанд, 2002. – 39 с.

## МУШКИЛОТИ НАФАҚАИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ормонова Моҳрӯ Муҳаммадиевна** - ассистенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисолди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон. +992917-19-55-85. Email: mohru89@mail.ru.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар замони муосир бисёре аз давлатҳо бо бӯҳрони низоми нафақа рӯ ба рӯ шудаанд, ки сабаби асосии он ин афзоиши шумораи шахсони солхӯрда ва коҳиши шумораи аҳолии қобили меҳнат мебошад. Ин масъала махсусан дар кишварҳое ба назар мерасад,ки сатҳи таваллуд паст ва умри миёна баланд аст.

Сиёсати иҷтимоии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва сарпарастӣ нигаронида шудааст, тибқи санадҳои қонунгузорӣ суғуртаи ҳатмии иҷтимоиро ба як бахши алоҳидаи низоми ҳифзи иҷтимоӣ ҷудо кардааст. Дар баробари ин давлат як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоиро кор карда баромад, ки асоси низоми суғуртаи ҳатмии нафақаро ташкил медиҳанд. Ҳамаи онҳо ба дастгирии аҳолӣ тавассути ҷубронкунӣ дар ҳолати ба вуҷуд омадани хавфҳои суғурта вобаста ба пирӣ, гум кардани саробон ва маъюбӣ нигаронида шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз консепсияи нав ва ҷузъи муҳими ислоҳоти нафақа ин нафақаи суғуртавӣ мебошад, ки маҳз ҳамин қисми музди нафақа асоси тамоми сохтори пасандозҳои нафақа мебошад. Мувофиқи қоидаҳое, ки дар доираи қонун амал мекунанд, суғуртакунанда ӯҳдадориҳоеро, ки дар назди суғурташаванда, ба зиммааш гузоштааст, иҷро менамояд ва нафақаи суғуртавӣ – ба шахси суғурташуда дар шакли додани ёрдампулии ҳармоҳаи пулӣ вобаста ба маъюбӣ, вобаста ба синну сол дода мешавад.

**Калидвожаҳо:** нафақа, ислоҳоти нафақа, пардохтҳои нафақа, нафақаи меҳнатӣ, нафақаи суғуртавӣ, нафақаи пасандозӣ, суғуртаи давлатии нафақа, суғуртаи нафақаи ғайридавлатӣ, қобилияти меҳнатӣ, фаъолияти меҳнатӣ,хавф,суғуртакунанда, суғурташаванда.

## ПРОБЛЕМА СТРАХОВОГО ПЕНСИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Ормонова Мохру Мухаммадиевна** - ассистент кафедры налог и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон. +992917-19-55-85. Email: mohru89@mail.ru.

В современную эпоху многие страны сталкиваются с кризисом пенсионной системы. Основная причина этого кризиса эжто увелечение числа пожилых людей и сокращение численности трудоспособного населения.Это проблема особенно заметна в странах с низким уровнем рожддаемости и высокой продолджительностью жизни.

Государственная социальная политика Республики Таджикистан, направленная на повышение уровня жизни и спонсорство, в соответствии с законодательными актами выделила обязательное социальное страхование в отдельный раздел системы социальной защиты. Одновременно государство разработало ряд правовых, экономических и социальных мер, которые легли в основу системы обязательного пенсионного страхования. Все они направлены на поддержку населения путем компенсации в случае возникновения страховых рисков, связанных со старостью, потерей кормильца и инвалидностью.

Отметим, что одной из новых концепций и важной составляющей пенсионной реформы является страховая пенсия, именно эта часть пенсионной зарплаты является основой всей структуры пенсионных накоплений. В соответствии с правилами, действующими в рамках закона, страховщик исполняет обязанности, возложенные на него перед застрахованным лицом, а страховая пенсия – выплачивается застрахованному лицу в виде выплаты ежемесячного денежного пособия в связи с инвалидностью, в зависимости от возраста.

**Ключевые слова:** пенсия, пенсионная реформа, пенсионные выплаты, трудовая пенсия, страховая пенсия, накопительная пенсия, государственное пенсионное страхование, негосударственное пенсионное страхование, трудоспособность, трудовая деятельность, риск, страховщик, страховщик.

## THE ISSUES OF PENSION INSURANCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Ormonova Mohru Muhammadievna** - assistant of the Department of Tax and Insurance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Telephone. +992917-19-55-85. Email: mohru89@mail.ru.

In the market economic terms, in the modern era many countries are facing a pension system crisis. The main reason for this crisis is the increasing number of elderly people, while the working-age population struggles top support a growing number of retirees. This issue is especially evident in countries with low birth rates and high life expectancy.

State social policy in the Republic of Tajikistan, aimed at improving living standards and patronage allocated to mandatory social insurance in a separate branch of the social protection system under legislation. The government has developed a number of legal, economic and coordination activities, which formed the basis of the system of mandatory pension insurance. All they are focused on the support of the population through the appointment of a compensation and the implementation of their issuance upon the occurrence of the insured risks associated with the onset of old age, survivors', disability. New concept and important part of the pension reform is pension insurance. Its complete definition and procedure for calculating installed in 2013. This

part of the pension remuneration is the Foundation of the entire structure of pension savings. By operating under the statutory requirements, the insurer performs the obligations assigned to it before the person insure themselves in case of occurrence of the insured event. According to the definition given in the legislation, insurance pension – a payment to the insured person's monthly cash benefit due to incapacity for work due to age or disability.

**Keywords:** Pension, pension reform, pension payments, retirement pension, insurance pension, funded pension, pension insurance, pension insurance, disability, employment activity, dependents, the insurer, the insured, risks.

Масъалаи нафақа барои аксарияти кишварҳо хеле муҳим аст, зеро низоми мавҷудаи пардохти нафақа наметавонад сатҳи кофии зиндагии он нафаронеро,ки қобилияти меҳнатии худро аз даст додаанд,таъмин намояд. Дар бисёр кишварҳо нафақаи давлатӣ барои пӯшонидани хароҷоти асосии рӯзгор кофӣ нест,ки ин боиси камбизоатии нафақахӯрон мегардад.Ин мушкилот махсусан дар кишварҳое,ки шумораи нафақахӯрон босуръат афзоиш меёбад ва шумораи коргарони пардохткунандаи андоз коҳиш меёбад бештар эҳсос мешавад.

Барои ҳалли ин мушкилот , аксар давлатҳо чораҳои гуногун меандешанд,аз ҷумла:

- Баланд бардоштани синни нафақа
- Рушди нищзоми нафақаи хусусӣ
- Ислоҳоти андоз ва суғуртаи иҷтимоӣ
- Ташвиқи таваллуд ва муҳоҷирати қувваи корӣ

,яъне бо ин роҳҳо ,кишварҳо кӯшиш мекунанд,ки низоми нафақаро устувор ва пойдор гардонанд.

Дар бисёр мамлакатҳои тараққикарда маблағ барои таъмини нафақа барои шаҳрвандон аз якчанд манбаъҳо:аз ҷумла фондҳои давлатии нафақа, нафақаи соҳавии корхонаҳо ва нафақаи инфиродӣ, ки мувофиқи шартнома гирифта мешаванд,иборат мебошанд.

Бинобар ин маҳз ширкатҳои суғурта ҳамчун провайдери асосии хизматрасонӣ мебошанд, ки ба суғурташаванда имкон медиҳанд, ки барои расидан ба синни нафақа миқдори муайяни маблағро ҷамъоварӣ кунанд,ки инро бо сабабҳои зиёд шарҳ додан мумкин аст:

1. Хусусиятҳои андозбандии даромади фаъолияти ташкилоти суғурта ва тарҳбандии пардохтҳо ,ки он аз дигарон пурра андоз аз даромад ситонида намешавад;

2. Нақши давлат, ки дар раванди ташаккул ва пардохти нафақа ба ҳадди ақал расонида мешавад;

3. Фоиданокӣ ва имконияти ба даст овардани маблағи калон дар низоми суғуртаи иҷтимоӣ;

Бояд қайд кард,ки суғуртаи нафақа барои бисёр одамон хеле муфид бошад [3].Суғуртаи нафақа – яке аз намудҳои суғуртаи ҳаёт мебошад, ки дар он маблағи суғурта баъди ба синни нафақа баромадани шахси суғурташуда, яъне ба нафақа баромадан пардохт карда мешавад. Он метавонад ҳатмӣ ва ихтиёрӣ бошад.

Барои гирифтани пардохти нафақа ба шаҳрванд шаҳодатномаи нафақаи суғуртаи ҳатмӣ лозим нест. Суғуртаи ҳатмиро давлат идора мекунад.

Суғуртаи ҳатмии нафақа – асоси нафақаи ояндаи шахсе мебошад, ки онро қонун муайян мекунад ва тамоми шаҳрвандони кишвар метавонанд ин намуди шартномаро

банданд,чунки тибқи ислоҳоти нафақа ҳар шаҳрванд бояд суғурта карда шавад,яъне барои ҳар як суғурташуда дар фонди нафақа ҳисоб кушода мешавад. Корфармо ба ин суратҳисоб аз музди меҳнати шахси суғурташуда, ки расман баҳисобгирии муҳосибӣ анҷом додааст, саҳм мегузорад ва аз ин саҳмҳои муқаррарӣ нафақаи ҳар як шаҳрванд ташаккул меёбад [9].

Фондҳои нафақа ин маблағро дар бозори молиявӣ сармоягузорӣ мекунанд, ки ин имкон медиҳад, ки як қисми муайяни маблағ ташкил карда шавад. Агар соҳиби суратҳисоб оид ба қисми маблағгузорӣ дастур надиҳад, фонди нафақа ин маблағро ба ширкати идоракунии давлатӣ мегузаронад [10].

Суғуртакунанда инчунин метавонад муассисаҳои ғайридавлатиро ҳамчун идоракунанда нишон диҳад [11]. Ва ҳангоме ки синни нафақа фаро мерасад, суғурташаванда нафақа мегирад, ки он аз маблағи саҳмҳои додашуда ва даромад аз сармоягузории қисми маблағгузорӣ ташаккул меёбад.

Пардохтҳо барои ин намуди суғурта тавассути Фонди нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд.

Суғуртаи ҳатмии нафақа аз ҷониби кишвар амалӣ карда мешавад ва саҳмҳо аз ҳисоби андоз аз ҷониби кормандон пардохт карда мешаванд.Суғурташаванда ҳуқуқ доранд, ки пас аз расидан ба синни нафақа нафақапулӣ гиранд.

Бояд гуфт, ки вақтҳои охир масъалаи баланд бардоштани синни нафақа бештар ба миён гузошта мешавад, сабабаш боз як падидаи иҷтимоӣ аст, ки онро пиршавии аҳолии меноманд.

Дар асоси натиҷаҳои ислоҳоти нафақа дар асоси Қонуни нави федералӣ, ки дар давоми чанд соли охир гузаронида шуд, гузариш ба баҳисобгирии шахсии маблағҳои суғурта ба суратҳисоби шахсии корманд ба амал омад.

Бо нобаёнӣ, ҳарду нафақа дар Фонди нафақа ташкил карда мешаванд, пасандозҳои нафақа аз ҷониби ширкати идоракунии давлатӣ (минбаъд – Кодекси ҷиноятӣ) ҳамчун як қисми портфели васеъшудаи сармоягузорӣ сармоягузорӣ карда мешаванд [10]. Шаҳрвандоне, ки ҳеҷ гоҳ фонди нафақа, ширкати идоракунанда ё портфели сармоягузории онро иваз накардаанд, ба таври ғайрирасмӣ «хомӯшӣ номида мешаванд.

31 декабри соли 2015 давраи дусолае, ки ба шаҳрвандони соли таваллудашон 1967 ва аз он хурдтар барои интихоби варианти нафақаи худ ҷудо карда шудааст, ба охир расид: бо нафақаи маблағгузорӣ ё бидуни нафақа. Барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ ба шаҳрвандон лозим омад, ки тарзи идоракунии пасандозҳои нафақаи худро тағйир диҳанд – барои интихоби фонди нафақаи ғайридавлатӣ ё ширкати идоракунанда ба Фонди нафақа ариза пешниҳод кунанд.

Аз 1 январи соли 2016 шаҳрвандони соли таваллудашон 1967 ва аз он хурдтар ба ду категория тақсим мешаванд.Категорияи якум дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- нафақаи суғуртавӣ 22 фоиз;

- ҳамаи пардохтхои суғуртавӣ ба пардохтҳои ҷорӣ равона карда мешаванд,яъне пардохти нафақа ба мерос гирифта намешавад, дар счётҳои индивидуалии шахси суғурташуда дар холхо ба хисоб гирифта мешавад;

- ба категория ба ном «хомушхо» ва шахсоне дохил мешаванд, ки ин варианти нафакаро бошуурона интихоб кардаанд;

- пасандозҳои нафақаро дар Фонди нафақа нигоҳ доред, ки бо мукофотҳои суғуртавӣ барои фаъолияти меҳнатӣ дар давраи солҳои 2002-2013 ташкил карда шудаанд.;

- пасандозҳои нафақа аз соли 2014 танҳо аз ҳисоби даромади сармоягузорӣ афзоиш меёбанд, саҳмҳои нави суғуртавӣ ба нафақаи ҷамъшаванда мувофиқат намекунанд ва дигар ворид намешаванд. Ҳама пасандозҳои нафақаи қаблан ташкилшуда метавонанд ба фондҳои нафақаи ғайридавлатӣ гузаронида шаванд;

- онҳо дигар варианти нафақаро тағир дода наметавонанд.

Суғуртаи ихтиёрии нафақавии нафақахӯронро фондҳои нафақавии ғайридавлатӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба амал мебароранд. Он аз ҳисоби худи суғуртакунандагон ё бо истифода аз маблағҳои корфармо ҳамчун илова ба амал меояд.

Биёед муайян кунем, ки намуди ихтиёрии суғурта чӣ медиҳад:

- даромади устувор хар мох, сарфи назар аз маблаги музди мехнат/нафакаи ичтимой;

- қобилияти оромона ташкил кардани реҷаи зиндагӣ бидуни фишурдани худ дар чизҳои зарурӣ: ғизо, либос, ле¬, сафар;

- кафолати ҷамъоварии маблағи зарурӣ то мӯҳлати муайян (масалан, барои харидани хона ё қитъаи замин ҳангоми ба нафақа баромадан);

- пардохтҳои кафолатнок дар доираи барномаи суғуртаи ихтиёрӣ.

Суғуртаи ихтиёрии нафақа ҳамон принсипҳои ҳатмӣ дорад, аммо ҳаҷм ва даврагии саҳмҳои ҳатмиро худи суғуртакунанда муқаррар мекунад.

Суғуртаи ихтиёрии нафақа ё таъминоти нафақаи ғайрисуғуртавӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз як қатор барномаҳоеро интихоб кунад, ки суғуртакунандагон бояд ба шахси мурoҷиаткунанда пешниҳод кунанд.

2. Саҳмҳо метавонанд вобаста ба шартнома ҳар моҳ ё ҳар семоҳа анҷом дода шаванд.

3. Маблағи маблағе, ки дар пиронсолӣ ба муштарӣ дода мешавад, танҳо аз худи муштарӣ вобаста аст.

4. Мизоҷ на танҳо андоза ва мунтазами саҳмҳо, балки пардохтҳоро низ муқаррар мекунад.

Хулоса, бояд гуфт, ки ҷорӣ намудани низоми нави сугуртаи нафака имконият медихад, ки андозаи нафака зиёд карда шавад. Он ба шаҳрвандон ҳуқуқ медиҳад, ки ҳангоми ҳалли масъалаи қисми маблағгузории нафақа интихоб кунанд, бинобар ин андозаи саҳмҳои нафақа аз онҳо вобаста аст.

Аммо модели бозории суғуртаи нафақа зуҳуроти масъулияти шахсии шахси суғурташуда ва ҳамбастагии онҳоро талаб мекунад. Татбики он ба иштироки хамаи субъектхои сугурта дар ташкили базаи молиявй вобаста аст.

Илова бар ин, мо таъкид менамоем, ки низомиислоҳшудаи суғуртаи нафақа аз шахсони алоҳида дар масъалаҳои суғурта огоҳӣ ва самаранокиро талаб намуда, бисёр ҳолатҳои иҷтимоиро пешакӣ пешбинӣ мекунанд.

**Адабиёт**

1. Абдусаттор Ҷабборов., Насриддин Шарипов. “Суғурта” Душанбе.: Ирфон, 2016-376 с.

2. Башкин М.В. Принципы пенсионного обеспечения населения как основа социального обеспечения// XXI век: итоги прошлого и проблемы настоящего плюс. 2022 Т. 2.№6(28). С. 321-324.

3. Барбашова С.А., Соколова И.С., Щербаков Е.М. Реформирование пенсионной системы РТ на современном этапе // Вестник НГИЭИ. 2021.№7(62). С. 14-22.

4. Денисова И.П. Социальное страхование :научно-практическое пособие / Рост.гос.эконом.унив.(РИНХ) - Ростов-н /Д., - 2002. – 154 с. - ISBN 5-7972-0547-5.

5. Маъдиев С. Экономико-статистические аспекты реализации концепции государственной демографической политики в РТ. г. Душанбе 2022г.

6. Мирзоев И. "Суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон" Душанбе.2020

7. Тағоева Р.Г. "Соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ: баъзе усулҳои такмили механизми идоракунии рушди он"Душанбе.2022 саҳ 220.

8. Шаропов Н., Буриева М., Хомидов А.У. "Фаъолияти суғурта" Душанбе с 2016.

## ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ АНДОЗБАНДӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

**Абдусатторова С.Қ. -** ассистети кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ноҳияи Сино, кучаи нахимов 64/14. Тел: (+992)907222916

Дар мақолаи мазкур вобаста ба заминаҳои пайдоиши андозбандӣ дар Осиёи Миёна нишон дода шудааст. Низоми андозбандӣ дар Осиёи Миёна пас аз барҳам хӯрдани иттиҳодияи қавмӣ ва пайдоиши давлатҳо ба миён омаданд. Барои фаҳмидани хусусияти андозҳо донистани навъ ва чигунагии сохтори давлат зарур аст.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Миёна, рушди устувор, пайдоиши андозбандӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, Аморати Бухоро, со, соҳибкории истеҳсолӣ, имтиёзҳо. ҳибкории хурд.

## ИСТОКИ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ В СРЕДНЕЙ АЗИИ

**Абдусатторова С.К.-** ассистент кафедры налоги и страхование Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: район Сино, улица Нахимова 64/14 Тел: (+992) 907222916

В данной статье рассматриваются предпосылки возникновения системы налогообложения в Средней Азии. Налоговая система в этом регионе начала формироваться после распада племенных союзов и возникновения государств. Для понимания особенностей налогообложения необходимо знание структуры и типа государства.

**Ключевые слова:** Средняя Азия, устойчивое развитие, возникновение налогообложения, исторические источники, Бухарский Эмират, промышленное предпринимательство, налоговые льготы, малое предпринимательство.

## THE ORIGINS OF TAXATION IN CENTRAL ASIA

**Abdusattorova S.K. -** assistant, Department of taxes and insurance, Tajik State University of Finance and Economics Address: Sino district, Nakhimov street 64/14 Tel: (+992) 907222916

This article examines the prerequisites for the emergence of the taxation system in Central Asia. The taxation system in this region began to take shape following the collapse of tribal unions and the formation of states. In order to understand the characteristics of taxation, it is essential to comprehend the structure and type of state.

**Keywords:** Central Asia, sustainable development, emergence of taxation, historical sources, Bukhara Emirate, industrial entrepreneurship, tax incentives, small entrepreneurship.

Аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки онҳо оид ба нахустин давлатҳо дар марзи Тоҷикистонии мрӯза маълумоти дақиқи аз ҷониби ҳамагони эътирофгардидаро дар бар намегиранд.

Донишманди тоҷик Иброҳим Умарзода пас аз таҳқиқи Авесто, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Тарҷумаи Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ ва дигар сарчашмаҳо ба хулоса омадааст, ки нахустин давлат дар таърихи башар маҳз дар Осиёи Миёна ба миён омадааст. Ин давлат аз ҷониби қабилаи Турониён-асосгузорони тамаддуни ориёӣ бунёд гардида буд. Қабилаҳои туронӣ-чун қабилаи ориёӣ дар ҳазораи даҳуми пеш аз милод дар Осиёи Миёна ташаккул ёфт. Шоҳони давлати Турон – Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, Манучеҳр ва дигарон буданд. Дар замони ҳукмронии Манучеҳр давлати Турон ба ду қисм ҷудо гардид ва дар давраҳои минбаъда байни онҳо ҷангҳои давомдоре баргузор мешуданд. Дар манбаъҳои дигар мавҷудияти сулолаи Турониён эътироф шудааст, вале замони ба сари қудрат омадани онҳо дертар, яъне байни ҳазораҳои IV ва III пеш аз милод дониста шудааст.

Аз мавҷудияти давлатҳо дар Осиёи Миёна дар байни ҳазорсолаҳои X-III пеш аз милод иншооти обие гувоҳӣ медиҳанд, ки дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ дарёфт гардиданд ва дар бораи онҳо академик Б. Ғафуров маълумот додааст: «Дар ҷануби Туркманистон, дар он ҷое, ки дарёҳову наҳрҳои зиёде вуҷуд, доштанд, кишоварзон дар оғози кор аз обанборҳои табиӣ истифода мекарданд. Ба замин дона мекоштанд. Дар ҳазораи VI пеш аз милод (охири давраи неолит) нахустин иншооти обӣ- қадимтарин дар Шарқи Наздик шуданд. Обанбори дастсохте кашф шудааст, ки то 3,5 ҳазор кубометр об дар он ҷой мегирифт. Канали обрасоне кашф гардидааст, ки тақрибан дар ҳазораҳои IV-III пеш аз милод сохта шудааст ва аз он тақрибан 150 га заминаҳои киштзори ҷануби Туркманистон ба воситаи наҳрҳои аз он ҷоришаванда шодоб мегардиданд. Маълумоти мӯътамад дар бораи сохта шудани каналҳои обрасон дар Хоразм ва Фарғона дар ҳазораи II пеш аз милод вуҷуд доранд».

Инчунин, бояд гуфт, ки дар Осиёи Миёна дар давраи биринҷӣ (охири ҳазораи III-асрҳои IX-VIII пеш аз милод) аксари қабилаҳо ба хоҷагии истеҳсолӣ гузашта буданд, нахустин деҳаҳо (қарияҳо) пайдо шуданд, дар охири ҳамин давра нобаробариҳои мулкӣ ва иҷтимоӣ ба миён омаданд ва барои гузариш ба ҷомеаи табақавӣ (синфӣ) замина муҳайё намуданд. Дар ҳудуди ҳазорсолаҳои IV-III пеш аз милод табдил ёфтани оилаҳои калони матриархалӣ ба оилаҳои патриархалӣ, ҷамоаҳои қабилавӣ ва деҳавӣ ба назар мерасад. Ин раванд дар айни замон маънои табдили иттиҳодияҳои қабилавиро ба шаклҳои давлатӣ ва пайдоиши андозро дошт. Зарурати сохтмонҳои дастаҷамъӣ ва истифода аз иншооти обрасон-яке унсурҳои ҳаётан муҳим дар шароити Осиёи Миёна-боиси пайдоиши давлатҳо гардиданд.

Аз гузориши боло ба ду хулоса метавон омад. Аввалан, дар тӯли тамоми асри биринҷӣ (аз охири ҳазораи III то милод то асрҳои IX-VIII то милод) дар Осиёи Миёна давраи барҳам хӯрдани ҷамоаи ибтидоӣ ва барқароршавии тарзи истеҳсоли «Осиёӣ» идома ёфтааст, ки хусусиятҳои зеринро дорост:

-- хоҷагии қишлоқи заминдории навъи осиёӣ, ки ба мақоми баланд бардоштани меҳнати дастаҷамъӣ ва пешрафти тақсими меҳнат дар дохили ҷомеа асос ёфтааст;

-- моликияти давлат будани замин ва иншооти обрасон; истифодаи шахсони алоҳида ва ё гурӯҳи одамон аз онҳо;

--тобеъ будани истеҳсолкунандагони аслӣ аз иттиҳодия ва давлат ба сабаби дар инҳисори (монополияи) давлат будани воситаҳои асосии истеҳсолот (замин, об ва ғайра);

-- хусусияти аграрӣ доштани иқтисодиёт (имтиёз доштани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бар дигар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ);

-- бевосита аз ҳисоби омилҳои воқеӣ ва табиӣ таъмин намудани маҳсулнокии меҳнат (беҳсозии иншооти обрасон ва коркарди замин, истифодаи босамар аз муддати кишту кор, яъне то ҳадди имкон ба кор андохтани «мошинаи атокардаи табиат»-- замин);

-- бо тавассути мақомоти иттиҳодия то ҳадди имкон ситонидани рента—андоз аз истеҳсолкунандагони асосӣ, ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб намудани онҳо;

-- истибдоди мутлақият чун шакли давлатдорӣ.

Дуюм ба маънии асосӣ нахустин шаклҳои давлатдорӣ ва баъдан андозу андозситонӣ дар Осиёи Миёна аз охири ҳазораи III то милод сар карда, вобаста ба оғоз ёфтани ҷараёни фурӯпошии ҷомеаи ибтидоӣ пайдо шуданд. Бешак, нахустин шаклҳои давлатдории пароканда, вале дар атрофи ягон иншооти обрасон муттаҳидашуда ва дар ҳамсоягӣ қарордошта дар доираи як қабилаи алоҳида амал мекарданд. Вазифаи онҳо муҳофизати қабила аз душманони хориҷӣ ва ташкили кори сохтмон ва нигаҳдории фаъолияти иншоотҳои обрасон буд. Баъдан, ҷараёни дар як марказ муттаҳид шудани давлатҳо ва ташкил гардидани давлати бузург сурат мегирифт. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар он давра давлатҳои «Хоразми бузург» (иттиҳодияи қабилаҳои эронии шарқӣ), Шоҳии Бохтар—мавзеи пайдоиши зардуштия ва навишта шудани баъзе бахшҳои Авесто вуҷуд доштанд. Нахустин давлати бузург дар таърихи башарият Давлати Элам мебошад, ки дар минтақаи ҷанубу ғарбии Эрон дар нимаи дуюми ҳазорсолаи III пеш аз милод пайдо шудааст.

Бояд гуфт, ки дар Шарқ, аз он ҷумла, дар Осиёи Миёна ва Эрони Шарқӣ ғуломон неруи асосии истеҳсолкунанда ба шумор намерафтанд, чунки ҷамоаи хоҷагии қашлоқ то барқарор шудани муносибатҳои феодалӣ вайрон нашуда буд. Ҷомеаи ғуломдорӣ ба ин шакли классикии аврупоиаш дар Шарқ зуҳур накарда буд.

Вале ин маънои онро надорад, ки ғуломдорӣ умуман дар Осиёи Миёна вуҷуд надошт. Ғуломдории патриархалӣ дар Шарқ дар ҳудуди ҳазораҳои IX-III то милод пайдо шуда, то замони шикасти Аморати Бухоро (ибтидои асри XX) идома ёфтааст. Дар Осиёи Миёна муносибатҳои ғуломдорӣ аз замони барҳам хӯрдани ҷамоаи қабилавӣ фақат ба шакли як сохти зиндагӣ (уклад) вуҷуд доштанд, ҳеҷ гоҳ шакли асосии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ--таъинкунандаи тарзи истеҳсолот набуданд. Аз ин ҷо бармеояд, ки нахустин ташкилотҳои давлатмонанди Осиёи Миёна, ки то ворид шудан ба ҳайати Давлати Ҳахоманишиён (асри IV пеш аз милод) на давлатҳои ғуломдорӣ, балки давлатҳои мустақили истибдодии дорои тарзи истеҳсолоти «осиёӣ» буданд. Ҳатто фармонфармоии давлатҳои муқтадири ҷаҳон (Ҳахоманишиён, Юнониён, Форсҳо) тарзи хоҷагидории Осиёи Миёна тарзи истеҳсоли осиёиро, ки дар он аз замонҳои қадим вуҷуд дошт, барҳам зада натавонистанд. К. Маркс ин гуна давлатҳоро тавсиф намуда гуфтааст, ки онҳо шаклан ба ҳамдигар монананданд, барҳам бихӯранд ҳам, боз ба ҳамон шакл аз нав ба миён меоянд ва ҳатто номашон тағйир намеёбад. Ба сохтори ин гуна давлатҳо ҳеҷ гуна ҳодисаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсир расонида наметавонистанд.

Ба ҳамин тариқ, андоз ва низоми андозбандӣ дар Осиёи Миёна пас аз барҳам хӯрдани иттиҳодияи қавмӣ ва пайдоиши давлатҳо ба миён омаданд. Барои фаҳмидани хусусияти андозҳо донистани навъ ва чигунагии сохтори давлат зарур аст. Дар робита ба ин, моҳияти

давлатдории мустақилияти истибдодии Осиёро чун шакле аз давлат ба назар гирифтан зарур мебошад.

**Адабиёт**

1. Б.Ғафуров. Тоҷикон. китоби 1, -Душанбе, -1989. -С. 234-238
2. К.Маркс. Капитал, 2-е изд., -С. 371

## РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАРОМАДИ ОНҲО

**Нуридинов Сунатуло Зубайдулоевич** - н.и.и., дотсент мудири кафедраи иқтисоди миллӣ  ва соҳибкорӣ. тел: 986-40-50-50. E-mail: nuridinovsunatulo68@gmail.com

Дар “Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024” дар ин робита гуфта мешавад, соли 2022 содироти 60 ҳазор тонна нахи пахта ба маблағи 89,9 млн доллар пешбинӣ гардида, дар соли 2023 ин нишондиҳанда 50 ҳазор тонна (78,6 млн доллар) ва соли 2024 – 40 ҳазор тонна (66,1 млн доллар) иҷро  шудааст. Тибқи ҳисобу китоби иқтисодчиён, аз 1 тонна пахта вобаста ба навъ ба ҳисоби миёна 300-350 кило нах ва 560-580 кило тухмӣ  гирифта мешавад. Аз ин миқдор нах 350 – 400  метри мураббаъ матоъ ва аз тухмӣ – 100-120  кило равған, тақрибан 270  кило кунҷора ва 170 кило пасмондаи пӯсти чигит истеҳсол кардан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** стратегӣ, металлургия, диверсификатсия, иқтисодиёт, моддӣ, мамлакат, саноат.

## РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ИХ ДОХОДЫ

**Нуридинов Сунатуло Зубайдулоевич** - к.э.н., доцент, заведующий кафедрой национальной экономики и предпринимательства. тел: 986-40-50-50. E-mail: nuridinovsunatulo68@gmail.com

В связи с этим в «Прогнозе основных макроэкономических показателей Таджикистана на 2022-2024 годы» указано, что в 2022 году запланирован экспорт 60 тысяч тонн хлопкового волокна на сумму 89,9 млн долларов США, в 2023 году этот показатель выполнен на 50 тысяч тонн (78,6 млн долларов США), а в 2024 году — 40 тысяч тонн (66,1 млн долларов США). По расчетам экономистов, из 1 тонны хлопка в зависимости от сорта получается в среднем 300-350 килограммов волокна и 560-580 килограммов семян. Из этого количества волокна можно получить 350-400 квадратных метров ткани, а из семян — 100-120 килограммов масла, около 270 килограммов льна и 170 килограммов остатков лузги семян.

**Ключевые слова:** стратегический, металлургия, диверсификация, экономика, материал, страна, промышленность.

## DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THEIR INCOME

**Nuridinov Sunatulo Zubayduloevich** - PhD, Associate Professor, Head of the Department of National Economy and Entrepreneurship. Phone: 986-40-50-50. E-mail: nuridinovsunatulo68@gmail.com

In this regard, the "Outlook of the main macroeconomic indicators of Tajikistan for 2022-2024" states that in 2022, the export of 60 thousand tons of cotton fiber worth $ 89.9 million was planned, in 2023 this indicator was met by 50 thousand tons ($ 78.6 million), and in 2024 - 40 thousand tons ($ 66.1 million). According to economists' calculations, from 1 ton of cotton, depending on the variety, an average of 300-350 kilograms of fiber and 560-580 kilograms of seeds are obtained. From this amount of fiber, 350-400 square meters of fabric can be produced, and from seeds - 100-120 kilograms of oil, about 270 kilograms of linseed and 170 kilograms of seed husk residue.

**Keywords:** strategic, metallurgy, diversification, economy, material, country, industry.

Саноат яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди мамлакат ва тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, рушди он ба пешрафти бахшҳои дигари иқтисодиёт заминаи мусоид мегузорад ва нуфузу мавқеи давлатро дар арсаи байналмилалӣ устувор менамояд.

Бо дар назардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ 26 декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии мамлакат саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуда буданд.

Бо ҳамин мақсад барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 дар ҳошияи паёми Пешвои миллат таҳия гардид.

Мақсади барнома ин таъмин намудани рушди устувор ва рушди босуръати саноат тавассути диверсификатсияи он ва баланд бардоштани рақобат мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон "Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла, "Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025", "Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022", "Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" ва "Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020" амалӣ гардида истодаанд. Барномаҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад[15].

Пешвои муаззами миллат дар Паёмашон таъкид намуданд, ки дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат, дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонда шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи кор таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи кор ташкил карда шудааст.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби Пешвои миллат супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои

[15] Низомова Т.Д. Микроиқтисодиёт. Китоби дарсӣ. Душанбе «Олами китоб». 2010. – 384 с

рушди истеҳсолоти саноатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд. Инчунин, ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Пешвои муаззами миллат дар доираи "Солҳои рушди саноат" дар панҷ соли минбаъда Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро вазифадор намудабуданд, ки барои таъмин кардани рушди саноати сабук доир ба 5 маҷмааи коркарди ниҳоии нахи пахта бо ҷалби беш аз 11 миллиард сомонӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Дар "Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024" дар ин робита гуфта мешавад, соли 2022 содироти 60 ҳазор тонна нахи пахта ба маблағи 89,9 млн доллар пешбинӣ гардида, дар соли 2023 ин нишондиҳанда 50 ҳазор тонна (78,6 млн доллар) ва соли 2024 – 40 ҳазор тонна (66,1 млн доллар) иҷро шудааст. Тибқи ҳисобу китоби иқтисодчиён, аз 1 тонна пахта вобаста ба навъ ба ҳисоби миёна 300-350 кило нах ва 560-580 кило тухмӣ гирифта мешавад. Аз ин миқдор нах 350 – 400 метри мураббаъ матоъ ва аз тухмӣ – 100-120 кило равған, тақрибан 270 кило кунҷора ва 170 кило пасмондаи пӯсти чигит истеҳсол кардан мумкин аст.

Корхонаҳо ҳамеша дар назди худ мақсад мегузоранд, ки даромадашон аз хароҷоти истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ зиёд бошад, вале муатассифона, на ҳамеша ба ин комёб мешаванд.

Агар даромад ба арзиши аслӣ баробар шавад, дар ин ҳолат маълум мегардад, ки ба корхона муяссар гардидааст, ки танҳо хароҷоти сарфкардашударо барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот пурра гардонад. Дар мавриди безарар фурӯхтани маҳсулот, фоида ҳамчун сарчашмаи тараққиёти истеҳсолот, тараққиёти илмию техникӣ ва иҷтимоиёт хизмат мекунад[16].

Дар мавриди харҷи бештаре, ки аз даромад зиёдтар аст, корхона зарар мебинад, ки ин натиҷаи манфии молиявӣ мебошад ва ин корхонаро дар ҳолати вазнини молиявӣ гузошта, оқибат онро муфлис мегардонад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳамияти даромад бузург аст. Молистеҳсолкунандагон барои ба даст овардани даромад ҳавасманданд, бинобар ин онҳо кӯшиш менамоянд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намоянд, молҳоеро истеҳсол намоянд, ки ба истеъмолкунандагон бисёр лозим бошанд ва молҳои истеҳсол мекардагиашонро бо харҷи камтар тавлид намоянд. Дар шароити рақобати мутараққӣ бо ин роҳ на танҳо корхона ба мақсади худ мерасад, балки дар баробари ин эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ қонеъ гардонида мешавад.

Барои корхона даромад омили нишондиҳандаи он аст, ки дар куҷо ва чӣ тавр имконоти коҳиш додани андозаи арзиш мавҷуд аст. Зарар дидани корхона низ нақши муассири худро дорад, зеро камбудиҳои маблағгузорӣ, ташкили истеҳсолот ва фурӯхтани маҳсулот ошкор мегардад. Ноустувории иқтисодӣ, вазъияти инҳисории молистеҳсолкунандагон ташкил ёфтани даромадро ҳамчун даромади холис халалдор мекунад ва ба он оварда мерасонад, ки молистеҳсолкунандагон кӯшиш мекунанд, ки даромадро асосан аз ҳисоби баланд бардоштани нарх ба даст дароранд.

Нишондиҳандаи муҳимтарини молиявӣ ин фоидаи тавозунӣ ба ҳисоб меравад.

1. [16] Омори солонаи ҶТ, АОПҶТ.-2019.- с. 208.
2. Пириев Ҷ.С., Исайнов Ҳ.Р, Давлатов Қ.Қ., Тағоев Ҷ.Ҳ. Иқтисодиёти кишоварзӣ (Воситаи таълимӣ) - Душанбе: «Ирфон», 2005.- 273 с.

Фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) ҳамчун фарқият байни пули ба даст омада, аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти тайёр ва арзиши аслии пурраи истеҳсолӣ фаҳмида мешавад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки пайдоиши он ба даромади умумии корхона аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти худ бо нархҳое, ки дар асоси талабот ва пешниҳодот ба вуҷуд омадааст, вобастагӣ дорад. Даромади умумии корхона - пули ба даст омада аз ҳисоби фурӯхтани маҳсулот, шакли холиси маҳсулоти корхона ба шумор рафта, маош барои меҳнат ва фоидаро дар бар мегирад.

**Адабиёт**


1. Котлер Ф. и др. Основы маркетинга. – СПб.: К: Издат. Дом «Вилямс», 1999. – 1056 с.
2. Курс экономики. Учебник. / Под ред. Б.А. Райзберга. – М: ИНФРА-М, 2000.- 716 с.
3. Кодиров, Ф. А. Некоторые вопросы реструктуризации системы управления производством на промышленных предприятиях Республики Таджикистан / Ф. А. Кодиров, С. Фаррухзода // Финансово-экономический вестник. – 2019. – № 3(19). – С. 109-116
4. Қодиров, Ф. А. Ташаккули идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ - асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазирӣ / Ф. А. Қодиров, У. Ш. Халилзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 497-505.
5. Меньшенина И.Г. Кластерообразование в региональной экономике: Монография.– Екатеринбург: Издательство Уральского государственного университета, - 2008. – 154 с.
6. Низамова Т.Д. Нақши соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалии “Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:ҳолат ва дурнамои инкишоф”(Душанбе, 15 маи соли 2018).- Душанбе: Дониш, 2018,- с.209.


## ФАЪОЛГАРДОНӢ ВА РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ АСОСИ ТАДБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2030


**Сулаймонзода Шухрат Фирдавс -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти биржавӣ, унвонҷӯ-докторанти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов. 64/14. Тел.: (+992) 940-63-63-63. Почтаи электронӣ: Sulaymonzoda_sh@mail.ru



Вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон мамлакатҳои рӯ ба тараққиро водор месозад, ки дар сиёсати давлатии худ ҳадафҳои стратегиро пешбини намуда, ҷиҳати бо муваффаққият амали намудани он аз тамоми захираву имкониятҳои мавҷудаи иқтисодии худ истифода намоянд. Муаллиф дар таҳқиқоти мавзуи худ, аз устуворона қадам гузоштани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафи стратегии чорум, яъне саноатикунонии босуръати кишвар хеле маълумотҳои зарури пешниҳод намудааст. Зимни натиҷагирӣ аз таҳлил, муаллиф дар доираи донишҳои назариявию амалии хеш, бо мақсади боз ҳам беҳтару хубтар амалинамоии стратегия ва баромамаҳои соҳави саноати мамлакат пешниҳодҳои мафидро манзур намуданд.

**Вожаҳои калидӣ**: рушди устувори иқтисодӣ, саноат, мушкилот, ММД, стратегия, тадқиқот, арзёбӣ, иқтидор, технология, иқтисод, ҳадаф, таҷриба, маҳсулот.

## АКТИВИЗАЦИЯ И РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ – ОСНОВА РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ПЕРИОД ДО 2030 ГОДА

**Сулаймонзода Шухрат Фирдавс -** кандидат экономических наук, доцент кафедры биржевой деятельности, докторант кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимов. 64/14. Тел.: (+992) 940-63-63-63. Электронная почта: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

Изучение, анализ и внедрение опыта развитых стран в области государственной промышленной политики является одним из приоритетов разумной государственной политики. Поэтому автором данной статьи рассмотрена приоритетная политика промышленного сектора стран мира и возможность ее реализации в Республике Таджикистан с учетом специфики национальной экономики страны.

**Ключевые слова:** зарубежные страны, устойчивое развитие, промышленность, фактор, ВВП, стратегия, исследование, программа, оценка, концепция, потенциал, технология, экономика, цель, опыт, эффективность.

## ACTIVATION AND DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES – THE BASIS FOR THE IMPLEMENTATION OF THE INDUSTRIAL DEVELOPMENT STRATEGY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE PERIOD UP TO 2030

**Sulaymonzoda Shuhrat Firdavs -** Associate Professor of the Department of Stock Exchange Activities, Doctoral Candidate of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street. 64/14. Tel.: (+992) 940-63-63-63. E-mail: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

Studying, analyzing and implementing the experience of developed countries in the field of state industrial policy is one of the priorities of reasonable state policy. Therefore, the author of this article examined the priority policy of the industrial sector of the countries of the world and the possibility of its implementation in the Republic of Tajikistan, taking into account the specifics of the national economy of the country.

**Key words:** foreign countries, sustainable development, industry, factor, GDP, strategy, research, program, assessment, concept, potential, technology, economy, goal, experience, efficiency.

Таҳлилҳои назариявӣ ва амалии иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад, ки яке аз заминаҳои асосии амалинамоии ҳадафҳои стратегии мамлакат, хусусан саноатикунонии босуръати кишвар, ин фаъолгардонӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар ҷаҳони зудтағйирёбанда маҳсуб меёбад. Дар раванди бе ниҳоят мураккаб, кишвари маҳбуби мо дар сиёсати давлатӣ оид ба саноат, пурра ба кор андохтани имкониятҳои истеҳсолӣ, ҳар чӣ бештар ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, беҳтар гардонидани сифати молу маҳсулот

ва хизматрасонӣ, рушди содирот ва ивазкунандаи воридот, кам кардани хароҷоти барзиёд ва истифодаи дурусту мақсадноки захираҳо, сода ва шаффоф гардонидани тартиби танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ аҳамияти махсус дода истодааст. Ин раванд тақозо менамояд, ки татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои болозикр ва илова бар ин, чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникию технологӣ, сармоягузорӣ ва танзими давлатӣ, ки метавонанд мавқеи пешбарандаи саноатро таъмин намоянд ва заминаи хуб ҷиҳати иҷрои ҳадафҳои дар Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинишударо фароҳам оварад.

Пас аз таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи саноат, ки зимни ироаи Паёмҳояшон соли 2016 яъне аз оғози таҳияи Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [1], соли 2018 бошад, ин эълон гардидани саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчум ҳадафи чаруми миллӣ [2], ва соли 2021 пешниҳод намуда буданд, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад [3], шаҳодат аз он медиҳад, ки рушди саноат ҳамчун соҳаи афзалиятноки давлатӣ, зери сиёсати роҳбарияти давлату ҳукумат қарор дорад.

Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки то имрӯз кишвари мо барои қисман бартараф намудани як қатор масъалаҳои марбут ба соҳаи саноат, аз он ҷумла:

а) аз байн бурдани мавқеи корхонаҳо ҳамчун истеҳсолкунандаи ашёи хом ва нимтайёр;

б) гузариш ба сикли пурраи истеҳсолот (яъне истеҳсоли маҳсулоти тайёри самти содиротию ивазкунандаи воридот);

в) вусъатбахшии раванди ҳамгироӣ (интегратсия) ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ;

г) саҳмгузорӣ дар қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулоти саноатӣ;

д) фаъол гардонидани раванди навсозии техникӣ ва технологии истеҳсолот;

е) корҳои озмоишӣ – тадқиқотӣ ва азхудкунии лоиҳаҳои сохтмони корхонаҳои нав бо истифода аз манбаъҳои ашёи хоми табиӣ, кишоварзӣ ва захираҳои меҳнатӣ, ки муносибатҳои нави иқтисодиро тақозо менамояд, муваффақ гардидааст.

Агар ба нишондиҳандаҳои оморие, ки аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми навбатиашон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба Маҷлиси олии мамлакат санаи 28-уми декабри соли 2024 иброз доштанд, назар намоем, дар 5 соли охир 2040 корхонаи саноатӣ ва танҳо дар соли 2024 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, 74 ҳазор ҷойи корӣ (дар соли 2024 қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ) таъсис дода шуда, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиарди соли 2018 ба 53 миллиард сомонӣ дар соли 2024 расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад [4]. Ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар бошад дар соли 2024 тақрибан 17 фоизро ташкил медиҳад.

Натиҷаи таҳлили маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳ медиҳад, ки нишондиҳандаҳои асосие, ки саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсф мекунад, шумораи корхонаҳои саноатӣ соли 2019 2164-ададро ташкил менамуд, ин рақам дар соли 2024 бошад ба 4204-адад расидааст, яъне дар 5 соли охир 94,2% шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёд шуда, суръати миёнасолонаи рушди соҳа дар ин давра дар сатҳи 17 фоиз арзёбӣ мегардад [10]. Як нуктаи муҳимеро бояд қайд намуд, ки тибқи таҳлили Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 айни

замон шакли моликияти 90 фоизи корхонаҳои соҳаи саноат хусусӣ буда, 10 фоизи онҳо корхонаҳои давлатии саноатӣ мебошад [6].

Айни замон вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон моро водор месозад, ки барои таъмин намудани рушди устувори иқтисодии мамлакат бо роҳи гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ, иваз намудани ҷойгоҳи саноат ҳамчун истеҳсол ва содиркунандаи ашёи хом бо роҳи тағйироти технологӣ, аз байн бурдани истеҳсолоти ашёи хом, нимтайёр ва гузариш ба истеҳсолоти маҳсулоти тайёр, бо ин мақсад истифодаи бештари манбаъҳои ашёи хоми табиӣ, кишоварзӣ ва захираҳои меҳнатӣ, афзалият додан ба дигаргунсозии куллии сохторӣ хусусан рақамикунонии истеҳсолот ва тағйир додани самти фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, бо мақсади мутобиқгардонии онҳо ба талаботи зудтағйирёбандаи иқтисодии бозоргонӣ бояд диққати аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Мусаллам аст, ки солҳои охир бо мақсади рушд додани соҳаи саноати мамлакат ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳа имтиёзҳои андозӣ муқаррар шуданд, ки онҳо дар навбати аввал аз ғамхориҳои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегиранд. Дар мулоқотҳои ҳарсолаи Сарвари давлат бо соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дар хусуси пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва дигар сабукиҳо сухан ба миён оварда, ҳамеша онҳоро ҷонибдорӣ менамояд. Масалан, аз 1 январи соли 2018 воридоти таҷҳизоти барои рушди истеҳсолоти воқеӣ пешбинишуда аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд. Ин яке аз роҳҳои ҳавасманд гардонидани соҳибкорон барои ташкили корхонаҳои саноатӣ ба шумор рафта буд, ки дар натиҷа солҳои охир чи тавре, ки аз таҳлили маълумотҳои омори маълум гардид, аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ корхонаҳои зиёди саноатии коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда таъсис дода шуда, ки аз дурустии сиёсати бомуваффақияти роҳбарияти давлату ҳукумати мамлакат шаҳодат медиҳад.

Новобаста аз ташаббусҳои ҳукумати мамлакат ҳоло ҳам мушкилотҳои дар ин самт дида мешавад. Яке аз мушиклоти калидии соҳаи мазкур ин рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар бозорҳои дохила ва хориҷӣ кишвар мебошад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бозори ватании мо имрӯзҳо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатии ватанӣ хеле маҳдуд гардида, рақобатнокии онҳо дар байни маҳсулотҳои воридотӣ нигаронкунанда мебошад. Зеро, ки пешниҳоди маҳсулоти воридгашта бо нархҳои дастрас (арзон) ва сифати на он қадар хуб харидоронро ба худ ҷалб мекунад ва таваҷҷуҳи онҳоро аз маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатии ватанӣ, ки сифати хубу нархи гарон дорад, коста мегардонад.

Дар хотима мехостам барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва беҳбудии фаъолити соҳа як чанд пешниҳоди худро манзур намоям, то ки корхонаҳои саноатии ватанӣ фаъолияти минбаъдаашонро дар бозори дохилию ҳориҷи ҳифз намуда, рақобатнокии маҳсулоташонро таъмин созанд. Аввалан, ворид намудани технологияҳои пешрафтаи рақамӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ, омӯзиши воқеъии бозори дохилӣ ва хориҷӣ, дар заминаи ҳамкории зич бо корхонаҳои пешрафтаи саноатии ҷаҳонӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти саноатии инноватсионӣ, ворид намудани навгониҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот, бо мақсади баланд бардоштани нуфузи корхона таъсис намудани корхонаҳои муштараки саноатӣ, ҷалби саривақти сармоя барои пешбурди фаъолияти бардавом, ба роҳ мондани истеҳсолоти бепартов ва кампартов ва таъмини саривақтии истеъмолкунандагон  бо маҳсулот бениҳоят муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти фаъолгардонӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи чоруми мамлакат, яъне саноатикунонии босуръати кишвар амалӣ ва таҳкими иқтидори иҷтимоии бахши хусусӣ дар саноат, баланд бардоштани мавқеи он дар ҳалли мушкилоти шуғл, афзоиши баромаднокӣ ва инкишофи хусусиятҳои касбию зеҳнии кормандони соҳа, таҳкими сохтори таркибии истеҳсолот, самарабахш гардонидани сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионӣ ва такмили механизми дастгирии давлатӣ тариқи таъмини санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки асоси татбиқи Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 маҳсуб меёбад, амалӣ карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2016. Захираҳои эректрони Президенти Тоҷикистон | Паём (санаи мурочият 12.04.2025).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2018. Захираҳои эректрони Президенти Тоҷикистон | Паём (санаи мурочият 12.04.2025).
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2021. Захираҳои эректрони Президенти Тоҷикистон | Паём (санаи мурочият 12.04.2025).
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024. Захираҳои эректрони Президенти Тоҷикистон | Паём (санаи мурочият 12.04.2024).
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Захираи электронӣ: https://medt.tj/tj/strategiya-va-barnomaho/smr-2030 (санаи мурочият 03.04.2025).
6. Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Захираи электронӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=131234 (санаи мурочият 07.03.2025)
7. Исмонов Ф.Б. Государственная поддержка и регулирование предпринимательской деятельности в сфере промышленного производства» (на примере налоговой политики) //Авторeферати дисс. к.э.н.-Душанбе, 2007. - 18с
8. Комилов С.Дж., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Экономика предприятия: учебник/С.Дж. Комилов, Т.Д. Низомова, У. Давлатзод.- Душанбе: Изд-во «Диловар», 2015. - с.640
9. Кодиров, Ф. А. Повышение конкурентоспособности промышленных предприятий в условиях смены технологического уклада: экосистемный подход / Ф. А. Кодиров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – Т. 2, № 4(44). – С. 93-101.
10. Кодиров, Ф. Управление развитием маркетинговой деятельности промышленных предприятий Республики Таджикистан (на основе применения 10 принципов Гая Кавасаки) / Ф. Кодиров, О. М. Шарофиддинов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2021. – № 1(262). – С. 102-106.
11. Низомива Т.Д. Иқтисодиёти саноат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии таҳсилоти низоми кредитӣ. 2020. – 458 саҳ.
12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОПҶТ,2018.-С.253. 429 саҳ.

## ВОДНЫЕ РЕСУРСЫ ТАДЖИКИСТАНА И ПРОБЛЕМЫ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

**Урунбоев Абдумухтор** - к.э.н., доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Телефон: (+992) 988217644.

**Абдумухторзода Нигина Абдумухтор** – к.э.н., доцент кафедры национальной экономики и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Телефон: (+992) 971236023.

В статье рассматриваются важные вопросы повышения устойчивости системы водопользования в сельском хозяйстве, в том числе в условиях орошаемых земель, рассматривается согласование системы управления водными ресурсами на организационном, экономическом и техническом уровнях. Также предлагаются решения ситуаций, препятствующих рациональному освоению водных ресурсов.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, водопользование, орошаемое земледелие, водные объекты, сельскохозяйственное производство, развитие, реконструкция.

## ЗАХИРАХОИ ОБИИ ТОЧИКИСТОН ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ОНҲО ДАР ХОЧАГИИ КИШЛОК.

**Урунбоев Абдумухтор** - номзади илми иктисоди, дотсенти кафедраи тахлили иктисоди ва омори Донишгохи давлатии молия ва иктисоди Точикистон. Телефон: (+992) 988217644.

**Абдумухторзода Нигина Абдумухтор** - номзади илми иқтисод, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: (+992) 971236023.

Дар мақола масъалаҳои муҳими баланд бардоштани устувории системаи истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар заминҳои обёришаванда баррасӣ шуда, ҳамоҳангсозии системаи идоракунии захираҳои об дар сатҳи ташкилӣ, иқтисодӣ ва техникӣ баррасӣ карда мешавад. Инчунин роххои халли вазъиятхое, ки ба тараккиёти окилонаи захирахои об халал мерасонанд, пешниход карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** кишоварзӣ, истифодаи об, кишоварзии обӣ, объектҳои об, истеҳсолоти кишоварзӣ, рушд, азнавсозӣ.

## WATER RESOURCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND PROBLEMS OF THEIR USE IN AGRICULTURE

**Urunboev Abdumukhtor** – c.e.s, associate professor of the department of economic analysis and statistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Phone: (+992) 988217644.

**Abdumukhtorzoda Nigina Abdumukhtor** – c.e.s, associate professor of the department of national economy and entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics. Phone: (+992) 971236023.

The article examines important issues of increasing the sustainability of the water use system in agriculture, including in the conditions of irrigated lands, considers the harmonization

of the water resources management system at the organizational, economic and technical levels. It also offers solutions to situations that impede the rational development of water resources.

**Key words:** agriculture, water use, irrigated agriculture, water bodies, agricultural production, development, reconstruction.

В сельском хозяйстве большое значение имеет вопрос сохранения, охраны и воспроизводства природных, прежде всего водно-земельных ресурсов, проблемы их экономической оценки и рационального использования, направленных на обеспечение продуктами питания, объемом и качеством водоснабжения и дисбалансом агроэкологических систем. Следует отметить, что водно-земельные ресурсы служат не только для удовлетворения потребностей общества в жизненных благах, но и в значительной мере обеспечивают устойчивость экосистемы. В связи с этим проблемы устойчивого водопользования являются одной из важнейших задач, от решения которых во многом зависит уровень экологической и продовольственной безопасности страны.

Вода - уникальный ресурс, необходимый для функционирования всех сфер человеческой деятельности. Она является средой обитания водных организмов, активно влияет на формирование ландшафтов суши. Любые изменения в природной среде влияют на водные ресурсы и, наоборот, изменение количества, режима и качества вод является одним из основных экологических факторов окружающей среды. Все это свидетельствует о том, что «… с водой в живые организмы и растения поступают загрязняющие вещества, большинство из которых накапливается в них. Вся биота по существу является своего рода фильтром, но, к сожалению, с очень небольшим ресурсом. Следовательно, для существования биоты необходимы водные ресурсы определенного качества» [1]. Поэтому устойчивое использование водно-земельных ресурсов в орошаемом земледелии требует постоянного внимания.

Необходимо отметить, что рост антропогенной нагрузки на агроэкосистемы и связанное с этим ухудшение качества воды и состояние водных объектов оказывают существенное влияние на результативность функционирования многоотраслевого водохозяйственного комплекса, значительно ограничивают масштабы развития водоемких отраслей экономики, ухудшают условия жизнедеятельности населения и его здоровье. Более того, расширяющиеся масштабы нерационального водопользования с учетом современного и перспективного развития на фоне ограниченности водных ресурсов порождают целый ряд экологических проблем.

Наряду с другими эколого-экономическими проблемами состояние мелиоративного комплекса играет важную роль в орошаемом земледелии, определяет экологическую устойчивость природных систем и экономическую эффективность сельскохозяйственного производства. Более того, низкий технический уровень оросительных систем, высокие оросительные нормы для промывного режима орошения, отвод дренажных вод в реки и повторное использование возвратных вод, применение минеральных удобрений и ядохимикатов, несовершенство устойчивого механизма водопользования и др., ухудшая мелиоративное и экологическое состояние орошаемого земледелия, приводят к росту потери водных ресурсов на пути от источника до потребителя. В итоге сложившееся положение с водными ресурсами превратилось в серьезный фактор, сдерживающий темпы социально-экономического развития. При этом в большинстве случаев орошаемые угодья подтверждены деградации и загрязнению, теряют устойчивость к разрушению,

способность к восстановлению и их охраны водных объектов, в результате нерационального использования земель, неполной реализации комплекса мелиоративных мероприятий. Поэтому на фоне снижения урожайности сельскохозяйственных культур и ущерба природным экосистемам необходим поиск более устойчивых механизмов земле - и водопользования в условиях рыночных отношений. В связи с этим, известно, что «…на долю отраслей орошаемого земледелия приходится 80-82% валовой продукции, 85-87% полученного дохода от всего сельскохозяйственного производства республики. Продуктивность орошаемых земель более чем в 5 раз выше продуктивности богарных пашен, что свидетельствует о социально-экономическом значении орошаемых пашен в Таджикистане» [2].

В начале 1990-х годов независимости и нарастанием политической нестабильности в Республике Таджикистан ситуация начала резко ухудшаться. Это было связано, прежде всего, с сокращением финансирования мероприятий по мелиоративному улучшению поливных земель, борьбы с негативными последствиями техногенного и природного характера в зонах орошаемого земледелия. Так, значительная часть оросительных каналов нуждается в реконструкции, особенно ее внутрихозяйственная часть. В результате отсутствия надлежащего учета во внутрихозяйственной сети, практически бесплатного и недостаточно жесткого лимитирования водопользования постоянно растет перерасход и злоупотребление водой, что отрицательно сказывается на экологическом состоянии орошаемых земель и увеличении ирригационной эрозии, вторичном засолении, загрязнении сбросной водой, накоплении в воде и почве вредных загрязняющих веществ.

Сложившаяся ныне ситуация в сфере водопользования в сельском хозяйстве в значительной степени связана с ростом народонаселения, расширением водоемких культур и производств, загрязнением компонентов окружающей среды и т. д. Все это привело к увеличению объема водозабора из источников, росту потери при транспортировке и нерациональному использованию водных ресурсов в целом и, как следствие, к усилению дефицита оросительной воды.

Практически 95% продукции растениеводства республика получает с поливных площадей. Фактически 70% всей потребляемой воды используется на нужды регулярного орошения, 12% на хозяйственно-питьевые нужды, 11% на производство, 4% на сельскохозяйственное водоснабжение. Потери воды при транспортировке составляют примерно 17%, что является прямым следствием низкой эффективности оросительных каналов и прочих водохозяйственных сооружений, коэффициент полезного действия которых находится в пределах 0,55 - 0,65. Прямой метод орошения потребляет 14-16 тыс. $м^3$ воды на гектар, тогда как альтернативные методы могли бы сократить расход воды для этих целей на 15-25%, однако из-за высокой стоимости они практически не используются.

Отсутствие комплексности в проведении мероприятий по повышению продуктивности орошаемых земель усилило вышеуказанные процессы, многократно увеличивая объемы и масштабы их негативного последствия. Слабая заинтересованность в конечных результатах земледелия, низкий уровень механизации и значительный удельный вес доли ручного труда при орошении и возделывании сельскохозяйственных культур создают серьезные ограничения на пути к освоению и внедрению интенсивных, земле - и водосберегающих технологий в зонах орошаемого земледелия. Это обусловлено тем, что затраты на оросительные системы часто не подкрепляются необходимыми мерами по эффективному использованию поливной воды и орошаемых земель. Это привело к

усугублению положения хозяйствующих субъектов и снижению эффективности их деятельности в условиях малоземелья и роста дефицита поливной воды.

Очевидно, что без изменения стратегии развития сельского хозяйства, оптимизации структуры орошаемого земледелия и улучшения функционирования водохозяйственного комплекса страны добиться реального прогресса в решении проблем повышения устойчивости водопользования очень сложно. Поэтому планомерное и целенаправленное преодоление этих тенденций является одной из основных задач ближайшего времени при условии коренного изменения стратегии ведения сельского и водного хозяйства, развития мелиорации и реконструкции оросительной системы земледелия.

В нынешних условиях общее мнение заключается в том, что вопросы повышения устойчивости системы водопользования в условиях орошаемого земледелия могут решаться за счет проведения комплекса мелиоративных мероприятий (агрохимические, гидротехнические, агролесомелиоративные, биологические), реконструкции мелиоративных систем, а также внедрения ресурсосберегающих технологий земледелия, которые в совокупности позволят обеспечить минимальное антропогенное воздействие на окружающую среду, улучшить экологическое состояние орошаемых земель, сохранить уровень плодородия почв и повысить эффективность сельскохозяйственного производства.

Для устойчивого механизма водопользования необходим, прежде всего, комплексный подход, применение которого позволит создать благоприятные условия для реализации природоохранных мер в региональном аспекте. Это, в частности, означает, что строить водную политику следует таким образом, чтобы эффекты, достигаемые в масштабе регионов, не сводились на нет отрицательным влиянием факторов, имеющих более широкий горизонт воздействия. При этом известно, что решение этих проблем во многом зависит от финансирования выше проводимых мероприятий и привлечения инвестиционных ресурсов, которые способствуют развитию и модернизацию сельского хозяйства.

**Литература**

1. Айдаров И.П. Комплексное обустройство земель. Монография. – М.: МГУП, 2007. – 208с.

2. Исайнов Х.Р. Эколого-экономические проблемы развития мелиорации в сельском хозяйстве (на примере орошаемого земледелия Таджикистана). - Душанбе: «Ирфон», 2003.

3. Краснощеков В.Н. Теория и практика эколого-экономического обоснования комплексных мелиораций в системе адаптивно-ландшафтного земледелия (монография). – М., МГУП, 2001.

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТӢ

**Носирзода Ҳусейни Саъдулло** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: nosirzoda.0707@mail.ru. Телефон: 903-03-30-35.

**Носиров Нозим Саъдуллоевич -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – магистранти соли 2-юм. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: nosirov_2001@mail.ru. Телефон: 887-30-01-00

Дар мақола баъзе аз масъалаҳои рушди устувори инноватсионии соҳаи саноати кишвар бо таъсири ҷоринамоии технологияҳои инноватсионӣ баррасӣ шуда, дар он омилҳои рушди устувор, баланд бардоштани рақобатнокӣ, заминаҳои ташаккули саноат, рушди ҷойҳои нави корӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамии соҳаи саноат мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Муаллифон вобаста ба нақши технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани рушди устувори саноатии кишвар, ташаккули равандҳои истеҳсолӣ, самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ, маърифати техникӣ-молиявӣ, сарчашмаҳои нави рушд, барориши маҳсулоти нав ба бозор андешаҳои судманд иброз намудаанд.

Дар мақола қайд карда мешавад, ки барои рушди устувори соҳаи саноатӣ нақши техника ва технологияҳои инноватсионӣ бузург буда, тақвияти иқтидори истеҳсолӣ ва ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок аз он вобастагии зич дорад.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, техника ва технология, саноат, маърифати техникӣ, иқтидори истеҳсолӣ, рушди равандҳои инноватсионӣ, хизматрасонӣ, маҳсулоти воридотивазкунанда ва рушди устувор.

## РОЛЬ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УКРЕПЛЕНИИ УСТОЙЧИВОГО ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ

**Носирзода Хусейни Садулло** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, к.э.н., старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Электронная почта: nosirzoda.0707@mail.ru. Телефон: 903-03-30-35.

**Носиров Нозим Садуллоевич** - Таджикский государственный финансово-экономический университет - студент 2 курса магистратуры. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Электронная почта: nosirov_2001@mail.ru. Телефон: 887-30-01-00

В статье рассматриваются некоторые вопросы устойчивого инновационного развития промышленного сектора страны с учетом влияния внедрения инновационных технологий, рассматриваются факторы устойчивого развития, повышения конкурентоспособности, основы становления промышленности, создания новых рабочих мест, перехода к цифровой экономике в промышленном секторе.

Авторы высказали полезные идеи относительно роли инновационных технологий в повышении устойчивого промышленного развития страны, формировании производственных процессов, эффективном использовании производственных ресурсов, технической и финансовой грамотности, новых источников развития и выводе на рынок новых продуктов.

В статье отмечается, что для устойчивого развития промышленного сектора велика роль инновационной техники и технологий, от которой тесно зависит укрепление производственных мощностей и организация выпуска конкурентоспособных товаров и продукции.

**Ключевые слова:** инновации, технологии и оборудование, промышленность, технические знания, производственные мощности, развитие инновационных процессов, услуги, импортозамещающая продукция, устойчивое развитие.

# THE ROLE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN STRENGTHENING SUSTAINABLE INDUSTRIAL DEVELOPMENT

**Nosirzoda Husseini Sadullo** – Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Department of Accounting. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: nosirzoda.0707@mail.ru. Phone: 903-03-30-35.

**Nosirov Nozim Sadulloevich** - Tajik State University of Finance and Economics - 2nd year master's student. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: nosirov_2001@mail.ru. Phone: 887-30-01-00

The article examines some issues of sustainable innovative development of the industrial sector of the country, taking into account the impact of the introduction of innovative technologies, considers the factors of sustainable development, increasing competitiveness, the basis for the development of industry, the creation of new jobs, the transition to a digital economy in the industrial sector.

The authors put forward useful ideas regarding the role of innovative technologies in enhancing the country's sustainable industrial development, the formation of production processes, the efficient use of production resources, technical and financial literacy, new sources of development and the launch of new products to the market.

The article notes that innovative technology and equipment play a major role in the sustainable development of the industrial sector, as strengthening production capacities and organizing the production of competitive goods and products closely depend on them.

**Key words:** innovation, technology and equipment, industry, technical knowledge, production capacity, development of innovative processes, services, import-substituting products, sustainable development.

Густараши муносибатҳои иқтисодӣ, ки барои марҳилаи муосири рушди ҷамъиятӣ хос аст, ба рушди низоми техника ва технологияҳои инноватсионӣ ва таҳкими муносибатҳои истеҳсолии саноатӣ асос ёфтааст. Техника ва технологияҳои инноватсионӣ дар замони муосир, ки асоси рушди низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ба дониш, захираҳои зеҳнӣ, салоҳиятҳои инсон ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ такя намуда, омили асосии рушди устувор ва механизми баланд бардоштани рақобатпазирӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки 26-уми декабри соли 2018 эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегияи миллии рушд, яъне саноатикунонии кишвар аз ҷони роҳбарияти олии кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди иқтисодиёти мамлакат ҳадафҳои навро гузошт. Тавре маълум аст, соҳаи саноат як комплекси мурракаби истеҳсолӣ ба ҳисоб рафта, барои иҷрои ҷараёни истеҳсолот, рушди устувори иқтисодӣ, коркарди захираҳо, ашёи хому масолеҳ ва маҳсулоти нимтаёр равона мегардад.

Барои амалӣ гардонидани стратегияи миллии рушд ва таъмин намудани рушди соҳаҳои саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳою санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ то ба имрӯз таъсиси корхонаҳои саноатӣ идома ёфта истода, ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ шудаистодаанд. Тамоми корхонаҳои саноатии кишвар ба шароити хуби корӣ фароҳам оварда шуда, дар он техника ва технологияҳои нави инноватсионӣ муҷҷаҳаз гардонида шудааст, ки ба рушди устувори иқтсоди миллӣ ва саноатикунонии мамлакат таъсири худро расонида истодааст.

Қобли зикр аст, ки саноати ватанӣ ҳамчун иқтидори калидии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, он барои таъмини устувори иқтисодиёт, баланд бардоштани иқтидори

содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ гузошта, бо ташкили заминаҳои нави инноватсионӣ дар бахшҳои иқтисодиёт нигаронида шудааст.

Бояд гуфт, ки аҳҳамияти техника ва технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи саноати миллии кишвар дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, афзун намудани ҳаҷму сифати маҳсулоти ватанӣ, таъмини рақобатнокии он равона шуда, барои гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавилкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Замони имрӯзаро бидуни инноватсия тасаввур кардан ғайри имкон буда, ҷорӣ намудани он ба суръат бахшидан, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо ва имконияти бештар баровардани маҳсулоти нави коркардшуда ба бозорҳои маҳсулоти дохиливу беруниро медиҳад. Чунончӣ қайд мешавад: “Дар айни замон яке аз афзалиятҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо мебошад. Муҳимтарин омили афзоиш рушди инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, ки бидуни рушди технологияҳои баланд ва ҷорӣ намудани коркардҳои инноватсионӣ дар саноат ғайриимкон аст.

Аҳамияти фаъолияти инноватсионӣ барои иқтисодиёти корхона бо нуктаҳои зерин муайян карда мешавад:

– омили рақобатпазирии маҳсулот ба ҳисоб меравад;

– дараҷаи мутобиқшавии корхонаро ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна баланд мебардорад;

– имконияти ба бозорҳои маҳсулоти берунӣ баромадани корхонаро васеъ менамояд;

– барои устувории дарозмуддат шароит фароҳам меорад”[4, 7].

Дар шароити низоми хоҷагидорӣ ва рушди бемайлони технологӣ соҳаи саноатро бе таъсири технологияҳои инноватсионӣ ва технологияҳои рақамӣ дарк намудан душвор аст. Зеро маҳз техника ва технологияҳои инноватсионӣ метавонад фишангҳои рушди соҳаро бартараф ва барои коркард ва фурӯши моли худ шароити муносибро фароҳам оварад. Албатта, маҳз дуруст ба роҳ инноватсия дар ин самт метавонад ба рушди устувор ва истеҳсолот замина гузорад. Тавре қайд мегардад: “... маҳз дуруст ба роҳ мондани арзишҳои илмии хусусияти инноватсионӣ дошта дар истеҳсолот, ба ташкил намудани низоми гузариш ба рушди устувор мусоидат намуда, он ба тарраққиёти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ замина мегузарад”[1, 182].

Соҳаи саноати ҷумҳурӣ дар марҳилаи рушд қарор дошта, пеш аз ҳама рушди ин соҳа бо дарназардошти комёбиҳои прогресии илмӣ-техникӣ асос меёбад. Инкишофи минбаъдаи соҳаи мазкурро дар ҷорӣ намудани инноватсия ва таҷҳизонидани техникаю технологияҳои нави муосир пешбинӣ карда, он ҳамчун сарчашмаи рушд ва тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ низ ба ҳисоб меравад. Тавре ки Тошматов М.Н. қайд мекунад: “... дар марҳилаи ҳозира омили асосии афзоиши устувори иқтисодиёт, таъмини рақобатпазирии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолӣ аз прогресси илмию техникӣ вобастагӣ дорад”[6, 182]. Албатта, техника ва технологияҳои муосир дар рушди соҳаи саноат равандҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва идоракуниро самаранок гардонида, заминаҳои нави инноватсионӣ дар фаъолияти рушди соҳа ба назар мерасад.

Маҳз бо истифода аз техника ва технологияҳои инноватсионӣ соли 2024 ҳаҷми маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба солҳои пешнин ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд, ки Президенти мамлакат муҳтара Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2024 дар Паёми навбатиашон ироа намуданд.

Бо вуҷуди ин, дар равандҳои саноатикунонии босуръати кишвар масъалаҳое вуҷуд доранд, ки то ҳол ҳалли худро комилан наёфтаанд. Онҳо сатҳи пасти рақобатнокии

маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳо ба соҳаи саноат нарасидани кадрҳои баландихтисос, техника ва технологияҳои инноватсионӣ, хизматрасонии нокифоя, надоштани мавқеи устувор дар бозори ҷаҳонӣ ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, таъсиси корхонаҳои нав, ворид намудан ва истифодаи васеи техника ва технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани маърифати техникӣ-молиявӣ ва рақобатнокӣ дар бозор, қобилияти идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон яке аз омилҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки технологияи инноватсионӣ дар соҳаи саноат имконияти кам намудани вақти бароришии маҳсулоти нав ба бозорро таъмин намуда, самаранокии истеҳсолотро баланд мебардоранд. Он ба беҳтаршавии сифати маҳсулот, рақобатпазирии саноат ва зиёдшавии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат менамояд.

Рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчунин ба низоми идоракунӣ ва ҳамкории онҳо ба инфрасохтори муҳити инноватсионӣ вобаста мебошад. Дар ин самт Қодиров Ф.А. дар таҳқиқоти хеш собит намудааст, ки ташакули низоми идоракунии корпоративӣ ва тақвияти фаъолнокии иртибот бо паркҳои технологии донишгоҳҳои кишвар метавонад ба рушди инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мусодат намояд. [2,3]

Қобили қайд аст, ки барои дар сатҳи зарурӣ ҷорӣ намудани инноватсия ва гузариш ба модели нави инноватсионӣ дар замони муосир, хусусан ворид намудани техника ва технологияҳои инноватсионӣ аз давлатҳои пешсаф барои истеҳсоли маҳсулоти бо сифати саноатӣ ҳама гуна имкониятҳо мавҷуданд. Вале ҳанӯз ҳам дар самти таъмини технологияҳои замонавӣ, истифодаи дурусти он ва истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд. Тавре ки ишора шудааст: “Бинобар ақибмонии техника ва технология аксарияти корхонаҳои ватанӣ наметавонанд маҳсулоти рақобатпазирро ба стандартҳои байналмилалии сифат истеҳсол кунанд” [7,14].

Бояд гуфт, ки равандҳои нави иқтисодӣ моро водор месозад, ки оид ба масъалаи сарчашмаҳои нави рушди иқтисод, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва идоракунии технологияҳои иттилоотӣ кӯшиш намоем.

Пас зарур аст, ки ба рушди инноватсионии корхонаҳо диққати аввал дараҷа дода, ҷиҳати ноил гардӣ ба ҳадафҳои гузошташудаи стратегияи миллии рушди давлат дар корхонаҳои саноатӣ шароиту имкониятҳои мусоидро фароҳам созем.

Аз ин рӯ, таъсиси корхонаҳои нав, ворид намудан ва истифодаи васеи техника ва технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани маърифати техникӣ-молиявӣ ва рақобатнокӣ дар бозор, қобилияти идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон яке аз омилҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионии мамлакат ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. Асоев, Ҳ. Самтҳои инноватсионии гузариши Тоҷикистон ба рушди устувор / Ҳ. Асоев // Захираҳои обӣ, энергетика ва экология. – 2021. – Vol. 1, No. 3. – P. 182-189.

2. Қодиров, Ф. А. Ташаккули идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноатӣ - асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазирӣ / Ф. А. Қодиров, У. Ш. Халилзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 497-505.

3. Кодиров, Ф. А. Некоторые вопросы ускоренной индустриализации и инновационной активности университетских технопарков / Ф. А. Кодиров // Таджикистан и современный мир. – 2020. – № 4(72). – С. 160-172.

4. Муртазоев, О. Қ. Идоракунии инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О. Қ. Муртазоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 1(45). – P. 7-14.

5. Мирзоева, Е.Ш. Модель инновационного развития предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан // Финансово – Экономический Вестник №2 (22) 2020. - С. 94-102.

6. Тошматов, М.Н., Мирзорахимов, Н.Т, Проблемы формирования и развития инновационной экономикой Республики Таджикистан // Вестник ИЭ РАН.№5.2016. – С. 182-190.

7. Умаров, Ҳ. Ҷиҳатҳои назариявии рушди иқтисоди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ. Умаров, Ҳ. С. Носирзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 2(31). – P. 14-22.

8. Ҳамроев, М. И. Рақобатпазирӣ ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити саноат 4.0 / М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4-1(43). – P. 401-407. – EDN CJYDPD.

## ТАЪСИРИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ БА РУШДИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

**Давлатова Дилошуб Раҳматуллоевна** – сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 002 22 27 97. E-mail: ddiloshub@mail.ru

Буҷети давлатӣ захираи асосии маблағҳои пулие мебошад, ки дар шакли нақшаи молиявии давлатӣ оид ба ҷамъоварӣ, аз навтақсим кардан ва истифодаи маблағҳои пулӣ тартиб гардида, дар шакли қонун қабул ва амалӣ карда мешавад ва аз ҳамин ҳисоб мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоршударо иҷро менамоянд.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ ба мувозинатикунонии буҷетҳои сатҳои гуногун таъсир расонида тавассути дотатсия, субсидия ва субвенсия давлат соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллиро молиякунонӣ намуда, инчунин фондҳои эҳтиётӣ ва захиравӣ низ барпо намуда баҳри истифодаи мақсадҳои мушаххас онҳоро истифода мебарад.

**Калидвожаҳо:** молия, буҷети давлат, қарз, молияи давлатӣ, дотатсия, субсидия, субвенсия.

## ВЛИЯНИЕ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ НА РАЗВИТИЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ СФЕР ГОСУДАРСТВА

**Давлатова Дилошуб Рахматуллоевна** - главный специалист отдела науки и инноваций Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 002222797. Электронная почта: ddiloshub@mail.ru

Государственный бюджет является основным источником средств, который в форме государственного финансового плана по сбору, перераспределению и использованию средств, в форме закона будет принимать и реализовывать, и на этой основе будут осуществляться органы власти. и органы государственной власти, органы местного самоуправления несут за это ответственность.

Межбюджетные отношения повлияли на балансирование бюджетов разных уровней путем финансирования отдельных отраслей народного хозяйства за счет грантов, субсидий и субсидий, а также создания резервных и резервных фондов для конкретных целей, которые они используют.

**Ключевые слова:** финансы, государственный бюджет, долг, государственные финансы, субсидия, субсидия, субсидия.

## THE IMPACT OF INTERBUDGETARY RELATIONS ON THE DEVELOPMENT OF THE SOCIO-ECONOMIC SECTORS OF THE STATE

**Davlatova Diloshub Rahmatulloevna** – Chief Specialist of the Department of Science and Innovation of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 002222797. E-mail: ddiloshub@mail.ru

The state budget is the main source of funds, which is in the form of a state financial plan for the collection, redistribution and use of funds, in the form of a law acceptance and implementation will take place, and on this basis, the authorities and state authorities, local authorities They are responsible for it.
Inter-budgetary relations have influenced the balancing of budgets of different levels by financing individual sectors of the national economy through grants, subsidies and subsidies, as well as setting up reserve and reserve funds for specific purposes they use it.

**Key words:** finance, state budget, debt, state finance, subsidy, subsidy, subsidy.

Буҷети давлатӣ фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташакул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки буҷети Ҷумҳурии Тоҷкистон мебошад[6].

Дар шароити муносибатҳои моливу пулӣ ва фаъолият намудани давлат ҳамчун сохтори ягонаи идоракунии ҷамъият зарурати буҷети давлатӣ бо зарурати иҷрои вазифаҳои дар назди давлат истода вобаста мебошад.

Дар амал зарурати буҷети ягонаи давлатӣ барои таъмини вазифаҳои зерини давлатӣ вобаста аст:

1. барои таъмини рушди муътадили ҳамаи соҳаҳои истеҳсолӣ:

2. дар баробари соҳаҳои истеҳсолӣ, ки дар онҷо даромади миллӣ ба вуҷуд меояд, нигаҳдории соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, ҳамчун қисми зарурии такрористеҳсолкунии васеъ;

3. ҳамчун шарти зарурии таъмини тарақиёти ҳаматарафа ва муътадили ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ.

Агар асоси низоми молияи давлатро молияи сохторҳои хоҷагидорӣ, яъне корхонаҳову ташкилотҳо ва хонавода ташкил намояд, ба андешаи муаллиф дар ин низом нақши пешбарандаро буҷети давлатӣ иҷро менамояд.

Мо бар он назарем, ки асосии молияи давлатиро буҷети давлатӣ ташкил медихад. Буҷети давлатӣ-захираи асосии маблағҳои пулӣ мебошад, ки дар шакли нақшаи молиявии давлат оид ба ҷамъоварӣ, аз нав тақсим кардан ва истифодаи маблағҳои пулӣ барпо гардида, дар шакли қонун қабул ва амалӣ карда мешавад ва аз ин ҳисоби мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардидаро иҷро менамоянд.

Фонди маблағҳои буҷетӣ фонди маблағи марказонидаи давлат буда, барои молиякунонии хароҷотҳои зарурии ҷамъиятӣ (соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, зарурияити

ҷамъиятӣ, идораи давлатӣ, соҳаҳои қудратии мамлакат, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра) истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр буҷет - ин низоми муносибатҳои пули марказонидашуда буда, дар ҷараёни он фонди пулӣ ташаккул ва истифода мешавад.

Буҷети давлатӣ барои ҳар як мамлакат зарур мебошад ва барои қонеъгардонии талаботи онҳо бо фонди маблағҳо, барои иҷрои вазифаҳои ичтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва амалисозии сиёсати пешгирифтаи давлат ва ғайра истифода мебаранд.

Ҳамин тавр мақсаднок, оқилона ва самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ дар таъмини молиякунонии хароҷотҳои соҳаҳои хоҷагии халқ аҳамияти хоса дорад. Инчунин буҷет дар ҷараёни такрористеҳсоли ҷамъиятӣ, яъне дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат нақши муҳимро мебозад. Бо ёрии буҷети давлатӣ фонди маблағҳои буҷетиро барои молиякунонии хароҷотҳои соҳаҳои муҳими иқтисодиёт алалхусус дар байни соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ даромади миллиро аз нав тақсим намуда, инкишофи иқтисодию иҷтимоии мамлакатро муътадил мунтазам таъмин менамояд. Тамоми соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ аз ҷумла муассисаҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ, хароҷотҳои онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Ҳамин тавр қайд кардан лозим аст, ки ҳиссаи зиёди даромади миллии мамлакат бо ёрии буҷет аз нав тақсим карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки ғанӣ гаштани даромади умумии буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои ташаккулёбӣ яке аз вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва органҳои идораи Ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ ба ҳисоб рафта, ки он сабаби беҳтар шудани ҳолати молиявии давлат гашта, барои зиёд ва беҳтар гаштани молиякунонии хароҷотҳои соҳаҳои хоҷагии ҳалқи ҷумҳурӣ нақши муҳим мебозад.

Чӣ хеле ки маълум аст, бо баробари афзудани даромадҳои маблагҳои буҷет инчунин хароҷотҳои давлат низ меафзояд. Барои ҳамин ҳам хароҷотҳои давлатӣ дар миқёси иқтисодиёт аҳамияти хоса доранд, яъне бо ёрии онҳо дигаргунсозии сектори истеҳсолоти ҷамъиятӣ афзоиш ёфтани потенсиалҳои илмӣ-техникии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ҷорӣ ва такмили технологияи муосир дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиётро таъмин менамояд.

Дар баробари инкишофёбӣ ва такмили иқтисодиёти мамлакат зарурияти афзоиши хароҷоти давлатӣ барои иҷрои вазифаҳои ичтимоии давлатӣ ба миён меояд. Ҳалли масъалаҳои ичтимоии аҳолӣ вобаста ба ҳаҷми даромад ва хароҷоти буҷетӣ давлатӣ таносуби даромади аҳолӣ аз маблағҳои буҷетӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

Бояд, қайд кард, ки мувозинаткунонии буҷет барои сиёсати андозӣ ва қарзи давлат аҳамияти калон дорад. Дар доираи ин муносибатҳои байнибуҷетӣ дар шакли ёрии буҷетӣ амалӣ карда мешавад

Ёрии буҷет бо се усул гузаронида мешавад, ки асоси муносибатҳои байнибуҷетиро ташкил медиҳад.

1) Дотатсия. 2) Субвенсия. 3) Субсидия

**Дотатсия** - маблағҳои буҷетие мебошанд, ки ба буҷети сатҳи дигари системаи буҷети барои пушонидани хароҷотҳои ҷори беподошу бебозгашт ва бе ягон шарти пешакӣ дода мешаванд.

**Субвенсия** - маблағҳои буҷетие мебошанд, ки ба буҷети сатҳи дигари системаи буҷети ё шахсони ҳуқуқи беподошу бебозгашт барои анҷом додани хароҷоти муайяни мақсаднок дода мешаванд.

**Субсидия** - маблағҳои буҷетие мебошанд, ки ба буҷети сатҳи дигари системаи буҷети, ҳамчунин ба шахсони воқеи ва ҳуқуқи мутобиқи шарти маблағгузории ҳиссаҷудокунии хароҷотҳои мақсаднок дода мешаванд.

Сохтори мақомоти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Мақомоти танзими пулию қарзи ва асъори Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.

Мақомоти назорати молиявии давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ инҳо мебошанд:

- мақомоти назорати молиявии давлатӣ;

- мақомоти назоратии мақомоти намояндагии ҳокимияти маҳалли;

- ба амал баровардани баъзе салоҳиятҳо дар соҳаи молия ва буҷет мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дорад ба мақомоти дигари ҳокимият ва идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шавад;

- ҳокимияти маҳаллӣ бо мақсади хизматрасонии буҷети маҳалли ва идоракунии маблагҳои буҷети ва идоракунии маблагҳои буҷети маҳаллӣ, мутобиқи қонунгузории ҳокимияти давлатӣ, шуъбаҳои молия ва хазинадорӣ ё дигар мақомоти молияро таъсис медихад.

Иштирокчиёни раванди буҷет:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ (намояндагӣ);

- мақомоти ҳокимияти иҷроия;

- мақомоти танзими пулию қарзи ва асъорӣ;

- мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ;

- фондҳои мақсадноки давлатӣ;

- моликони асоси ва моликони маблағҳои буҷети;

- ташкилотҳои буҷетӣ, корхонаҳои ягонаи (унитарӣ)-и давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои қарзи, ки бо маблағҳои буҷети фаъолият мекунанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии сиёсати ичтимоии пешгирифтаи худ сол аз сол давра ба давра аз буҷети давлати хаҷми маблағгузориро зиёд менамояд. Афзоиши ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои минбаъда низ нигоҳ дошта мешавад.

Ба андешаи мо, дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қисми ҷудонашавандаи давлат ба шумор рафта, аҳамият ва нақши муносибатҳои байнибуҷетӣ мақоми назаррасеро дар соҳаҳои гуногуни халқ ифода менамояд.

Буҷети давлатӣ дар шакли тавозуни даромад ва хароҷот тартиб дода шуда, фонди маблағҳои пулии марказонидашудаи давлатиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ афзоиши даромаду хароҷоти давлатӣ барои амалисозии барномаҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ , инкишофи илми техникӣ ва технологияи муосир ва таъмини рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои болозикр ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо ёрии буҷети давлатӣ зиёда аз 40% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз нав тақсим гардида, хароҷотҳои соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ молия кунонида мешаванд. Барои ҳамин ҳам давра ба давра афзоиши даромад ва хароҷоти низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст.

Муносибатҳои байнибуҷетӣ ба мувозинатикунонии буҷетҳои сатҳои гуногун таъсир расонида тавассути дотатсия, субсидия ва субвенсия давлат соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллиро молиякунонӣ намуда, инчунин фондҳои эҳтиётӣ ва захиравӣ низ барпо намуда баҳри истифодаи мақсадҳои мушаххас онҳоро истифода мебарад.

**Адабиёт**


1. Оймаҳмадов Г.Н. Молия - Душанбе: Нодир, 2005. 374 с.
2. Мирсаидов, С. А. Баҳодиҳии вазъи муосири фаъолияти сармоягузории ширкатҳои суғурта / С. А. Мирсаидов, А. Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 4-2(50). – EDN CQYRJR.

3. Раҳимзода, Ф. М. Асосҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ / Ф. М. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 173-178. – EDN ZCYMQI.
4. Рахимзода, Ф. М. Некоторые аспекты развития системы управления государственными финансами в Республике Таджикистан / Ф. М. Рахимзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 95-99. – EDN SJHJTZ.
5. Акобиров Ҳ.А. Молия. - Душанбе, Сумани Қудрат, 2011. - 284 с.
6. Алимардонов У. Молия. - Душанбе, Ирфон, 2014. - 358 с.
7. Каримова М.Т., Мӯминова Ф.М., Соҳибов Ш.К. Роҳнамои буҷети ҶумҳурииТоҷикистон. - Душанбе, 2012. - 188 с.

## АСОСҲОИ МЕТОДИ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АРЗЁБӢ ДАРАҶАИ ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО МАВОДҲОИ ХӮРОКВОРӢ

**Расулзода Ҳидоятуллои Маҳабат** - ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 933-33-35-15

Дар мақола ҷанбаҳои методӣ ва хусусиятҳои маҳаллии баҳодиҳии дараҷаи таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ дар Тоҷикистон дида баромада шудааст. Муайян карда шудааст, ки модели устуворгардонии таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ се омили асосиро дар бар мегирад: талабот ба маводҳои хурокворӣ, таъмини молиявӣ ва таъмини маводҳои хурокворӣ.

Аз он ҷумла, дар мақола давраҳои ҳаётии инсон ва ҳолати пардохтпазирии талаботи он низ таҳлил гардидааст. Муқарар карда шудааст, ки вобаста ба оила, гурух, давомнокии умр, ҷойи зист талабот ба маводи хурокворӣ чи тавр суръат мегирад ва таъсир мерасонад. Инчунин вобаста ба ҷанбаҳои методии содирот, воридот, таҷрибаи хориҷӣ ва хусусиятҳои маҳаллӣ таҳлил ва пешниҳодҳои муфид дода шудааст.

**Калидвожаҳо.** Маводи хӯрокворӣ, омилҳои таъсиррасон, озуқаворӣ, тиҷорати берунӣ, содирот, воридот, хоҷагии қишлоқ, кишоварзӣ, хӯроквории хушсифат.

## ОБОСНОВАНИЕ МЕТОДИКИ И ХАРАКТЕРИСТИКА ОЦЕНКИ УРОВНЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ ОБЕСПЕЧЕННОСТИ НАСЕЛЕНИЯ

**Расулзода Хидоятуллои Махабат** - ассистент кафедры национальной экономики и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, район Сино, улица Нахимова 64/14. Телефон: 933-33-35-15

В статье рассматриваются методологические аспекты и локальные особенности оценки уровня продовольственной безопасности в Таджикистане. Определено, что модель стабилизации продовольственного обеспечения населения включает в себя три основных фактора: потребность в продуктах питания, финансовую обеспеченность и обеспеченность продуктами питания.

В частности, в статье анализируется жизненный цикл человека и состояние ликвидности его потребностей. В зависимости от семьи, группы, продолжительности жизни, места жительства определяется, как ускоряется и влияет потребность в пище. Он

также содержит полезный анализ и рекомендации по методологическим аспектам экспорта, импорта, зарубежного опыта и местной специфики.

**Ключевые слова.** Продукты питания, влияющие факторы, продукты питания, внешняя торговля, экспорт, импорт, сельское хозяйство, сельское хозяйство, качественные продукты питания.

**METHODOLOGICAL BASIS AND CHARACTERISTICS OF ASSESSMENT OF THE LEVEL OF FOOD SUPPLY OF THE POPULATION**

**Rasulzoda Hidoyatulloi Mahabat** - Assistant Professor of the Department of National Economy and Entrepreneurship, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Sino district, Nakhimov street 64/14. Phone: 933-33-35-15

The article discusses the methodological aspects and local characteristics of assessing the level of food security in Tajikistan. It is determined that the model of stabilization of food supply of the population includes three main factors: demand for food, financial provision and provision of food.

In particular, the article analyzes the life cycle of man and the state of liquidity of his needs. Depending on the family, group, life expectancy, place of residence, it is determined how the demand for food accelerates and affects. It also provides useful analysis and recommendations on methodological aspects of exports, imports, foreign experience and local specifics.

**Keywords.** Foodstuffs, influencing factors, food, foreign trade, exports, imports, agriculture, agriculture, quality food.

Ҷанбаҳои методологии таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ мушкилотҳои зиёде, ки на фақат таъмини озуқаворӣ ва молиявӣ, балки боз моҳияти инсонро дар маводҳои хӯрокворӣ дар бар мегирад.




**Рас. 1. Модели устуворгардонии таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ**

Тавре аз расми 1. маълум гардид дар ҳалли таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ асосан се сатҳи мушкилоти аз ҳамдигар новобаста, ки дар навбати худ ба ҳам зич алоқаманд иштирок мекунанд. Ин талаботи одамон ба маводҳои хӯрокворӣ; таъмини маводҳои хӯрокворӣ; таъмини молиявӣ.

Дар маҷмӯъ таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ аз таъсири мутақобилаи се нишондиҳандаи дар боло қайдгардида (талабот, таъмини озуқаворӣ ва таъмини молиявӣ)

бар меояд, ки ҳамчун ҳолати пардохтпазирии талабот аз рӯи давраҳои ҳаётии шахси алоҳида метавон муаррифӣ намуд (рас. 2).

Дар расми 2 сатҳи зиндагии шахси алоҳида (ё гурӯҳи одамон) аз нуқтаи назари гуногун: талабот, истеъмоли воқеӣ, барзиёдатии истеъмоли мол ё хизматрасонӣ вобаста аз давомнокии миёнаи умр нишон дода шудааст. Вай барои истифодабарӣ ва дастрасии ҳар як фард айён ва қуллай мебошад. Дар умум, масала аз дуруст муайян намуди сатҳи зиндагӣ, инчунин аз рӯи зарурият системаи нишондиҳандаҳоро объективона, бо таҳия намудани меъёрҳои афзалиятнок баҳогузорӣ намудан мебошад.




**Расми 2. Давраҳои ҳаётии инсон ва ҳолати пардохтпазирии талаботи он [1,С.26]**

Самтҳои асосии навкунии иқтисодӣ дар чаҳорчӯбаи консепсия ба ақидаи мо инҳо:

- ➢ навкунии сохтории истеҳсолот;
- ➢ навкунии иқтидори илмӣ;
- ➢ ташкили истеҳсолот ва бахшҳои нав, ҳамчун заминаи ташаккулёбии фазои инноватсионӣ дар ЕЭП.

Ҳамин тавр, тарҳҳои дар боло қайдгардида хусусияти методологӣ дошта, дар контексти таъмини маводи хӯрокворӣ мушкилоти ташкилиро низ дар бар мегирад. Ташкилӣ ба маънои васеъ ба худ пайвасткунии омилҳои истеҳсолӣ дар вақт ва фазоро инъикос менамояд. Дар навбати худ ташкили таъмини маводи хӯроквориро метавон ба якчанд қисматҳои алоҳида ҷудо намуд.

Ин истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ; ҳаракати маҳсулотҳои озуқаворӣ аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда. Вобаста ба маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ин метавонад бурда расонидани махсулотҳои хоҷагии қишлоқ аз як минтақа ба дигар тараф, ё бурда расонидани он то муассисаи коркардкунанда ва баъди коркард то истеъмолкунанда мебошад. Ба қисмати таъмини бехатарии маводҳои хӯрокворӣ бошад хариду фурӯши маводи хӯрокворӣ, ҷойи нигоҳдорӣ, бор кардан ва фаровардани маводи хӯрокворӣ, ташкили баровардани махсулотҳои хоҷагии қишлоқ ба бозорҳои дохилӣ ва берунӣ ва ғ.

Инчунин, ба ҷанбаҳои методологӣ боз дахл доранд ташкили кор дар ҳар як қисмати таъмини маводи хӯрокворӣ, то ки кори иҷрошаванда нафақат босифат, балки манфиати иқтисодиро таъмин намояд. Ба чорабиниҳои ташкилӣ боз таълуқ доранд саривақт ва босифат танзимнамоии давлатӣ, ҳимояи манфиати истеъмолкунанда аз ҳисоби

бартарафкунии зуҳуротҳои ниҳонӣ дар истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ, инчунин бартарафнамоии коррупсия, хусусан дар мақомотҳои идораи давлатӣ, пеш аз ҳама дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, камкунии дахолати беасоси хизматчиёни давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидории истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ ва маводҳои хӯрокворӣ.

Ба таъмини бехатарии маводҳои хӯрокворӣ метавон фонди захираи озуқавориро рабт дод, ки бо мақсади таъмини аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода ташкил карда мешаванд. Фонди захираҳои маводҳои хӯрокворӣ аз стратегӣ ва фаврӣ иборат ёфтааст. Фонди стратегӣ дар системаи таъмини бехатарии маводҳои хӯрокворӣ унсури мустақил буда, барои оянда дур ташаккул дода шуда давлат истифода мебарад. Фонди фаврии захираи маводҳои хӯрокворӣ – ин фонди маҳсулотҳои хӯрокае, ки дар тиҷорат, хӯроки умум, фондҳои махсуси ҷамъиятӣ истифода гардида, вазифаи асосӣ таъмини маводҳои хӯрокворӣ (новобаста аз фасли истеҳсолоти маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ) бо мақсади аз фаъолият боз намондани ташкили савдо ва хӯроки умум мебошад.

Таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ беш аз ҳама аз воридот вобаста буда, воридоти молҳое ба роҳ монда мешаванд, ки ё дар дохил истеҳсол намегарданд, ё ин ки бо истеҳсолоти дохилӣ талаботи аҳолиро ба маҳсулотҳои мушаххас қонеъ гардонида намешавад.

Хулоса ҷанбаҳои зиёди методӣ ва хусусиятҳои хоси маҳаллии таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ мавҷуд буда, вобаста ба вақту фазо, мушкилоту имконият ва шарту шароит дар Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он истифода намудан аҳмияти калидӣ дорад. Дар Тоҷикистони муосир ва минтақаҳои алоҳидаи он бошад ҳамаи имкониятҳо барои амалигардонии ҷанбаҳои методии дар боло қайдгардида мавҷуд мебошанд.

**Адабиёт**

1. Бозоров Ш.Ш., Назарамонова Д.М. ва диг. Менеҷмент. Душанбе, Ирфон 2015. саҳ.289.

2. Сулайманова Д. К. Проблемы продуктового обеспечения продовольственной безопасности и некоторые аспекты его оптимизации Монография /Д.К.Сулаймонова - РК-2018, 26 стр.

3. Хамидов А.Х., Базаров Ш.Ш., Мамадалиев Ф. Неформальный сектор в системе современных экономических отношений \\ Вестник Таджикского национального университета \ Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе -2019. №3 Част 1. 82 стр.

2. Ҳисоботи Хадамоти гумруки назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2020. саҳ.3-5.

5. Паёми Донишгохи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ‑иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №6. саҳ. 75-82.

## НАҚШИ ДАВЛАТ ОИД БА САНОАТ ВА ИНКИШОФИ СОХТОРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Акобирзода Абутолиби Мирзоҳимат -** Ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва соҳибкорӣ Тел: 900389996 Mail:akobirzodaabutolib77@gmail.com

Махсусияти сиёсати саноатӣ дар давраи гузариш аз он иборат аст, ки саноат чун ҳамаи дигар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар дар шароити истиқлолияти миллии Тоҷикистон, иқтисоду нархҳои озод, шаклҳои гуногуни моликият ва бе диктаи ва фармонравоии мақомоти болои фаъолият мекунад. Дар шароити бозор супоришҳои

давлатӣ барои ҳаҷми истеҳсолот бо ифодаҳои пулӣ ва натуралӣ ва ба даст овардани фоида вуҷуд надорад. Инчунин муқаррар намудани фонди музди меҳнат, шумораи коргарон ва ғайра, ки дар замони иқтисоди нақшавии шӯравӣ ҳатмӣ буд, дар иқтисоди бозорӣ ҷой надорад. Ҳамаи ин вазифаҳоро дар давррони гузариши танзими бозорӣ адо мекунад.

**Калидвожаҳо** Мувофиқат, мушкилот, сиёсию иҷтимоӣ, рушд, нақлиёт, механизм, саноат, суръатнокӣ.

## РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В ПРОМЫШЛЕННОСТИ И СТРУКТУРНОМ РАЗВИТИИ ПРОМЫШЛЕННЫЕ ПРЕДПРИЯТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Акобирзода Абутолиби Мирзохимат -** Ассистент кафедры народного хозяйства и предпринимательства Тел: 900389996 Mail:akobirzodaabutolib77@gmail.com

Специфика промышленной политики в переходный период заключается в том, что промышленность, как и все другие отрасли экономики страны, функционирует в условиях национальной независимости Таджикистана, свободной экономики и цен, различных форм собственности и без диктата и господства вышестоящих органов. В рыночных условиях отсутствуют государственные указания по объему производства продукции в денежном и натуральном выражении и получению прибыли. Также не имеет места в рыночной экономике установление фонда оплаты труда, численности рабочих и т. д., что было обязательным в советское время народного хозяйства. Все эти функции выполняются в переходный период рыночного регулирования.

**Ключевые слова** совместимость, проблемы, политические и социальные, развитие, транспорт, механизм, промышленность, скорость.

## THE ROLE OF THE STATE IN INDUSTRY AND STRUCTURAL DEVELOPMENT INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Akobirzoda Abutolibi Mirzohimat -** Assistant of the Department of National Economy and Entrepreneurship Тел: 900389996 Mail:akobirzodaabutolib77@gmail.com

The specificity of industrial policy in the transition period is that industry, like all other sectors of the country's economy, operates in the conditions of national independence of Tajikistan, free economy and prices, various forms of ownership and without the dictates and domination of higher authorities. In market conditions, there are no state instructions for the volume of production in monetary and in-kind terms and the acquisition of profit. Also, the establishment of a wage fund, the number of workers, etc., which was mandatory during the Soviet era of the national economy, has no place in a market economy. All these functions are performed in the transition period of market regulation.

**Keywords** Conformity, problems, political and social, development, transport, mechanism, industry, speed.

Дар холи ҳозир дар Тоҷикистон як қатор ҳолатҳои объективӣ ба вуҷуд омадааст, ки метавонад таъсири қатъӣ ба сатҳ, суръатнокӣ, самарабахшиву сохтори инкишофи саноат расонад. Аз ҷумлаи онҳо: шароитҳои нави сиёсӣ, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ пайдо шудаанд; аз байн бурда шудани механизми идоракунии нақшавӣ; рушди шаклҳои гуногуни моликият, номусоид шудани шароити вобаста ба тарифҳои нақлиётӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо кишварҳои дигар. Ба динамикаи рушди саноати Тоҷикистон инчунин омилҳое аз қабили дар бунбасти ҷумҳурӣ қарор доштани кишвар,

масоҳати аксаран кӯҳсори ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, ки ба рушди зерсохтори истеҳсолот монеъ мегарданд. Ғайр аз ин омили дигар аз ҳам ҷудо будани се қисми кишвар бо силсилаи қаторкӯҳҳо мебошад.

Дар муҳити ба тарзи куллӣ тағйирпазируфтаи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мушкилоти зиёде мавҷуд аст, ки ба рушди саноат дар кишвар душвориҳо эҷод кардаанд. Ба ҷиддитарин мушкилоти мазкур сатҳи баланди фарсудашавии физикӣ ва маънавии таҷҳизот, мувофиқат накардани он ба талаботи бозори дохилӣ ва хориҷӣ, сатҳи ночизи рақобатпазирии маҳсулоти тавлидшаванда; аз гардиши иқтисодӣ баромадани қисми қобили мулоҳизаи таҷҳизот ба сабаби набудани талабот ва аз даст додани бозори миқдори маҳсулоти гуногун, сатҳи бениҳоят пасти таъмини фондҳои гардишӣ, камбуди назарраси манбаъҳои қарзӣ (кредитӣ) ва фаъолияти ғайри қаноатбахши системаи бонкҳо; сатҳи пасти ҷалби сармоягузориҳо дар иқтисоди миллӣ, мушкилоти вобаста ба номукаммалии муносибатҳои иқтисодӣ байни ҷомеаҳои ҳамгироидоштаи ЕврАзЭС, ИДМ, СҲЭ, ки дар онҳо Тоҷикистон ҳамчун узв иштирок дорад;  ночиз будани маблағҳои буҷети давлатӣ, ки ба дастгирии молиявӣ аз тарафи давлат имкон намедиҳад;  рушди нокифояи зерсохтори бозорӣ;  норасоии кадрҳои ихтисосманд дар соҳа, ба сабаби ба хориҷ муҳоҷират намудани мутахассисон; инкишофи нокифояи талаботи дохилӣ; тангии бозори дохилӣ; аз ҳам ҷудо будани бозорҳои минтақавӣ; сатҳи пасти музди кор ва нокифоя будани ҳавасмандгардонӣ барои корҳои маҳсулнокиашон зиёд; нарасидани кадрҳои илмӣ ва илмию техникӣ; самтуоҷ надоштани таҳқиқотҳои илмӣ ба дастовардҳои илмии пешрафтаи ҷаҳонӣ мансуб мебошад.

Бинобар он дар давраи гузариш ҳар як мамлакат бояд сиёсати саноатии худро муайян кунад.

Ҳадафҳои асосии сиёсати саноатии Тоҷикистон дар давраи гузариш дар он ифода меёбад, ки соҳаи саноат аз буҳрони амиқи тӯлонии  иқтисодӣ берун оварда шавад, самтҳои афзалиятноки соҳа ва истеҳсолоти саноатӣ муайян гардида ва ҳамгирони ҳарчи фаъолонатари соҳа бо иқтисоди ҷаҳонӣ таъмин карда шавад.

Ба андешаи мо, дар ин бобат бояд соҳаҳои гидроэнергетика, металлургияи ранга, бахшҳои алоҳидаи саноати кимёвӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, ки барои рушди босуръати онҳо шароити мусоид муҳайё аст, нақши асосӣ ва ҳалкунандаро бозанд[17].

Махсусияти сиёсати саноатӣ дар давраи гузариш аз он иборат аст, ки саноат чун ҳамаи дигар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар дар шароити истиқлолияти миллии Тоҷикистон, иқтисоду нархҳои озод, шаклҳои гуногуни моликият ва бе диктаи ва фармонравоии мақомоти болои  фаъолият мекунад. Дар шароити бозор супоришҳои давлатӣ барои ҳаҷми истеҳсолот бо ифодаҳои пулӣ ва натуралӣ ва ба даст овардани фоида вуҷуд надорад. Инчунин муқаррар намудани фонди музди меҳнат, шумораи коргарон ва ғайра, ки дар замони иқтисоди нақшавии шӯравӣ ҳатмӣ буд, дар иқтисоди бозорӣ ҷой надорад. Ҳамаи ин вазифаҳоро дар даврони гузариши танзими бозорӣ адо мекунад.

Бо вуҷуди ин, мо чунин мешуморем, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва махсусан дар давраи гузариш танзими давлатии иқтисодиёт ногузир мебошад. Танзими давлатӣ на ин ки бояд коҳиш ёбад, балки баръакс ҳамзамон бо худтанзимкунии бозоргонӣ пурқувват гардад. Фаҳмиши содалавҳонаи раванди ташаккули хоҷагии бозоргонӣ танҳо бо таъсири худи бозор, фаҳмиши нодуруст ва хато мебошад. Дар ин ҳол танҳо дар бораи тағйир додани як системаи хоҷагидорӣ (хоҷагии нақшавӣ ба хоҷагии бозоргонӣ) ва иваз намудани моликияти давлатӣ (умумихалқӣ) ба моликияти хусусӣ сухан намеравад, балки бояд мазмуни базиси нави бавуҷудомада бо рӯбинои ҷамъият аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мувофиқ гардонида шавад. Тамоми ин масъалаҳо ҳаққи истиснои давлат, парламент буда дар

3. [17] Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д. Иқтисоди корхона. – Душанбе: - «Диловар» - ДДМТ, 2001.–238 с.

тамоми сатҳҳои субъектҳои ҷомеа – ашхоси ҳуқуқӣ, воқеӣ, корхонаҳо бо ҳама гуна шакли моликият, соҳаҳо, минтақаҳо ва умуман кишвар мавриди ҳаллу фасл қарор мегиранд[18].

Нақши танзими давлатии истеҳсолоти саноатӣ дар иқтисодиёти давраи гузариш дорои аҳамият ва масъулияти калон мебошад. Агар ба тарзи умум хулоса кунем, он дар нуқтаҳои зерин ифода меёбад:

- таҳия сохтани қонунҳои нав, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки метавонанд интиқоли воқеии саноатро ба иқтисоди бозоргонӣ (хусусигардонии моликият, андозбандӣ, баланд бардоштани ҳавасмандӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра) таъмин созанд;

- муайян намудани самтҳои асосии рушди саноати миллӣ дар шароити воқеяти навин аз мавқеи манфиатҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- қонеъ сохтани талаботи бозори дохилӣ аз молҳои зарурии аввалия ва хизматрасониҳои саноатӣ, ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони молҳо аз молҳои воридотии босифати истеъмоли васеъ;

- тадриҷан гузаштан аз содироти ашё ва маводи хом ба коркарди амиқи онҳо дар дохил ва тавлид кардани маҳсулоти саноатии ивазкунандаи молҳои воридотии барои содирот равонашаванда;

- ба амал баровардани маҷмӯи тадбирҳои фаъолонаи вобаста ба сармоягузорӣ, гумрук, андозбандии хусусияти ҳуқуқӣ дошта, ки муносибатҳои байниҳамдигарии давлатро бо шарикони хориҷии сатҳи гуногун дар масъалаҳои саноат ба танзим медароранд.

Кишвари аз рӯи масоҳат ва шумораи аҳолӣ хурде монанди Тоҷи-кистон наметавонад мустақилона дар як вақт тамоми соҳаҳои саноати худро бо муваффақият инкишоф диҳад, ҳатто ҳамон соҳаҳое, ки дар ҷумҳурӣ дар замони шӯравӣ бунёд ёфта буданд. Бинобар ин кишвари мо бояд ҷои сазовори худро муайян намояд ва ҳамон бахшеро аз истеҳсолоти саноатӣ ишғол кунад, ки метавонад дар он на танҳо бомуваффақият бо дигар кишварҳои минтақа рақобат намояд, балки маҳсулот ва хадамоти хусусияти саноатӣ доштаро бо сифати баланд ва рақобатпазир ба хориҷа содир кунад.

Чунин шуморида мешавад, ки ҳангоми муайян намудани рушди ин ё он соҳаи саноат сиёсати саноатии давлат дар навбати аввал бояд истифодаи оқилонаи манбаъҳои мавҷудаи ашёи хоми табиӣ ва имкониятҳои башарии кишварро ба асос гирад, ки бо шароитҳои баробари дигар навъҳои истеҳсолот метавонанд ҳадди аксари самаранокии иқтисодиро таъмин созанд. Аз ин мавқеъҳо Тоҷикистон (дар миқёси кишварҳои Осиёи марказӣ) дорои манбаъҳои бузурги имконпазири гидроэнергетикӣ, об, ашёи хом барои истеҳсолоти кимёвӣ, элементҳои полиметаллӣ ва нодир, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо мебошад. Рушди истеҳсолоти кишоварзӣ низ метавонад кафолати афзоишӣ барои ашёи хоми саноати сабук ва хӯрокворӣро таъмин созад.

Ба ҳамин сабаб аз мавқеи истифодаи оқилона ва самараноки ман-баъҳои имконпазир, боздоштани раванди ғайрисаноатикунӣ ва ғайри-мутамаддин кардани кишвар сиёсати саноатии давлат бояд иборат аз рушди ҳамаҷонибаи саноати миллӣ бошад, ки коркарди амиқ ва истифодабарии манбаъҳои ашёи хоми маъданӣ, маводи сӯзишворию энергетикӣ, захираҳои соҳаи кишоварзӣ ва имкониятҳои башарӣ такя намуда ба ҳамин васила бозори дохилиро бо молҳои саноатии зарурати аввал таъмин сохта молҳои истеъмоли васеи воридотӣ, ки истеҳсолашон дар ҷумҳурӣ бо муваффақият мумкин аст ба роҳ монда шавад, аз бозор биронад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи афзалиятнок дар рушд метавонад комплекси энергетикӣ ва дар навбати аввал гидроэнергетика, маҷмааи металлургияи ранга бо шакли комили истеҳсолот (аз истихроҷи ашёи хом то истеҳсоли маҳсули ниҳоӣ), инчунин саноати

4. [18]Давлатов. М.тХусусигардонӣ дар Тоҷикистон: Таҷриба ва пешомадҳо: Душанбе: 2005.- с.5.

кимёвӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ гардад. Чунон ки барои Россия, Ўзбекистон ва Туркманистон саноати нафту газ манбаи асосии воридоти асъор ва рушди тамоми иқтисодиёт гаштааст, ҳамин нақшро барои Тоҷикистон бояд соҳаи гидроэнергетика адо намояд. Сиёсати саноатӣ дар соҳаи рушди гидроэнергетика набояд бо масъалаи таъмини эҳтиёҷоти танҳо ҷумҳурӣ ба энергияи электрикӣ маҳдуд гардад, балки ин сиёсат бояд бар пояе қарор дода шавад, ки Тоҷикистон марҳала ба марҳала тавонад ҳаҷми қобили мулоҳизаи электроэнергияи арзонро бо нархҳои ҷаҳонӣ ба кишварҳои дигар содир кунад [19].

Сиёсати саноатӣ дар муносибат бо дурнамои рушди комплекси металлургияи ранга дар Тоҷикистон бояд иборат аз он бошад, ки бунёди миллии металлургияи ранга устувор карда шавад ва раванди тавлид дар ин соҳа аз истихроҷи маъданҳои металлҳои рангаву нодир ва камёб сар карда то гудохтану аз онҳо ҳосил кардани маҳсулоти тайёри маталлиро дар бар гирад. Ва ба ҳамин тариқ интиқоли соҳа аз содир кардани бесамари консентрати маъданҳо ба содироти маҳсулоти пурарзиш дар оянда таъмин карда шавад. Дар ин ҳол сиёсати саноатии рушди истеҳсоли алюминийро на танҳо ҷиҳати вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли алюминии аввалия идома дод, балки зарур аст ки коркарди амиқи он дар маҳал бо истифодаи ҳамаҷонибаи истеҳсоли навардсозӣ ва тавлиди маҳсулоти тайёр барои бозори дохилӣ ва содирот ба роҳ монда шавад.

Стратегияи сиёсати саноатии давлат вобаста ба рушди соҳаҳои анъанавии саноати сабук ва хӯрокворӣ бояд ба он нигаронида шавад, ки ҳамзамон бо зиёд кардани ҳаҷм ва анвои маҳсулоти тавлидшаванда, инчунин ба куллӣ беҳтар гардонидани сифат, дизайн, намуди бозоргузори маҳсул ва бастабандии зебои он ба амал бароварда шавад, то аз ин тариқ ривоҷи бозори фурӯши маҳсулот таъмин гардад.

Барои таъмини рушди босуботи саноатӣ он заминаҳои муносибро фароҳам овардан зарур аст, ки аз ҷумла:

- таъмини суръати баланди рушди иқтисодии кишвар дар 15-20 соли наздик;
- ташаккул додани муносибатҳои бозоргонии пешрафтаи фарогир;
- баланд бардоштани сатҳи ташкилию техникии истеҳсолот дар асоси ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав, такмил додани ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идоракунӣ;
- бунёди зерсохтори пешрафти истеҳсолӣ ва иҷтимоии иқтисодиёт;
- беҳтар сохтани сифати манбаъҳои истеҳсолӣ ва боло бурдани рақобатпазирии маҳсулоти тавлидшаванда.

Вазифаҳои ба ин андоза ҷиддӣ ва дарозмуддат инчунин анҷом додани фаъолияти бештари сиёсати иқтисодиро бо василаҳои пулию қарзӣ, буҷетӣ, асъорӣ, андозӣ ва тиҷорати хориҷӣ тақозо мекунад. Илова бар ин васи-лаҳои мазкур бояд ҳамчун унсурҳои таркибии механизми ягона, ки барои ҳалли муҳимтарин вазифаҳои стратегӣ равона мешаванд, ба кор андохта шаванд.

**Адабиёт**


8. Дар бораи корхонаҳо. Қонуни ҶТ аз 25 июни соли 1993 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1993.- №14. – с.89. Бо тағйиротҳо аз 13 декабри соли 1996 // Садои мардум – 4 январи соли 1997.

2. Дар бораи корхонаҳои давлатӣ. Қонуни ҶТ аз 28.02.2004, №10. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004.- №2.


[19] Вопросы экономики. – 2005. - №4 – с. 75-86. Баскакова О.В. Экономика организаций. Учеб.-метод. пособие.- М.: «Дашков и К°», 2003.- 132с.

3. Дар бораи Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ. Қонуни ҶТ аз 23 декабри соли 1991 // Садои мардум – 14 феврали соли 1992. Бо тағйироту иловаҳо аз 14 декабри соли 1996// Садои мардум – 18 январи соли 1997.

4. Дар бораи муфлисшавӣ. Қонуни ҶТ аз 08.12.2003.// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003.- №12.

5. Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.05.2002.//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2002.- №4 ва бо тағйироту иловаҳо аз … … 2011. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011.- №.

6. Азизов Ф.Ҳ., Каримов Ҳ., Юсуфов А.К. Луғати мухтасари ибораҳои иқтисодӣ. Хуҷанд, 2012. – 56 с.

7. Алексеева М.М. Планирование деятельности фирмы. Учебно-методическое пособие. – М: Финансы и статистика, 1997. – 248с.

## МОҲИЯТ ВА МАҚСАДИ ТАҲЛИЛИ МОЛИЯВӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Ёрзода Нилуфари Холиқ** - Магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-250108 баҳисобгирии бухгалтери таҳлил ва аудит. Тел: 004777251. Mail:nilufar777@gmail.com

Нишондиҳандаҳои тағйироти сохторӣ ҳиссаи иштироки ҳар як намуди моликиятро дар тағйирёбии активҳои маҷмӯӣ инъикос менамояд. Онҳо нишон медиҳанд, ки кадом активҳо аз ҳисоби захираҳои молиявии ҷалбшуда зиёд шуда, кадом активҳо аз ҳисоби кӯчиши захираҳои молиявӣ кам шуданд. Зиёдшавии вазни қиёсии активҳои қобилиятнокиашон кам (ғайригардон) устувории молиявии корхонаро заиф мегардонад.

Таҳлили молиявии корхона, таҳлили натиҷаҳои Таҳлил, вазъи молиявӣ ва фаъолнокии кори корхонаро дар бар мегирад.

**Калидвожаҳо:** зариб, ҳисоби, ҳаҷм, мутлақ, тағйирёбии, таҳлил.

## СУЩНОСТЬ И НАЗНАЧЕНИЕ ФИНАНСОВОГО АНАЛИЗА НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Ёрзода Нилуфар Холик** - Магистрант 2 курса, специальность 1-250108 бухгалтерский учет, аналитический и аудиторский бухгалтер. Тел: 004777251. Mail: nilufar777@gmail.com

Показатели структурных изменений отражают долю каждого вида собственности в изменении совокупных активов. Они показывают, какие активы увеличились за счет привлеченных финансовых ресурсов, а какие активы уменьшились за счет передачи финансовых ресурсов. Увеличение удельного веса низкоэффективных (неконвертируемых) активов ослабляет финансовую устойчивость предприятия.

Финансовый анализ предприятия включает анализ результатов анализа, финансового состояния и деятельности предприятия.

**Ключевые слова:** отношение, расчет, объем, абсолютный, изменение, анализ.

## THE ESSENCE AND PURPOSE OF FINANCIAL ANALYSIS IN INDUSTRIAL ENTERPRISES

**Yorzoda Nilufar Kholik** - 2nd year master's student, specialty 1-250108 accounting, analytical and audit accountant. Tel: 004777251. Mail: nilufar777@gmail.com

Structural change indicators reflect the share of each type of ownership in the change in total assets. They show which assets increased due to the attracted financial resources, and which assets decreased due to the transfer of financial resources. An increase in the relative weight of low-performing (non convertible) assets weakens the financial stability of the enterprise.

Financial analysis of the enterprise includes an analysis of the results of the Analysis, the financial condition and activity of the enterprise.

**Keywords:** ratio, calculation, volume, absolute, change, analysis.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ таҳлили молиявӣ аҳамияти Таҳлил пайдо менамояд. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки корхона оиди натиҷаҳои фаъолияти худ дар назди саҳмдорон, коллективи кормандон, бонк ва қарздиҳандагон, масъулияти пурраи иқтисодӣ дорад.

Мақсадҳои асосии таҳлили натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона инҳоянд:

- баҳодиҳии тағйирёбии нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии натиҷаҳои молиявӣ (фоида ва даромаднокӣ);
- муайянкунии самтнокӣ ва ҳаҷми таъсири омилҳои алоҳида ба фоида ва дараҷаи даромаднокӣ;
- ошкорсозӣ ва баҳодиҳии захираҳои имконпазири инкишофи фоида ва даромаднокӣ;
- таҳлили ҳадди фоида.

Сарчашмаи асосии Таҳлил барои таҳлили молиявӣ ин ҳисоботҳои бухгалтерӣ, махсусан тавозун (баланси) муҳосибавӣ ва замимаҳои он мебошанд.

Таҳлили натиҷаҳои молиявӣ аз баҳодиҳии умумии тағйирёбии бузургӣ ва таркиби фоида то андозбандӣ оғоз мегардад. Маълумоте, ки дар замимаи № 2-и баланси муҳосибавӣ мавҷуд аст, имконият медиҳад нишондиҳандаҳои молиявии аз ҳама намуди фаъолияти корхона ба даст омадаро таҳлил намуда, сохтори фоида муқаррар карда шавад. Таҳлили амудии нишондиҳандаҳои мутлақ натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидориро тавсиф медиҳад, таҳлили уфуқӣ бошад сохтори фоидаро муқаррар мекунад.

Минбаъд таъсири омилҳои гуногун ба фоида ва даромаднокӣ муайян карда мешавад. Омилҳои муҳимтарини афзоиши фоида аз фурӯши маҳсу-лоти корхона: зиёдкунии ҳаҷм, мунтазамии боркунии маҳсулот, пасткунии арзиши аслии он, баландбардории сифат ва рақобатнокӣ, беҳтарсозии захираҳои маҳсулоти тайёр дар анборҳо, таъмини саривақтии маҳсулоти су-поришдодашуда ва истифодаи шаклҳои пешрафтаи тартиби ҳисобу китоби тарафайн барои маҳсулот (факторинг, овердрафт) ба ҳисоб меравад.

Таъсири тағйири ҳаҷми ҳаҷм ба маблағи фоида тавассути формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\Delta Ф=Ф_о - КхФ_о,$$

ин ҷо:

$\Delta Ф$ – афзоиши (коҳиш) фоида аз ҳисоби тағйирёбии ҳаҷми фурӯш;
$Ф_о$ – фоидаи соли гузашта;
К- зариби тағйирёбии ҳаҷми фурӯш.

Зариби тағйирёбии ҳаҷми фурӯш бо роҳи таносубигузории ҳаҷми фурӯши соли ҳисобӣ бо ҳаҷми фурӯши соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ (бо нархҳои соли гузашта) ҳисоб карда мешавад.

Гуногунӣ дар номгӯи фурӯши маҳсулот, хизмат ба фоида таъсир мерасонанд. Зиёдшавии ҳиссаи маҳсулот ва хизмат аз даромаднокии миёна зиёдтар ба афзоиши фоида оварда мерасонад, ва баръакс. Таъсири номгӯй (ассортимент) ба фоидаро мумкин аст бо формулаи зерин ҳисоб намуд:

$$\Delta Ф^{а}=Ф_1 - Ф_1 \times К,$$

дар ин ҷо:

$Ф_1$ – фоидаи аз фурӯши воқеии маҳсулот дар соли ҳисобӣ бо нарх ва арзиши аслии соли гузашта, ба даст омада мебошад.

Таъсири тағйирёбии арзиши аслии фурӯш ба маблағи фоида тавассути муқоисаи арзиши аслии пурраи воқеии фурӯши соли ҳисобӣ бо ҳаҷми воқеии фурӯши соли ҳисобӣ, вале бо нархҳои соли гузашта бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\Delta Ф_с=S_1 - S_{1,2},$$

дар ин ҷо:

$S_1$- арзиши аслии пурраи воқеии фурӯш дар соли ҳисобӣ; $S_{1,2}$- фурӯши воқеии соли ҳисобӣ, вале бо арзиши аслии соли гузашта.

Таҳлили омилӣ тавассути усули зерсозҳои занҷирӣ (усули таҳлили детерминиронӣ), таҳлили регрессионии бисёромилӣ ва ё таҳлили корелят-сионӣ (усули таҳлили стохастикӣ) амалӣ карда мешавад.

Баъди он, ки омилҳои асосии ташаккули фоида (зарар), тартиби истифодаи он таҳлил карда мешаванд, барои ҳисобгирии фоидаи андозбандишаванда, фоида дар ҳаҷми маблағҳое, ки барои суди саҳмия, фоизи вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қимматнок, даромадҳое, ки аз иштироки ҳиссавӣ дар дигар ташкилотҳо ба даст омадаанд, пардохт мешаванд, кам карда мешавад.

Самти истифодаи фоидаи соф (фоида баъди андозсупорӣ) аз ҷониби корхона мустақилона муайян карда шуда, дар шакли ҳиссаҷудокунӣ ба сармояи захиравӣ, фонди андӯхт, фонди истеъмол ва инкишофи иҷтимоӣ равона карда мешавад[20].

Таҳлили ҳадди (зинаи) фоида бо ду роҳ: графикӣ ва алгебравӣ муайян карда мешавад. Усули якум ҳалли графикиро дар назар дорад. Уфуқӣ ҳаҷми истеҳсолот ва амудӣ даромад аз фурӯш ва арзиши аслиро нишон медиҳад.

Вазъи молиявии корхона ин маҷмӯи нишондиҳандаҳое мебошад, ки қобилияти пардохти ӯҳдадориҳои қарзии корхонаро нишон медиҳад. Аз ин рӯ мақсади асосии таҳлили вазъи молиявии корхона чунин баҳодиҳӣ ва самтҳои таҳлилро дар бар мегирад:

баҳодиҳии тағйирёбии таркиб ва сохтори активҳо, инчунин вазъ ва ҳаракати онҳо;

- баҳодиҳии тағйирёбии таркиб ва сохтори сармояи худӣ ва қарзӣ, вазъ ва ҳаракати онҳо;
- таҳлили нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии устувории молиявии корхона ва баҳодиҳии тағйироти дараҷаи он;
- таҳлили пардохтпазирии корхона ва қобилиятнокии активҳои балански он.

---

5. [20] Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. – Душанбе, - 2015.– 640 с.
6. Низомова Т.Д. Микроиқтисодиёт. Китоби дарсӣ. Душанбе «Олами китоб». 2010. – 384 с.

Таҳлили вазъи молиявии корхонаро аз омӯзиши таркиб ва сохтори моликияти корхона аз рӯи активҳои баланс оғоз менамоянд. Баланс имконият медиҳад ба тағйирёбии тамоми амволи корхона, баҳои умумӣ дода шуда, дар таркиби он активҳои гардон ва ғайригардон ҷудо карда шавад. Инчунин тағйирёбии сохтори моликият низ дар асоси активҳои баланс омӯхта мешавад. Сохтори амволи корхона гуфта таносуби фоизии гурӯҳҳои алоҳидаи моликият ва бобҳои дохили ин гурӯҳҳоро меноманд.

**Адабиёт**


1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2004. – с.89.
2. Давлатзод У., Қодиров Ф.А. Ҷамъиятҳои саҳомӣ (дар саволу ҷавоб). Душанбе: «Ирфон»- 2009 – 207 с.
3. Зайцев Н.Л. Экономика промышленного предприятия. Практикум. Учеб. пособие. М.: ИНФРА-М, 2007.- 224 с.
4. Как работают японские предприятия. – М, 1989. – 261 с.
5. Кодиров, Ф. А. Развитие системы финансового планирования промышленных предприятий на основе формирования системы бюджетирования / Ф. А. Кодиров // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 4-2. – С. 72-77.
6. Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. – Душанбе, - 2015.– 640 с.


## ФИНАНСОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ЦИФРОВИЗАЦИЯ ДЕНЕЖНОГО ОБРАЩЕНИЯ: СОВРЕМЕННЫЕ ТРЕНДЫ


**Одинаев Убайдулло Мусоевич –** магистрант 2 курса специальность 6Д050901 – финансы, денежное обращение и кредит, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ул. Нахимова 64/14.



В статье рассматриваются ключевые направления развития финансовых технологий (финтеха) и цифровизации денежного обращения в условиях цифровой экономики. Особое внимание уделено актуальности внедрения цифровых валют центральных банков, в частности возможности создания цифрового сомони в Республике Таджикистан. Проанализированы технологические, институциональные и инфраструктурные аспекты, а также основные риски, связанные с цифровой трансформацией финансового сектора. Отмечается необходимость повышения цифровой грамотности населения и укрепления правовой базы для успешной реализации инновационных решений.



**Ключевые слова.** финансовые технологии, цифровизация, денежное обращение, цифровая валюта, финтех, блокчейн, мобильные платежи, киберриски.


## FINANCIAL TECHNOLOGIES AND DIGITALIZATION OF MONEY CIRCULATION: MODERN TRENDS


**Odinaev Ubaydullo Musoevich –** 2nd year master's student, specialty 6D050901 - finance, money circulation and credit, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Nakhimov street 64/14.



The article discusses the key areas of development of financial technologies (fintech) and digitalization of money circulation in the context of the digital economy. Particular attention is paid to the relevance of the introduction of digital currencies of central banks, in particular the possibility of creating a digital somoni in the Republic of Tajikistan. Technological, institutional

and infrastructural aspects, as well as the main risks associated with the digital transformation of the financial sector are analyzed. The need to improve the digital literacy of the population and strengthen the legal framework for the successful implementation of innovative solutions is noted.
**Keywords.** financial technologies, digitalization, money circulation, digital currency, fintech, blockchain, mobile payments, cyber risks.

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МОЛИЯВӢ ВА РАҚАМИКУНОНИИ МУОМИЛОТИ ПУЛӢ: ТАМОЮЛҲОИ МУОСИР

**Одинаев Убайдулло Мусоевич** – магитранти курси 2-юми ихтисоси ихтисоси 6D050901-молия, муомилоти пулӣ ва қарз, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Наҳимов 64/14.

Дар мақола самтҳои асосии рушди технологияҳои молиявӣ (fintech) ва рақамикунонии гардиши пул дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ карда мешавад. Таваҷҷуҳи хоса ба муомилоти пули рақамии бонкҳои марказӣ, аз ҷумла имкони таъсиси пули рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Ҷанбаҳои технологӣ, институтсионалӣ ва инфрасохторӣ, инчунин хатарҳои асосии марбут ба табдили рақамии бахши молиявӣ таҳлил карда мешаванд. Зарурати баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ва таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои татбиқи бомуваффақияти қарорҳои инноватсионӣ қайд карда шудааст.
**Калидвожаҳо.** технологияҳои молиявӣ, рақамикунонӣ, муомилоти пул, асъори рақамӣ, финтех, блокчейн, пардохтҳои мобилӣ, хатарҳои киберӣ.

### ВВЕДЕНИЕ

В условиях стремительного развития цифровой экономики финансовые технологии (финтех) играют всё более важную роль в трансформации денежного обращения. В последние годы наблюдается активное внедрение инновационных решений в банковский сектор, расширение цифровых платёжных инструментов, а также рост интереса к цифровым валютам. Эти процессы отражают глобальные тренды, однако имеют и специфические особенности в зависимости от уровня экономического развития страны, институциональной зрелости и цифровой инфраструктуры.

Для Республики Таджикистан цифровизация финансовой системы представляет как вызов, так и возможность. С одной стороны, высокий уровень использования наличных денег, ограниченный доступ к банковским услугам в сельской местности и слабая цифровая грамотность населения замедляют темпы внедрения современных технологий [1, 52-56]. С другой стороны, правительство и Национальный банк Республики Таджикистан предпринимают шаги по расширению цифровых каналов платежей, поддержке электронных кошельков и стимулированию безналичных расчётов. Развитие мобильного банкинга и электронных сервисов позволяет постепенно вовлекать всё большее число граждан в формальную финансовую систему.

Правительством Республики Таджикистан за годы суверенитета и независимости разработаны и приняты нормативно-правовые акты, укрепляющие принципы рыночного свободного функционирования субъектов хозяйствования, а также усиливающие рыночную конкуренцию во всех отраслях экономической деятельности, особенно в

банковской сфере. Эти правила и принципы ведения бизнеса были системно отражены во всех программных документах, принятых государственными институтами [2, с. 100].

Актуальность настоящего исследования обусловлена необходимостью анализа текущего состояния и перспектив цифровизации денежного обращения в Таджикистане, с учётом как внутренних ограничений, так и международного опыта. Целью статьи является выявление ключевых трендов в развитии финансовых технологий в стране, оценка степени их влияния на денежное обращение и формулирование рекомендаций для повышения эффективности цифровой трансформации финансового сектора.

В последующем изложении будет проведён анализ теоретических основ финансовых технологий и процессов цифровизации, рассмотрены особенности цифровых валют центральных банков, а также проанализированы технологические, инфраструктурные и рисковые аспекты цифровой трансформации финансовой сферы.

## I. ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФИНТЕХА И ЦИФРОВИЗАЦИИ

Финансовые технологии охватывают использование ИКТ в банковской деятельности, платёжных системах, инвестиционном и страховом секторе. Цифровизация денежного обращения предполагает переход от наличных форм расчёта к электронным и цифровым инструментам. На современном этапе особое значение приобретают такие направления, как:

- использование блокчейн-платформ;
- развитие цифровых валют центральных банков;
- интеграция искусственного интеллекта в платежные сервисы.

## II. ЦИФРОВЫЕ ВАЛЮТЫ ЦЕНТРАЛЬНЫХ БАНКОВ

Во многих странах мира ведутся активные исследования и пилотные проекты по разработке и тестированию CBDC. Китай, Бразилия, Индия, Швеция, а также страны Евразийского экономического союза (ЕАЭС) проявляют особую заинтересованность в использовании цифровых валют для повышения эффективности национальных платёжных систем.

Что касается Республики Таджикистан, на сегодняшний день официальный запуск цифровой валюты центрального банка не объявлен. Тем не менее, тенденции региона и мировой практики побуждают к исследованию возможности внедрения цифрового сомони. Национальный банк Таджикистана (НБТ) в своих стратегических документах подчёркивает важность цифровизации платёжной инфраструктуры, расширения безналичных расчетов и снижения зависимости от наличных средств. Следовательно, внедрение CBDC может рассматриваться как логическое продолжение уже начатой цифровой трансформации.

В настоящее время в Республике Таджикистан концепция компьютеризации более значима в электронных платежах и мобильных услугах. Если рассматривать электронные платежи за последние два года, то они росли высокими темпами, и в целом количество платежных карт в 2020 году составило 2931 тыс. единиц, по сравнению с 2019 годом этот показатель увеличился на 28,3%. Из общего объема карточных платежей 58,2% составляют карты Национальной платежной системы (НПС) «Национальная карта», 14,4% - предоплаченные транспортные карты «CityCard», 8,4% - транспортные карты «CityCard - национальная карта», 8,4% - платежные карты внутренних систем финансовых организаций, 6,2%- карт международных платежных систем (VISA, Mastercard и UnionPay) и 4,4%-платежных карт клиентов (UnionPay-НПМ «Национальная карта») [3, 33].

**Потенциальные преимущества цифрового сомони (CBDC) для Таджикистана включают:**

- Упрощение доступа населения к финансовым услугам, особенно в сельских и отдалённых районах;
- Снижение транзакционных издержек и повышение прозрачности финансовых операций;
- Повышение эффективности денежно-кредитной политики;
- Борьба с теневой экономикой и отмыванием средств;
- Повышение доверия к национальной валюте через технологическую модернизацию.

**Однако существуют и вызовы:**

- Низкий уровень цифровой грамотности среди части населения;
- Недостаточная инфраструктура (интернет-связь, мобильные устройства, системы идентификации);
- Риски кибербезопасности и вопросы конфиденциальности;
- Необходимость законодательной и нормативной подготовки.

Таким образом, хотя в Таджикистане ещё не внедрён цифровой сомони, страна обладает предпосылками к его разработке в среднесрочной перспективе. Важнейшим шагом может стать проведение исследовательских и пилотных инициатив при поддержке международных финансовых организаций, таких как МВФ или Азиатский банк развития.

## III. ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЕ И ИНФРАСТРУКТУРНЫЕ АСПЕКТЫ

Блокчейн, как децентрализованная технология распределённых реестров, обеспечивает неизменность и защищённость транзакций. Мобильные приложения, QR-коды и NFC стали стандартом в системе розничных платежей. Однако их широкое внедрение требует модернизации ИТ-инфраструктуры, повышения цифровой грамотности и обеспечения кибербезопасности.

Эффективная цифровизация денежного обращения и внедрение финансовых технологий невозможны без наличия надёжной технологической и институциональной инфраструктуры. Для Республики Таджикистан данный аспект приобретает особую значимость, учитывая неоднородность развития регионов, уровень цифровой грамотности населения и степень проникновения информационно-коммуникационных технологий.

В последние годы в стране наблюдаются положительные сдвиги в направлении модернизации цифровой инфраструктуры. Расширяется доступ к мобильной связи и интернет-услугам, внедряются национальные платёжные платформы и создаются условия для работы с электронными кошельками и QR-кодами [4]. Национальный банк Таджикистана активно поддерживает развитие межбанковской платёжной системы (MIPS) и автоматизированной клиринговой системы, что способствует ускорению и удешевлению расчётов [5].

## IV. РИСКИ И ПРОБЛЕМЫ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Несмотря на очевидные плюсы, цифровизация несёт риски:

- Угроза кибератак;
- Увеличение цифрового неравенства;
- Потеря анонимности пользователей;
- Зависимость от технологических провайдеров.

Сегодня практически каждый член общества так или иначе взаимодействует с продуктами иностранных технологий и программного обеспечения, так как операционные системы, MSOffice, SAP, интернет-сервисы, планшеты, смартфоны, телевизоры, средства управления производством, ЧПУ станки связаны с Интернетом и, по сути, управляемы извне [6]. Некоторыми экспертами высказывается также мнение о риске цифровой колонизации для Таджикистана, когда «выстроенная цифровая экономика будет управляться извне, служить чужим интересам» [7].

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

Цифровизация денежного обращения в Таджикистане представляет собой перспективное направление, способное повысить доступность финансовых услуг, эффективность платёжной системы и прозрачность операций. Несмотря на сохраняющиеся барьеры, такие как низкий уровень цифровой грамотности и технологическая неравномерность между регионами, страна постепенно движется к расширению безналичных расчётов и модернизации платёжной инфраструктуры. Потенциальное внедрение цифрового сомони может стать важным шагом в этом направлении, при условии учёта рисков и активного взаимодействия с международными финансовыми институтами. Для успешной цифровой трансформации необходим комплексный подход, включающий развитие ИТ-инфраструктуры, правовую поддержку и повышение финансовой инклюзии.

## Список литературы


1. Фарайдунов О.К. Подготовка специалистов в области IT как основа цифровизации и инновационного развития. // Человеческий капитал молодежи: современные вызовы и возможности в период глобальных изменений. Сборник материалов по итогам международной Школы молодого ученого, Санкт-Петербург, 2025
2. Махмудов Ф.И. Институциональные аспекты развития инновационного механизма предоставления банковских услуг коммерческими банками в условиях цифровизации экономики /Ф.И. Махмудов / Мат. XXX-ой Межд. научно-практ. конф. «Актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований». 7-8 ноября 2022 г. - Bengaluru, India. 2022. – С. 99-105.
3. Фарайдунов О.К., Хаитов С.П. Искусственный интеллект и большие данные: новые горизонты для устойчивого развития цифровой экономики. Сборник международной научно-практической конференции на тему «Цифровизация экономики как фактор экономического развития», Душанбе, 2024, 614 с.
4. Рахимов А.Н. Безналичные расчёты и цифровые платформы: современное состояние. // Деньги и кредит. — 2023. — №9. — С. 34–41.
5. Развитие инфраструктуры платежной системы Национального банка Таджикистана. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.nbt.tj/ru/ (дата обращения: 30.03.2025)
6. Карпова Д.П. Современные финансовые технологии// Вестник Российского нового университета. Серия: Человек и общество. 2018. № 1. С. 40–49.
7. Ленчук Е.Б., Власкин Г.А. Формирование цифровой экономики в России: проблемы, риски, перспективы// Вестник Института экономики Российской академии наук. 2018. № 5. С. 9–21

## МУНДАРИЧА-СОДЕРЖАНИЕ


| № | Ном, насаб ва номи падар | Номи мавзуъ | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Абдуалимзода Ҳ.А. | Нақши сиёсати макропруденсиаӣ дар таъмини амнияти молиявӣ | 3-7 |
| 2. | Кодиров Ф.А. | Перспективы повышения конкурентоспособности промышленных предприятий Республики Таджикистан в условиях перехода к «зеленой» экономике | 7-11 |
| 3. | Аминов И. | Оид ба вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар масъалаи табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “кишвари сабз” | 11-17 |
| 4. | Абдурахмонзода Н.Ш. | Некоторые вопросы экологического финансирования и зеленого кредита: опыт Европейского Союза | 18-21 |
| 5. | Koshonova M.R., Hao Itze | Mechanism attracted foreign direct investments to Republic of Tajikistan | 21-28 |
| 6. | Нурализода Э.Н. | Идоракунии молияи давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолии кишвар | 28-31 |
| 7. | Убайдуллозода Ф. | Ташаккулёбии механизмҳои институтсионалии рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ | 32-36 |
| 8. | Муллоҷонзода А.К.<br>Оймаҳмадов Г.Н. | Ташаккули низоми идории молиявӣ дар Тоҷикистон: аз замонҳои қадим то соҳибистиқлолӣ | 36-41 |
| 9. | Оймаҳмадов Г.Н., Раупова Р. | Алоқаи фоидаоварии соҳаи саноат ва ҷолибияти сармоягузории он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 42-47 |
| 10. | Кудратова Ф.Р., Нурмахмадова Р.М. | Экономическая эффективность привлечения инвестиций в сельском хозяйстве Таджикистана | 48-52 |
| 11. | Зубайдов Ҷ.И.,<br>Муқимов Ҷ. | Ҷанбаҳои методологии омӯзиши иқтидори сармоягузории минтақа | 53-57 |
| 12. | Сафаров Ш.Ш.,<br>Сафаров М.Ш. | Нақши дороиҳои ғайримоддӣ дар рушди корхонаҳои мамлакат | 57-61 |
| 13. | Пирова М.А.,<br>Саидмуродов Ш. | Самтҳои асосии рушди соҳибкории инноватсионнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 61-64 |
| 14. | Ахмедов Х.А. | Роль цифровой экономики в финансовой системе Республики Таджикистан | 64-68 |
| 15. | Иброҳимов Д.Н. | Рушди фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузории комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон | 68-73 |
| 16. | Қурбонализода Д.Т. | Рушди таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 73-77 |
| 17. | Муслихова Т.Т. | Асосҳои назариявии рақобатпазирии ҳудудӣ | 77-81 |
| 18. | Махшулов С.Ҷ., Салимова М.С. | Иқтидори қарзӣ ва қарзпазирии субъектҳои кишоварзӣ<br>дар шароити муосир | 81-86 |
| 19. | Мирсаидзода А.А.,<br>Баҳруллои Н. | Нақши бонкҳои низомсоз дар рушди низоми бонкӣ | 87-91 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 20. | Раҳимова А.В., Исмоилова М. | Асосҳои назариявии мониторинги молиявӣ | 91-95 |
| 21. | Сафаров И.Н., Каримзода Б.Қ. | Теоретические основы влияния инвестиций на рост экономики | 95-98 |
| 22. | Шарбатов С.С., Муҳаббатова Ф.Х. | Назарияи пайдоиши пул ва муносибатҳои пулӣ дар ҷомеа | 98-101 |
| 23. | Мирзоев Ҳ.Ҳ., Муҳиддинова М.О. | Бартариятҳои истифодаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 101-105 |
| 24. | Холмуҳаммади Ш. | Назария ва равандҳои ташаккули бонкҳои низомсоз дар иқтисодиёти муосир | 105-109 |
| 25. | Мирсаидов С.А. | Истифодабарии чорабиниҳои маркетингӣ дар низоми бонкӣ | 109-112 |
| 26. | Қараев Р.Х. | Ташаккули бозори коғазҳои қиматнок дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ | 112-116 |
| 27. | Солиев Н.А. | Такмили механизми маъмурикунонии андоз аз арзиши иловашуда дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 116-121 |
| 28. | Раҳимзода Ф.М. | Танзим ва рушди низоми молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 121-124 |
| 29. | Раҳимзода Ф.М., Умаров Э.Х. | Баъзе масъалаҳои назариявии сиёсати буҷетию андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 124-128 |
| 30. | Иброҳими Ҳ.Ҳ. | Роҳҳои танзими сиёсати пулию қарзӣ дар шароити муосир | 128-132 |
| 31. | Муқимов Қ.М., Асадуллозода Х.А. | Истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ: таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ | 132-140 |
| 32. | Ҷурахонзода Б.Ҷ. | Сиёсати иқтисодии давлат дар таъмини тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа | 140-143 |
| 33. | Мукимов К.М. | Налоги как фактор экономической безопасности | 143-148 |
| 34. | Шукуров С.М., Маҳмадкаримов Х.Ш. | Нақши сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафти иқтисодиёти кишвар | 148-151 |
| 35. | Халифазода Ҷ.Б. | Роҳҳои муккамалнамоии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза | 152-155 |
| 36. | Шодиев Ф.Т. | Рушди низоми маъмурикунонии андоз ва нақши он дар амалинамоии ҳукумати электронӣ | 155-159 |
| 37. | Фатҳиддинзода Қ.Қ. | Нақш ва аҳамияти имтиёзҳои андозӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 159-162 |
| 38. | Ормонова М.М. | Мушкилоти нафақаи суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 162-167 |
| 39. | Абдусатторова С.Қ. | Заминаҳои пайдоиши андозбандӣ дар Осиёи Миёна | 167-170 |
| 40. | Нуридинов С.З. | Рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва даромади онҳо | 170-173 |
| 41. | Сулаймонзода Ш.Ф. | Фаъолгардонӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ асоси тадбиқи стратегияи рушди саноати | 173-177 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | |
| 42. | Урунбоев А., Абдумухторзода Н.А. | Водные ресурсы Таджикистана и проблемы их использования в сельском хозяйстве | 178-181 |
| 43. | Носирзода Ҳ.С., Носиров Н.С. | Нақши технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани рушди устувори саноатӣ | 181-186 |
| 44. | Давлатова Д.Р. | Таъсири муносибатҳои байнибуҷетӣ ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат | 186-190 |
| 45. | Расулзода Ҳ.М. | Асосҳои методи ва хусусиятҳои арзёбӣ дараҷаи таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ | 190-193 |
| 46. | Акобирзода А.М. | Нақши давлат оид ба саноат ва инкишофи сохтории корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 193-198 |
| 47. | Ёрзода Н.Х. | Моҳият ва мақсади таҳлили молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ | 198-201 |
| 48. | Одинаев У.М. | Финансовые технологии и цифровизация денежного обращения: современные тренды | 201-205 |